- заинтересовать студентов в успешном освоении каждого элемента учебного плана, так как все они вносят вклад в формирование общего рейтинга студента;
- создать объективный критерий для определения лучших студентов при представлении к поощрению (различные стипендии, премии), а также рекомендации в аспирантуру и пр.

Важно, как нам кажется, в перечень учебных умений, необходимых для формирования профессиональной компетенции, включить (и также подвергнуть оценке) навыки выполнения самостоятельной работы, в б*о*льшей мере, основанной на самоконтроле. В свою очередь, самостоятельную работу можно проводить в форме обучающих тестов, в которых функция обучения усилена за счёт наличия в заданиях некоторых указаний и рекомендаций, за счёт самостоятельной работы со словарями.

Чтобы повысить коммуникативную значимость такой самостоятельной работы, тестовые задания должны быть построены на основе текстов. Профессионально

ориентированные тексты позволят получить двойной эффект: во-первых, они усилят коммуникативную значимость самостоятельной работы, а во-вторых, будут способствовать реализации профессиональной направленности обучения студентов неязыковых факультетов.

Литература:

1. Гусейнова Т.В., Алиева Н.Х. Об актуальных проблемах преподавания русского языка в неязыковых вузах//Актуальные проблемы филологии и культурологи: Материалы международной конференции, посвящённой Дням русского языка и культуры в Республике Таджикистан. – Душанбе, РТСУ, 2009. – С. 107-114.
2. Колшанский Г.В. Объективная картина мира в познании и языке. - М.,1990. – 210 с.
3. Новейшийфилософский словарь. /Сост. А.А. Грицанов. - Мн., 1998. – 1068 с.
4. Русский язык в национальной школе. Проблемы лингводидактики/Под ред. Н.М. Шанского, Н.3. Бакеевой. - М.: «Педагогика», 1977. – 248 с.

ОБ ИСПОЛЬЗОВАНИИ СОВРЕМЕННОЙ ТЕХНОЛОГИИ ПЕДАГОГИЧЕСКИХ ИЗМЕНЕНИЙ В ВУЗОВСКОЙ ЛИНГВОДИДАКТИКЕ

Ибрагимова Ирода Аса-Ахуновна

В статье рассматривается ряд взаимосвязанных проблем вузовской лингводидактики:чему и как учить на занятиях по русскому языку на неязыковых факультетах, как в современных условиях многоступенчатой системы образования повысить значимость самостоятельной работы по русскому языку, как организовать контроль, чтобы добиться прочных коммуникативных навыков студентов.

Ключевые слова: вузовская лингводидактика; коммуникативные умения и навыки, модульная система обучении, рейтинговая оценка знаний, умений и навыков, обучающие тесты, профессионально ориентированные тексты.

THE USE OF MODERN TECHNOLOGY OF PEDAGOGICAL CHANGES IN UNIVERSITY LINGUODIDACTICS

Ibragimova Iroda Asa-Akhunovna

The articleis deals with a number ofinterconnected problemsof university linguodidactics. The ways of Russian language teaching in non-lingual universities, raising the significance of individual work on Russian language in the current conditions of multistage education system, organizing the achievement control of strong communication skills of the students are considered as well in this article.

Key words: university linguodidactics, communication skillsof students, modular teaching system, ratingestimation ofknowledge, educationaltests, texts on specialty.

Сведения об авторе: Ибрагимова Ирода Аса-Ахуновна- соискатель Академии образования Таджикистана г. Душанбе, тел. (+992) 985204832, e-mail: Iroda_ibmail.ru

Information about the author: Ibragimova Iroda Akhunovna, researcher, Academy of Education of Tajikistan, phone: (+992) 985204732, , e-mail: Iroda_ibmail.ru

ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ
(ТАДЖИКСКИЙ, РУССКИЙ, АНГЛИЙСКИЙ ЯЗЫКИ И ЛИТЕРАТУРА)

ВОҲИДҲОИ ЛУҒАВИИ МАРБУТ БА АНВОИ АНГУР

Хоркашев Сахидод, Юсупова Сурайё
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Барои ғановати таркиби луғавии забони тоҷикӣ ва шеваҳо ангур ва анвои он мусоидат менамояд, зеро меваи ангур бо гуногуннавъияш боис шудаанд, ки вожаҳои зиёде дар тӯли таърих дар забон ба вуҷуд оянд. Калимаи ангур барои тамоми форсизабонон маълум аст. Шарҳи "Фарҳанги забони тоҷикӣ" барои ангур хеле мувофиқ аст: "меваи хушмтаъми токии хуша-хуша, ки хелҳои гуногун дорад ва аз он шароб ҳам тайёр мекунанд; **ангури обӣ** навъе аз ангур, ки серобу пӯстсахт аст; **ранг гирифтани ангур аз ангур** *киноя* аз таъсир гирифтан аз ҳамдигар" (ФЗТ, 1969, 70). Зимни шарҳи ин воҳиди луғавӣ муаллифи "فرهنگ روز سخن" аз гуногуннавъии он хабар дода чунин мегӯяд: "Ангур меваи хушаӣ ва ширину хӯрокӣ ба рангҳову анвои мухталиф, дарахти ин мева ток аст"(113-114.1383 .انوری). Дар ҳақиқат "ангур ҳам дар анъанаи боғпарварии мардуми мо мақоми хосае дорад. Ин аст, ки вобаста ба ангур ва навъу намудҳои он силсилаи калимаву таркибҳо пайдо шудаанд[1]. Қисми зиёди онҳо унсурҳои умумихалқӣ бошанд, қисми дигар ба хазинаи лексикаи хоси ин шева тааллуқ доранд."(Ҷӯраев, 1980, 184.). Аз қадим ангур бо мақсади ороиши дастархон, таъмини вазъи иқтисодӣ (фурӯш), пӯхтани хӯрокҳои гуногун аз барги он ва ҳамроҳ кардани кишмиши он ба ғизо, мураббо, мавиз, шарбат, шароб кардан ва имрӯзҳо чун дарахти сояафкан дар назди ҳавлиҳо истифода мешавад. Вобаста ба ин муҳаққиқ Сулаймонов И. калимаҳои ифодагари анвои ангурро дар лексикаи лаҳҷаи кӯҳистони Ҳисор дар як мақола баррасӣ карда, аз ҷумла менависад, ки "ҳанӯз дар давраҳои қадим тайёр кардани мавиз, мураббо, шаробу шарбат дар ин минтақа (Ҳисор-муаллифон) вуҷуд доштанд. Мавсими ҷамъоварии ҳосили ангур аз миёнаи моҳи июн баробари пӯхта расидани навъҳои **ҳисории майда** ва **сурхаи сиёҳ** шуруъ шуда, бо чидани **тойфии калон** дар фасли тирамоҳ ба поён мерасад."(Сулаймонов, 2002, 129). Ин аст, ки боғпарварон кӯшиш мекунанд, ки анвои онро беҳтару бештар кунанд, то тавонанд аз аввали баҳор то охири тобистон аз анвои он истифода карда, зиндагиашонро таъмин намоянд. Инак, дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ навъҳои ангур дар заминаи калимасозии анъанавии забони тоҷикӣ ба вуҷуд омадаанд ва барои фаррохтар шудани хазинаи луғати шеваҳо замина сохтаанд.

Ягона калимаи содае, ки навъи ангурро ифода мекунад, вожаи **кишмиш** мебошад, ки ба ду маънӣ: "ангур" ва "мавизи ангур"дар тамоми қаламрафи форсизабонон истифода мешавад. Ин калима дар "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" чунин шарҳ ёфтааст: "навъи ангури майдаи бедонак; мавизи ин ангур: **кишмиши зард**, **кишмиши сиёҳ**"(ФТЗТ, 2008, 615) . Дар "Фарҳанги форсӣ ба русӣ" ҳамчун " کشمشкешмэш, изюм" тарҷума шуда, анвои он "**кешмэше офтобӣ** -высушенный на солнце", "**кешмэше бидонэ**-изюм без косточек", "**кешмэше полоу-** сорт мелького изюма (для плова)", **кешмэше шақорӣ**-сорт хорасанского изюма" (ПРС, 1983, 330; 1389صادقی, 469) оварда мешавад, ки аз мавҷудият ва зарурати ҳаётии ин растанӣ гувоҳӣ медиҳад.

Калимаҳои сохта тавассути пасванди -ú //- гú ва асосҳои гуногун (шумора, исм) сохта мешаванд, ки маъноҳои давомнокии рӯзҳои пӯхтани ангур, мансубияти макони (минтақави)-и вай ва ё мансубияти ангур ба шахси ихтироъкунандаи онро нишон медиҳанд: **чилгú** (Вқ.,Қ.) чиллагӣ, як навъи ангури пешпазак: ангъри чилгú мо-да ҳаст (Пв.).**тагобú** //**таговú** (Шк.) навъи ангур, ки ба минтақаи Тагоб нисбат дорад; **шибирғунú**

[1] Доир ба луғот ва истилоҳоти ангурпарварӣ дар гӯйишҳои шимолии забони тоҷикӣ ниг.: (Маҳмудов 2006, 71-86).

(Қ.) навъи ангури сиёҳтоби бедона, ки аз Шибирғон (Афғонистон) оварда шудааст; **бахтийорú** (Кҳ.) ангури пешпазак, ки шояд аз минтақаи Бахтиёр (Эрон) овардаанд; **ҳисайнú** (Вқ.) ҳисайнио и сол нú набастан (Гх.). Навъи **ҳисайнú** имкон дорад, ки аз минтақаи Ҳусейнияи Эрон омада бошад ва ё шояд номи ангурро аз рӯйи шахси ихтироъкори он гузоштаанд. Анвои **шибирғунú, бахтийорú** ва **тагобú** намуди ибора-истилоҳ надоранд, предметонида шудаанд, вале **ҳисайнú** ва **чилгú** дар шакли ибора низ меоянд: **ангури ҳисенú** (Вқ., Қ.); **ангури чилгú // чългú** (Вқ.): ангуройи чилгú унҷа тъйор шъдан о? (Каб.).

Аз тариқи калимаҳои мураккаб ҳам вожаҳои зиёде сохта шудаанд, ки номи онҳо вобаста аз аломату сифатҳои онҳо: ҳаҷми ангур, ранги он, монандиаш ба дигар ашё ва ғайра вобаста аст. Албатта, ҳамаи калимаҳои ин гурӯҳ ба шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ марбут нестанд "қисми зиёди онҳо унсурҳои умумиҳалқӣ бошанд, қисми дигар ба хазинаи лексикаи хоси ин шева тааллуқ доранд. Ба мисли **чочи уштур** (Кҳ.), **говангур** (Шк.), **гурдай гов, лал** (Кҳ.). Метавон гуфт, ки протсесси ташаккули лексикӣ-грамматикии **чочи уштур** ва **говангур** то андозае қатъ ёфтааст, яъне онҳо ба сифати термин як қадар мустаҳкам шудаанд, ҳарчанд ки аз рӯйи сохт акси якдигаранд. Алалхусус, **говангур** аллакай ба кадом предмет тааллуқ доштани калимаро конкрет карда меистад. Ҷузъи **гов** маънии маҷозӣ дошта, ба калон-калон будани донаҳои ангур ишорат мекунад" (Ҷӯраев, 1980, 184.). Дар ҳақиқат дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ калимаҳое мавҷуданд, ки ба маънии "калон, бузург" истифода шудани вожаи "гов"-ро далолат мекунанд: **говсар** каллакалон; **говмалах** малахи калони сабзтоб; **говзамбур//говзамбър** занбӯри ало; **говкусик// говкусък** (Вқ.,Қ.) пиллаи калон-калон; **говкъч: говкъч кардан** (Дарвоз) бо як дам хӯрдани об; **говбинú** (Ванҷ.) биникалон.

Дар баробари вожаҳои **говангур** ва **гурдай гов** ибора-истилоҳи **ангури мили гов** (Шк.) низ чун ифодакунандаи як навъи ангури калони сурхи дарозрӯя истифода мешавад. Навъи **лал** бошад,дар шакли калимаи сохта: **лалú** (Вқ.),мураккаб: **лалангур, лаƹлангур** (Қ.) ва ҳам дар шакли ибора-истилоҳ: **ангури лал** ангури лаъл; **ангури лалú** (Шк.) роиҷ мебошад ва ин гуна ангур дар ҷойҳое парвариш мешавад, ки об кам аст. Аз шакли калимаҳо равшан аст, ки унсури **лал** шакли ихтисории «лалмӣ» аст ва номгузории он ба шакли парвариш мансубият пайдо мекунад. Кишти ин гуна зироатҳои лалмӣ дар байни мардум аз қадим ривоҷ дорад ва мисли «гамдуми лалмӣ», «тарбузу харбузаи лалмӣ» мутадовил мебошад. Вобаста ба ранг, ҳаҷму андоза, монанд будан ва ғайра калимаҳои зерин мушоҳида шуданд: **савзинаъгъл** (Қ.) навъи ангури пӯстнафиси ниҳоят ширин; **сийангур//сийаҳангур** (Вқ., Шк.) ангури сиёҳ; **съфедангър** (Қ.) як навъи ангури сафедчатоб; **гърдангър** (Қ.) ангури лӯндаи калон-калон.

Вожаи **ҷавз** арабӣ буда (Назруллоҳи, 1992, 41), дар он забон маънии чормағзро дорад ва дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ **ҷавз** номи навъи ангурро далолат мекунад. Бо ин калима ва пасвандҳои -ú , –ак ва –акú калимаҳои нав сохта мешавад, ки амалан як маъноро далолат мекунад: **ҷавзакú** (Қ.) // **ҷавзойú** // **ҷавпазак** (Шк.), ки сохти морфологиашон сохта ва мураккаб мебошанд. Дар китоби "Топонимияи водии Кешруд" омадааст: "Ҷавз яке аз деҳаҳои бостонии водии Кешруд буда, дар қисмати ҷанубу ғарбии ноҳияи Китоб мавқеъ дорад. ...Ҷавз, дарвоқеъ деҳаи куҳан мебошад ва маънии макони чормағзро дорад" (Ҳомидов, 2002, 44). Калимаи **ҷавз** дар лаҳҷаи Бухоро ба маънии "чормағзи ҳиндӣ, ки барои табобати фишори хун истифода мекунанд" шарҳ ёфта, вожаи ҷавзо, ки асоси калимаи **ҷавзойú** мебошад,шарҳи дигар дорад: "арх. номи моҳест, ки аз 23-юми май то 24-уми июн давом мекунад"(Маҳмудов, 1989, 273). Дар шеваи "Ҷабал-ул-сироҷ" (шимоли Афғонистон) бо семантикаи "ҷавзо-моҳи сеюми таҳвими афғонӣ "(Обидов, 1977, 169) роиҷ аст. Ин маъниҳо дар дигар луғатномаҳо ҳам омадаанд (ФЗТ, 1969, 764; Розенфелд, 1982, 56). Хулоса кардан мумкин аст, ки номи ин навъи ангур ба вақти пӯхта расидани меваи он робита дорад. Дар баробари калимаҳои сода, сохта ва мураккаб дар шакли ибора-истилоҳ 12 навъи ангур мавҷуд аст. Номи онҳо ба аломату хусусияти худи онҳо: бедона, худрӯй, соҳиби ранги сафеду сиёҳ, нафис, хурд, сероб, монандӣ ва ғайра вобаста аст. Навъҳои **ангури чиликак** ва **ангъри бедуна** барои ҳамаи тоҷикон хусусияти умумиистеъмолӣ доранд. Дар лаҳҷаҳои шимолии

Кӯлоб ибора-истилоҳоти **ангури лъқак** “ангури вайроншуда”; **ангъри фахрӣ** “ангури ҳусайнии зардчатоб”; **ангури зълфӣ** “навъи ангури сиёҳтоби ширин”; **ангури овак** “навъи ангури сероб”; **ангъри сафед** “навъи ангури лӯндаи сафедчатоб”; **ангъри сийайӣ** “навъи ангури сиёҳчатоби лӯнда”; дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ **ангури хасак** “навъ ангури майдахели зардчатоб”; **ангури мундон** “як навъи ангури сиёҳи лӯнда”; **ангури пъштагӣ** “ангури ёбоӣ”; дар лаҳҷаҳои гурӯҳи қаротегинӣ **ангури хамирак** “навъ ангури пӯстнафис” мустаъмаланд.

Барои ифодаи боғи ангур дар шакли калимаи мураккаб вожаи **ангърбоғ** ва барои ифодаи ангури пир вожаи **къҳнаангър//кънаангър** (Шк.) дида мешавад: да Ғъҷовак ангърбоғи калхосӣ шидай (Дб.); нав ай ангърбоғ гърехтаст (Ёл). Вожаи **шънгилак** (Шк.,Ғк.) ба маънии хӯшачаи хурди ангур истифода шавад ҳам, шакли **шингил** роиҷтар аст: йа-дъ шънгилак мундаст, ангър (Кан.). Дар шеваи ҷанубӣибораи **ангури сагак** истифода шуда, хеле серистеъмол аст, зеро вай ифодакунандаи навъи буттаест, ки меваҳои кулӯлаи сиёҳи хурд дорад ва хӯрданибоб набуда, дар заминҳо бисёр меруяд. Калимаи **хомток,** ки умумиистеъмолист, исми амали марбут ба ангур буда, бо токбур задани навдаҳои барзиёд ва чиндани баргҳои токро барои расидани офтоб ва ҳаво ба хӯшаҳои ангур мефаҳмонад: ҳами вахт хомток менем (Шм.).

Дар шеваи ҷануби шарқӣ анвои дигари ангур ҳам дида мешавад. Ин навъи мева дар Ванҷ назар ба Дарвоз камтар аст. Ба ин ҷумла таваҷҷӯҳ кунед: дар Ванҷ кам гарама, дар Дарвоз пър–ай (Дарв.). Анвои он: **сийаангӯр** (Дарв.) ангӯр мешава чочи гов, бедуна,сийаангӯр; **ангӯри бедуна**: ангӯри бедуна дар мо би (Дарв.); **ангӯридъли гъндъшк** (Дарв.); ангӯр аст шъкър, hъсайнӣ, дъли гъндъшк; **ангурии чочигов** (Ванҷ, Дарв.): ангӯрои Назрибег ангури чочи гов–ан ангӯри хъшрӯ–н (Ванҷ); оли нав оварам ай амӯ ангӯри чочи гов (Ванҷ.).

Тавре ки маълум аст, дар забони адабиёти классикӣ барои ифодаи маънии ангур вожаи «раз» ҳам истеъмол мешуд ва воҳиди луғавии сохтаи «разбон» аз ин асос аст:

На пайваста **раз** хӯшаи тар диҳад,
Гаҳе барг резад, гаҳе бар диҳад. Саъдӣ (ФЗТ, 1969,115).

Калимаи **раз** бо маънии «ангур», «ангурзор» ва «дарахтзор» дар шеваи ҷануби шарқӣ фаровон истифода мешавад, ки аз нигоҳдории хати таърихӣ гувоҳӣ медиҳад, вале дар маводи шеваи ҷанубӣ дида нашуд: 1.ангур, токи ангур, ангурзор: оли бъреме дар аму разо дам бъзанеме, ҷой хъб-ай (Дарв.); ов дар разо мерафт бърафтъм, бъгардундъм-ъш бай нау съни га-ра (Дарв.); 2. дарахтзор, боғ: ҷой пърниҳол-у пърдърахт-а раз гувамен (Ванҷ); ами бобийо-мун ни раз мегуфтан боғ-а (Ванҷ).

Калимаҳои мазкур анвои нопурраи ангурҳоеанд, ки дар марзу буми ҷануби Тоҷикистон парвариш мешаванд. Истилоҳоти онҳо дар минтақаҳои дигари сокинони форсизабон фарқ мекунад, ки ба хусусиёти лексикии шеваҳои онҳо вобаста аст. Масалан, дар гӯйиши кирмонии забони форсии Эрон навъҳои зерин сабт шудааст: **ангури брук, ангури тура, ангури собӣ, ангури аскарӣ, ангури леку, ангури лавча** (محمود،1375، 36-37.).

Ҳамин тариқ, калимаю истилоҳоти марбут ба анвои ангур қабати махсуси лексикаи шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикиро фаро гирифта, номгузории онҳо анъанаи тӯлон дошта, ба моҳият ва хусусиятҳои ҳар навъ вобаста мебошанд. Барои сохтани онҳо на танҳо вожаҳои мустақилмаънои решагӣ, балки унсурҳои грамматикии ёрирасон низ мусоидат кардаанд.

Ихтисораҳо:

ПРС- Персидско-русский словарь
ФЗТ - Фарҳанги забони тоҷикӣ
ФТЗТ - Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ

Ихтисораҳо марбут ба маҳали зисти гӯйишварон:

Вқ. - гурӯҳи вахиёӣ-қаротегинӣ
Ғк. - гурӯҳи ғарбии Кӯлоб
Дарв. - гурӯҳи дарвозӣ
До.- Дехи Охун (Қ.)
Ёз. - Ёзғанд (Вқ.)
Ёх.- Ёхсӯ (Шк.)

Кан. - Кангурт (Ғк.)
Каҳ.- Каҳдара (Қ.)
Кд. - Кӯлдара (Шк.)
Кк. - Кӯли калон (Вқ.)
Кб. - Кулумбаи Боло (Вқ.)
Кҳ. - гурӯҳи кӯлобии ҳисорӣ
Қ. - гурӯҳи қаротегинӣ
Кпн. - Кишти поён (Шк.)
Қӯш. - Қӯшағба (Вқ.)
Лан. - Лангар (Вқ.)
Мх. - Муҷихарф (Қ.)
Мт. - Майдонтерак (Вқ.)
Мс. - Марғзори Сир (Қ.)
Нд. - Навдонак (Қ.)
Нӯш. - Нӯшор (Вқ.)
Оқ. - Оқсой (Вқ.)
Оқб. - Оқбулоқ (Ғк.)
Пд. - Пилдон (Вқ.)
Пор. - Порвор (Ҷк.)
Сам. - Самсолиқ (Қ.)
Сд. - Сангдара (Шк.)
Сғ. - Сари ғор (Ҷк.)
Уч. - Учкӯл (Ҷк.)
Хов. - Ховалинг (Шк.)
Ҳак. - Ҳакимӣ (Қ.)
Хм. - Хилмонӣ (Қ.)
Ҳиҷ. - Ҳиҷборак (Вқ.)
Ҷк. - гурӯҳи ҷанубии Кӯлоб
Чс. - Чорсада (Қ.)
Шк. - гурӯҳи шимолии Кӯлоб
Шлп. - Шулупту (Ғк.)
Шх. - Шехмизон (Шк.)

Адабиёт:

1. Маҳмудов М., Бердиев Б. Луғати мухтараси лаҳҷаҳои Бухоро.-Душанбе: Дониш,1989. -278 с.
2. Маҳмудов М. Луғат ва истилоҳоти тахассусӣ дар гӯйишҳои забони тоҷикӣ (Истилоҳоти ангурпарварӣ) // Номаи пажӯҳишгоҳ, №11-12. Фаслномаи пажӯҳишҳои эроншиносӣ. Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ. –Душанбе, 2006, саҳ. 71-85.
3. Обидов У. Шеваи Ҷабал-ул-сироҷ (Афғонистони шимолӣ). Душанбе, 1977. 235 с.
4. Персидско-русский словарь /Под ред. Ю.А.Рубинчика. -М.: Сов. Энциклопедия. Т. 1.1983.-1632 с. Т. 2. 1983. -1632 с.
5. Розенфельд А.З. Таджикско-русский диалектный словарь /Юго-Востоный Таджикистан/.-Л.,1982.-240 с.
6. Сулаймонов И. Вожаҳои ифодагари мафҳуми анвоъи ангур дар лексикаи лаҳҷаи кӯҳистони Ҳисор//Абкори маонӣ (маҷмӯаи илмӣ). -Душанбу, 2002, с. 129.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидори асри ХХ): -М.: Сов. энциклопедия,1969. Ҷ. 1. 951 с. Ҷ. 2. 1904 с.
8. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. –Душанбе, 2008. Ҷ.1.949с.Ҷ.2. 944с.
9. Ҳомидов Д. Топонимияи водии Кешруд. –Душанбе, 2002.
10. Ҷӯраев Ғ. Лексика // Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. ҷ.1.-Душанбе: Дониш, 1980, с.87-328.
11. انوری حسن. فرهنگ روز سخن- تهران. 1383. 1386 ص
12. صادقی علی اشرف، فرهنگ املا یی خط فارسی. تهران، 1389،919 ص

ЛЕКСИЧЕСКИЕ ЕДИНИЦЫ, ОБОЗНАЧАЮЩИЕ ВИДОВ ВИНОГРАДА

Хоркашев Сахидод, Юсупова Сурайё

Лексико-грамматический анализ морфем обозначающие видов винограда в южных и юго- восточных говорах является одним из актуальных вопросов диалектологии.

Авторы, данной статье анализируя мнение ученых по этой тематике рассматривают словообразовательные возможности морфем обозначающие виды винограда в создании новых лексем в южных и юго -восточных говоров таджикского языка.

Ключевые слова: словообразования, языка, говор, простой, суффикс, сложный, виноград.

LEXICAL UNITS DENOTING TYPES OF GRAPE

Khorkashev Sakhidid, Yusupova Surayo

Lexical and grammatical analysis of morphemes denoting types of grapes in the southern and south-eastern dialects of the Tajik language is the actual questionof dialectology.

Having analyzed the opinion of scholars on this subject, the authors of this article consider word formation of morphems denoting types of grapes in the creation of new lexis in the southern and south-eastern dialects of the Tajik language.

Key words: word formation, language, dialect, simple, suffix, complex, grapes.

Сведения об авторах: Хоркашев Сахидод – кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой таджикского языка Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел.: (+992) 919-00-21-78, e-mail: saxidod@list.ru.

Юсупова Сурайё – ассистент кафедры таджикского языка Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел.: (+992) 988-44-58-88, e-mail: surayojon88@mail.ru

Information about authors: Khorkashev Sakhidod, Ph.D in philology, head of Tajik Language chair of Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini tel.: (992)919-00-21-78, e-mail: saxidod@list.ru

Yusupova Surayo Assistant, assistant of Tajik Language chair of Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini tel.: (+992) 988-44-58-88, e-mail: surayojon88@mail.ru

СИНТАКСИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ АДВЕРБИАЛОВ В РАЗНОСИСТЕМНЫХ ЯЗЫКАХ

Ходжаева С.О.

Таджикский государственный университет коммерции

В словообразовании наречий в сравниваемых языках много общего. Как в таджикском языке, так и в английском, морфологическая структура качественных наречий отличается предельной четкостью: во всех них вычленяется основа прилагательного и производящий суффикс- она- в таджикском языке, и - ly – в английском, -о- в русском, например: хушбахтона -happily – счастливо.

Таким образом, морфологически эти наречия тесно связаны с прилагательными и строятся на их основе. В отличии от таджикского языка, в английском языке наречия образуются и от причастий (unexpected – unexpectedly), порядковых числительных (first – firstly), степеней сравнения прилагательных (most – mostly). Наличие в таджикскомязыке специальной адвербиализованной формы глагола деепричастия и отсутствие степеней сравнения как морфологической категории говорит о том, что такое образование наречий в сравниваемом языке невозможно.В ряде случаев в английском слово на –-ly используется и как наречие, и как вводное слово с изменением значения:

Our children live happily(счастливо); Happily (ксчастью) nobody was at home, when the fire broke; The research party followed the difficult path surely (уверенно). Will you come to see us? Surely (конечноже) I shall.

В целом, суффикс ly в английском языке менее специализирован, первый образует не только качественные наречия, но и наречия с другой семантикой (например, темпоральные), вводные слова, а второй обозначает только качественное состояние.

В связи с бедностью падежной морфологии в английском языке не наблюдается перехода отдельных форм существительных в разряд наречий, как это имеет место в таджикском языке.

Значительные различия наблюдаются в морфологических признаках качественных наречий в сопоставляемых языках. В английском языке широко распространены омонимия частей речи и переход одной части речи в другую: наречия как класс неизменяемых слов имеют обширные омонимические связи с другими частями речи, идентифицируемые как наречия. Например, наречие – предлог(around, besides, abroad along),наречие –междометие(anon, chopchop, there), наречие глагол (overland), наречие артикль (the), наречие союз (also,therefore, whereof, yet), наречие существительное (amok, inland, perforce, yesterweek), наречие прилагательное (awful, backward, contraclockwise). В английском языке наречие относится к неизменяемым словам, отмечается наличие у них только степеней сравнения. Степени сравнения свойственны небольшой группе качественных наречий и некоторым обстоятельственным наречиям, таким как late -поздно,soon -скоро, near -вскоре, far –отдалённо, often -часто и др. В таджикском языке, как и в английском, актуальным является вопрос разграничения частей речи, определения границ наречий. Таджикский языкотносится к агглютинирующим языкам с постпозитивной агглютинацией. Поэтомутаджикские наречия зачастую рассматриваются как послелоги, которые, в свою очередь, выполняют функцию падежных формантов. Определённые основания для этого действительно имеются,поскольку связь падежных формантов и послелогов-наречий материально выражена: -назди -рядом, даруни внутри, поёни-внизу, қафои –позади.

В английском языке в огромном количестве случаев наблюдается совпадение предлог и наречия, как, например, в in this room «в этой комнате»,где in предлог, и в Come in! Войдите!,где то же самое in выступает в функции наречия. В связи с этим в английском языке предлоги оказываются более самостоятельными, а самостоятельность наречий, наоборот, ослабляется. Английский предлог представляет собой как бы ослабленное наречие, использованное в связующей функции.

Подобные слова правильнее всего называть предложными наречиями.

При этом понятно,что такие единицы,как in-предлог и in наречие,будут представлять собой одно и то же слово, одну и ту же часть речи, лишь различно функционирующую в разных случаях своего употребления.

Таким образом, между функциями наречия и предлога в современно английском языке происходит регулярный взаимопереход, и в результате одни формы связи могут перестраиваться в другие. В качестве примера можно привести предложения типа: They laughed at him. Они смеялись над ним. Онҳо ба ӯ хандиданд, и He was laughed at. Над ним смеялись. Ӯ хандаовар буд. Если предлоги в английском языке отличаются отсутствием форм словоизменения, то этого нельзя сказать о послелогах в таджикском языке.

В английском языке наречие схоже с послелогами, предлогами, союзами, модальными (вводными) словами, прилагательными, реже с числительными Эпистемическая модальность в таджикском языке грамматикализована, она выражается глагольной категорией наклонения: реальным (индикатив) ирреальным (сослагательное) и предположительным (гипотетив). Те значения, которые выражаются модальными вводными словами в функции наречий в английском языке (степень уверенности/неуверенности), в таджикском языке выражаются формами гипотетического наклонения: Баҳр но ором. Море взволновано (неспокойно). Различие значения заключается в том, что модальные слова выражают субъективное отношение говорящего к высказыванию его уверенность или сомнение в достоверности сообщаемого и т.д., тогда как наречие указывает на объективный признак, дает качественную характеристику, иногда содержащую при этом элемент субъективной оценки, ср: например, роль модального слова evidently и наречия exactly в следующих предложениях:

I don’t know exactly where he is. Ман аниқ намедонам, ки ӯ дар кучо. Я не знаю точно, где он.

В предикативной функции таджикским наречиям свойственна и категория длительности, связанная с аспектуальностью и классной маркировкой ядерных актантов предложения. Таким образом, собственно качественными наречиями можно считать формысоотносительные с качественными прилагательными. В английском

языке позиционно наречие обладает большой подвижностью в предложении: оно предшествует прилагательному, другому наречию и иногда глаголу, хотя наречие enough(достаточно) например, может находиться только в постпозиции к прилагательному и другому наречию).Такая подвижность в предложении дает основание Г. Суиту считать, что в наречии проявляются почти последние остатки свободного порядка слов в английском языке (Sweet, 1947). Качественным наречиям присуще то же самое общее значение признака, что и прилагательным. Эти наречия, подобно прилагательным, выступают в синтаксической функции определения, связанного с определяемым словом атрибутивной связью, как и прилагательные, они могут предшествовать определяемому слову. Совпадая с прилагательным по корню, «качественные наречия» оказываются связанными с ними также и морфологически. Наличие у последних степеней сравнения тоже сближает их с прилагательными.

С синтаксической точки зрения между наречиями в рассматриваемых языках обнаружено больше различий, чем сходств.Общими в обоих языках являютсяопределительные функции: обозначение признака действия, состояния идругого признака в сочетаниях с глаголами и прилагательными. Однако порядок слов в словосочетании и предложении различаются: в английском языке, который отличается фиксированным порядком слов, качественные наречия занимают позицию после дополнения. В таджикском языке при прямом порядке наречие предшествует глаголу и прямому дополнению. Порядок слов в таджикском языке не является фиксированными допускает инверсию как один из способов актуального членения предложения. В отличие от английского языка, в таджикском языке наречия в сочетании с глагольной связкой выполняют также и предикативную функцию: Бобоям бемор. Дедушка болен. Grandfather is ill. В этой функции наречия имеют и формы длительности: Дедушка всё ещё болен. Бобоям ҳоло ҳам бемор. Grandfather is still ill.

Вопросы сопоставительного изучения близкородственных языков, таджикского русского и английского, все больше привлекают к себе внимание исследователей. Сравнительное изучение грамматического строя этих языков выявляет различия в их грамматических структурах, зачастую весьма незаметные на первый взгляд. Часть этих различий восходит к прошлым эпохам развития сопоставляемых языков, часть же является результатом таких тенденций в их развитии, которые наметились в недавнее время.

Адвербиальное словосочетание формируется на основе взаимодействия лексико-грамматических свойств сочетающихся слов. Поэтому наиболее важным средством выражения синтаксических отношений в адвербиальных словосочетании является форма слова. Все изменяемые слова, вступая в зависимую связь со стержневым словом словосочетания, оформляют эту связь с помощью окончания. Например: to learn French, забони франсавӣ омӯхтан, учить французский. В тех случаях, когда зависимое слово не способно изменяться, т.е. когда отсутствуют флективные формы выражения связи, оно присоединяется к стержневому слову в своей единственной исходной форме, обнаруживая связь с ним семантически: тез гап задан – говорить быстро-to speak quickly, тез гап зад- говорил быстро- spoke quickly, тез гап мезанам – говорю быстро-I speak quickly.

Литература:

1. Абдурахимов С. Иборахои исмии забони адабии хозираи точик: учеб. для студ. вузов / С. Абдурахимов. Душанбе.: Дониш, 1978.-152-155с.

2. Ахманова О.С. Словосочетание /Вопросы грамматического строя: М.-Л., 1955.

3. Бархударов Л.С. Структура простого предложения современного английского языка: М:. 1966. -137 стр.

4. Джамшедов П. Дж. Очерки по сопоставительной типологии английского и таджикского языков. – Душанбе. 1988.

СИНТАКСИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ АДВЕРБИАЛОВ В РАЗНОСИСТЕМНЫХ ЯЗЫКАХ

Ходжаева С.О.

В данной статье говориться о том, что в словообразовании наречий как в таджикском языке, так и в английском, морфологическая структура качественных наречий отличается предельной четкостью: во всех них вычленяется основа прилагательного. С синтаксической точки зрения между наречиями в рассматриваемых языках обнаружено больше различий, чем сходств. Общими в обоих языках являются определительные функции: обозначение признака действия, состояния и другого признака в сочетаниях с глаголами и прилагательными.

Ключевые слова: достаточно, в течение, относительно, наречие

SYNTACTIC ANALYSIS OF ADVERBS IN THE SYSTME OF DIFFERENT LANGUAGES

Khodjaeva S. O.

It is noted in the article that morphological structure of qualitative adverbs is differd in the word formation of adverbs, as in the Tajik and English languages, extremely. From a view of syntax more differences than similarities have been found between adverbs in reviewed languages. Syntactic feature of qualitative adverbs in Tajik language is also widely used in predicative function in which they are semantically and morphologically contrasted with the verb and adjective.

Key words: enough, during, concerning, adverb

Сведение об авторе: Ходжаева Сурайёхон Очиловна – кандидат филологических наук, доцент кафедры иностранных языков, Института экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, Тел.: (992) 919-29-11-20, e-mail surayohon8008@gmail.com

Information about the author: Khodjaeva Surayokhon Ochilovna – Ph.D. in Philology, docent, Chair of Foreign Languages, Institute of Economy and Trade, Tajik State University of Commerce. Tel.: (992) 919 291120, surayohon8008@gmail.com

АЛОҚАМАНДИИ ИДРОК ВА ЭҲСОС ДАР ХОНИШ ВА ТАҲЛИЛИ МАТНИ БАДЕӢ

Муллоев Абдусамад

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Таълим ва тадриси адабиёт дар парвариш ва камолоти инсон, ташаккули ёди таърихӣ, худогоҳӣ ва худшиносии миллии наслҳо нақши созанда дошта, ҳадафи он тарбияи инсони бомаърифат ва рисолатманд мебошад. Адабиёт василаи камолоти маънавии инсон ва ташаккули ҳамаҷонибаи шахсият буда, дар оинаи зиндагӣ ибрати рӯзгори инсониятро меомӯзонад ва воситаи дарки образноки ва таҷассуми воқеияти зиндагист, таълими он дар тарбият, бунёди маънавӣ, ахлоқӣ ва зебошинохтии инсонҳо муассир аст.

Омӯзиши адабиёти тоҷик ҳамчун яке аз омилҳои муассири ёдгории забони тоҷикӣ эътироф шуда, ба махсусияти сохтории табиати он такя дорад ва барои ташаккули маҳорати забондонии хонандагон ганҷинаи бебаҳост. Дарки асари бадеӣ аз тарафи мактабиён ҷараёни мураккаби эҷодӣ буда, ба таҷрибаи ғайримустақили зиндагӣ, зебоишинохтӣ ва ҳиссии хонанда вобаста мебошад. Мутаносибии ҷараёни мутолиа ва омӯзиши адабиёт аз муҳимтарин равишҳои таълим буда, омӯзгори адабиёт ин равишро дар ҷараёни таълим амалӣ сохта, барои муваффақ шудан намуди муносиби таҳлили асари бадеиро ба кор мегирад.

Масъалаи фаҳмиши дақиқ ва саҳеҳи осори бадеиро мо ба миён гузошта, дарки вокеии асарро ҳамчун осори санъат ба назар меоварем, аксари муҳаққиқон ва ҳам

методистон истилоҳи идроки санъатро ба хамин маънӣ идрок кардаанд. Ба ин далел муаллими адабиёт на фақат дар чараёни таълим хусусияти дарки хонандаро ба назар мегирад, балки ӯро лозим меояд, ки ба вай таъсири фаъолона расонад.

Масъалаи идроки асари бадеӣ чудо аз вазифаҳои умумии таълиму тарбияи муҳассилин, муносибати онҳо ба воқеият ва санъат, ташаккули шахсият чаҳоншиносӣ ва маънавияти амалӣ намешавад. Дар умум чараёни дарки асари бадеӣ дар вақти муайян кардани имконияти хонанда ва натичаи равиши таълими адабиёт бояд ҳамчун меъёри раҳнамо ба назар гирифта шавад. Дар ин замина усули дарки асари хондашуда бо муайян намудани таассуроти пешакии хонандагон дар бораи асари хондашуда, мушоҳидаи муназам ва ҳадафнок дар тӯли таҳсилот, тадқиқоти тачрибавӣ бо усули ифшогарӣ, муқоисаи таассуроти аввалин бо фаҳмише, ки дар чараёни таҳлил ва дарсҳои санчишӣ шакл мегирад. Дар ин ҳолатҳо анкетаҳо ва пурсишҳои даҳонӣ ба кор гирифта мешавад. Ҳамзамон, дар ин замина супориши хонагӣ хусусияти афзалиятнок дорад ва аз як мавзӯъ то мавзӯи дигар пешравии хонандагон муайян карда мешавад.

Чараёни омӯзиш ва дарки адабиёти бадеӣ як қатор махсусият дорад, ки ба таассуроти инсон аз муҳити атроф ва санъат вобаста мебошад. Ин пеш аз хама ба ягонагӣ, фаолиятмандӣ ва хусусияти эчодии он вобаста мебошад. Дарки пурсиши пурраи асари бадеӣ ба таҳлилу натичагирӣ вобаста мебошад. Ҳангоме, ки сухан дар бораи дарки осори ҳунарӣ меравад, бояд ба этибор гирифт, ки ин гуна осор ба хонанда дар бораи андешаи нависанда, назари вай ба воқияти дунё ва масъалаҳои ахлоқию ичтимоӣ таассуроти ягона медиҳад, илова ба ин ки хонанда дар ин гуна осор моҳияти зиндагии инсониро дарк мекунад, ҳамчунин худашро низ мешиносад. Адабиёт мавқеъ ва миқёси зиндагии маънавии хонандаро тавсия бахшида, ба вай мустақилона андешидан ва дар зери таъсири осори бадеӣ шахсияти худро сохтанро ёд медиҳад. Натичаи ҳама гуна таҳсил дарки камоли асари бадеӣ мебошад.

Тадқиқоти равоншиноси собит кардаанд, ки нусхабардорӣ ва қабули одии маълумот ин маънии донистан ва пурра дарк кардани асари бадеиро надорад. Ин ҳодиса ба чараёни фаъолиятмандии хонанда вобаста буда, талабот ва завқи ӯро муайян мекунад. Ҳадафи чунин фаолиятмандиро сохтани қаринаи воқеияти зиндагӣ дар мутоила бо асари бадеӣ дар шуур ва андешаи хонанда тарҳ медиҳад. Донистани чаҳони воқеъ ва дарёфти фарҳанги маънавӣ на факат барои инсон лозим аст, балки ин донишҳои ӯро ба зиндагии воқеӣ омода мекунад.

Дарки асари бадеӣ аз тарафи хонанда ва омӯзиши он зери роҳбарии омӯзгор душвориҳои воқеӣ дошта, натичаи бесамари ин кор на фақат ба равиши саҳеҳи таҳсил ва хусусияҳои хоси асари бадеӣ вобаста аст, балки омилҳои завқии донишомӯзон ва қобилияти фикрии онҳо низ дар ин замина корсоз аст. Тачрибаи бисёрсолаи таълими адабиёт ба мо имкон медиҳад, ки дар бораи хусусиятҳои асосии дарки адабиёт аз тарафи хонандагони синну соли гуногун баъзе натичагириҳо кунем.

Хонандагони синни хурди мактабиро, пеш аз ҳама, лавҳаҳои равшани чудогона шавқманд сохта, андешаи онҳо дар бораи рафтори қаҳрамонони асар қатъӣ ва гоҳо яктарафа, вале аксаран чун қоида пурҳиссиёт аст. Хонандаи хурдсолро беш аз ҳам амалу кирдори қаҳрамони дӯстдоштааш гирифтор медорад.

Наврасону чавонон ба инсон ҳамчун фарогири хусусияти муайяни шахсият таваччуҳ зоҳир мекунанд. Хонанда тадричан асарро омӯхта, ба олами андешаҳои нависанда ва қаҳрамон ворид мешавад, вай ба донистани моҳияти ахлоқии шахсияти инсон рағбат карда, ба моҳияти рафтору қаҳрамонони асар диққат медиҳад. Бо вучуди ин хонандагон на ҳама вақт метавонанд, ки дар мачмӯъ шахсияти қаҳрамони асари бадеиро арзёбӣ кунанд ва моҳияти амалу кирдори ӯро дар шароитҳои гуногун дарк намояд. Бинобар ин аксари муҳаққиқони соҳа бар ин назаре, ки дар синфхои У-Уll дарачаи фаҳмиши сода ва воқеии хонандагонро бояд ба эътибор гирифт, зеро фаҳмиши комили арзиши бадеӣ ва зебошиносии асари бадеӣ чун қоида дар сифҳои Уlll-lX фаро мерасад.

Хонандагони синфҳои болои бештар чаҳони мураккаби ботинии қаҳрамон таваччуҳ зоҳир карда саъй мекунанд, ки чаҳоншиносии эчодкоронаи муаллифро дарк кунанд. Дар синни наврасӣ кӯшиши дарки чаҳонбинии инсон ва моҳияти ахлоқии

шахсияти вай афзоиш меёбад. Бештари хонандагони синфҳои X-Xl қудрати арзёбии моҳияти асари бадеиро доранд ва ҳангоми баҳогузориашон умумиятдиҳии зебоишиносиро ба кор мегиранд. Ба ҳар ҳол хонандагони синфҳои болоӣ имкон ва хоҳиши ба низомдарории таассуроташонро аз осори бадеии хондаашон доранд. Баъзе мактабиёни ин синну сол нисбат ба осори хондаашон мантиқи қавӣ доранд.

Масъалаи савияи дарки хонандаи мактабӣ на фақат ба синну сол, балки имконоти фардии онҳо низ вобаста мебошад. Равоншиносон ва методистон се навъи азхудкунии хонандагонро ба мушоҳида гирифтаанд. Дар навъи аввал аёнят ва унсурҳои образнок афзалият дошта, дар навъи дуюм лаҳзаҳои шифоҳӣ ва мантиқи азхудкунии донишҳо муҳим аст. Навъи севум омехта аст. Ҳар кадоме аз ин навъҳои азхудкунӣ омехта аст ва ба маҳорати хонандагон низ вобастагии қавӣ дошта, аз омӯзгор раҳнамоии хосро талаб мекунад.

Хонандагони мулоҳизакор нақшаро ба осонӣ тартиб медиҳанд, дар корҳои хусусияти ҷамъбастӣ дошта, фаолона иштирок мекунанд, вале вазифаи дар асоси матн додашударо пурра ичро намекунанд, воситаҳои тасвирии ин ё он муалифро то андозае пайдо мекунанд, вале дар таҳияи нақша ва натиҷагирӣ мушкилӣ мекашанд. Донистан махсусияти ҳар синф барои муаллим ниҳоят муҳим аст, чунки ба ӯ ёрӣ мерасонад, ки супоришҳои инфиродиро дуруст тақсим кунад, истеъдод ва шавқи хонандагонро ба самти лозимӣ раҳнамоӣ кунад.

Дар ҳама ҳолат лаззати дарёфти моҳияти маънавӣ ва ҳунарии асари бадеиро дар ёди хонанда ҳифз бояд кард. Дар ин равиш шинохти тамаюли фикрӣ, ҳиссӣ ва ахлоқии ҳар хонанда, ниҳоят мухим аст. Дарки асари алоҳида бояд ҳамчун чузъи асари воҳид, чун унсури маълумоти адабии хонандагон, нишондиҳандаи инкишофи ақлӣ, камолоти ичтимоӣ ва таъсирпазирии ҳиссиву зебошинохтӣ дар назар гирифта шавад. Дар таълими адабиёт ба хусус ҳангоми таҳлили асари бадеи се ҷанбаро, ки ба масъалаҳои алоқамандии идрок ва таҳлили матни бадеи дар як вақт ҳалли чанд масъаларо дар назар доранд. Душвори дар он аст, ки ҳар хонанда дар шинохти образи бадеи завқу салиқаи худро дорад. Дар вақти таҳлил хонандаро ба дарки ҷомеи асари бадеӣ омода бояд кард.

Муҳаққиқон се намуди таҳлили асари бадеиро пешниҳод кардаанд. Намуди авали он ба хусусияти хоси идроки бадеӣ вобаста мебошад. Ин намуди таҳлил дар зинаи аввали омӯзиши матн ба кор бурда мешавад. Ба хусус барои хонандагоне, ки маҳорати кофии хондан ва дарк кардан надоранд. Дар намуди дувуми таҳлил омӯзгор тавоноии кофии хонандагонро шинохта, ҳачми корро зиёд мекунад, ба шаклгирии тафаккури ҷомеи дарки бадеияти асар ва моҳияти шахсиятҳои он мусоидат мекунад. Намуди сеюм ба такмили фаолиятмандии хонанда равона карда мешавад, ки барои донистани хусусияти бадеии усулҳои омузиши адабиёт ва беш аз он шинохти осори ҳунарӣ мусоидат хоҳад кард.

Ҳамин тариқ, дарки амиқи асари бадеӣ аз ҷониби хонандагон натиҷаи таъсири судманди ҷараёни таълими донишомӯзон мебошад. Ҳамчунин, мебояд масъалаи даврахои азхудкунии асари бадеиро мувофиқи талаботи зинаҳои омӯзиш ба миён гузошт. Дар зинаи аввал ва ё ибтидои омӯзиши асар шитобкорӣ, ҷудоӣ аз дарки хамзамонӣ ва кӯшиши натиҷагирии пеш аз вақт хатарнок аст.

Дар дарсҳои муқаддимавӣ ва ҳадафманд, махсусан таҳлили равишманд муҳим буда, шавқи хонандагонро афзун месозад. Дар зинаи дувум ҳангоми таҳлили образҳо ва лаҳзаҳои мухиму хотирмони матни асар ва ё сатрҳову байтҳои шеърро тавсир ва шарҳ медиҳанд, омӯзгор онхоро ба дарёфти маънии амиқи муалиф ва маънии мушахас ва умумии образҳо, ҳамчунин хусусияти сабки муаллиф ва идроки фардӣ, фаъолсозии малака ва тавоноии мактаббачагон сафарбар менамояд. Мутаносибии даврахои омӯзиш бо зинаҳои азхудкунӣ ин ба ҳисобгирии воқеии имконоти равонии хонанда дар таълим ва тадриси куллии фанни адабиёт мебошад. Омӯзгор хонандаро аз лаҳзаҳои ибтидоии шинохти асар то дарки амиқ, ки бояд фаҳмиши ҳиссиётомези осори бадеӣ ҳифз шавад, раҳнамоӣ мекунад. Ба се зинаи омӯзиш қисмат кардани азхудкунии матн аз он ҷиҳат муҳим аст,ки дар зинаи аввал муносибати андешидашуда ба асари бадеӣ муайян шуда, дар зинаи дувум худи матн таҳлил мешавад ва дар заминаи севум нисбат ба кори анҷомгирифта натиҷагирӣ шуда, бо усули хулосабарорӣ ва ҷамъбасткунӣ омӯзгор, тавоноӣ ва малакаи таҳлилгарии хонандагонро такмил мебахшад.

Бояд дар роҳи азхудкунии навъҳои гуногуни адабӣ хусусияти хоси идроки хонандагонро ба назар гирифт. Ин равиш метавонад хусусияти ибтидои азхудкунии асар ва амиқбурди минбаъдҳои онро ошкор созад. Нерӯи бевоситаи таассуроти ҳиссӣ хусусияти хоси дарки осори эҷодӣ мебошад. Хонандагони синфҳои 5-7 ба шеъри ғиноӣ таваҷҷӯҳи бештар доранд. Шавқи хонандагони синфҳои 10-11 нисбат ба синфҳои 8-9 ба осори ғиноӣ зиёд мешавад, вале дар сатҳу савияи беҳтару бештаре. Дар ин зинаи таҳсил на фақат дарки маънии ҷомеъи тасвирҳои шеърӣ, балки азхудкунии нақши ҳиссӣ ва маънавии шакли шеърӣ низ барои хонандагон мушкилиҳои зиёде пеш меоварад.

Омӯзгор дар вақти таълими шеъри ғиноӣ хонандагонро вориди ҷаҳони маънӣ ва ҳиссӣ муаллиф месозад. Дар ин замина ҳангоми таҳлили ҷузъиёти шеъри лирикӣ ва умумиятдиҳии он набояд шитобкорӣ кард. Ба хонанда талқин бояд кард, ки омӯзиши шеъри ғиноиро ҳамчун яке аз масъулиятҳои асосии омӯзиши адабиёт ба назар гиранд.

Душвории омӯзиши драма ба масъалаи набудани нутқи муаллиф, аҳамияти хоси сухани шахсиятҳо, махлутии маъниву эҳсос, таносуби драма бо ногузирии таҷассуми саҳнавӣ ва он маъниҳои нуҳуфтаи воқеияти зиндагӣ, ки хонанда зуд ба он сарфаҳм намеравад, алоқаманд мебошад. Дар ин ҳол ба хонандагон чунин усулҳои кор, монанди хониши ифоданок ва тафсирӣ, аз рӯи нақшҳо хондан ошноӣ бо таърихи ба саҳнагузории асар, сӯҳбат дар боби асари саҳнавии (спектакл) тамошокарда истифода карда мешавад. Хониши ифоданок ва нақши сужаи асари саҳнавӣ барои дарки амиқи ҳиссӣ ва мазмуни асар мусоидат мекунад.

Таълими навъҳои ҳаммосӣ (эпикӣ), ки дар барнома ҷойгоҳи хос доранд, барои хонандагони синфҳои миёна ба болои душвориҳо доарнд. Хонандагони синфҳои миёна асосан ба сужет ба образҳои асар таваҷҷӯҳ доранд. Хонандагони синфҳои болоӣ илова ба он чи гуфта шуд, ба дарки сохтори асар, ғояи он, ҳамчунин паҳлуҳои гуногуни сабки шоирон рағбат пайдо мекунанд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ҳатто хонандагони синфҳои 10-11 ҳангоми таҳлили асарҳои эпикӣ хусусияти хоси онҳоро, аз ҷумла аҳамияти хоси ҷаҳоншиносии муаллиф, пайванди ботинии қисматҳои алоҳида ба образҳои асар ва махсусияти каломи бадеиро дар ҳаммоса муайян карда наметавонанд.

Усули ҳамосии таҷассуми бадеии воқеият ба тасвири берунӣ асос ёфтааст. Бисёр муҳим аст, ки хонандагон ягонагии асарҳои шакли ҳамосиро дарёбанд ва жанр ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими ошкоркунандаи мундариҷаи асар қарор гирад.

Хонандаи мактаб беш аз ҳама бо ҷаҳони бадеии осори насрӣ рағбат дорад. Бинобар ин, таҷрибаи омӯзиши осори мансур барои синфҳои 5-9 асоси корҳои минбаъда дар синфҳои болоро муайян мекунанд.

Хониши асари бадеӣ, дарки эҳсос, бардошти таассурот ва шаклҳои азхудкунии мундариҷаи он аз масоили муҳими тадриси муосири адабиёт маҳсуб меёбад.

Равоншиносон хониши бадеиро ба намуди фаъолияти сухангӯии дастурӣ дохил кардаанд. Дар ин ҳол хонанда матни тасвириро (хоҳ чопию хоҳ дастнавис бошад) метавонад ба овозӣ бозгардонад ва аз мазмуни он огоҳ шавад. Мақсад аз хондан, пеш аз ҳама дарёфти иттилоот ва маъниест, ки дар матн вуҷуд дорад.

Дар ин равиш нақшаи дохилӣ ва берунии ҷараёни хониш, тарзи хондан ва фаҳмидани он аз ҳам фарқ мекунад.

Шаклдиҳии хондану фаҳмида тавонистан фароянди тӯлонӣ ва душвор мебошад. Фаҳмидани матн, ба хусус матнҳои адабиёти классикӣ ба савияи забони асар вобаста мебошад. Ин ҳолат ба дараҷаи малакаи забондонӣ, идрок, ҳофиза, шавқмандии хонанда, таҷрибаи зиндагишиносӣ ирбот дорад.

Фаҳмидани адабиёти бадеӣ дараҷаи баланди хонда тавонистанро таҳозо мекунад. Ба ин дараҷа хонандагон оҳиста-оҳиста мерасанд, бинобар ин ҳам хондан бояд дар тамоми зинаҳои таълим идома ёбад. Хондан дар дарсҳои адабиёти тоҷик, пеш аз ҳама бояд шакли хоси фарогирии маънавӣ ва зебошиносӣ дар зинаҳои гуногуни омӯзиш бошад.

Масалан, дар синфҳои поёнӣ фаъолияти муаллим бояд ба он равона карда шавад, ки хонандагон, бигзор қисман бошад ҳам, тарзи фаҳмида хондан, кор бо луғатро ёд гиранд. Ташкили ҷараёни хондан бо дарназардошти на фақат хусусиятҳои хоси он, балки махсусияти матни бадеӣ низ аз равиши дурусти таълими адабиёт хоҳад буд.

Ҷудо кардани мундариҷаи образноки матн тафсири образҳои бадеӣ, рамзиву истиорӣ, рамзи воқеа, шахсияти одамон, образи муаллиф муносибати муаллифро тасвири ҳодисаҳо, қаҳрамонон ва вуруд ба таҳтулматни ҳиссии асар осон ва дастрас мекунад. Душвории кор дар ин равиш ба он вобаста аст, ки моҳият ва маънии тасвирҳои образнок, ифодаҳои ташбеҳию истиорӣ то кучо кашф карда мешаванд. Ҳатто фаҳмидани асари на чандон бузургҳаҷм низ ба он вобаста аст, ки хонанда ба амалу кирдори қаҳрамонон, муносибати шахсиятҳо бо ҳамдигар ва ғайра чӣ баҳо медиҳад. Оё вай ба умқи андешаи бадеии муаллиф расида метавонад? Дар ин роҳ ҳам хонанда ва ҳам омӯзгор ҳамон вақт муваффақ мешаванд, ки агар хониш ҷузъ-ҷузъ сурат гирад.

Идрок ва тасаввурот ба сабаби ангезаи ҳиссӣ доштанашон хеле фаъол мешаванд. Аҳамияти эҳсосот ҳангоми дарки асари бадеӣ аз он иборат аст, ки эҳсосот ҷараёни идрок ва тасаввуротро идора мекунанд, равиши дарки асри бадеиро амиқ бурда, ба шаклгирии арзёбии зебошинохтӣ мусоидат мекунад, нутқи хонандаро таъсирбахш, фасеҳ карда, муносибати шахсии ӯро бо чизи омӯхтааш равшан ифода мекунад.

Вазифаи аввалини омӯзгор дар зинаи нахустини ошноӣ бо асари бадеӣ аз он иборат аст, ки эҳсосоти хонандагонро бедор карда, онро бо роҳи дуруст ва судманд равона кунад. Ҳамин тариқ, дарси раҳнамо матни бадеиро ба фазои ҳиссӣ ворид месозад ва дарки тобиши аслии онро осон мекунад. Барои дар ин замина комёб шудан лозим аст, ки ба хонандагон дар бораи ангезаҳои ҳиссии осори мушаххаси адабӣ хабар дод, образҳои бадеӣ чи ангезаҳои ҳиссӣ доранд, ба хусус агар хонанда бо шеър сару кор дошта бошад. Масалан, ҳангоми дар синфи У омӯхтани афсонаи «Эраҷи тилисмшикан» муаллим мундариҷаи рамзии онро, ки сарнавишт ва орзую ормони инсонҳои нахустинро ифода мекунад, ошкор намояд. Ин дарс заминасози ҳиссу андешаи хонандагон барои дарки зарбулмасалу мақолҳо мебошад.

Оҳанги нақли омӯзгор дар афсонаи зикршуда бояд боварибахш, устувор ва самимона бошад. Нутқаш шоирона ва рангин баён гардад. Дар ин ҳол набояд фаромӯш кард, ки ҷараёни тафаккури ҳар хонанда фардӣ буда, вале дар ин замина миёни онҳо умумияте низ ҳаст. Зеро тафаккурро омӯзиши ягонаи матни бадеӣ ва таҷрибаи зебошинохтӣ барои ҳамаи синф шакл медиҳад. Ҳиссиёте, ки асари омӯхташаванда ба вуҷуд меоварад, аз бисёр ҷиҳат ба имтиёзи оҳанги он, ки омӯзгор дар рафти таҳлили забонӣ, ба хусус таҳлили матнҳои шеърӣ ошкор месозад, вобаста мебошад.

Муаллим бояд хусусияти идроки хонандагонро муайян карда, дар равиши дарс имтиёзи оҳангнокии матнро қиёс кунад. Ин имкон медиҳад, ки дар бораи дурустии дарки мавод аз ҷониби хонандагон қазоват кунем ва дар сурати фосилагирӣ дар вақти таҳлили омӯзишии матн шарҳ дода тавонем. Пеш аз омӯзиши ин гуна матнҳо дар дарси раҳнамо дар хонандагон ҳиссеро бедор кардан лозим аст, ки ба оҳанги умумии асар - шодӣ, ҳаяҷон, ғам, таассуф, норозигӣ, бадбинӣ ва ғайра мувофиқ бошад. Дар ин кор муаллим ҳамон вақт комилан комёб мешавад, ки агар хонандагонро ба дарки дуруст ва воқеии матни бадеӣ, паҳлуҳои ҳиссии он, моҳияти андешаи муаллиф раҳнамоӣ карда тавонад.

Бартараф кардани душвориҳои забонии асари бадеӣ, ба хусус матнҳои адабиёти классикӣ низ паҳлуи муҳими фаъолияти омӯзгор аст. Таҳлили забонии матн, ки омӯзгор мегузаронад, барои дарки комили мазмун ва мундариҷаи асар ёрии муҳим мерасонад. Ҳамчунин таҳлили пешакии матн ошкор месозад, ки кадом қисмати забони матн ё кадом калима ба шарҳу тафсир эҳтиёҷ дорад. Дар ин замина асосан вожаҳо, таъбирҳо ва ифодаҳои ташбеҳию истиоравие бояд тафсир шаванд, ки хусусияти таърихии маъноӣ ва бадеии тасвирӣ дошта бошанд. Масалан, пеш аз омӯхтани ҳикоятҳо аз «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш муаллим бояд дар бораи таърихи эҷоди асар, хусусияти замонӣ ва воқеии он, дар бораи равиши ғоявии асар, хусусиятҳои жанрӣ ва сохтори он нақл кунад.

Дар ҷараёни тафсири таърихӣ, ки то хондани матн ҳамроҳи хонандагон гузаронида мешавад, ҳақиқати таърихии ҳаводиси замони Аҳмади Дониш, беадолатиҳои иҷтимоӣ, моҳияти сиёсати худномаи амирони манғитӣ ошкор мегардад. Муҳимтарин мафҳумҳои таърихии матни асар, ки моҳияти маънавӣ ва ахлоқии замонро ифода мекунад, шарҳу тафсир меёбанд.

Барои дар хонандагон оид ба воқеияти он замон, ки дар осори Аҳмади Дониш тасвир шудааст, тасаввуроти дурусту рост ҳосил намудан омӯзгор бояд дар дарс тасвирҳои таърихиро, ки манзараи зулму бедодиҳои он замонро таҷассум кардаанд, истифода барад. Ҳамчунин, Барои ба вуҷуд овардани эҳсоси воқеии он замонӣ истифодаи ёддоштҳо ва осори воқеии таърихӣ низ ба мақсад мувофиқ аст. Дар ин замина осори устодон С. Айнӣ ва С. Улуғзода ба муаллим ёрии бебаҳо мерасонад.

Дар баробари ин, намудҳои хониш чиҳати идрок ва алоқамандии эҳсосоти хонанда аҳамиятнок мебошад. Дар таҷриба намудҳои хониш: омӯзишӣ, ибтидоӣ, хомӯшона, овозӣ ва ё ифоданок ва бознигарӣ гузаронида мешавад. Аз ҷумла, хониши омӯзишӣ ба дарки пурра ва амиқи иттилоъоти асар ва дар ёд доштани он мусоидат мекунад. Ин хондани оҳиста аст, ки ба такрор хондани баъзе ҷузъҳои матро низ истисно намекунад. Ҳамчунин, нигоҳи танқидии хонандаро ба қиёсу муқобилаҳо дар заминаи муқоисаи матн бо воқеияти зиндагӣ дар бар мегирад.

Дар хониши ибтидоӣ ошноии пешакии хонандаро бо матн, сохт, таркиби луғавӣ ва душвориҳои забонии он дар назар дорад ва ба тарзи хомӯшона ва овозӣ хонда мешавад. Дар хониши хомӯшона усули хониш хеле маъмул буда, хониш барои худ аст. Дар синфҳои ибтидоӣ хониши овозӣ маъмул буда, суръату сифати хониш муайян карда мешавад ва ҳар хонанда ба таври майлу завқи худ матнро мехонад. Ҳангоми хониши хомӯшона хонанда дар дил, яъне дар ботин ба маънои аслию маҷозии калимаҳо сарфаҳм рафта, таваҷҷуҳ зоҳир менамояд ва мазмуну муҳтавои онро дарк карда, лаззати маънавӣ мебарад. Дар хониши овозӣ ва ё ифоданок риояи талабот, зада ва таваққуфи мантиқӣ, малакаву воситаҳои нутқ, тарзи баён, хушоҳангии овоз, меъёрҳои талаффуз, аломатҳои китобат, нафаскашӣ, диксия ва овоз муҳим мебошад. Дар хониши бознигарӣ мавзӯъ ва масъалаҳои ба миён гузоштаи муаллиф ҷудо карда мешавад.

Адабиёт:

1. Абдусамади М., Кароматуллои Ш. Сабаке дигар. - Душанбе, «Аржанг», 2009.
2. Ҳакимов А. Дар қаламрави сухан. - Душанбе, 1982.
3. Богданова О. Ю. Развитие мышления старшеклассников на уроках литературы: Пособие к спецкурсу. – М., 1979.
4. Голубков В.В. Проблема психологического обоснавания изучения литературы в школе. Т. XXIX. - Киев, 1963.
5. Наимбоев С. Хониши ифоданок. – Душанбе: «Маориф», 1989.
6. Неверов В. В. Беседы о художественной литературе. - Л., 1983.
7. Мирзод Т., Ҳоҷиев Қ., Исломов Ш. Методикаи таълими адабиёти тоҷик. - Душанбе: «Маориф», 1991.

ВЗАИМОСВЯЗЬ ПОЗНАНИЯ И ЧУВСТВА ПРИ ЧТЕНИИ И АНАЛИЗЕ ХУДОЖЕСТВЕННОГО ТЕКСТА

Муллоев А.

В данной статье рассматриваются актуальные проблемы формирования и развития познания и изучения литературы, поиск особых подходов к решению паставленной задачи, а также вопросы чтения и исследования художественного текста в литературе. На основе анализя и чтения художественного текста решаются различные стороны эстетическое учения и мативов творениях литературы.

Ключевые слова: исследования, различные стороны, литературе, задачи, актуальные проблемы.

INTERCONNECTION KNOWLEDGE AND FEELINGS AT READINGS AND THE ANALYSIS OF THE ART TEXT

Mulloev A.

An actual problems of formation and development of knowledge and literature study, search of special approaches to decisions of put problems, and also questions of reading and research of the art text in the literature are reviewed in this article. Various parties of aesthetic doctrines and frost creations of the literature are solved on a basis of the analysis and reading of the art text.

Key words: research, various parties, literature, problems, actual problems.

Сведения об авторе: Муллоев Абдусамад - доктор филологических наук, проректор по научной работе Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айнӣ, тел: (+992) 917585877; 2242012.

Information about the author: Mulloev Abdusamad- Doctor of Philology Sciences, Vice - rector on scientific works of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, phone: (+ 992) 917585877; 2242012.

ҒАЗАЛИ ПОЙДОРИИ АФҒОНИСТОН

Аҳмад Фарид Асадулло

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Чунончи аз сурати истилоҳи ғазали муқовимат бармеояд, ин таъбир аз ду мафҳуми комилан мутафовут шакл гирифта аст: яке ғазал ва дигаре муқовимат ва пойдорӣ. Ҳамнишинии ин ду истилоҳ, ки дар дарозои таърихи адабиёти форсӣ-дарӣ пешинаи чандоне надорад, низ қобили тааммул аст. Зеро истилоҳи ғазал ва тағаззул дар суннати шеъри форсӣ мафҳуми мутафовуттар аз пойдорӣ, муқовимат ва истодадагӣ дар баробари беадолатӣ, таҷовуз ва фасоди иҷтимоӣ ва сиёсиро ифода мекунад. Ғазал чунончи аз маънии лафзӣ ва истилоҳии он қобили фаҳм аст, дар шеъри классикии форсӣ аксаран бори мазомини ошиқонаро ҳамл намуда, бинобар ҳамин мазмун ва муҳтаво ҷойгоҳашро дар таърихи адабиёти форсӣ – дарӣ тасбит карда ва ба ҳуввияти мухтас ба худаш даст ёфтааст. Дар ҳоле ки муқовимат ва пойдорӣ аз ҷумлаи таъбирҳое аст, ки ҷадидан вориди қомуси адабиёти ҷаҳон гардида ва дар ҳақиқат зоидае таҳаввулоти сиёсӣ- иҷтимоии садаи бистуми мелодӣ мебошад.

Ба иборати дигар, аз назари маъно ва муҳтаво ғазали классикии форсӣ- дариро ба се гунаи умда: ғазали сабки хуросонӣ, ғазали сабки ҳиндӣ ва ғазали сабки бозгашт тақсим кардаанд[1].

Ин сабкҳои гуногуни ғазали форсӣ ду масири умдаи муҳтавоиро тай кардаанд. Нахуст ғазали ошиқона, ки намунаҳои он дар ғазали Анварӣ дида мешавад, ки дар ҳақиқат идомаи табии ғазали ҳиссӣ ва таҷрибаи шоирони Хуросон аст (муфлиси Кимё Фурӯш, с. 55) Ин гуна ғазал дар масири камоли худ аз тағаззулот ва ғазалҳои ибтидоии Фаррухии Сиистонӣ ва Манучеҳрии Домғонӣ шурӯъ мешавад ва дар авҷи худ ба ғазалиёти Саъдии Шерозӣ мерасад. Дигар ғазали орифона, ки аз таҷрибаҳои парокандаи шоирони пешин аз Саноӣ шурӯъ шуда буд ва дар авҷи худ ба ғазалҳои оташини Ироқӣ ва Мавлавӣ мерасид ва бадуни тардид намунаҳои камолёфтаи талфиқ шуда аз ин ду гуна ғазал дар садаи ҳаштуми ҳиҷрӣ- қамарӣ дар сурудаҳои Ҳофиз намудор мешавад. Аммо севоаз ин ду бӯъд муҳтавои ғазали форсӣ дар садаҳои ахир бозтобдиҳандаи масоил ва мавзуоти сиёсӣ ва иҷтимоӣ низ гардид. Ин қолиби зариф, бо зарифиятҳое, ки дар тули таърихи адабиёти форсӣ аз худ ба намоиш гузошта, тавонистааст абзори хубе барои баёни дардҳо, ранҷҳо, оворагиҳо, мусибатҳо ва дарбадариҳои мардум ба василаи шоирон гардад.

[1] Сайри ғазал дар шеъри форсӣ, саҳ.67.

Оғози таҳаввули маънои ғазали форсиро бидуни шак бояд дар таҳаввулоти сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеа ҷустуҷӯ кард. Пеш аз ҷараёни машрутахоҳӣ дар Афғонистон, ғазали форсӣ дар ин кишвар бо ҳамон сабк ва шеваи ҳиндӣ думбол мешуд. Таъсирпазирии шоирони Афғонистон аз қуллаи пурифтихори ин сабк, яъне Бедили Деҳлавӣ, заминасози тадовуми сабки ҳиндӣ то солҳои пеш аз шаклгирии ғазали муосир гардид. «Албатта талошҳои фардӣ барои гурез аз ин сабк ҳамеша дар Афғонистон вуҷуд дошта; аммо ҳеҷ гоҳ табдил ба ҳаракат ва ҷараёни қудратманд ва фарогир, ки сабки ҳиндиро пас бизанад нашуда аст»[2]. Аз сӯи дигар, қатъи робитаи фарҳангӣ ва адабӣ бо кишвари форсизабон- Ирон баъд аз ба қудрат расидани Аҳмадшоҳи Дурронӣ низ боис шуд, ки шеъри форсии Афғонистон аз таҳаввулоти адабӣ, ки дар Ирон рӯнамо мегардад, бе таъсир боқӣ бемонад. Аз ҳамин ҷиҳат аст, ки ғазали форсии Афғонистон мактаби бозгашти адабиро ба маънои ончуноне ки дар Ирон таҷриба кардаанд, дар худ ҷой надодаанд ва дар ҳамон калишаҳои сабки ҳиндӣ солҳо гир монд. Аммо бо шурӯъи ҷумбиши машрутахоҳӣ дар Афғонистон, ғазали форсии ин кишвар низ то андозае дастхуши таҳаввулот ва дигаргуниҳо гардид. Шоирон мисли Маҳмуди Тарзӣ, Абдулҳодии Довӣ, Абдурраҳмони Лудин ва Абдулалии Мустағнӣ бар меҳвариятинашрияи «Сироҷулахбор» дар канори фаъолиятҳои мустақими машрутахоҳӣ, ба сурудани ашъор бо дарунмояи сиёсӣ ва иҷтимоӣ пардохтанд. Дар шеъри шоирони ин давра ба лиҳози сурат ва сират шоҳиди таҳаввулоти мебошем. Истифода аз вожагони ки мазоҳири тамаддуни ҷадид аст монанди: рел, қатор, телгроф, ҳавопаймо ва ғайра маъмул шуда ва дарунмояи ин шеърҳо низ навъе гурез аз торикӣ ва танбалгарӣ ва тарғиби ҳаракат ба масири рӯшанӣ, пешрафт ва таҷдуд ба чашм мехурад. Дар шеъри Маҳмуди Тарзӣ мехонем:

Вақти шеъру шоирӣ бигзашту рафт,
Вақти сеҳру соҳирӣ бигзашту рафт.
Телгироф орад хабар аз Шарқу Ғарб,
Қосиду номабарӣ бигзашту рафт.
Шуд ҳаво ҷавлонгоҳи одамӣ,
Рашки беболупарӣ бигзашту рафт.
Гуфт Маҳмуд ин суханрову бирафт,
Сайъ кун, танбалгарӣ бигзашту рафт.[3]

Дар шеъри ин давра, дар канори пардохтан ба масоили сиёсӣ ва иҷтимоӣ, навъи маорифпарварӣ ва нигариш ба таъолии ҷомеа ва кишвар ба василаи дониш ва маърифат низ ба хубӣ машҳуд аст. Дар бештари осори шоирони машрутахоҳ, ташвиқ ва тарғиби миллат ва давлат ба сӯи баландиҳои камол аз тариқи ишоаи илму маърифат, қобили дид мебошад. Нафӣ кардани ҷаҳл, бесаводи,танбалӣ ва бекорагӣ аз хусусиятҳои боризи шеъри ин давра баҳисоб меояд ва бо нашри ин шеърҳо дар «Сироҷулахбор» талош сурат мегирад, то дар як муқоисаи кулли кишвари Афғонистон бо кишварҳои дар ҳоли тавсеъ, ба мардуми ин сарзмаин нишон бидиҳад, ки аз корвони тараққӣ ва пешрафт ақиб хоҳад монд. Барои намуна шеъре аз Абдулҳодии Довиро мурур мекунем, ки чигуна бо ҳисси ватандӯстӣ ва бедории миллӣ, ангушт рӯи хоби ғафлати ҳарифон гузошта ва мардумро ба бедорӣ ва убури корвонҳои рушноии даъват мекунад:

То ба кай авлоди афғон, то ба кай?
То ба кай? Ҳон то ба кай? Ҳон то ба кай?
Нури бедорӣ ҷаҳонеро гирифт,
Хоби ғафлат, эй ҳарифон, то ба кай?
Рӯзгору рӯзгорон ибрат аст?
Хоби роҳат дар шабистон то ба кай?
Рафт вақти хандаву ҳазлу мазох,
Хурдсоли хурдсолон то ба кай?
Эй қалам охир забонат мебуранд,
Ин қадар ҳарфи парешон то ба кай?[4]

---

[2] Аз ханҷараҳои шарқӣ, с. 75.
[3] Сухансароёни Афғонистон аз оғози қарни дувоздаҳум то нимаи дуюми қарни чаҳордаҳуми ҳиҷрӣ, с. 187.

Ин ҳаракати ҷадид ва рӯ ба инкишофи шеъри Афғонистон бинобар вазъияти асафбори сиёсӣ ва ошуфтагии фарҳангӣ дер напоид ва бо шикасти ин ҳалқаи тараққихоҳ, таҷадудталаб ва навгаро, якбора ба партгоҳи амиқи нобудӣ афтод. «Ҷараёне, ки мерафт саросари шууни иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ба вижа шеъри Афғонистонро мутаҳаввил кунад бо шикасти ҷумбиши машрутият дар Афғонистон ба иллати иқдомоти нобихрадонаи Амонуллоҳхон дучори таваққуф шуд. Давлати авомгарои «бачаи сақо» низ он қадар давом наёфт, ки ҷиҳатгирии фарҳангии хосро ироа намояд. Бинобар ин шеъри навпо ва навгарои машрутият дар муддати кӯтоҳ ба бунбасти комил расид. Эъдоми Абдураҳмон Лудин (Кибрит) пуршӯртарин шоири машрутахоҳ, ҳабси тӯлонии Абдулҳодии Довӣ (Парешон) муваҷҷаҳтарин шоири ин ҷараён, терор ва табъиди наслҳои баъди ҷумбиш назири ҷӯё ва… ҳамчунин эҷоди фазои раъбу ваҳшат ва ихтилоф дар кишвармуҷиб шуд, ки шеъри Афғонистон дучори навъи дарунгароии ифротӣ шавад»[5].

Бо шикасту фурӯпошии ҷунбиши машрутахоҳӣ дар Афғонистон, шеър ва ғазали форсии дарӣ низ ба наҳве ба бунбасти сохторию муҳтавоӣ мувоҷеҳ гашт. Ҳуккоми мустабид ва ситамгар, фурсати нафас кашиданро аз мардум ва низ аз шоирони таҷадудталаб ва навандеш гирифтанд ва шеъру ғазал сайри нузули худро паймудан гирифт. Дар ин давра буд, ки теъдоде аз шоирон ба қасидасарои ва маддоҳии шоҳон пардохтанд, теъдоде ҳам аз рӯи ногузирӣ тан ба сабки бозгашти адабӣ доданд, сабки ҳиндӣ ва дигар сабкҳои классикии форсӣ дубора маъмул гашт. Дарунмояи шеър дигар аз андешаҳои мутаолӣ, тараққихоҳона ва маорифпарварӣ холӣ буд, чунончӣ Ризо Моили Ҳиравӣ яке аз шоирони тавонманди ин давра мегӯяд:

Оҳе, ки фалак сӯзад, дар сина надорем,
Фикре, ки ҷаҳон созад, андар сари мо нест.
«Моил» чи тавон кард ба бедардии даврон,
То завқи тапиш дар дили тобовари мо нест[6].

Ӯ ба гунае возеҳ аз бедардии даврон сухан мегӯяд ва адами мавҷудияти фикру андешаи баландро яке аз офатҳои замони худаш медонад, ки ин безавқӣ ва беандешагӣ монанди як абри сиёҳи хашмолуд, осмони шеъри ин давраро сиёҳ ва торик кардааст.

Аммо дар даҳаи бистуми ҳичрӣ ва пас аз он, як навъ ҳаракат ва гароиши оҳиста ва нарм ба навҷӯӣ ва навгонӣ дар шеъри форсии Афғонистон дида мешавад. Ин гароишҳоро метавон зодаи ду омили умда донист: яке ин ки бархе аз бузургони фарҳанг ва адаб дар ин солҳо ба тарҷумаи ашъори шоирони ғарб пардохтанд ва ин ашъор дар маҷаллот ва нашриёти Афғонистон ба гунаи чашмгир ба чоп мерасид ва низ барқарори робитаи фарҳангӣ бо кишвари ҳамсояи форсизабони Ирон тарвиҷи шеъри нимоӣ ва нашри он дар Афғонистон маъмул гашта буд. Дуи дигар ин ки ишоъаиандешаи аллома Иқболи Лоҳурӣ ва таъсирпазирии шоирони Афғонистон аз афкор ва ашъори ӯ, дар таҷадудталабӣ дар он солҳо бетаъсир набудааст. Афкори ислоҳгароёна ва тараққихоҳонаи Иқбол бар меҳварияти исломи мутараққӣ ва пешрав, дар ҳақиқат ҳайсияти рехтани «об дар хобгаҳи мурчагон»- ро дар ҷавомеъи исломӣ дошт. Ҳамин дидгоҳҳои озодихоҳона ва озодандешонаи аллома Иқболи Лоҳурӣ буд, ки баъдҳо халафи маънвии ӯ аллома Саид Исмоили Балхӣ парчами эътироз, пойдорӣ ва адолатхоҳиро дар Афғонистон барафрошт. Ба гуфтаи Муҳаммадҳусайни Ҷаъфариён, шоиру пажӯҳишгари муосири Ирон, «дар чунин фазои сокит ва мурдае ба ногоҳ сару калаи шоире пайдо мешавад, ки аз ҳайси дараҷоти шоирӣ нисбат ба ҳамасрони худ қобили таваҷҷӯҳ ва аз ҳайси мардумталабӣ ва озодихоҳӣ саромади ҳамаи ишон аст. Шаҳид Саидисмоили Балхӣ дорои ончунон таваҷҷӯҳ ваиродат ба масоили иҷтимоъ, мардум, авзои кишвар ва ҳатто ҷаҳони ислом аст, ки камтар шеъри ӯ аз ин даҒдаҒа ва дилмашҒулиҳои бузург холӣ мешавад. Шеъри Балхӣ оинаи тамомнамои авзои сиёҳи сиёсӣ ва иҷтимоии ин давраи Афғонистон аст; Афғонистоне, ки зери бори хиёнати режими салтанати ҳоким ва ҳуҷуми ҳамаҷонибаи дували истеъморгар камар хам

[4] Шуарои асри ҳозири Афғонистон, с. 160.
[5] Бозгашти адабӣ дар шеъри форсии Афғонистон, с.64.
[6] Намунаҳои шеъри дарии Афғонистон, с. 84.

кардааст»[7]. Муборизоти аллома Балхӣ бар меҳварияти исломи мутараққӣ, мӯътадил ва дур аз тафриқаҳо ва асабиятҳои мазҳабӣ дар шеъри эшон ба хубӣ бозтоб ёфтааст. Ӯ, дар баробари торикӣ, таҳаҷҷур ва истеъдоди дохили қадъалам кард, шеърҳояш мамлу аз адолатталабӣ, озодихоҳӣ ва мубориза бар зидди истибдод ва истеҳмор « зоҳиршоҳӣ» аст. Чунончӣ дар ғазали зебое мефармояд:

Омад баҳор, ҷони ман, афсурда то ба кай?
Офоқ зинда гашту ту дилмурда то ба кай?
Шабнам чу бода мечакад аз барги ҳар гуле,
Мо ҳамчунон асораи нафшурда то ба кай?
Ҳон, эй табиби аср, илоҷе ба дарди мо,
Ин санг дар миёнаи ин гурда то ба кай?[8]

Балхӣ дар ин ғазали зебояш мардуми кишварашро ба бедорӣ ва ҳаракат дар баробари истибдод, таҳаҷҷур ва адолатситезӣ тарғиб мекунад. Эшон дарди миллаташро чун санги гурдае медонад, ки бояд ҷарроҳиаш кард ва дур андохт. Агар шеъру адабиёти муқовиматро ба мафҳуми васеъи он, ки ҳамоно мубориза дар баробари таҷовузи берунӣ, истибдод ва беадолатии дохилиро дар бар мегирад, дар назар бигирем, дарвоқеъ Саид Исмоили Балхӣ аз аввалин шоиронеаст, ки шеъри муқовиматро ба маънои мусталеҳи он суруда аст.

Бо дарназардошти ҳаракатҳои васеъи таҳаввулталабӣ дар оғози садаи бистум, дар кишваре, ки дар боло аз он ёд шуд; шеъри форсӣ- дарӣ дучори таҳаввули амиқ дар форму муҳтаво гардид ва ғазал ба унвони яке аз қолабҳои кӯҳнакор ва таҳаввулпазир низ аз ин амр ба дур намонд. Дар даҳаҳои чиҳил ва панҷоҳи ҳиҷрӣ як навъ гароиш ба навҷӯӣ дар масири забон ва сохтори ғазал ба василаи шоироне чун Муҳаммад Алии Баҳманӣ, Симини Беҳбаҳонӣ ва Ҳусайни Мунзавӣ дар Ирон сурат гирифтанд, ки ин навгарӣ ба навбаихуд мутаассир аз эҷоди фазои нави шеър аст, ки тавассути Нимо Юшич шакл гирифта буд. Дар воқеъ ин гароишҳо ва ҳаракатҳо заминаҳоеро барои ҷараёне фароҳам кард, ки баъдҳо аз дили он дар қаламрави забони форсӣ, ғазали нав арзи андом намуд. Ҷараёни ғазали нав дар ҳақиқат ҳамзамон бо таҳаввулоти сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар ин ҷуғрофиё шакл гирифта, ки мутлақан рӯи бахши мӯҳтавое ва дарунмояи ғазал таъсири фаровоне барҷо гузоошт. Аз ин ҷост, ки ғазал дигар на танҳо ба унвони қолабӣ барои васфи чашму руху андоми дилбар, балки абзори барои муборизаи дар баробари таҷовуз, истибдод, беадолатӣ, зулм, ситам, оворагӣ ва дарбадарии мардум гардид. Кӯҳ ба кӯҳ ва сангар ба сангар муборизонро ҳамроҳӣ намуд, аз сипар сохтани синаҳои фарзандони ин марзуму бум дар баробари суфори ситам сухансароӣ кард:

Ҳой, меҳан, бингар пури ту дар паҳнои разм,
Пеши суфори ситам сина сипар сохтааст[9]. (Восифи Бохтарӣ)

Ҷиноятҳоронро аз пушти ниқоби дин берун овард ва сӯи истифода аз арзишҳои диниро бармало сохт:

Ман яқин дорам сад бор шавад Каъба хароб,
Ним сония агар лашкари филат бидиҳад[10]. (Шарифи Саъидӣ)

Ва дар ниҳоят аз салоҳ, оштӣ, бародарӣ, ҳамдигарпазирӣ ва касратгароӣ гуфт:

Биё, решаи кинаҳоро ваҷин кун,
Ки дишаб нахобидам аз тарси досе[11]. (Абутолиби Музаффарӣ)

Дар ғазали муқовимати форсии дарӣ дигар аз ҳузури вожаҳои нарму латифи ошиқона, монанди: бӯс, канор, оғӯш, чашм, гесӯ, абрӯ, хол ва ғайра хабаре нест. Дар ин ҷо вожаҳоеро мебинем, ки бо сару сурати хунолуд, фарёди озодӣ ва адолатхоҳӣ сар додаанд. Дар ин ҷо калимот аз зери оворҳои хокистару хок ва дуду оташ бо тани

---

[7] Шонаҳои захмии Помир. с.161.
[8] Шонаҳои захмии Помир, с. 161-162.
[9] Ханҷараи сабзи ғазал, с.402.
[10] Моҳи ҳазорпора, с.39
[11] Муруре ба адабиёти муосири дарӣ. С.187.

шикаста ва мачрӯҳ, равоияти зулм, шиканча, куштор ва наслкушӣ аст. Хумпора, хун, хашм, туфанг, ҷанг, ҷиҳод, куштор, ғорат, оворагӣ, муҳоҷират ва ғайра бештарин истифодаро дар ғазалҳои муқовимат доранд. Шоирон бо иттико ба арзишҳои динӣ ва миллиашон ва низ бо истифода аз таҷрибиёти ҳиссӣ ва малмусашон дар сувари хаёли ғазали форсӣ дигаргуниҳои чашмгире анҷом доданд.

Манобеъ:

1. Амирӣ, Носир. Намунаҳои шеъри дарии Афғонистон. - Теҳрон: Интишороти Бунёди фарҳангии Ирон. Чопи аввал, 1356ш, 120с.
2. Ҷовид, Аҳмад. Сухансароёни Афғонистон аз оғози қарни дувоздаҳум то нимаи дуввуми қарни чаҳордаҳуми ҳиҷрӣ._ Донишкадаи Теҳрон, 1334ш, 287с.
3. Ҷаъфариён. М.Ҳ.Малик. Шонаҳои захмии Помир._ Теҳрон: Ҳавзаи ҳунарии Созмони таблиғоти исломӣ, 1371ҳ, 264.
4. Чеҳрқонӣ Ризо. Аз ҳанҷараҳои шарқӣ «Ҷамолшиносии шеъри муҳоҷирати Афғонистон»._ Фаслномаи шеър,шумораи 43, 1384, 116с.
5. Хуросонӣ, Шуҷоъ. Ҳанҷараи сабзи ғазал._ Кобул: Интишороти Нӯъмонӣ, 1384, 456 с.
6. Саидӣ Муҳаммадшариф. Моҳи ҳазорпора._ Теҳрон: Интишороти Ирфон, 1382 ш, 108с.
7. Шафақ Исмоил ва Чеҳрқонӣ Ризо. Бозгашти адабӣ дар шеъри форсии Афғонистон, фунуни адабӣ (илмӣ- пажуҳишӣ). Донишкадаи Исфаҳон, с.4 № 2 -7. Поийз ва зимистони 1391ш.
8. Шафеъӣ Кадканӣ, Муҳаммадризо. Муфлиси кимиёфуруш, Нақд ва таҳлили шеъри Анварӣ._ Теҳрон: Санҷиш,1373ш, 359 с.
9. Шамисо Сирус. Сайри ғазал дар шеъри форсӣ. Чопи дуввум, Теҳрон: Фирдавс, 1369ш,312с .
10. Собирии Ҳиравии Ҷалил. Шуарои асри ҳозири Афғонистон._ Машҳад: Наванд, чопи аввал, 1380ш.
11. Қавим Абдулқаюм. Муруре бар адабиёти муосири дарӣ._ Кобул: Интишороти Сайид, чопи дуввум. 1387ш, 306 с.

ГАЗЕЛИ СОПРОТИВЛЕНИЯ АФГАНИСТАНА

Ахмад Фарид Асадулло

Статья посвящена изучением истокам формирования газель протеста всовременном Афганистане и различий от любовно-мистических классических газелей персидской литературы.

Ключевые слова: газель, противостояние, война, миграция, примиряение, литература.

GHAZAL EXPRESSING OF OPPOSITE IN AFGHANISTAN

Ahmad Farid Asadullo

The article is dedicated to the study of the sources of formation of ghazal expressing opposite in modern Afghanistan and its differentiation from love-mystic classic ghazals of Persian literature.

Key words: ghazal, opposite, war, migration, negotiation, literature.

Сведения об авторе: Ахмад Фарид Асадулло - аспирант третьего года обучения кафедры таджикской литературы Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел.: (+992) 917-22-66-99, e-mail: f.asadullahi@yahoo.com

Information about the author: Ahmad Farid Asadullo - postgraduate student of the 3rd year of Tajik Literature Chair of Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, tel.: (+992) 917-22-66-99, e-mail: f.asadullahi@yahoo.com

ТАСНИФУ ТАБАҚАБАНДИИ ШЕЪР ВА ДАРАҶАҲОИ ОН АЗ НАЗАРИ АМИР ХУСРАВ

Тағоймуродов Р. Ҳ.
Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав

Амир Хусрав мақоми шоирон ва шеъри онҳоро дар иртибот ба табъ, офаридани маънӣ ва корбурди санъатҳои бадеӣ се гуна табақабандӣ кардааст. Бояд таъкид кард, ки то ӯ кам касоне аз назарияшиносон дар тамйизи ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Ин тақсимбандӣ дар асоси таваҷҷуҳи шоирон нисбат ба лафзу маънӣ ва истифодаи анвои санъатҳои лафзиву маънавӣ дар офариниши сухани адабӣ сурат гирифтааст. Хусрав шеъри шоирони табақаи аввалро «абҷади лафз» номида, дар ин хусус чунин менигорад:

«Аввал, абҷади лафз аст, ки тифлтабиатро бо ҳадяи сурху зард хушдил гардонад, чун тасҳисфу таҷнис ва иштиқоқу ғайри он. Ва қадамгузорони ин роҳ бисёр бошанд, зеро ки дар ин тариқ фикратро чандон сафаре намебоист кард» (Хусрав 537, в.22б).

Чи хеле ки аз номгӯи санъатҳои бадеии дар ин иқтибос ёдшуда бармеояд, санъатҳои мавриди корбурди шоирони табақаи абҷади лафз асосан ороёҳои лафзиянд. Корбурди ин қабил санъатҳо дар шеър гувоҳ бар он аст, ки таваҷҷуҳи муаллифони онҳо аз мухтаво дида, ба шаклу сурат бештар аст. Амир Хусрав аз таҷрибаи эҷодии худ ба осонӣ пай бурдааст, ки он афроде, ки барои тазҳибу танқеҳи лафз ва салису фасеҳ гаштани он кӯшиш ба харҷ додаву дар балоғат саъйе ба тақдим намерасонанд, эшон аз зумраи мубтадиёну мавзунонанд, на шоирон. Ӯ ин қабил шоирро тифлтабиате ба шумор меоварад, ки аз ҳадяҳои камарзиши рангоранг дил хуш медорад. Муаллиф ҳамчунин таъкид меварзад, ки «қадамгузорони ин роҳ» бисёранд, зеро офаридани ин гуна ашъор фикрату андешаи зиёдеро талаб намекунад. Бо назардошти ин масоил Амир Хусрав он чиро, ки аз натоиҷи корбурди саноеи лафзӣ даст медиҳад, «абҷади лафз» қаламдод мекунад.

Ба табақаи дувум шоироне шомил мешаванд, ки асосан дар маънипардозӣ кӯшидаанд ва дар шеърҳояшон бештар санъатҳои маънавиро мавриди истифода қарор додаанд. Хусрав шеъреро, ки дар он санъатҳои маънавӣ бештар корбурд шудааст, ба истилоҳи «сурати маънӣ» ёд карда, дар тавсифи он чунин мегӯяд:

«Дувум, сурати маънӣ аст, дар оинаи тасаввури софизамирон муваҷҷаҳ рӯй намояд, чун хаёлу иҳом ва истиғроқ, муболиғат ва диққатҳои дигар. Ва гаронрикобони ин майдон дар ҳар давре се-чаҳорӣ кулунба (кулчақанд) бошанд, зеро ки кумайти ин ҷӯшро ҳар бехабаре натавонад гардонид, ки албатта, дарғалтанд, магар касе, ки дар ин шева бисёр ғалтида бошад ва некӯ хоста, ӯ тавонад, ки пой рост ниҳад» (Хусрав, 537 в.18б).

Чунонки пештар ёдовар шудем, лафзу маънӣ ё худ сурату мухтаво ду унсуре ҳастанд, ки ҳар як эҷодкор бояд ба таносубу меъёри истифодаи онҳо дар асари адабӣ диққати асосӣ диҳад, зеро дар сурати афзудану костани яке аз ин унсурҳо хонандагон ҳар яки онҳоро ба унвони ду амри ҷудо аз ҳам эҳсос карда, барои ҳар кадоми онҳо ҳувияту нақши мустақиле қоил хоҳанд шуд. Дар ҳақиқат, руҳону бартарӣ доштани яке аз ин ду унсур дар эҷодиёти адибон мухтассоти самту равиш ва гароиши онҳоро рӯшан месозад. Аз андешаҳои Амир Хусрав бармеояд, ки мавҷудияти осоре, ки дар баъзеи онҳо лафз ва дар баъзеи дигарашон маънӣ ғолиб аст, падидаи нав нест, балки ин чиз собиқаи дерина дорад.

Омӯзишу таҳқиқ дар осор ва афкори Хусрав нишон медиҳад, ки худи ӯ асосан ба маънипардозӣ рағбат дорад, зеро корбурди дастаи санъатҳои бадеие, ки моҳиятан ба маънӣ иртибот доранд, дар осори илмиву ҳунарии ӯ фаровон ба назар мерасад. Зиёда аз ин, таъкиди махсуси ӯ ба санъатҳое ҳамчун хаёл, иҳом, истиғроқ ва амсоли инҳо, ки дар қиёс бо дигар санъатҳо доманаи густурдаи гунҷоиши мазмуну маъноро доранд ва ҳомили бори маъноии бештар мебошанд, далел бар гуфтаҳои фавқанд. Ногуфта намонад, ки корбасти зиёди тахайюл ва иҳом дар сухан аз вижагиҳои ҳунари Амир Хусрав буда, ба сабки хоссаи ӯ, ки дар адабиёт бо унвони «тарзи хусравонаи сухан» иштиҳор дорад, низ бе иртибот нест.

Маълум аст, ки мақсуди муаллиф аз зикри «сурати маънӣ» ҳамон борикбинӣ, мазмунёбӣ ва халқи маонӣ аз ҷониби шоирон аст. Шоироне, ки ба ин шева дастрасӣ пайдо мекунанд, пеш аз он ки ба маснуоти лафзӣ бияндешанд, ба халқу офаридани маонии наву тоза саъй меварзанд. Ин тарзу шеваи эҷод бо назардошти он ки мушкилу душвор аст, дастёбӣ ба он на ба ҳама эҷодкорон муяссар мегардад. Аз ишораи Хусрав пай бурдан мумкин аст, ки теъдоди каме аз шоирони қабл аз ӯ ба ин завқу шеваи эҷод ноил гаштаанд ва аксари онҳо ҳиммати худро масрафи оростани лафз кардаанд. Аз назари ӯ истифода ва корбасти санъатҳои лафзӣ ва зароифи суварии назм кори чандон душворе нест, ба андак ҷаҳду талоше шахс метавонад ба он даст ёбад. Дар девонҳои нахустини худи Хусрав ҳам ин таҷриба ба мушоҳида мерасад.

Мувофиқи нишондоди Амир Хусрав шумораи шоироне, ки ба халқи маонии тозаву бикр, яъне маоние, ки собиқа надошта бошад, даст ёфтаанд, дар ҳар даврае аз се ё чаҳор нафар зиёд нестанд, чунки ин кор ба суҳулат ба даст намеояд, фақат афроде метавонад ба ин ибтикорот қодир шавад, ки дар баробари доштани завқу табъ ва қобилияту маҳорат аз улуму фунуни зиёде бархурдор бошад.

Ба табақаи сеюми шоирон, ки дар таснифи Амир Хусрав дида мешавад, эҷодкороне дохил мешаванд, ки дорои фардият ё нубуғи шоиронаанд. Ӯ шеъри ин қабил шоиронро «чошнии завқ» ва «шарбати шавқ» номида, иртиботи онҳоро бо нерӯҳои фаросӯӣ таъкид мекунад. Чунончи:

«Аммо шарбати савум чошнии завқ аст ва шарбати шавқ, ки аз гардиши чарх дар асре якеро бичашонид ва агар мардум ҳама умр ба кӯшиш дил хун кунад ва ҷигар кабоб, он рақиқ дар обгинаи дили ӯ наёбанд, то соқии давр соғари лаболаби маънӣ аз қаробаҳои сарбамуҳри осмонӣ дар шишаи синаи ӯ фурӯ резад» (Хусрав 537, в.18б).

Роҷеъ ба атоӣ будани истеъдоду ҳунари шоирӣ аз назари Хусрав дар боло зимни муқосаи каломи мавзун бо илм тафсилоти бештаре сурат гирифта буд, ки ин ҷо бозгӯии онро лозим намедонем, вале баррасии баъзе никоти қобили мулоҳизаеро зарур меҳисобем.

Ба ақидаи Амир Хусрав шеър илми ладунӣ ва илҳоми ғайбист. Шоирӣ мавҳибате аст, ки на ба ҳар кас муяссар мегардад ва ихтиёриву иктисобӣ ҳам нест. Ин ҳадя дар асре шояд танҳо ба як нафар ато шавад. Шеъри шоири асил самараи табъу завқест, ки берун аз ҳавзаи ақл қарор дорад ва ба таври худангехта сурат мегирад. Табъи шоири мавриди назари Хусрав анбошта аз файзи яздонист ва ҳар кӣ аз файзи яздониву фазли субҳонӣ бархурдор набошад, ҳаргиз бо роҳи (ҳатто дар маҳзари бузургони сухан) омӯхтани арӯз, қофия, саноеъ ва равобити авзону бадоеъ ҳам на танҳо як байт, балки мисраеро низ ҳамтарозуи ин гуна шоирон гуфта наметавонад. «Абҷади лафз» ва «сурати маънӣ» маҳсули табъи мавзунонеанд, ки бо роҳи омӯзишу фарогирии ашъори зиёд, улуми арӯзу қофия ва маониву баён ба даст омадааст. Он маъние, ки шоирони табақаи «абҷади лафз» ва «сурати маънӣ» баён мекунанд, аз назари Амир Хусрав мафҳумҳои мантиқие мебошанд, ки аз низоми далоили забон истинбот мешаванд, яъне он чи, ки аз зоҳири алфоз ё гуфтори касе фаҳмида мешавад, вале ҳадаф аз маънии шоирони табақаи сеюм он маъниест, ки асосан орифону сӯфиён дар назар доранд. Маънои мавриди назари орифон ҳамон ҳақиқатест, ки дар пардаи ғайб ниҳон аст. Дидгоҳи Амир Хусрав дар ин мақом мубтанӣ бар назарияи асолати маънӣ ва моҳияти он дар назди орифону сӯфиён аст.

Амир Хусрав дар иртибот ба мақому мартабаи шеър ва шоирон дар идомаи гуфтораш ба аносири дохилии шеър, мушаххасан роҷеъ ба фасоҳату балоғати он, таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ҷойгоҳи ҳар яке аз онҳоро бо назардошти корбурди саноеи бадеӣ баррасӣ кардааст. Ногуфта намонад, ки орои назарии ӯ асосан ба шарҳу тавзеҳи мазмуну муҳтавои «абҷади лафз», «сурати маънӣ» ва «чошнии завқу шароби шавқ» нигаронида шудааст. Муаллиф шеърро дар иртибот бо риояти таносуби мантиқии лафзу маънӣ, корбасти анвои саноеи бадеӣ, тарзҳои ифодаи маънӣ ва дигар қарордодҳои лозимаи забонӣ ба доираи таҳқиқ кашида, зебоиҳои зотиву иктисобии каломи мавзунро баррасӣ кардааст. Аз ҷумла:

«Шакли аввал ёбис аст. Ва он чунон бошад, ки санъати лафзӣ ғолиб ояд ва назм ба зарурат,ба зарари пайваст,маъюб гардад. Ва агар санъати лафзӣ бо наср боз ояд,

биорояд. Ҳарчанд назм содатар-бартар ва чандон ки дар лафз бартар-беҳтар. Пас, сарфаи сухан он бошад, ки лафзро дар наср сарф кунанд» (Хусрав 537, в.18б).

Аз ин нақли қавл бармеояд, ки Амир Хусрав ҷонибдори риояти бамавқеъ ва ҳадди эътидоли санъатҳои бадеӣ дар каломи мавзун аст. Истифодаи аз ҳадди эътидол беруни ороҳои лафзиро дар шеър боиси маъюб гардидани он медонад, вале корбасти зиёди ин гуна саноеъро дар каломи мансур, ки мӯҷиби ороста шудани наср мегардад, тарафдор аст. Ӯ ҳатто каломи манзуми содаву бетакаллуфро аз шеъре, ки дар он маснӯоти лафзӣ аз ҳадди лузум убур кардааст, хубтару беҳтар медонад ва ин гуна шеърҳоро «ёбис» ё худ хушк қаламдод мекунад. Шакли «ёбис»-и шеър ғолибан ба ашъори шоироне, ки дар ҳавзаи «абҷади лафз» қарор доранд, мансуб аст.

Шакли дуюм, ки онро Хусрав «муътадил» меномад, ашъоре дар назар аст, ки дар он доираи истифодаи ороҳои лафзӣ хеле маҳдуд ва санъатҳои маънавии истиғроқ, муболиғат, иҳом, хаёл ва амсоли инҳо бештаранд. Чунонки қаблан иброз доштем, худи Хусрав барои истифодаи санъатҳои мазбур дар назму наср таваҷҷуҳи зиёд дорад ва корбурди онҳоро аз вижагиҳои тарзи хосси худ медонад. Аз ин хотир, ӯ шеърҳоеро, ки дорои маснӯоти маънавиянд, «шоирона» меҳисобад. Масалан:

«Шакли дувум муътадил аст. Ва он тарзест, ки онро шоирона гӯянд ва он чунон бувад, ки андак риояи лафз бошад… салис, на музайяф, чун таровати маънӣ, яъне истиғроқ ва муболиғат ва иҳом ва хаёл ба лафз пайваст, муътадил гардад» (Хусрав 537, в.18б).

Аз хилоли андешаҳои Амир Хусрав маълум намешавад, ки нуқтаи назари интиқодии ӯ ба ашъори кадом шоирон равона шудааст, вале эҳсос мешавад, ки вай ашъори шоирони пешгузаштаро бо меъёрҳои завқи асри худ намесанҷад. Шояд ин эродҳо ба ашъори бархе аз шоирони муосири ӯ нигаронида шуда бошад. Дигар ин ки мусалламан гароиш ба сӯи маънипардозӣ, яъне истифодаи ороҳои маънавӣ, шоирро вазифадор месозад, ки ӯ барои дастёбӣ ба маонӣ ва мазмунҳои тозаву бесобиқа азму талош кунад. Аз ин нуқтаи назар, мантиқан маълум мегардад, ки омӯзгору шавқдиҳандаи шоир, илова бар илҳом, андеша ва талоши фикрии ӯст. Офариниши шеър аз ин дидгоҳ дар доираву ҳавзаи ақлонӣ сурат мепазирад, дар ҳоле, ки Амир Хусрав ба фардияти нубуғи шоирона сахт муътақид аст.

Баланд гузоштани шаъну мартабаи маънии шеър дар қиёс бо лафз аз ҷониби Хусрав далолат бар он дорад, ки иноятӣ ӯ ба сӯи маънист, на ба лафз. Аз ин рӯ, шакли «муътадил» ва «шоирона», ки тавзеҳоти он гузашт, ба шеъри шоироне иртибот дорад, ки дар доираи «сурати маънӣ» ба эҷод машғуланд.

Шакли сеюми шеър, ки муаллиф онро «ратб» номидааст, шеърест ғайритакаллуфӣ, нарму осон ва хеле равону шево, пайванди миёни аҷзои он ба якдигар дурусту устувор, яъне дар ин қабил шеърҳо «салосату» «ҷазолат» ғолиб аст, на ороҳои лафзиву маънавӣ. Ба тарзи дигар, ин гуна шеърро дар адабиёт маъмулан саҳли мумтанеъ меноманд, ки бидуни андешаву талошҳои фикрӣ ба таври худангехта арзи ҳастӣ мекунад ва бисёр сода ба назар расад ҳам, аммо сурудану навиштани назири он ғайримумкин, яъне мумтанеъ аст. Тавзеҳи Хусрав дар ин хусус чунин аст:

«Шакли савум ратб аст. Ва он чунон бошад, ки салосат ва ҷазолат дар ӯ ғолиб бошад, на риояти лафз бо такаллуф бошад ва на мурооти маънӣ ба такаллуф. Дар хондан чунон равон ояд, ки агар нахонанд ҳам, бибояд ва нахондаро ҳам осон намояд. Ва инро саҳли мумтанеъ хонанд, бинобар он ки бе тааммуле зояд ва дигареро гоҳи хондан осон намояд, валекин гуфтанаш душвор ояд» (Хусрав 537, в.19а).

Аз нақли ин қавл маълум мешавад, ки шеъри саҳли мумтанеъ зодаи табъи шоирест, ки ӯ аз илҳомоти ғайбӣ бархурдор бошад. Ин гуна шеър, бо вуҷуди дар назар зоҳиран сода намудан, дорои душвориҳои вижае мебошад, ки кас ба он душвориҳо пай намебарад, яъне «Гӯйӣ осонаш, валекин нест осон гуфтанаш». Мутаассифона, Амир Хусрав доир ба ин навъи шеър намунае наёвардааст, то ҳадди шинохти ӯ дар бораи чигунагии шеъри саҳли мумтанеъ рӯшан гардад.

Шакли шеърии дигаре, ки онро Амир Хусрав «муҳрик» тасмия кардааст, шеърест, ки чигунагии ҳақиқати он маълум нест. Дар ин қабил шеър чизи ҷудокунанда ва ручҳондиҳандаи лафзу маънӣ, саноеи бадеӣ ва дигар унсурҳои шеър шинохта

намешавад. Тибқи гуфтаи муаллиф аз унсурҳои шеърии се тарзи мазбур дар он хеле кам риоят мешавад, масалан:

«Шакли чорум муҳриқ аст. Ва он чунон бошад, ки дар он аз чандин туруқи шоирӣ, ки зикр карда шуд, риояте камтар, магар бе иродоти қоил аз даруни сӯхта аз сарвақту ҳол ва ҳирқате муштаил мешавад ва дилҳоро пунба мекунад ва шуъла дармезанад. Ин шароби рӯҳонист ва дар косаи сари шоир нагунҷад ва идроки лаззати он низ вичдонист. То дарун муҳтарақ набошад, дарнаёяд ва он чи мадрак шавад, дар таҳрир нагунҷад» (Хусрав 537, в.19а).

Аз дунболаи гуфтаҳои Амир Хусрав пай бурдан мумкин аст, ки шакли «муҳриқ» ба таърифе, ки ҳукамову орифон ба шеър кардаанд, қаробат дорад, зеро онҳо шеърро баёни хавотиру афкор ба сурати хаёлангез таъриф карда, ба мавзӯъ, матлаб, саноеи адабӣ, ҳатто ба арӯзу қофия низ арҷ намегузоштанд. Махсусан орифон паймудани баҳри пуртуғёну пурмавҷи маънии мавриди назарашонро, ки дар зарфияти ҳарф намегунҷанд, ҳамлу нақли онро бо киштии шикастаи арӯзу қофия амри муҳол арзёбӣ мекарданд. Ҳатто назму шеър дар назари онҳо на ҳамчун як ҳунар, балки як василаи ифодаи ҳолатҳои рӯҳонӣ талаққӣ мешуд. Мувофиқи ривояти маноқиб ва ахбори сарчашмаҳои адабиву таърихӣ гӯё Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ҳангоми ғалабаи сукру вачд ва ҷазаботи ишқ ба назми «Маснавӣ» мепардохтааст. Дар он ҳолат ба вазну қофия ва дигар унсурҳои зоҳирии шеър эътиборе ҳам намедодааст, чунки андешидани қофияву ҷустани лафзи мувофиқ ӯро гӯё ба худ машғул карда, аз завқи ҳузури дилдор боз медоштааст.

Ғолибан мақсади Амир Хусрав аз шакли «муҳриқ»-и шеър ашъори аҳли тасаввуф дар назар аст, чунки онҳо ҳангоми таҳти таъсири сукру ҷазаба ва вачду ҳаяҷон қарор доштан, ҷуз баёни матлаби асосӣ, аз тасаннуоту иборот ва ороёҳои фаннии удабо, ки гӯё завқи мастиву бехудӣ надоранд ва бӯи такаллуфу иҷтиҳод эҷод мекунанд, парҳез мекарданд.

Адабиёт:

1. Хусрав 537- Амир Хусрави Деҳлавӣ. Ғуррат-ул-камол. Дастнависи китобхонаи Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Рақами 537.

КЛАССИФИКАЦИЯ И СТЕПЕНЬ ПОЭЗИИ В ВОЗЗРЕНИЯХ АМИРА ХУСРАВА

Тагаймуродов Р.Х.

В данной статье автор анализирует проблему с точки зрения Амира Хусрава о поэзии и её классификации во введении в своей книге «Гуррат-ул-камол»

Как утверждает автор, взгляды Амир Хусрава о поэзии и её степени классификации имеет практическое значение. Данная классификация основывается на использование литературного мастерства поэтов, поэзии которые имеют научное значение.

Ключевые слова: новичок (в слове), искажение, уподобление, происхождение (слова), форма содержания, размышление, аллегория, сосредоточенность, гипербола, любящий искусство, вдохновляющий сироп, богословие, неотъемлемые свойства, умеренный, влажный, легко усваиваемый, зажигающий.

CLASSIFICATION AND DEGREE OF POETRIES IN OUTLOOKS AMIRA HUSRAVA

Tagaymurodov R.Kh.

The author analyses the problem with standpoint of Amira Husrava about poetries and its classification in introduction to his named after "Gurrat-str-kamol" in this article. As author confirms, glances Amir Husrava regarding the poetries and its degree oof classification have practical importance. This classification Given categorization is founded on use literary skill poet, which poetries has scientific importance.

Key words: beginner (in word), distortion, likening, origin (the word), the form of the contents, cogitation, allegory, centrality, hyperbole, loving art, inspiring syrup, theology, integral characteristic, moderate, humid, easy adopted, lighting.

Сведения об авторе: Тагаймуродов Рустам Хакимович - кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикской литературы Курган-Тюбинского государственного университета имени Носира Хусрава, тел.: (+992) 917-57-55-22.

Information about the author: Tagaymurodov Rustam Khakimovich, Ph. D. in Philology, docent, Chair of Tajik literature, Kurgan-Tube State University named after Nosir Khusrav, phone: (+992) 917-57-55-22.

ЗАБОН ВА УСЛУБИ ОСОРИ МАНЗУМИ ҒАФФОР МИРЗО

Аҳмадов С. Г.
Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав

Забон воситаи муҳимтарини ифодаи фикр, яроқи асосии дилхоҳ суханвар ва аз нахустин унсурҳои адабиёти бадеӣ мебошад. Фикр ҳар қадар ки арзанда, маънӣ тозаву ногуфта ва мазмун оливу дилнишин бошад ҳам, агар нависанда онҳоро ифода карда натавонад, мақбул ва писанди касе намегарданд. Ба қавли аллома Аҳмади Дониш, «Алфоз қаволиби маъниҳост ва то лафз хуш наояд, маънии хуш аз вай сар барназанад». Ба ҳамин хотир, яке аз шартҳои аввали суханварӣ донистани забон ва имкониятҳои беҳудуди он аст ва танҳо ҳамон адибе муваффақ ва маълуму машҳур мегардад, ки навиштаву гуфтааш зебову нотакрор ва фаҳмову ҳадафрас бошад. Ба ҳамин маънӣ нависандаи бузурги рус Максим Горкий гуфтааст: «Чунон ки дуредгар чӯбро, оҳангар оҳанро бояд нағз донад, адиб низ бояд материали худ – забонро хеле нағз аз худ карда бошад, вагарна ӯ наметавонад таҷрибаи худро, ҳиссиёти худро, фикру андешаи худро акс кунонад, лавҳаву характерҳо офарад». (6. 691)

Ғаффор Мирзо, ки аз шоирони ҷӯё ва пуркору беқарори тоҷик буд ва ҳанӯз аз ҷавонӣ кӯшиши шоири муваффақ шуданро дошт, аз ин шартҳо огоҳ буд ва дар баробари маънии наву тоза ҷустан барои дар шакли зебову фаҳмо гуфтани онҳо кӯшиш менамуд.

Дар бораи забон ва услуби асарҳои алоҳидаи Ғаффор Мирзо ҳам баъзе адибон ва ҳам олимони соҳаи забону адабиёт, аз қабили устодон Мирзо Турсунзода, Абдусалом Деҳотӣ, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Раззоқ Ғаффоров, Юсуфи Акбарзода… фикрҳои мухталифе баён намудаанд, вале бояд гуфт, ки аксари ин афкор ба давраи аввали фаъолияти эҷодии шоир тааллуқ дошта, бештар хусусияти манфӣ доранд. Аз ҷумла, устод Мирзо Турсунзода ҳангоми баҳогузорӣ ба ҳусну қубҳи эҷодиёти ҷавоншоирони солҳои 50-ум ва 60-ум хусусияти маъниофарӣ ва навпардозии Ғаффор Мирзоро эътироф намуда, ӯро аз ҷиҳати забон ва тарзи баён танқид намудааст. Ҳамин тарзи баҳогузориро дар навиштаҳои Абдусалом Деҳотӣ ва Муҳаммадҷон Шакурӣ низ дучор меоем. Мо дар ин ҷо фикру андешаҳои ин бузургонро инкор карданӣ нестем, баръакс гуфтанием, ки дар ҳақиқат асарҳои дар даврони ҷавонӣ навиштаи Ғаффор Мирзо, бо вуҷуди дорои мазмуну маъниҳои наву тоза будан ва аз ҷиҳати шаклу мазмун аз нодиркориҳои ҳамон давр ба ҳисоб рафтанашон, аз норасоӣ ва камбудиҳои забонӣ орӣ нестанд. Ин ҳодисаро мо ҳам дар достонҳои «Асрор»-у «Тоҷи давлат» ва ҳам дар ашъори индаврагии шоир мушоҳида карда метавонем. Бояд гуфт, ки ин камбудӣ танҳо хоси фаъолияти эҷодии Ғаффор Мирзо набуда, қариб ки ба ҳама суханварон махсус ҳаст. Шояд набошад суханваре, ки яку якбора тамоми ҳунару истеъдоди эҷодиро фаро гирад, хоҳ-нохоҳ барои ҳунар омӯхтан ва таҷриба андухтан фурсат мебояд ва барои тамоми касоне, ки ба камоли санъату ҳунаре расидан мехоҳанд, пушти сар намудани ин давра ҳатмист. Ғаффор Мирзо низ ба монанди дигар суханварон ҳамин даврaро пушти сар намуд ва ба оҳистагӣ забону услуб ва мазмуну мундаричаи навиштаҳояш комилу расо гардиданд. Ин иддаоро танҳо бо муқоисаи достонҳои «Асрор» ва «Фарзанди ҳукумат», ки яке ба даврони ҷавонӣ ва дигаре ба давраи камолоти шоирии Ғаффор Мирзо маҳсубанд, метавон исбот намуд. Дар достони аввал бо вуҷуди ҷаззобии мазмуну муҳтаво заъфу норасоии забон ҳис карда мешавад, вале дар достони дуюм ҳам мазмуну мундаричa ва ҳам забону услуб ба ҳамдигар созгору мувофиқ ва мукаммалу

пурраанд. Барои мисол ба порчаҳои муқаддимавии ҳарду достон таваҷҷуҳ менамоем. Достони «Асрор» бо чунин мисраъҳо оғоз меёбад:

Ҷавоне ба Сталинобод омад,
Парешонхотиру ношод омад.
Худаш Асрор Розиқ ном дорад,
Нав андар понздаҳ по мегузорад.
Агарчи шаҳрро дидаст акнун,
Вале ӯ нест не ҳайрон, на мамнун,
Хамӯшу бедимоғ он ҳамчу соя
Таваллудхонакобӣ менамояд. (4. 51)

Достони «Фарзанди ҳукумат» бо бандҳои зерин ибтидо мегирад:

Ҷавони наврасе, сабзинарӯе,
Ба сар гӯё на мӯ, жулидаҷангал,
Алолам бо хиёбон нобалад буд,
Ки пеши ҳар бино мегашт маътал.
Ҷавон дар шонздаҳ буд ё ки ҳабдаҳ,
Вале дар дидаву дидори наврас
Ғаме, андуҳи пире буд сокин
Чу муҳре, тамғае аз дасти нокас. (5. 4)

Барои муқоисаи ин ду порча ва қазоват дар хусуси ҳусну қубҳи онҳо ба фикри мо адабиётшиноси варзида будан лозим нест. Порчаи дуюм ҳам аз ҷиҳати равониву тарзи ифода ва ҳам аз рӯи маъниву мазмунсозӣ бамаротиб аз порчаи аввал болотар меистад. Банди аввали достони «Асрор» як навъ хушку берӯҳ баромада, ба ҳиссиёти хонанда корагар нест, банди дуюм бошад дар тарзи ифодаи маъно норасоӣ дорад. Дар мисраи дуюм (Вале ӯ нест не ҳайрон, на мамнун) ҳиссачаи инкории «не» зиёдатист ва ё ба ҷойи феъли «нест» «ҳаст» - ро истифода бурдан лозим буд, яъне «нест ҳайрон, нест мамнун» ва ё «на ҳайрон аст, на мамнун». Дар мисраи сеюм ҷонишини ишоратии «он» ба ҷойи ҷонишини шахсии «ӯ» ноҷову нораво истифода шудааст.

Бандҳои аввалини достони «Фарзанди ҳукумат» аз ин айбҳо орист. Бар замми зебову шоирона будани ин бандҳо шоир тавонистааст дар онҳо аҳволи зоҳириву ботинии қаҳрамони худро ба василаи санъатҳои гуногуни бадеӣ (тавсиф, тазод, ташбеҳ…) ба хубӣ тасвир намояд. Ягона айбе, ки дар ин мисраъҳо ба чашм мерасад, истифодаи ноҷои калимаи лаҳҷавии «алолам» мебошад, ки шоир онро ба ҷойи вожаи арабии «эҳтимол» ба кор бурдааст.

Бояд гуфт, ки яке аз хусусиятҳои асосии навиштаҳои Ғаффор Мирзо дар таъсири бузурги эҷодиёти шифоҳии мардум ва забони мардумӣ дар онҳост. Ин хусусияти эҷодиёти шоирро мо ҳангоми таҳлили мероси адабии ӯ дар мисоли шеъру достонҳои гуногунаш гуфта будем ва шояд ба такрори онҳо ҳоҷат набошад. Фақат ҳамин, ки ин иқдоми Ғаффор Мирзо, бахусус истифодаи зиёди калимаҳои лаҳҷавӣ дар шеъру достонҳояш, боиси танқидҳои зиёди баҷову беҷои мунаққидон ва шоирону забоншиносон гардид, вале бо вуҷуди ин ҳама тундравӣ бисёри он калимаҳои истифодакардаи шоир бо мурури замон ба таркиби луғавии забони адабии тоҷик роҳ ёфта, доираи истифодаашон васеъ гардид. Ба гурӯҳи ин калимот метавон вожаву таркибҳои «дугоник», «моиндар», «гапгардон», «гапгир», «дамҳот», «бора», «ҳота», «каш, таҳи каш», «нофор», «нинӣ», «рӯбинак», «ҳанг кандан», «сарҳуй», «сиёҳпича», «ғот» (вақт), «нуқ нагуфтан», «пуштӣ гирифтан», «нимкола», «шерак шудан», «қапидан», «ғалтанак задан», «сур», «пореса», «такидан», «арғушт», «коло», «ҷонсарак», «ҷонканӣ», «кутал кардан», «тор» (боло) ва ғайраро дохил намуд.

Қобили зикр аст, ки ин иқдоми Ғаффор Мирзо аз тарафи бисёр ҷавоншоирони давр дастгирӣ ёфта, идома ва такмил дода шуд. Ба қавли адабиётшиноси варзида Юсуфи Акбарзода, «Кӯшишҳои Ғаффор Мирзо дар роҳи мушаххасу зебову дилнишин сухан гуфтан ва ба ин восита тағйироте ворид кардан дар мазмуну сабки шеър, ки бештар даст кашидан аз шеъри суннативу майли тамом ба сӯйи шеъри халқӣ, ба забони гуфтугӯйии мардум аст, натиҷаҳои дилхоҳ дод. Шоирони ҳамсинну соли ӯ ва баъдтар насли ҷавоне, ки аввали солҳои шаст ба майдони шеър омаданд, мехостанд дар роҳи

офаридани шеъри мушаххас аз паси Ғаффор Мирзо раванд ва мекӯшиданд, ки ҳарчи бештар калимаву ибораҳои зебову камривоҷи зодгоҳи худро ба шеърашон ворид карда, маълуму машҳур гардонанд.» (1. 105)

Аксари калимаҳои лаҳҷавии истифодакардаи Ғаффор Мирзо аз вожаҳои сараи шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ мебошанд ва дар гуфтугӯи мардум зиёд истифода мешаванд. Бо вуҷуди ин, аксари вақт шоир чунин вожаҳоро ҳамчун нутқи айнан нақлшуда аз забони қаҳрамонҳои гуногуни асарҳои худ меорад. Барои мисол дар достони «Фарзанди ҳукумат» мӯйсафеди дарбон ба Асрор, ки ба беморхона даромадан мехост, бо шӯхӣ мегӯяд:

Чаро, исто, ки дасти туст холӣ?
Чаро дар даст савготе надорӣ?
Нахоҳӣ дид **ниниро**, бародар,
Агарки рафта **рӯбинак** наорӣ. (5. 5)

Тавре ки мушоҳида мешавад, истифодаи ин калимаҳо, хусусан калимаи «нинӣ», ба гуфтори мӯйсафед оҳанги ҳазлу шӯхӣ ва навозиш додааст ва агар шоир ба ҷойи ин калима вожаи ҳаммаънои адабии он – «кӯдак» - ро истифода мебурд, ин хусусияти гуфтор аз байн мерафт ва баръакси хоҳиши муаллиф сухани мӯйсафед оҳанги таҳдидро ба худ мегирифт. Яъне, шоир ҳамин тобиши услубии калимаи «нинӣ» - ро дар назар дошта, онро ба ҷойи муродифи адабиаш «кӯдак» истифода бурдааст.

Дар ҷойи дигари достони «Фарзанди ҳукумат», вақте ки Мукаррам бо зориву илтиҷо ва дӯстдорӣ додараш Асрорро ба дари ҳамсояҳо равон мекунад, шоир гуфтаҳои ӯро чунин ба назм меорад:

Туӣ дар хонаи мо марди хона,
Барои мо ту бояд нон биёбӣ,
Бихез, Асрор, дар чашмот ҷонам,
Ягон дар рав ва ё ки осиёбе.
Қуруте, **молуке** ё **мурғакие**,
Ягон коса **ҳурук** ё ордбирён,
Ки меёбӣ ту, моро мераҳонад,
Ту моро мераҳонӣ, додари ҷон. (5. 78)

Дар ин порча низ калимаҳои лаҳҷавии **молук** (қурутпораҳое, ки баъди каф задан боқӣ мемонанд), **мурғакӣ** (ноне, ки ҳангоми бастан ба чагдон меафтад) ва **ҳурук** (ордобаи ниҳоят тунук) истифода шудаанд. Сабаби асосии истифодаи ин вожаҳо шояд дар он бошад, ки дар забони адабӣ муродифоти аслии онҳо мавҷуд нест ва зарурати эҷодӣ шоирро ба истеъмоли ин калимот маҷбур намудааст.

Дар осори манзуми Ғаффор Мирзо таъбиру ҳикматҳои мардумӣ низ хеле зиёд ба кор рафтаанд. Шоир барои хушоҳангу дилнишин гардидани забони ашъори худ аз суханони лутфомези мардум зиёд истифода бурда, ҳатто дар баъзе маврид тобишҳои гуногуни маъноии ибора ва таркиботро мувофиқи мақсад истифода мекунад. Барои мисол дар порчаи зерини достони «366 паҳлу» аз забони бародари Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Сафар Амиршоев – Шодӣ марги додари қаҳрамонаш чунин нақл карда мешавад:

Дидам, ба чӣ ҷабр, бо чӣ сахтӣ
Ҷон медиҳиву намедиҳӣ ҷон,
Дидам, ба чӣ ҷонканӣ гирифтӣ
Аз домани ҷони худ ба дандон. (3. 241)

Дар ин порча вожаи «ҷон» чор мартаба дар таркиби калимаву ибораҳо омада, дар ҳар навбат тобиши маъноии дигаргунаро ифода мекунад. Дар мисраи дувум ифодаи «ҷон медиҳӣ» ва шакли баръакси он «намедиҳӣ ҷон» истифода шудаанд, ки ҳарду маънои маҷозӣ доранд. Ифодаи аввал маънии «кӯшиши беандоза намудан» - ро медиҳад, ифодаи баръакси он низ таъбири маъмул буда, маънии «намурдан» - ро дорад. Тавре ки мушоҳида мешавад, ин ду ифода, агар маънои маҷозии онҳоро сарфи назар намоем, ба ҳамдигар таззоданд ва истифодаи бамавриди онҳо як навъ суханбозии зебои шоиронаро ба миён овардааст.

Дар мисраи савум таъбири мардумии «ҷонканӣ» истифода шудааст. Ин ифода дар забони адабӣ онқадар серистеъмол набошад ҳам, дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ ниҳоят маъмул аст ва маънои «зӯри беҳуда задан»-ро медиҳад. Мисраи чорум низ (аз домани ҷони худ ба дандон гирифтан) маънои маҷозӣ дошта, маънии бо тамоми қувват барои ҳаёт муборизa бурданро ифода мекунад. Яъне, бародари Сафар гуфтан мехоҳад, ки ман шоҳиди бевоситаи саъйу талошҳои ту барои зинда мондан будам.

Дар забони мардум ифодаи маҷозии «бо ғалбер оббезӣ намудан» ва ё «обро бо ғалбер бехтан» маъмул буда, маънои ҳиллагарӣ ва назарфиребиро дорад. Ғаффор Мирзо дар як мисраъ ҳамин таъбирро айнан оварда, дар мисраи дувум онро шарҳу эзоҳ медиҳад:

Гаҳ ба ғалбер оббезӣ мекунад,
Танбалӣ, меҳнатгурезӣ мекунад. (3.24)

Воҳидҳои фразеологии «кӯҳ кандан» ва «сари шер овардан» низ шояд дар забони адабӣ онқадар маъмул набошанд, вале дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ аз ифодаҳои мустаъмалу машҳӯр ба ҳисоб рафта, ба маънои анҷом додани кори душвору тоқатшикан меоянд:

Ман нагуфтам, ки бирав кӯҳ бикан,
Ман нагуфтам, ки сари шер биёр,
Ман нагуфтам, ки ба дашти Ёвон
Маҳз дар навбати ман об барор. (3. 14)

Дар байни мардум зарбулмасали «Бо дуои курмӯш борон намеборад» зиёд истифода мешавад ва маънои онро дорад, ки ҳеҷ гоҳ майлу хоҳиши одами дунҳиммат амалӣ намегардад. Ғаффор Мирзо ҳамин маъниро дар назар дошта, ҳангоми тасвири симои зоҳириву ботинии яке аз қаҳрамонҳои манфии достони «366 паҳлу» мегӯяд:

Шаҳри моро чорумӣ бо чашми бад
Раҳ ба раҳ гӯё ки оташ мезанад,
Оҳ агар як бомба афтад аз ҳаво,
Бар замин яксон кунад ин шаҳрро,
Эҳ, чи сон ӯро дилаш тар мешавад,
Табъи манфураш мунаввар мешавад.
Лек ҳаргиз андар ақсои вуҷуд
Бо дуои курмуш борон нашуд. (3. 22)

Дар порчаи боло ба ғайр аз зарбулмасали фавқуззикр таъбирҳои «чашми бад», «дил тар шудан», «табъ мунаввар гардидан» баъзе ба шакли солим ва баъзе ба шакли дигаргуна истифода шуда, ба шаклу мазмуни порчаи шеърӣ таъсири мусбӣ расонидаанд.

Гоҳо шоир дар як порчаи шеърӣ ду таъбири гуногунмазмунро истифода мекунад, ки ин иқдом лутфу назокати гуфтори ӯро зиёда мегардонад. Барои мисол, дар китоби якуми достони «366 паҳлу» чунин порчае ҷо дорад:

То ба оши табъи чоқи ону ин
Пашша гардад меҳмони чорумин,
Коса бар нимкосае бинҳод ӯ,
В-он ҷавонро як саволе дод ӯ. (3. 28)

Дар байти аввали порчаи боло таъбири «ба оши касе паша шудан» истифода шудааст, ки маънои касеро нороҳат кардан, хафа карданро дорад. Дар байти дуюм бошад шоир аз зарбулмасали «Дар зери коса нимкосае ҳаст» таъбири «коса бар нимкоса ниҳодан» - ро сохтааст, ки маънои сухани пардапӯш гуфтан, саволи ғаразнок доданро медиҳад. Яъне, меҳмон ба хотири озурда намудани ҷавони мизбон ба ӯ саволи ғаразноке дод, то ӯ ҷавоб наёфта мулзам шавад. Тавре ки мушоҳида гардид, шоир ҳамин маънии оддиро хеле ҳунармандона ва лутфомез баён намудааст.

Аксари вақт шоир зарбулмасалу мақол ва таъбироти мардумиро айнан истифода накарда, шакли онҳоро эҷодкорона дигаргун мекунад. Дар ин маврид барои фаҳмидани мақсади шоир хонандаро мебояд аз эҷодиёти шифоҳии мардум то андозае бохабар бошад. Масалан, зарбулмасали «Дар гуфтам, девор шунав!» - ро, ки дар байни мардум

таъбирҳои гуногуни ҳаммаъно, аз қабили «шунавондан», «гӯшзад намудан», «киноя задан» дорад, шоир чунин истифода намудааст:

Бале, Асрор – тифли панҷсола
Аз ин услуб кайҳо бохабар буд,
Ба даргӯяндаҳо девор буд ӯ,
Ба ҳар гӯяндаи девор дар буд. (5. 80)

Хулоса, Ғаффор Мирзо шоире буд дорои сабку услуби хосаи сухангӯӣ, ки тарзи гуфтори ӯ гироиш ба забони зиндаи мардум дошт. Ба ҳамин хотир, забони осори манзуми ӯ содаву дилнишин буда, рангу бӯйи эҷодиёти шифоҳии мардумро дорад ва то имрӯз ҳар як навиштаи ӯ барои дилхоҳ хонандаи соҳибзавқ мақбулу писандида аст.

Адабиёт:

1. Акбарзода Ю. Нигоҳе ба шеъри тоҷикии нимаи дуюми садаи бист // Садои Шарқ. – 2011. - № 1, саҳ. 88 – 114.
2. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан. – Душанбе: Маориф, 1992. – 304 с.
3. Мирзо Ғ. Ашъори мунтахаб. Ҷ. 2. - Душанбе: Ирфон, 1980. – 296 с.
4. Мирзо Ғ. Асрор. – Сталинобод: НДТ, 1957. – 156 с.
5. Мирзо Ғ. Фарзанди ҳукумат. – Душанбе: Маориф, 1985. – 240 с.
6. Русские писатели о языке. – Ленинград: Учпедгиз, 1954.

ЯЗЫК И СТИЛЬ ПОЭТИЧЕСКОГО ТВОРЧЕСТВА ГАФФОРА МИРЗО

Ахмадов С.

Гаффор Мирзо – один из выдающихся таджикских поэтов советского периода, который оставил яркий след в развитии таджикской литературы. В статье автор выражает свои мысли и мнения об основных стилях и языковых средствах творчество Гаффора Мирзо.

Ключевые слова: язык и стиль, народные пословицы и поговорки, диалекты, художественный приём.

LANGUAGE AND STYLE OF POETIC CREATIVITY MIRZO GAFFORA

Ahmadov S.

Gaffor Mirzo is one of the prominent Tajik poets of the Soviet period, which left bright trace in the development of Tajik literature. In this article, the author expresses his thoughts and opinions on the major styles and lingual means of creativity of Gaffor Mirzo.

Key words: language and style, popular proverbs and sayings, dialects, art.

Сведения об авторе: Ахмадов Сафармад Гадомадович – аспирант кафедры таджикского языка и литературы Курган-Тюбинского государственного университета имени Носира Хусрава, тел.: (+992) 988-15-75-81.

Information about the author: Akhmadov Safarmad Gadomadovich – the post -graduate student, Chair of the Tajik language and literature, Kurgan-Tube State University named after Nosir Khusrav, tel.: (+992) 988-15-75-81.

МЕСТОИМЕНИЕ - АРХАИЗМЫ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА

Авлиёева П. Т.
Худжандский государственный университет им. академика Б. Гафурова

Для изучения неродственных языков используется сопоставительный метод, дающий возможность с помощью различных специально разработанных приемов сопоставления, изучать факты далеких языков. В свою очередь хотим осветить вопрос о местоимениях английского языка, которые стали архаизмами.

Местоимения признаются всеми как один из разрядов слов. Монографическое исследование истории и функционирование местоимений изучены попутно, специально не исследовано. Вместе с тем большой удельный вес этих прономинальных разрядов в речевом общении, их высокая частотность, их связанность со строением различных синтаксических конструкций и многое другое делает чрезвычайно актуальным рассмотрение истории формирования местоимений.

Как считает выдающийся датский лингвист Отто Есперсен «Старое определение нашло отражение в самом термине: местоимения употребляются вместо названия предмета или лица»(Философия грамматики. 1958. С.90), который в свою очередь процитировал Г.Суита «NewEnglishGrammar». Местоимения заменяет существительное и употребляется отчасти для краткости, отчасти во избежание повторения и отчасти для того, чтобы уклониться от чёткой формулировки мысли. И одним из многоупотребляемых местоимений является личные местоимения. Наверное, первое, что узнаёт beginner (начинающий) на занятии английского языка – это факт отсутствия формального разграничения между формами ТЫ и ВЫ (ТУ, ШУМО) в английском языке. Англичане прекрасно обходятся одним, коротеньким местоимением YOU. Начиная с этого положения мнения изучающих английского языка расходятся. Однако некоторые утверждают, что англичане обращаются фамильярно, ко всем употребляя при этом местоимение ТЫ, а другие наоборот считают, что англичане вежливо обращаются ко всем на ВЫ. Исходя из подобных расхождений мыслей мы хотели бы осветить этот вопрос.

Дело в том, что английский язык, как и любой другой язык, постоянно развивается, изменяясь и грамматически, и лексически, и фонетически. Англичане островная нация и щепетильность в вопросах обращения друг с другом у них очень чётко соблюдается. На самом деле в английском языке раннее, до XVIII века существовала форма обращения «ТЫ» и «ВЫ».

Именительный падеж	Объектный падеж
Единственное число	Единственное число
Thou (ту)	**Thee** (туро, ба ту)
Множественное число	Множественное число
Ye (шумо)	**You**(шуморо,ба шумо)

Например, в своей сонете У.Шекспир обращается к другу на «ТЫ» (ту) употребляя при этом местоимения «Thou» и «Thee».

Look in thy glass, and tell the face **thou** viewest
Now is the time that face should form another;
Whose fresh repair if now **thou** not renewest,
Thou dost beguile the world, unbless some mother.
For where is she so fair whose unear"d womb
Disdains the tillage of thy husbandry?
Or who is he so fond will be the tomb
Of his self-love, to stop posterity?
Thou art thy mother"s glass, and she in **thee**
Calls back the lovely April of her prime:

So **thou** through windows of thine age shall see
Despite of wrinkles this thy golden time.
But if **thou** live, remember"d not to be,
Die single, and thine image dies with **thee**.

Приведём аналогичный пример из поэзии Саъдии Шерози, который был переведен с таджикского языка на английский, в котором также поэт обращается посредством окончаний местоимением “ ты” (ту)

Чу ҷанг оварӣ, бо касе барситез,
Ки аз вай гузирад бувад ё гурез.

(Саъдии Шерозӣ. Гулистон. 6)-

When **thou** fighters with anyone consider
Whether **thou** wilt have to flee from him or he from **thee.**

(Guliston and Buston. By Sheikh Musleh-iddin Saadi.71)

Местоимения YOU соответствующий русскому ВЫ, таджикскому ШУМО, употребляли для выражения уважения и почтения, особенно по отношению к старшим, многоуважаемым персонам. Популярность форм множественного числа YOU можно сказать стало причиной неупотребления местоимения единственного числа «**Thou**» и «**Thee**» которое соответствовало бы русскому «ТЫ», таджикскому «ТУ», так как уже к 1600 г. они приобрели оттенок фамильярности и вскоре совсем вышли из употребления. Местоимение II-го лица единственного числа **thou** (**thee**), соответствующее таджикскому местоимению ту (туро, ба ту) не употребляется ни в современной литературной прозе ни в разговорной речи, сохранившись лишь в высокой поэзии и в прозе возвышенного стиля. (Качалова. 57)

Б.А.Ильиш указывает, что указательные местоимения можно разделить на местоимения, обозначающие близкие, и местоимения, обозначающие далекие предметы. Местоимением первого типа является в современном английском **this**, второго типа- **that**. В поэтическом языке кроме этого существует местоимение, обозначающее ещё большую отдаленность **yon (yond, yonder)**, которое тоже в свою очередь стали архаизмами. Например:

Yon sun that sets upon the see
We follow in his flight.

G. G. Byron (from Childe Harold Pilgrimages)

Выпадение слов yon, yond, yonder из сферы разговорного и обычного литературного языка стало причиной, употребления that, которое распространилось на все, не относящиеся к сфере первого лица.

Отмечая большой вклад, внесенный лингвистами в исследование местоимений, следует в то же время констатировать, что проблема местоимённости настолько объёмна и глубока, что будет привлекать к себе внимание лингвистов и представителей смежных наук (психологов, философов, логиков и др.) ещё долгое время. Это объясняется, прежде всего, семантической и грамматической спецификой местоимений, их древним происхождением, о котором свидетельствует то, что корни местоимений, за редким исключением, не расшифровываются.

Литература:

1. Есперсен Отто «Философия грамматики» 1958, 404 с.
2. Бархударов Л. С. Очерки по морфологии современного английского языка. - М.: Высшая школа, 1975 - 156с.
3. Смирницкий А. И. Морфология английского языка. - М.: Издательство литературы на иностранном языке, 1959, 440с, с. 176-196.
4. Редфорд Э. Почему англичане так говорят, М., 1964. 230 с.
5. Ильиш.Б.А. Современный английский язык. М.,1948, 167с.
6. Саъдии Шерози. Гулистон. Д., 1986, 280 с.
7. Saikh Musleh – iddin Saadi. Guliston and buston. mazda publishers 2009, 314с.

МЕСТОИМЕНИЕ - АРХАИЗМЫ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА

Авлиёева П.Т.

Статья посвящена лингвистическому анализу категорий местоимения - архаизмом. Историческому анализу подвергнуты ныне местоимения архаизмы английского языка: thou thee, yon, yond, yonder. Данные архаизмы употребляются в основном в поэзии и в прозе.

Ключевые слова: местоимение, архаизмы, личное местоимение, указательные местоимения, современный, употребление, обозначающий, аналогичная, форма.

A PRONOUN AS ARCHAISMS OF ENGLISH LANGUAGE

Avlieeva P.T.

This article is dedicated to the linguistic analysis of category of pronouns-archaisims. The following pronouns –archaism of English language have been analysed: thou, thee, ye, yon, yond, yonder. Mentioned archaisims are basically used in poetry and prose.

Key words: pronoun, archaisms, personal pronoun, demonstrative pronouns, modern, use, denoting, analogical, form

Сведения об авторе: Авлиёева Парвина - преподаватель кафедры английского языка Худжандского государственного университета имени академика Б.Гафурова, тел.: (992) 92-767-62-06;.

Information about the author: Avlieeva Parvina, teacher of chair of English, Khujand State University named after academician B.Gafurov, phone: (992) 92-767-62-06;.

БАРРАСИИ ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ НАВИНИ ТОҶИКИСТОН ДАР КОРНОМАИ ИЛМИИ МУҲАҚҚИҚИ ЭРОНӢ

Юсупова Марҳабохон Юнусовна
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон баробар ба падид овардани дастовардҳои шоён, бахусус таъмини озодии фикриву маънавӣ, эҷоди тамоюлҳои навини сиёсиву фикрӣ ва равандҳои адабӣ ба густариши худи адабиёти тоҷик бо шеваву равиши тоза боис омад. Агар дар замони Шӯравӣ бештар заминаҳои мавзӯии адабиёт ба риштаи таҳқиқ кашида шуда бошанд, ҳамакнун бо таваҷҷӯҳи шоирон ба майлони нави адабиёти ҷаҳонӣ ба баррасии падидаҳои ҳунарии адабиёт ручӯъи бештар зоҳир гардид. Муҳимтарин тамоюл дар ин марҳила тарҷума, баргардони намунаҳои адабиёти навини тоҷик бо забонҳои дигар ва кишварҳои хориҷа ба шумор меояд, ки дар нақду баррасии адабиёти имрӯзи тоҷик аз диди муҳаққиқони хориҷӣ боис гардид. Маҳз, бо ибтикори Сафири кунунии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон доктор Алиасғари Шеърдӯст зиёда аз 50 номгӯи дафтари ашъор ва китоби насрии адибони тоҷик дар Ҷумҳурии Исломии Эрон ба нашр расид, ки ин амр яке аз муҳимтарин омили таваҷҷӯҳи муҳаққиқони ин кишвар ба нақду баррасии адабиёти муосир гашт. Аз ҷумла, дар давоми зиёда аз бист сол чанд рисолаҳои пажӯҳишӣ ва мақолоти фаровон роҷеъ ба адабиёти муосири тоҷик аз ҷониби муҳаққиқони эронӣ чун Алиризо Қазва, Алиасғари Шеърдӯст, Саидалӣ Мӯсавии Гарморудӣ, Муҳаммадризо Тоҷиддинӣ ва дигарон таълиф ва нашр гардиданд. Ҳарчанд рисолаи нахустини Алиризо Қазва «Хуршедҳои гумшуда» сару садоҳои мухталиферо дар матбуоти тоҷик ба вуҷуд овард ва он бештар дар заминаи сурудаҳои аввалини даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон сурат гирифта буд, аммо рисолаи ҷадиди ӯ роҷеъ ба ғазали муосири тоҷик баёнгари мақом шоёни ғазали даврони соҳибистиқлолии кишвар дар густураи шеъри имрӯзи мамолики форсизабон ба шумор меравад. Албатта баррасии ҳар яке аз ин осор баҳси ҷудогона ва таҳқиқи ҷудогонаеро

хостор аст ва дар ин мақола асосан дар мавриди чанд рисолаи арзишманди доктор Алиасғари Шеърдӯст «Чашмандози шеъри имрӯзи тоҷик», «Эрон дар шеъри муосири Тоҷикистон», «Нақши айём» ва «Таърихи адабиёти навини Тоҷикистон» дар робита ба таҳқиқ ва нақди адабиёти муосири тоҷик мулоҳиза хоҳем ронд.

Қаблан бояд тазаккур дод, ки доктор Алиасғари Шеърдӯст ба шинохти шеъри муосири Тоҷикистон нахуст тавассути таълифи рисолаи «Чашмандози шеъри имрӯзи тоҷик» ворид гардид. Аммо қабл аз он ки ин рисолаи пурарзишро ба қалам оварад, ки баъдан ҳамчун китоби соли Тоҷикистон эълон гардида, боиси ба мукофоти давлатии ба номи устод Рӯдакӣ мушарраф шудани муаллифи он гардид, чандин ибтикороти фарҳангии вай тавассути интишороти «Суруш»-и Ҷумҳурии Исломии Эрон боиси огаҳии фаротари вай ба шеъру адабиёт ва фарҳанги миллии мо гардид. Бо талошу заҳамоти ин донишвари соҳибноми эронӣ осори арзишманде чун китобҳои «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ, «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров, «Тоҷикон дар масири таърих» (маҷмӯаи мақолоти донищварони ҷаҳон дар бораи миллати тоҷик ва Тоҷикистон, ки бо кӯшиши Мирзо Шукурзода таҳия шудааст.- М.Ю.) «Тоҷикон дар оинаи таърих»-и Эмомалӣ Раҳмон ва амсоли инро бо хати форсӣ дар Ҷумҳурии Исломии Эрон мунташир намуд ва бешак муваффақ ба ошноии фаровоне роҷеъ ба фарҳангу адаби миллии мо гардид. Ишқу алоқа ва дилбастагӣ ба фарҳангу адабиёти тоҷик ӯро ба навиштани китоби арзишманди «Чашмандози шеъри имрӯзи тоҷик» таҳрик бахшид, ки он бори нахуст бо хати форсӣ дар Ҷумҳурии Исломии Эрон дар соли 1995 мунташир гардид. Равиши ҷолиби таҳқиқ дар ин китоби ҷомеъ аз сар гирифта шудааст, ки барои шинохти воқеии адабиёти навини тоҷик роҳ мекушояд. Муҳаққиқ нахуст ба баррасии сарнавишти забони форсӣ дар қаламрави Фарорудон меравад ва баҳси зуҳур ва ҷойгоҳи шеърро дар ин қаламрав аз қарни ҳафтдаҳ оғоз мебахшад. Яъне, нигоҳи амиқрави муҳаққиқ ба таъйини заминаҳои таҳаввули шеъри форсӣ дар Тоҷикистон меравад, ки он сарчашма дар ин адвор дорад. Ба унвони намуна ӯ ашъоре аз Шавкати Бухороӣ ва Сайидои Насафиро баррасӣ кардааст, ки ҳамчун ҳомилони адабиёти форсу тоҷик дар ин даврони таърихӣ таваҷҷӯҳи хоси зоҳир намудаанд ва бешак сурудаҳои шоирони имрӯзи тоҷик аз диди забонӣ боз ҳам асолати забони форсии ҳамин аҳдро новобаста аз бархӯрдҳои сиёсатгузори даврони баъдӣ аз даст надодаанд.

Шеваи марҳилабандии адабиёт бисёр ҷолиб иттифоқ афтодааст ва ҳамингуна доктор Шеърдӯст адабиёти муосири тоҷикро аз давраи маъорифпарварӣ то замони истиқлол тақсимбандӣ намуда, бахусус ба ривоҷи шеъри тоҷикии асри нуздаҳ ва мактаби пайравони Бедил таваҷҷӯҳи махсус зоҳир кардааст. Зимни мутолиаи куллии осори таҳқиқии Алиасғари Шеърдӯст роҷеъ ба адабиёти муосири тоҷик маълум мешавад, ки баъдан бо таваҷҷӯҳ ба афзудани теъдоди нашри осори адибони муосири тоҷик бевосита бо ибтикори худи ӯ дидгоҳҳои тозаву нави нақкодае ба миён омаданд, ки ин амр боиси ибтикори муаллиф ба такмилаи китоби мазкур шудааст, зеро дар соли 1390 тавассути интишороти илмӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии исломии Эрон китоби нави Алиасғари Шеърдӯст зери унвони «Таърихи адабиёти навини Тоҷикистон» ба дасти чоп расид, ки мурур ба мӯҳтавои он такмилаи китоби аввали будаи асарро ба субут мерасонад. Ба таври умумӣ ибтикор ва тозагиҳои асари мазбурро метавон дар чанд даста баррасӣ намуд.

Агар «Чашмандози шеъри имрӯзи тоҷик» дар маҳдудаи баррасии шеъри форсу тоҷик ба қалам омадааст, асари навин Шеъдӯст таҳқиқи манзараи куллии таърихи адабиёти тоҷикро аз қарни понзадҳуми милодӣ то оғози истиқлолияти миллии кишвар фаро мегирад. Дар ин ҷо дар канори таҳаввулоти шеърӣ адабиёти достонӣ ва осори нависандагони маъруфи давраи Шӯравӣ ва имрӯз чун Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Раҳим Ҷалил, Ҷумъа Одина, Ӯрун Кӯҳзод, Саттор Турсун, Абдулҳамид Самад ва амсоли ин баррасӣ ва доварӣ щудаанд. Фузун бар адабиёти манзум ва мансур баҳсе дар робита ба адабиёти намоишӣ ҳам дар ин китоб ҷой дорад, ки ба шумори баррасиҳои тозаи илмии муҳаққиқ метавон ин матлабро шомил кард. Ҳамчунин таҳқиқи таҳаввулоти матбуоти тоҷик аз оғози қарни бистум то даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистонро фаро мегирад. Аз ҷумла, бар асоси матолиби дасрас ва маълумоти оморӣ

муҳаққиқ аз мавҷудияти зиёда аз 125 рӯзномаи сабтиномшуда дар Тоҷикистон иттилоъ додааст, ки ин амр мутобиқ ва маълумоти аввали соли 2010 мебошад. (520).

Марҳилабандии таҳаввулоти адабиёти муосири тоҷик низ дар ин асар нисбатан пурвусъат сурат гирифтааст. Нахуст, муҳаққиқ ба сайри таърихии авзои сиёсиву иҷтимоии Фарорудон аз даврони Хонадони Шайбонӣ бо пирӯзи инқилоби Шӯравӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, ба даврони фаъолияти ҳар яке аз умарои шайбонӣ, аштархонӣ ва мангит ба таври мустақилона баҳо додааст, ки ин амр ба арзиши таърихии асар ҳам ишорат мекунад. Аммо баррасии авзои адабии ин даврон камтар сурат гирифта, муҳаққиқ бештар ба масоили адабӣ аз зуҳури мактаби маорифпарварӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст. Вобаста ба ин метавон гуфт, ки ба унвони давраи аввалини рушди адабиёти муосири тоҷик дар дидгоҳи илмии Алиасғари Шеърдӯст давраи маорифпарварӣ мебошад, ки баъд аз баррасии масоили назарии моҳияти таълимоти ин равия ба шарҳу тафсири номаи рӯзгор ва эҷодиёти адибони маорифпарвар мепардозад. Аз ин ҷост, ки роҷеъ ба шоирони ба истилоҳи Шеърдӯст рӯшанфикр чун Дилшоди Барно, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Шамсиддини Шоҳин, Туғрали Аҳрорӣ ва амсоли ин дар ин бахши китоб зикри маълумот рафтааст. Аммо як нукта аз баррасиҳои муаллиф равшан мегардад ин аст, ки бештар ҷанбаи маълумотӣ дар ҷараёни баррасии масъалаҳо, бахусус овардани матолиб роҷеъ ба адибон афзалият дорад. Аз ҷумла, роҷеъ ба Нақибхон Туғрал дар ҳаҷми бештар аз як саҳфа асосан маълумоти тарҷуаиҳолӣ ва баҳои тазкираи устод Садриддин Айнӣ зикр шудаасту халос. Ҳарчанд асар бо шеваи таълифи таърихи адабиёти тоҷик ба қалам омадааст, аммо хуб мебуд, ки бо зикри намунаҳои ашъори суханварон баъзе мулоҳизоти муаллиф роҷеъ ба вижагиҳои каломи эшон баён шудааст. Агарчанде дар баъзе мавридҳо ин равиш риоят шудааст, аммо дар тамомии тазаккури матолиби китоб ҳамгун нест. Дар зимни баррасии каломи суханварони маорифпарвар ҳангоми таҳлилу баррасии рӯзгор ва осори Мирзо Муҳаммад Азими Сомӣ тафсилоти манзури мавод ба мушоҳида мерасад, аммо дар мавриди дигар аз намояндагони адабиёти ин давра баёни мухтасар ва шарҳиҳолӣ ҷой дорад.

Ду марҳилаи дигари мавриди баррасии муаллиф давраи ҷадидия ва адабиёти шӯравии тоҷик мебошад. Дар китоби «Таърихи адабиёти тоҷик» Алиасғари Шеърдӯст ботафсил роҷеъ ба заминаҳои рушди ҳаракати ҷадидия изҳори назар намудаву доираи интишори ҷадидон дар Туркистон, Бухоро ва амсолит инро низ ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Ба унвони баррасии заминаҳои шаклгирии ҳаракати ҷадидия бахшеро ихтисос дода, таҳқиқи авзои матокибу мадорис ва таваҷҷӯҳ ба шеваи таҷдиди тадрис дар ин макотибро ба унвони муҳимтарин заминаи фикрии ривоҷи он шинохтааст, ки ин амр бо як шеваи хоси таҳлилу таҳқиқ собит шудааст. Гузашта аз ин, пайдоиш ва ташаккули рӯзномаи «Бухорои шариф», ки аввалин рӯзномаи форсӣ-тоҷикӣ дар аввали қарни ба шумор меравад, барои ривоҷи ҷадидия ва зуҳури адабиёти ҷадидӣ роҳро ҳамвор намудааст, ки ин нуктаҳо ҳамагӣ дар китоби Алиасғари Шеърдӯст ба зевари пажӯҳиши илмӣ ороста гардидаанд. Дар канори ин, андешаҳо ва ибтикори адибони шомили ҳаракати ҷадидия чун Абурраҳуфи Фитрат, Абдулвоҳиди Мунзим, Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, Ҳоҷӣ Муин, Сиддиқии Аҷзӣ, Тошхоҷа Асирӣ, Саидризо Ализода ва амсоли ин ҳамчун намунаҳои барҷастаи адабиёти ба истилоҳ ҷадидӣ таҳқиқ шудаанд.

Таснифоти адабиёти давраи Шӯравии тоҷик тибқи принсипҳои ҷории адабиёти ин давра дар китоби мазкур сурат гирифтааст, ки он сурати зайлро дорад:

Давраи аввали адабиёти Шӯравии тоҷик: Солҳои 1917-1929

Давраи дувум. Солҳои 1929-1941

Давраи севум. Аз 1941 то 1945 милодӣ. Ин давра дар таҳқиқоти адабиётшиносии муосири тоҷик бештар ба унвони адабиёти давраиҷангии тоҷик ёд мешавад.

Давраи чорум. Аз соли 1945 то 1956 милодӣ.

Давраи панҷум. Аз 1956 то 1975

Давраи шашум. Аз 1975 то 1991 милодӣ.

Давраи ҳафтум. Аз 1991 то имрӯз. (293-358).

Ин давра дар таснифоти навини адабиёти тоҷик ба унвони адабиёти даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ёдовар мешавад.

Ҳамин тариқ, аз баррасии куллии ин асар, ки ба унвони таърихи адабиёти навини тоҷик унвон гирифтааст, бармеояд, ки авзои куллии беш аз сад соли ривоҷи адабиёт аз диди як муҳаққиқи эронӣ бо шеваи ба худ хос ҷараён гирифтааст. Дар канори ин, равандҳои адабиёт шурӯъ аз даврони маорифпарварӣ ва рушди ҷадидия то кунун бар асоси таҳлилҳои амиқ ва баррасиҳои муфассали муҳаққиқ сурат гирифтааст. Вале ба назар мерасад,ки доираи фарогирии маводи осори мансур ва мансур,инчунин адибони ин давра нисбатан маҳдуд сурат гирифтааст. Аз ҷумла, аз доираи шоирони аҳди имрӯз танҳо бо баррасии рӯзгор ва осори Фарзона ва Доро Наҷот иктифо намудааст, ҳол он ки имрӯз ҷараёнҳои навини фаъоли шоирони насли нав чун Толиби Озарахш, Сиёвуш, Суруш, Рустами Ваҳҳобиён, Озар, Нуралӣ Нурзод, Адиба, Гулноз ва дигарон ҳастанд, ки аллакай ашъори аксари онҳо дар ҷаридаву маҷаллаҳои кишварҳои Форсизабон ба нашр расида, мавриди баҳогузории аҳли таҳқиқи кишварҳои форсизабон қарор гирифтаанд. Ҳамин равиш баррасии насри муосир низ ба мушоҳида мерасад, чун имрӯз дар наср низ нависандагони соҳибназаре ҷой доранд, ки бояд бар ин ҷараён ворид карда шаванд. Масалан, нависандагони соҳибназаре чун Сорбон, Баҳманёр, Муҳаммадзамони Солеҳ, Сайф Раҳимзод, Бароти Абдураҳмон, Қодири Рустам, Салими Аюбзод ва дигарон низ сазовор ба баррасии як давраи нави адабиёти навини тоҷикистон мебошанд. Албатта, умедворем, ки дар нашрҳои минбаъдаи ин асари гаронмояи имконияти бештари баррасии давраи нави адабиёти имрӯзи Тоҷикистон фароҳам меояд ва бешак вақте унвони китоб «Таърихи адабиёти навини Тоҷикистон» мебошад, таҳқиқи осори суханварони давраи нави адабиёти Тоҷикистон метавонад ба арзиши илмии китоб боз ҳам бештару пештар таъсиргузор бошад. Новобаста ба ин, китоби «Таърихи адабиёти навини Тоҷикистон» як рисолаи мукаммали илмии фарогири муҳимтарин масоили рушди адабиёти фузун бар садсолаи тоҷик мебошад, ки бо таҷассуми пурбори мароҳил ва ҷараёнхои адабӣ, рӯзгор ва осори суханварони кишвар дар муаррифии адабиёти имрӯзи Тоҷикистон ва дастовардҳои он ба саросари олам нақши муассир мегузорад.

Адабиёт:

1. Алиасғари Шеърдӯст. Таърихи адабиёти навини Тоҷикистон. – Душанбе: Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1390.
2. Алиасғари Шеърдӯст. Чашмандози шеъри имрӯзи тоҷик. – Душанбе: 1998.
3. Алиасғари Шеърдӯст. Нақши айём. – Теҳрон, нашри «Шаҳриёрон», 1389.
4. Пайке аз сарзамини фарҳанг. Маҷмӯаи навиштаҳои шахсиятҳои фарҳангии тоҷик дар бораи доктор Алиасғари Шеърдӯст. – Душанбе, 2012.

ИСТОРИЯ НОВОЙ ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ В НАУЧНЫХ РАБОТАХ ИРАНСКОГО ИССЛЕДОВАТЕЛЯ

Юсупова Мархабохон Юнусовна

Статья посвящена актуальным вопросам развитии современной таджикской литературы с точки зрения известного литературоведа Ирана доктора Алиасгар Шеърдуст.

Автор статьи старался определить основные направления современной таджикской литературы с учётом требований литературоведческой критики современного Ирана, в этом направлении с точки критического зрения всех литераторов этой страны в отношении поэзии, прозы и современной литературной критики.

Ключевые слова: таджикская литература, современная поэзия, литературные критики, Алиасгар Шеърдуст, литературоведческие критики Ирана.

HISTORY OF MODERN TAJIK LITERATURE IN SCIENTIFIC WORKS OF IRANIAN SCIENTISTS

Yusupova Marhabokhon Yunusovna

The article deals with the most important problems of the modern Tajik literature from the view of the outstanding Iranian literary critique, Dr. Aliasghari Sherdoust.

The author of the article tries to define basic directions of the modern Tajik literature according to criteria of the modern Iranian literary critics and the view of the literators of that country towards the modern Tajik poetry, prose and literature criticism as well as.

Key words: Tajik literature, modern poetry, literary critiques, Aliasghari Sherdoust, literature critiques of Iran.

Сведения об авторе: Юсупова Мархабохон Юнусовна - ученый секретарь ученого совета Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова, Тел: (+992) 92 776-0979, e-mail: babo-27@mail.ru

Information about the author: Yusupova Marhabokhon Yunusovna, scientific secretary of Scientific Council of Khujand State University named after academician B. Gafurov, tel.: (+992) 92 776-0979, e-mail: babo-27@mail.ru

РӮЗГОР ВА ОСОРИ АБУЛФАЗЛИ МИКОЛӢ

Холов Назармуҳаммад

Маркази илмии Хуҷанди Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар адабиётшиносии муосир, бавижа ҳангоми тадқиқи адабиёти арабизабони форсу муаррифӣ намудани чеҳраҳои илмиву адабӣ бидуни шарҳу тавзеҳи вазъи сиёсӣ, низоми давлатӣ, дину мазҳаб ва равишҳои ҳукмронии салотину умарои хонадонҳои подшоҳӣ имконнопазир аст.

Аз ин рӯ, вақте сухан дар бораи шахсиятҳои ношинохтаи адабие, чун Абулфазл Убайдуллоҳ ибни Аҳмад ибни Алии Миколӣ (ваф. 28.04.1045) меравад, бе ташреҳи аслу насаб, гузаштагону хостгоҳи таърихии ӯ ва обрӯву нуфузи сиёсиву фарҳангии хонадони Миколиён муайян кардани рисолати адабиву ҳунарии вай номакшуф мемонад.

Ҳарчанд аввалин маротиба шарҳи мухтасари рӯзгору осори Абулфазли Миколӣ дар мақолаи ҷудогонае дар «Донишномаи Сомониён» бо ибтикори профессор Низомиддин Зоҳидов анҷом ёфт, навиштаи донишманди ёдшуда ангезаи амиқтару муфассалтар омӯхтани зиндагиномаи ин «давлатмард, олим, адиб ва шоири арабизабони авохири аҳди Сомониён ва авоили Ғазнавиён, намояндаи хонадони маъруфи Миколиён»-ро ба миён овард (3, 64-65).

Аз ин дидгоҳ, пажӯҳиши тамоми масоили марбут ба зиндагиномаву осори ӯ дар ифтитоҳи ҷанбаҳои муҳими адабиёти арабизабони форсӣ-тоҷикӣ нақши калидӣ хоҳад бозид.

Масъалаи нахустине, ки тавзеҳ мехоҳад, шарҳи ба кадом исм иртибот доштани номи ин силсилаи подшоҳӣ, муайян кардани замони ҳукмронии Миколиён ва собиқаи фаъолияти сиёсату раёсати онҳост.

Бино ба таъкиди Деҳхудо унвони ин хонадон баргирифта аз номи «деҳе аз деҳистони Дайламони бахши Сиёҳкули Дайламони шаҳристони Лоҳиҷони воқеъ дар ҳафтҳазоргазии ховари Дайламон бо 392 тан аз сакина. Оби он аз чашмаи Сор ва роҳи он Молрав аст. Зиёратгоҳе дорад, ки бинои он қадимӣ аст» мебошад (аз сайти www.loghatnaameh.com -«Луғатномаи Деҳхудо»).

Мувофиқи иттилои Акрами Бахромӣ номи аслии дурусти ин хонадон Миколиён аст, ки ба ғалат ба Микоилиён машҳур шудааст, зеро ин хонадон номи худро аз номи ҷаддашон гирифтаанд, ки дар тамоми маохиз ва ҳатто дар ашъори шуарои маддоҳ «Микол» омадааст. Чунон ки Абӯбакри Хоразмӣ адиби маъруф, ки аз маддоҳони Абӯнасри Миколӣ буда гӯяд:

نجر ذیول الفخر حتی کاننا لعز تنافی آل میکال ننتمی

Тарҷума: (Домони фахрро дароз мекунем зеро, ки мо гӯиё бо иззатамон ба Оли Микол мепайвандем).

Саромади ин дудмон Микол ибни Абдулвоҳид ном доштааст, вале дар хусуси зиндагии ӯ иттилое дар даст нест. Дар бораи ду фарзанди ӯ Шоҳ ибни Микол ва Муҳаммад ибни Микол дар манобеъ ишораҳо рафтааст.

Абӯнасри Миколиро шоирони зиёде мадҳ кардаанд. Яке аз онҳо Абулубода Валид ибни Убайд ал-Бӯҳтурӣ- шоири маъруфи тойӣ (204-284 ҳ.), ки аслан арабнажод буда, дар муҳити эронӣ тарбият ёфтаву бо эрониён муошират дошт ва таҳти таъсири тамаддуни эронӣ қарор гигифта буд, мебошад. Мамдуҳи дигари ӯ олиму адиби маъруфи асрҳои 9-10 Абӯбакр ибни Дурайд ал-Аздӣ ал-Басрӣ, маъруф ба Ибни Дурайд ба шумор меомад. Ҳамзамон Абӯбакр Муҳаммад ибни Аббоси Хоразмӣ – адибу суханвар, нависандаву луғатнигор, донандаи беҳтарин илми наҳв, ки аз тарафи падар хоразмӣ ва ҷониби модар табаристонӣ буд, дар мадҳи ин пешвои Миколиён ашъори мадҳӣ сурудааст.

Сарчашмаҳои адабӣ ба раёсат расидани Миколиёнро ба чанд воқеаи таърихӣ нисбат медиҳанд. Аввалан, онҳо дар замони хилофати Тоҳириён ба умури давлатдорӣ ва раёсати шаҳри Нишопур машғул гардиданд. Бино ба навиштаи академик Б.Ғафуров хонадони Тоҳириён, бахусус «писари дигари Тоҳир – Абдуллоҳ (830-844) дар ҳеҷ сурат худро мутеи хилофат надониста, Хуросонро бо ихтиёри худ идора мекард. Дар замони ӯ қароргоҳи Тоҳириён шаҳри Нишопур гардид» (2, I; 44).

Сониян, Тоҳириён дар баробари қабули ислом ба арзишҳои диниву адабии қаблазисломӣ низ эҳтироми хосса доштанд. Ин масъаларо муаллифи китоби бузурги «Тоҷикон» дар заминаи ахбори шарқшиносони русиву аврупоӣ чунин тавзеҳ медиҳад «Дар асри IX ва ибтидои асри X дар Эрон ҷамоатҳои зардуштӣ нашъат пайдо карда, маҳз дар ҳамин вақт чунин асарҳои зардуштӣ, аз қабили «Бундаҳишн» ва «Денкарт», инчунин як қатор таълифоти ғайридинӣ ба вуҷуд меоянд. Тоҳириён ҳамаи инро ба эътибор нагирифта наметавонистанд, хусусан, ки аз ҷиҳати сиёсат душмани асосиашон хилофати Аббосӣ буд ва худи онҳо ба ҳамон вилоятҳое такя мекарданд, ки аксари аҳолиашон эронизабон буданд. Маҳз аз ҳамин сабаб Тоҳириён ба шоирон, алалхусус, мӯътақидони шуубия иҷозат медоданд, ки онҳоро бо подшоҳону қаҳрамонони Эрони пеш аз Ислом қиёс карда, ситоиш намоянд. Дар дарбори Тоҳириён дар қатори забони арабӣ забони форсӣ ҳам мустаъмал буд. Дар Марв китобхонае вуҷуд дошт, ки асарҳои ба забони паҳлавӣ навишташуда нигоҳ дошта мешуд» (2, I; 446-447).

Ин санад далолат аз он дорад, ки шояд Тоҳириён аслу насаби Миколиёнро медонистанд ва дар замина хоҳиши истифода аз нуфузи сиёсиву маънавии онҳо пеш омад.

Матлаби дигаре, ки ба ҳаводиси таърихӣ иртибот дорад, далолат аз обрӯи намояндагони Миколӣ дар замони Сомониён мекунад.

Тибқи навиштаи ин муҳаққиқ Муҳаммад ибни Микол ҷадди Миколиёни Хуросон аст ва писараш Абдуллоҳ ба соли 167 ҳиҷрӣ вакили Амру-л-Лайс Саффорӣ дар Систон буд. Баъд аз он ҳамроҳи намояндаи Муқтадир- халифаи Аббосӣ Субкарӣ, ки аслан коргузорони Умар ва омили вай дар Систон буда, соли 298 ҳиҷрӣ омили Форсу Кирмон ва Систон таъин гардид, ба Форс омад.

Абдуллоҳ то соли 308 ҳиҷрӣ аз ҷониби халифа омили Аҳвоз ва Форс буд.

Ибни Дурайд ашъар-ул-уламо ва аълам-уш-шуарои дастгоҳи вай буд ва бо ин дастгоҳ хидмат мекард. Ӯ ба дастури Абдуллоҳ девони Форсро идора менамуд ва аз ҷониби ӯ маъмури тарбияти писараш Абулаббоси Исмоил шуд. Ибни Дурайд ин пешниҳоди маъмуриятро пазируфт ва ба фарҳехтани ӯ пардохт. Ибни Дурайд маъруфтарин қасидаи худ “Мақсура”-ро , ки низ аз манзумоти маъруфи забони арабӣ аст, барои Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ва писараш Абулаббос ба назм кашида, дар он эшонро сутадааст. Ҳамчунин маъруфтарин китоби худ “Ал-ҷумҳурату фил-луғат”-ро низ ба номи писари Абдуллоҳ-Абулаббос Исмоил таълиф кардааст.

Абулаббос Исмоил раиси муассиси силсилаи Миколии Хуросон аст. Ӯ аз мардони номии замон, марди мӯҳтараму донишманд ва муҳаддис буд. Пас аз марги падараш халифа хост, ки ӯро дар ҳамон корҳое, ки падараш дошт, ҷойнишин кунад, вай напазируфт ва гуфт: “Маро дар Хуросон маоше ҳаст, ба он боз мегардам. Пас ба Нишопур ватани аслии худ боз омад. Дар Ҳирот ба хидмати амири Сомониён расид ва мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифт ва дар дарбори Сомониён дар даврони ҳукумати Абдулмалик ибни Нӯҳ ва замоне вазорати Абӯҷаъфар Аҳмад ибни Ҳусайни Утбӣ ба исрори ҳамин вазир идораи девони расоилро бар ӯҳда гирифт ва муддати 15- сол ин

мақомро дошт. Абулаббос соли 362 ҳиҷрӣ дар синни 96 солагӣ дар Нишопур дори фониро видоъ гуфт ва дар ҳамон шаҳр мадфун гашт.

Писари бузурги Абулаббос Раис Абӯмуҳаммади Абдуллоҳ ном дошт. Лақаби "Раис" ба он ҷиҳат ба аксари афроди ин хонадон итлоқ мешудааст, ки раёсату муованати ҳукумати шаҳри Нишопурро бар ӯҳда доштанд.

Абӯмуҳаммад низ монанди падараш дар нависандагӣ ва суханварӣ пойгоҳе бас баланд дошт. Фиқҳро аз Қозиулҳарамайн Абулҳусайн ва дигарон фаро гирифт. Ӯ муҳаддис буд ва дар шаҳрҳои Нишопур, Рай, Домғон, Ҳамадону Бағдод, Кӯфа ва Макка ҳадис мегуфт. Марди некӯкор ва хайрандеш буд. Навиштаанд, ки дари хонааш ҳамеша ба рӯйи муроҷиаткунандагон боз буд ва ӯ пинҳонӣ мустамандони шаҳрро рӯзӣ медод.

Саъолабӣ дар мавриди вай гуфта, ки се ҳазор байт шеър аз пешиниён ва муҳаддисон аз бар доштааст. Дар тазкираи Саолабӣ намунаҳое аз шеъру насри ин марди адибро метавон дид.

Бояд ёдовар шуд, ки Саъолабӣ танҳо касе нест, ки дониш ва биниши ӯро сутуда бошад, адабу табаҳҳури ӯ ҳатто то панҷоҳ сол баъд аз маргаш то замони Байҳақӣ бар сари забонҳо будааст.

Раис Абӯмуҳаммад ба соли 364 ҳиҷрӣ аз қабули девони расоил худдорӣ кард, аммо пешниҳоди вазоратро билохира дар соли 366 ҳиҷрӣ пазируфт ва муддати бештар аз 20 сол дар ин вазифа кор кард.

Абӯмуҳаммад соли 379 ҳиҷрӣ дар мавсими ҳаҷ дар Маккаи муаззама даргузашт ва дар ҳамон ҷо мадфун шуд. Аз ӯ танҳо писаре бо номи Абӯҷаъфар ибни Абдуллоҳ Микол маъруф аст, ки дар ривоёт ба номҳои Абӯҷаъфар Муҳаммад, Абӯҷаъфари Миколӣ, Раис Абӯҷаъфар ва Амир Ҷаъфар ёд мешавад. Ӯ низ монанди падару бобои худ аз шӯҳратёфтагони замони худ буда, дар дарбори Ғазнавиён дар мақоманависӣ, шеъру луғат ва фиқҳ пойгоҳе азим доштааст.

Аз ин санад бармеояд, ки намояндагони Оли Микол пас аз зуҳури Ғазнавиён ба шаҳри Ғазнин даъват шуда, дар мақомоти идории ин хонадон низ даст ёфтаанд. Ин матлабро шахсияти воқеии барҷастатарин фарди сиёсии ин дудмон Ҳасанаки вазир собит месозад, ки дар охири подшоҳии Маҳмуди Ғазнавӣ ба вазорат ноил омад. Номи аслии ӯ Ҳасан ибни Муҳаммади Микол, мулаққаб ба Сайиду-л-куффоҳ ва маъруф ба Амир Ҳасанаки Миколи Нишопурӣ аст. Ҳасанак дар айёми ҷавонӣ ҳамеша дар мулозимати Маҳмуд ба сар мебурд ва дар сафару ҳазар бо ӯ буд.

Тибқи навиштаи Муҳаммад Тоҳири Қудсӣ "ҳангоме, ки Маҳмуд ба салтанат расид раёсати шаҳри Нишопурро бар ӯ дод. Ҳасанак бар асари ибрози лаёқату кордонӣ мавриди таваҷҷӯҳ ва муҳаббати султон Маҳмуд воқеъ шуд ва дар натиҷа кордони Ғазна тафвиз гардид ва баъд султон Маҳмуд пас аз азли Аҳмад ибни Ҳасан Маймандӣ ӯро ба вазорати худ бар гузид" (www.noormags.com).

Бино ба иттилои сайти www.cgie.org.ir ҳамчунин як тан аз ин хонадон ба вазорати Салҷуқиён расид. Аммо пас аз истиқрори Салҷуқиён дар Эрон ва бо коста шудани аҳамияти Хуросон, аз иътилои ин дудмон низ ба суръат коста шуд ва аз он пас шахсияти номоваре дар миёни ин хонадон зуҳур накард, афроди ин хонадон дар баробари таҳаввулоти сиёсӣ ва шароити аср, аз худ ба хуби инъитоф нишон медоданд ва ба ин тартиб имтиёзоти худро ҳифз мекарданд.

Нуктаи ҷолиб дар таҳлили ин мавзӯъ пайванди гузаштагони Миколиён бо ҳокими Суғд-Деваштич аст. Профессор Низомидди Зоҳидов бо такя ба асноди осори Самъониву Кутубӣ ва дигар маохиз менависанд, ки ба ин маънӣ ишора намуда, асли Оли Миколро ба Деваштич ва оғози онро ба подшоҳи Сомонӣ-Баҳроми Гӯр мепайвандад (3, 64).

Масъалаи интисоби ирқиву хунии Миколиён ба Деваштич шарҳи чанд нуктаи баҳампечидаро пеш меорад.

Нуктаи асосӣ дар ташреҳи ин муаммо ҳувияти шахсии Деваштич барои илми таърихшиносии ҷаҳонӣ аст, ки ба василаи осори хаттии суғдиву арабии дар Қалъаи Муғи водии Зарафшон мушаххас мегардад. Юсуфшоҳ Яъқубов дар рисолаи "Паргар дар асрҳои VII-VIII-уми даврони мо" бар мабнои ахбори манобеи форсиву арабии асримиёнагӣ аз зикри Деваштич ва ҳодисаҳои марбут ба фаъолияти сиёсии ӯ ёд мекунад (7, 24-30).

Вале академик И.Ю. Крачковский дар мақолаи “Нома аз Суғдиён”, ки соли 1932, пас аз ду соли дарёфти осори бостонии Қалъаи Муғ навиштааст, лаҳзаи қироати номи Деваштичро аз оғози номаи ӯ ба намояндаи арабҳо Амир ал-Ҷарроҳ хеле муассир қаламдод менамояд, ки мухтасараш ин аст: Ӯ менависад, ки “вақте А.А.Фрейман дастхати арабии Кӯҳи Муғро аз лифофа ба рӯи миз гузошт, ман даступо гум кардам ва пайванди ҳарфҳоро муайян намешинохтам. Лаҳзае, ки калимаи Дивастиро баъди тааммули зиёд хондам, садо дардодам ва бо зинапояи канорӣ бошитоб ба ошёнаи ҳаштум, ҷое ки Институти шарқшиносӣ ва ҳуҷраи арабшиносӣ қарор дорад, баромадам. Он ҷо дар раф китоби дувоздаҳҷилдаи таърихшиноси барҷастаи мо ат-Табарӣ ҷой дорад. Ниҳоят пас аз ҳаяҷону таассуроти ғайримунтазира тез-тез китобро варақгардон намуда, ба ҳамон ҷумлаву сархате, ки калимаи Дивашни навишта шудааст, расидам. Калимаи Дивасти аз Дивашни танҳо дар нуктаҳо тафовут дорад. Ҳарду ин калима як матлабро ифода мекунад. Вақте саҳифаеро, ки дар он ҷо зикри ин ном рафта буд, хондам, дидам, ки сухан аз боби воқеоти Осиёи Марказӣ дар қарни нахустини ҳичрӣ мерафт. Баъди итминони комил ҳосил намудан рӯҳам болида гардид ва ман бошитоб ба поён, ба ҳуҷраи кории А.А.Фрейман фаромадам. Агар ман бист сол ҷавонтар мебудам, аз тариқи зина неву аз рӯи дастгири он паридаву лағзида зуд поён меомадам. Бо ин ҳама, худро ба ҳуҷраи корӣ гирифта, ба рӯи курсӣ афтода, ба Фрейман, ки то ҳол сабаби ба боло давиданамро намедонист, гуфтам “Дивасти пайдо шуд”. Гӯё бо ин дарёфт шодиву тантана ҳамаро фарогир шуд ва сарриштаи дарки мӯҳтавои осори хаттии дарёфтшуда ба даст омад” (4, 67-68).

Сарчашмаҳои дигари муосир, чун китоби арзишманди олими бузург А.А.Фрейман “Тавсиф, интишор ва тадқиқи ҳуҷҷатҳои Кӯҳи Муғ” аз ҳақиқати таърихии ном ва кору пайкори Деваштич мукарран ёд мекунанд.

Манзури мо аз ёдкарди ин мавзӯъ ин буд, ки Оли Микол аз кадом роҳ бо Деваштич иртибот доранд ва шояд саранҷоми рӯзгори ин ҳокими баландовоза дар таърих мӯҷиби эҳёи дубора як хонадони дигари сиёсӣ пас аз садсоли дигар дар Нишопур гардидааст.

Баҳсҳои вобаста ба фаъолияти сиёсии Деваштич, ҳукумати ӯ дар мулки Панч (Панҷакат), дурустии тӯли салтанати ӯ дар Суғд (Самарқанд), нигаҳдориву нигаҳбонии ду писари Тархун, мукотиботи ӯ бо намояндагони халифа дар Мовароуннаҳр доманаи васеъ дорад.

Чун баҳси ҳар як аз ин мавзӯъ дархури ба муаммои меҳварии ин мақола нест, танҳо зикри як андеша зарур аст. Ҷамъе аз таърихнигорону муҳаққиқон дар бораи Деваштич ва Тархун ҳамчун ду шахси ҷудогона ва ҳокиме, ки паси ҳам дар Суғд ҳукумат доштанд, ёд мекунанд. Аммо А.А.Фрейман бар ин назар аст, ки Тархун на номи каси дигар, балки лақаби Деваштич аст. Тархун дар саҳнаи таърих на дертар аз соли 704 пайдо шуда, солҳои 704-710 ҳукмронӣ кард. Баъд ӯ вазифаи подшоҳии Суғдро ба Ғурак супурд. Ба андешаи ин муҳаққиқ калимаи “тархун” унвони ҳоким аст, на номи ӯ. Ӯ мегӯяд, ки мардуми чину араб ин истилоҳро ҳамчун унвони туркии ҳокимони ин минтақа корбаст менамуданд (6, 42-44).

Нуктаи дигар дар итоату парвариши Деваштич қарор доштани ду писари Тархун аст. Азбаски А.А.Фрейман шахсияти Тархунро зери тардид қарор медиҳад, ӯ мегӯяд, ки онҳо на фарзандони ҳокиме мавсум ба Тархун, балки фарзандони худи Деваштич ҳастанд.

Соли 104 ҳ.қ./722 м. миёни Саид ибни Умар ва Ҳарашӣ фармонравои Хуросон, ки дар ҳаволии Фарғона ба ғазо машғул буд ва Девастӣ, ки дар ин ҳангом ҳокими маҳалли Самарқанд буд, набарде даргирифт. Девостӣ, ки дар мақом заъф буд, худро таслим кард ва Саъид ибни Умар ба рағми қавле, ки дода буд, ӯро кушт ва сарашро ба Ироқ ва дасти чапашро ба Тухористон назди Сулаймон ибни Абиисро фиристод. Умар ибни Ҳибара волии Ироқ аз қатли Девостӣ хашмгин шуд ва Саид ибни Умарро аз ҳукумати Хуросон барканор кард. Аз он пас аз бозмондагони Девостӣ дар Суғд хабаре дар даст нест. Зоҳиран онон аз сарзамини моддии худ куч карданд (www.cgie.org.ir).

Агар ба иттилои сарчашмаҳои фавқуззикр бовар кунем, пас маълум мешавад, ки писарони Деваштич баъди марги падари хеш аз Мовароуннаҳр берун шуда, ниҳоят навводагони баъди сад сол боз ба садорат расиданд.

Ин маълумот шаҳодат аз он медиҳад, ки асли Миколиён аз Суғд буда, маҳалли ифтихори сокинони ин марзу бум аст.

Самъонӣ таборномаи Миколиёнро чунин муқаррар кардааст, ки асли онҳо ба Баҳроми Гӯр мерасад: Микол ибни Абдулвоҳид ибни Ҷабраил ибни Қосим ибни Бакр ибни Деваштӣ ибни Шур (Сур) ибни Шур ибни Фируз ибни Яздиҷурд ибни Баҳроми Ҷур (Гӯр) (http://www.noormags.com/view/fa/articlepage/12617/1176/text).

Аз чеҳраҳои барҷастаи ин хонадони начиб Абулфазли Миколӣ мебошад. Номи пурраи ӯ Абулфазл Убайдуллоҳ ибни Аҳмади Миколист. Санаи таваллуди ӯ дақиқан дар сарчашмаҳо зикр нагардидааст. Аз гуфтаи профессор Н.Зоҳидов метавон дарёфт, ки Бохарзӣ ҳангоми мулоқот бо Абулфазли Миколӣ умри вайро беш аз 80 сол муайян кардааст. Аз ин далел, олими мазкур тахмин мезанад, ки Абулфазли Миколӣ дар солҳои 50-уми асри Х ба дунё омадааст.

Таърихнигор С.Абдуллоев дар бораи ин шахсияти маъруф менависад: “Аз шоҳидии осори таърихиву адабӣ мусаллам мегардад, ки Абулфазли Миколӣ дар Нишопур дар оилаи умарои Миколӣ тавлид гашта дар муҳити дарбор тарбия ёфт ва аз забону адабиёту таърих ба хубӣ огоҳӣ пайдо намуд. Ҷои таъкид аст, ки аз оилаи Миколиён олимону адибоне, чун Абулаббос Исмоил ибни Абдуллоҳ ва Абӯмуҳаммад Абдуллоҳ ба камол расиданд. Падару бобои Абулфазл- Абӯнаср Аҳмад ибни Алӣ ва Убайдуллоҳ Абулқосим Алӣ аз Умарои Нишопур буданд. Дар дарбори эшон бархе аз шоирону олимони замон амсоли Абӯбакри Хоразмӣ, Абулфазли Ҳамадонӣ кору фаолият доштаанд. Абулфазли Миколӣ пас аз расидан ба тахти салтанат беш аз ниёгони худ уламову шуароро таҳти ҳифозату иноятаи хеш қарор дод. Вафоти Абулфазли Миколиро 28-апрели соли 1045 донистаанд” (1, 451).

Мувофиқи иттилои сарчашмаҳо Абулфазли Миколӣ дар Нишопуру Бухоро ва Макка аз донишмандони бузурги илми ҳадис дарс омӯхта, ба унвони муҳаддиси соҳибмактаб ва соҳибмаҷлис маъруф шинохта шуд.

Номбурда дар баробари фиқҳу ҳадис дар забону адаби арабӣ огоҳии комил дошт.

С.Абдуллоев мегӯяд, ки «осори манзуми ал-Миколӣ ғазалу васф, ихвониёту ҳаҷву марсияро шомил аст. Шоир хусусан дар эҷоди васф маҳорати тамом дошт. Як мазияти боризи васфиёти шоир он аст, ки ӯ ашёи муайянро ба тасвир оварда, хусусиятҳои онро бо рамзу киноя баён мекунад. Ин аст, ки гоҳо васфиёташ ба чистон шабоҳат дорад.

Дар ихвониёти хеш ал-Миколӣ дӯстон, олимон, шоирон ва соири ашхоси намоёни рӯзгорашро ситоиш намуда, баробари ин дар бо бархе аз шеърҳояш бо сӯзу гудоз аз рӯзгори пурнеъмати афроди фурӯмояву сифла ва баръакс, қашшоқиву бадбахтии ашхоси хирадманду сазовор андешаронӣ мекунад. Чун соири шуаро ӯ дар ашъораш ба дӯстон, наздикону ҷавонон маслиҳату дастур медиҳад ва эшонро ба ҷавонмардиву ростқорӣ даъват менамояд» (1, 452).

Адабиётшинос Н.Зоҳидов менависад, ки «Ашъори бозмондаи Абулфазли Миколӣ, ки маҷмӯаи он соли 1908 дар Лейпсиг ба нашр расида буд, дар аглаби анвои шеър дасти тавоно доштани ӯро тасдиқ мекунанд. Ин ашъор дар мавзӯоти мухталиф, аз қабили ишқ, тавсифи ашёи гуногуни табиат, ихвониёт, марсия, шиква аз замон, панду ҳикмат ва зӯҳд иншо шудаанд. Абулфазли Миколӣ, хусусан, дар эҷоди васф маҳорати тамом дошт. Вижагии боризи васфиёти шоир он аст, ки ӯ ашёи муайян, аз қабили гулҳои райҳон, лола, наргис, бунафша, дамидани субҳ, барфи рӯи барги дарахтон, шароб, асп ва ғайраро тавсиф намуда, хусусиятҳои онҳоро бо рамзу киноя баён мекунад. Ин аст, ки гоҳо васфҳои шоир ба луғз монанд мешаванд. Ҷанбаи ҳунарии ашъори Абулфазли Миколиро истифодаи моҳиронаи санъатҳои бадеӣ, хоссатан ташбеҳу истиора таҳвият бахшидааст» (3, 64).

Дар мақолаи ҳамноми Абулфазли Миколӣ дар «Донишномаи Сомониён» осори мансур ин адиб ба тариқи зерин тавсиф шудааст, ки мазмунан аз он сафҳа чунин иқтибос мекунем:

1. «Махзуну-л-балоға». Саолибӣ аз ин китоб ба унвони «Китобу-л-махзун» ёдовар шуда, пораҳое аз онро дар «Ятимату-д-даҳр» нақл кардааст. Байҳақӣ ва Кутубӣ ин китобро «Махзуну-л-балоға» номидаанд. Ҳоҷӣ Халифа ва Мирхонд онро «Махзану-л-

балоға» хондаанд. «Махзуну-л-балоға» номаҳо ва руқаоти Абулфазли Миколиро ба муосиронаш ва посуҳҳои онҳоро шомил буда, намунаи боризи насри мусаҷҷаи охири асри Х -аввали асри ХI маҳсуб мешавад.

2. «Фазоилу-л-мулук». Ин китоби Абулфазли Миколӣ, ки осори таърихӣ буданаш аз унвонаш пайдост, дар таълифоти Мирхонд ва Ҳоҷӣ Халифа ба қайд омадааст.

3. «Шарҳу ҳамосат Абитаммом». Аз таълифоти Абулфазли Миколӣ будани ин асарро Ҳоҷӣ Халифа ба қайд овардааст. Асаре аз ин китоб боқӣ намондааст.

4. «Шарҳ дивон ал-Мутанаббӣ». Ин китобро низ Ҳоҷӣ Халифа дар миёни таълифоти Абулфазли Миколӣ зикр кардааст. Ин ва китоби қаблӣ далел бар дасти қавии Абулфазли Миколӣ дар шарҳи ашъори сухансароёни бузурги араб аст.

5. «Милаҳу-л-хавотир ва масбаҳу-л-ҷаво-ҳир». Ҳоҷӣ Халифа номи китобро дар шакли мазкур ва Кутубӣ дар сиғаи «Милаҳу-л-хавотир ва минаҳу-л-ҷавоҳир» зикр кардаанд.

6. «Китобу-л-мунтаҳил». Ба Абулфазли Миколӣ мансуб будани ин китобро Байҳақӣ ва муаллифони баъдӣ тазаккур додаанд. Ин китоб мунтахабе аз назму насри араб аз давраи ҷоҳилия то асри Х буда, 15 бобро шомил аст. Ду нусхаи хаттӣ аз ин китоб дар ганҷинаи китобҳои Туркия ва Англия маҳфуз аст (3, 64-65).

Илова ба осори ёдшуда дар манобеъ китобҳои «ал-Маҳзун вал дур-ул-манзум вал лафз-ил-маъдум», «ал-Мунтахаб-ал-Миколӣ», «Иншо-ал-Амир Абулфазл Убайдуллоҳ ибни Аҳмад-ал Миколӣ», «Девони ашъор», «Рисола васф китобот» мансуб ба қалами Абулфазли Миколӣ медонанд.

Маҷмӯи ашъори Абулфазли Миколӣ, ки мо аз тариқи Интернет дарёфт аз сайтҳои
(http://www.sh3r.info/pid-521-1.html),
(http://www.al-hakawati.net/arabic/civilizations/diwanindex4a27.pdf)
намудем, 612 байтро дар бар мегирад. Мутаассифона, девони ашъори ӯ то замони мо омада нарасидааст.

Сайид Алӣ Оли Довуд менависад, ки тазкиранависони муосири худи ӯ ва муаллифони баъдӣ ашъори Абулфазли Миколиро гирд оварда, дар осори худ дарҷ сохтаанд. Саолибӣ дар «Ятиматуддаҳр» (ҷилди 4, саҳ.355-381) гузидаи нисбатан муфассале аз осори ӯро нақл карда, дар китобҳои дигари худ, чун «ал-Иъҷоз», «ал-Иҷоз» (с.270) ва «Сеҳрулбалоға» (с.196-197) қитаъоте аз вай овардааст. Саолибӣ дар баробари ҳифзи осори ӯ ҳамчунин дар мадҳи вай ашъоре сурудааст. Ҳусрӣ низ намунаҳои бисёре осори манзуму мансури Абулфазлро бо чанд қитъае, ки дигарон дар васфи ӯ гуфтаанд, нақл кардааст (5, 172).

Аз ахбори манбаи ёдшуда бармеояд, ки Абулфазли Миколӣ бо шоирону нависандагони асри худ мукотиба ва мушоира дошт.

Имрӯз дар китобхонаҳои Кембриҷ, Санъо, Теҳрон ва Туркия низ чанд дастнависи асарҳои Абулфазли Миколӣ нигаҳдорӣ мешаванд, ки «то ҳол мавриди таҳқиқ ва нашр қарор нагирифтаанд.

Дар маҷмӯъ, осори манзуму мансури Абулфазли Миколӣ дар баробари исботи соҳибмақомии ӯ дар адабиёту суханварӣ, инчунин шукӯҳи маънавияшро ҳамчун намояндаи барҷастаи хонадони Миколиён маъруф месозад.

Пайнавишт:

1. Абдуллоев С. Фарҳанги Сомониён.-Москва: 4-й филиал Воениздат, 2001.- 600 с.

2. Ғафуров Б. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. Иборат аз 2 китоб. Китобҳои 1 ва 2.-Душанбе: Ирфон, 1998.-704с.; 416 с.

3. Зоҳидов Н. Абулфазли Миколӣ, Абулфазл Убайдуллоҳ ибни Аҳмад ибни Алии Миколӣ. /Донишномаи Сомониён. Ҷ.1. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2008.-545 с.

4. Крачковский И.Ю. Над арабскими рукописями. Листки воспоминаний о книгах и людях.-Москва: Правда, 1948.-80 с.

5. Сайид Алӣ Оли Довуд, Оли Микол / Доирату-л-маорифи бузурги исломӣ, ҷ.2, Теҳрон: Муассисаи Донишномаи Бузурги Исломӣ, 1374, с.168-174;

6. Фрейман А.А. Описание, публикации и исследование документов с горы Муг. Согдийские документы с горы Муг. Выпуск 1. –Москва: Издательство Восточной литературы, 1962.-92 с.
7. Якубов Ю. Паргар в VII- VIII веках нашей эры. Душанбе: Дониш, 1979, 218 стр.

ЖИЗНЬ И ТВОРЧЕСТВО АБУЛФАЗЛ МИКОЛИ

Холов Назармухаммад

Статья посвящается исследованию жизненной деятельности и творческому наследию одного из известнейших поэтов персидско-таджикской литературы X-XI века Абдулфазла Миколи. В статье жизненный путь Миколи прослеживается в тесной взаимосвязи с изучением династии Миколи, которая берет свои корни из рода Деваштич – согдийского правителя Самарканда.

Автор впервые в таджикском литературоведении вовлекает в орбиту исследования роль и значение творческого наследия Абулфазла Миколи в эволюции арабоязычной литературы и его приверженность доисламским иранским традициям.

Ключевые слова: Абулфазл Миколи, Деваштич, история Нишарупа, арабоязычная персидская поэзия

LIFE AND WORKS OF ABULFAZL MIKOLI

Kholov Nazarmuhammad

The article is devoted to the creative work and creative heritage of one of the most famous poets of the Persian –Tajik Literature of X-XI century Abulfazl Micoli. The article posses Micoli seen in close connection with the learning of the dynasty Nicola's, which has its roots in the relation of Devashtich – Sogdian, ruler of Samarkand.

The author involves the orbit of the role and importance of the creative heritage of Abulfazla Micoli in the evolution of the Arabic-language literature, and his commitment to the Iranian pre-Islamic traditions in Tajik literary firstly.

Key words: Abulfazl Mikoli, Devashtij, history of Nishapur, Arabic language Persian literature.

Сведения об авторе: Холов Назармухаммад – аспирант Худжандского научного центра Академии наук Республики Таджикистан, Тел: (+992) 92 -755-75-81

Information about the author: Kholov Nazarmuhammad, postgraduate student, Khujand scientific center of Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, tel.: (+992) 92 -755-75-81

ИСТИЛОҲОТИ ДАБИРӢ ДАР «МАФОТЕҲ-УЛ-УЛУМ»-И АБӮАБДУЛЛОҲ МУҲАММАДИ ХОРАЗМӢ

Зоиров Ҳ.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Яке аз куҳантарин сарчашмаҳое, ки дар бораи девонҳо ва истилоҳоти махсуси дабирони девони аҳди сомонӣ маълумот медиҳад, «Мафотеҳ-ул-улум»-и Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Юсуфи Хоразмӣ мебошад. Хоразмӣ аз дабирони маъруфи қарни X буда, муддате ба ҳайси дабири фармонравоёни сомонӣ адои вазифа намудааст. Агарчи замони таълифи «Мафотеҳ-ул-улум» байни солҳои 977-982 милодӣ мебошад, ба эҳтимоли наздик ба яқин, аксари истилоҳоти девонӣ, ки муаллиф ба шарҳу тавзеҳи онҳо пардохтааст, ҳанӯз то ислом низ байни дабирони девон дар кор будаанд. Шоҳиди ин фикр чанд истилоҳе мебошанд, ки дар асл порсӣ буда, минбаъд дар замони исломӣ муарраб шудаанд.

Дабири мазкур дар боби чоруми мақолати аввали китоби «Мафотеҳ-ул-улум», ки «Дар оини дабирӣ» («Илми дабирӣ ё нависандагӣ») унвон дорад, дар ҳашт фасл истилоҳоти махсуси дабирони девонро шарҳу тавзеҳ додааст (9, 55-77). Бояд қоил шуд, ки омӯзишу таҳқиқи ин истилоҳот ҷиҳати шинохти бештари расму оини дабирии даврони тоисломӣ ва исломӣ хеле судманд аст. Худи муаллифи китоб низ ҷое ба арзиши ин асар ишора намуда мегӯяд: «Ин китобро «Мафотеҳ-ул-улум» ном ниҳодам, барои он ки мадхали дониш аст ва барои бештари донишҳо дар ҳукми калид аст, пас ҳар кас онро бихонад ва матолибашро ба хотир супурад ва, сипас дар китобҳои илмӣ ба диққат бингарад, бо он улум ошно мешавад ва ба рози онҳо пай мебарад, агарчи бо он улум бегона бошад ва бо аҳли он донишҳо мусоҳабат ва ҳамнишинӣ накарда бошад» (9, 5-6).

Дар фасли аввали боби мазкур, ки «Асомии ёддоштҳо ва дафотир ва корҳое, ки дар девонҳо анҷом мешавад» унвон дорад, Хоразмӣ ба шарҳу тавзеҳи 27 истилоҳ пардохтааст, ки инҳоянд:

Қонун-ул-хароҷ (قانُونُ الخَراج), аворач (اَوارَج), рӯзномаҷ (رُزنامَج =рӯзнома), хатмат (خَتمَة), хатмат-ул-ҷомиат (خَتمَةُ الجامِعَة), таъриҷ (تأريج), ариза (عَريضَة), бароат (بَراءَة), мувофақат ва ҷамоат (مُوافَقَة و جَماعَة), ҷаридат-ус-савдо (جَريدَةُ السَّوداء), рақъат (رَجعَة), рақъат-ул-ҷомиат (الجامِعَةرَجعَة), сакк (صَكّ), муомарат (مُؤامَرَةٌ), сакк (صَكّ), истиқрор (اِستِقرار), мувосафат (مُواصَفَة), ҷаридатун мусаҷҷалат (جَريدَةٌمُسَجَّلَة), сиҷилл (سِجِلّ), сиҷилл (سِجِلّ), фиҳрист (فِهرست), дастур (دَستُور), тарқин (تَرقِين), ҷоиза (جائِزَة), азҷизаҷ (اَذجيذج), авшанҷ (اَوشَنج), дурузан (دُروزَن).

Чунон ки дар фавқ ишора шуд, қисмате аз ин истилоҳот дар асл форсӣ буда, то даврони исломӣ байни дабирони эронӣ ба кор мерафта ва дар замони сомонӣ ва даврони дабирии Хоразмӣ ба шакли муарраб ё андаке тағйир ба кор мерафтаанд. Шоҳиди ин фикр истилоҳоти зер мебошанд:

«**Аворач** (اَوارَج) – ин калима муарраби овора(саргардон, гумшуда, дар истилоҳи дабирони девон ба маънии ҳисоб ба кор мерафта ва ҳисобкунандаро «оворагир» мехондаанд- З.Ҳ.) аст ва дар форсӣ маънии манқул (дафтари ёддошт) медиҳад, зеро ҳисобдор миқдори хироҷеро, ки барои ҳар кас таъйин шуда, дар он нақл мекунад ва миқдори пардохтии ӯро ҳар дафъа сабт менамояд, то ҳисоби бадаҳкор тасфия гардад» (9, 57).

«**Рӯзномаҷ** (رُزنامَج =рӯзнома) – яъне ёддошти рӯзона, зеро корҳое, ки дар ҳар рӯз анҷом мешавад, монанди гирифтани хироҷ ё пардохти нафақа ва ғайраро дар он менависанд» (9, 57).

«**Таъриҷ** (تأريج) – гуфтаанд ин калима форсӣ аст ва маъноояш низому тартиб аст, зеро монанди сиёҳа (имрӯз ба шакли сиёҳнавис дар кор аст-З.Ҳ.) ё пешнависе аст, ки барои расидагӣ ба ҳисобҳои мутааддид, ки ба донистани тамоми онҳо ниёз аст, мавриди истифода воқеъ мешавад…» (9, 57).

Аз 27 истилоҳи мазкур 3 истилоҳи охир (азҷизаҷ (اَذجيذج), авшанҷ (اَوشَنج), дурузан (دُروزَن) махсуси дабирони Ироқ буда ва аз онҳо ду истилоҳи зер дар асл форсӣ будаанд:

«**Азҷизаҷ** (اَذجيذج) – ба маънии малқут аст, ин калима форсии муаррабшуда аст.

Авшанҷ (اَوشَنج) – тафсири ин калима матвӣ (=навардида/نورديده) ва маҷмӯъ аст. Ин калима низ форсии муаррабшуда аст» (9, 60).

Мутарҷими ин китоб, Ҳусайни Хидевҷам эҳтимол дорад, ки вожаи «азҷизаҷ» муарраби калимаи «анҷида», аз масдари «анҷидан» буда, маънии дарав кардан ва нарм шуданро дорад (р.к.: ҳошияи 9, 60).

Байни истилоҳоти мазкур истилоҳҳое низ ба назар мерасанд, ки шакли ягонаи навишт дошта, ба зоҳир як истилоҳро мемонанд, аммо дар асл маънии мухталифро соҳибанд. Шоҳиди ин фикр истилоҳҳои зайл мебошанд:

«**Сакк** (صَكّ) – маншуре аст, ки дар он ҳар навъ ҷира(جيره) ва вазифа сабт мешавад. Дар ин маншур асомии ротибагирон ва теъдоди онон ва миқдори вазифае, ки барои онон таъйин шуда, навишта мешавад. Мӯҳр ва имзои султон низ дар поёни ин маншур нақш мегардад, то мустамирии онон қобили пардохт бошад» (9, 59).

«**Сакк** (= чак, шакли муарраби чак, яъне санад ва ҳуҷҷати махсус-З.Ҳ.)(صَكّ=چک) – низ маншуре аст, ки барои пардохти уҷрат(музди меҳнат, киропулӣ-З.Ҳ.)-и сорбонон ва шутурдорон ва амсоли онон навишта мешавад» (9, 59).

Хоразмӣ дар фасли дувуми боби мазкур ба ташреҳи истилоҳоти дабирони девони хироҷ пардохтааст, ки дар маҷмӯъ ҳудуди 40 истилоҳ мебошанд (9, 61-64). Бештари истилоҳоти ин фасл арабӣ буда, бешак, танҳо дар замони исломӣ аз ҷониби дабирон ба кор мерафтаанд. Мисоли ин ҳарф истилоҳи «ушр» мебошад, ки Хоразмӣ ба истилоҳи даврони исломӣ будани он ишора карда мегӯяд: «**Ушр** (عُشر) – миқдори закоти замине аст, ки мардумаш дар ҳамон замин қабули ислом карда бошанд, ё закоти сарзаминҳое, ки мусулмонон обод карда бошанд, ё закоти қатоеъ аст, яъне заминҳое, ки ҳукмрон ба расми туюл (замине, ки ҳокимон ба мансабдорони хеш барои ба даст овардани фоида медоданд- З.Ҳ.) ба онон вогузор карда бошад» (9, 61).

Аз ин фасли китоб маълум мешавад, ки дар замони Сомониён дабирони девони хироҷ аз истилоҳоти даврони ҷоҳилияти араб низ истифода мекардаанд. Хоразмӣ ҳини ташреҳи истилоҳи «рикоз» ба ин маънӣ ишора намуда мегӯяд: «**Рикоз** (ركاز)– дафинаи замони ҷоҳилият аст» (9, 61).

Гоҳе муаллифи китоби мазкур барои иттилои бештар ба дасти хонанда додан муродифи форсии истилоҳҳоро низ баён намудааст. Чунончи: «**Тасқ/Тисқ** (طسق/طِسق)– хироҷе аст, ки барои анвои зироат дар ҳар ҷариб таъйин мешавад. Ин калимаро дар форсӣ «ташк» (تَشک) мегӯянд, ки ба маънии уҷрат ва дастмузд аст» (9, 62).

Фасли сеюми боби мазкур махсус ба шарҳу тавзеҳи истилоҳоти дабирони девони хизона аст(9, 64-65). Дар ин фасл 11 истилоҳ шарҳ дода шудааст. Хоразмӣ дар ин фасл бештар ба ташреҳи вожаю истилоҳҳое пардохтааст, ки баёнгари ченаки пул мебошанд. Ба мисли динор, қирот, ҳубба. Гоҳе муаллиф аз ташреҳи истилоҳоте, ки дар он замон маъруф будаанд, худдорӣ намудааст. Чунончи гӯяд: «**Суфтаҷат** (سُفتَجَة)– маъруф аст» (9, 64).

Агарчи ин истилоҳ байни дабирони девони аҳди сомонӣ маъруф буда ва ниёз ба ташреҳ надошта, аксари хонандаю пажӯҳишгарони имрӯзро маънии он равшан нест. Таҳиягари китоби «Тарҷумаи Мафотеҳу-л-улум» ин вожаро чунин шарҳ кардааст: «**Суфтаҷат =** суфта: ҳавола, яъне шахсе моли худро ба расми қарз ё орият ба касе дар шаҳре ё ҷое биспарад, то дар шаҳр ё ҷои дигаре пас бигирад. Ба иллати амнияти роҳ ва хавф аз роҳзан инчунин мекардаанд (9, ҳошияи саҳ. 64).

Расми мазкур имрӯз низ дар кор аст. Чунончи, чанде аз муҳоҷирони меҳнатӣ, ки айни ҳол дар Русия кор мекунанд, ба ҳамин усул маблағи худро ба пайвандони хеш мефиристанд.

Муҳаммад Муин низ «суфтаҷат»- ро муарраби вожаи «суфта» медонад ва мегӯяд, он моле аст, ки ба шаҳре диҳанд ва дар шаҳри дигар ситонанд (4, 575).

Дар фасли чорум истилоҳҳое шарҳ дода шудаанд, ки махсуси дабирони девони барид аст (9, 65). Шоистаи зикр аст, ки девони барид ҳанӯз то пирӯзии ислом дар девонҳои ҳуккоми эронӣ фаъолият мекард, аз ин рӯ, аксари истилоҳҳои он девон дар даврони исломӣ низ бо ҳамон сурат ё бо андаке тағйир ва ё ба шакли муарраби онҳо ба кор мерафтанд. То пирӯзии ислом онро «девони чопорхона» меҳонданд ва дар замони ҳукумати Умавиён он номи «девони барид»-ро бар худ гирифт. Ин фасли китоб нисбат ба фусули дигар кӯчактар буда, дар он ҳамагӣ 5 истилоҳ шарҳ дода шудааст. Хоразмӣ ин ҷо кӯшиш намудааст, ки баробари ташреҳи истилоҳҳо маълумотҳои ҷолиберо оид ба баромади калимаҳо ва расму одоби номанигорӣ баён намояд. Лозим ба таъкид аст, ки муаллифи китоб истилоҳотро на аз рӯи ҳуруфи таҳаҷҷӣ ё тартиби муайян, балки пайи ҳам оварда ва шарҳ намудааст. Чунончи, дар ин фасл аввал вожаи «барид» ва сипас истилоҳҳои «фуроник», «мувакқеъ», «сиккат» ва «аскудор»- ро шарҳ додааст. Ҷиҳати иттилои бештар таваҷҷӯҳ созед ба шарҳу тавзеҳи истилоҳоти зайл: «**Барид** (بَرید) – калимае аст форсӣ ва дар асл «бурида занаб»(=бурида дум) будааст, баъд калимаи баридро бидуни қисмати охираш истеъмол кардаанд, ин калима муарраб шуда ва тахфиф ёфтааст. Астарро барид(астароне, ки дар ҳар дувоздаҳ мил(сеяки фарсанг, ки тахмин 4000 қадам аст) барои савороне, ки номабари подшоҳ буданд, омода мекарданд- З.Ҳ.) ва пайке, ки бар он савор мешавад, барид(номарасон, қосид-З.Ҳ.) гӯянд ва низ сиккаҳое, ки дар тӯли роҳ бино шуда, барид ном дорад, зеро дар ҳар сикка астари барид нигаҳдорӣ мешавад ва фосилаи миёни ҳар ду сикка дар ҳудуди ду фарсах аст.

Фуроник (فُرانِق) (= парвона ё парвонагӣ) – касе аст, ки бастаҳои пустиро бо худ ҳамл мекунад ва «ходим» номида мешавад ва маънии он дар форсӣ парвона аст.

Муваккеъ (مُوَقَّع)– он касе аст, ки бар рӯи аскудор дар ҳангоми вуруд ва хуруҷ мӯҳр мезанад.

Сиккат (سِكَّة) – маҳалле аст, ки пайкҳои омода дар он манзил мекунанд, аз қабили работ ё кубба ё хона ё амсоли онҳо.

Аскудор (اَسكُدار) – калимае аст форсӣ ва маънии он «аз ку дорӣ» аст, яъне: Аз кучо дорӣ? Ва он мудраче (дарҷ кардашуда- З.Ҳ.) аст, ки дар он теъдоди харитаҳо ва номаҳои ворид ва содир ва асомии соҳибони онҳо навишта мешавад» (9, 65).

Фасли панҷуми боби чаҳорум махсуси истилоҳоте аст, ки дабирони девони сипоҳ ба кор мебурданд (9, 66- 67). Теъдоди ин истилоҳот 17 адад буда, истилоҳҳо мисоли фусули қаблӣ бидуни тартиби ҳуруфи таҳаҷҷӣ оварда шудаанд. Ҷоиз ба таъкид аст, ки ҳамаи истилоҳоти ин фасл арабӣ мебошанд ва муаллифи китоб аз баромади форсӣ доштани онҳо иттилоъ надодааст. Аз ташреҳи истилоҳот маълум мешавад, ки қисмате аз онҳо наздик ба маънии луғавии хеш мебошанд, ба мисли истилоҳҳои «нақл» ва «мухалл». Аммо қисмати дигари ин истилоҳот аз маънии луғавии хеш каме дур афтодаанд ва хонанда ба зудӣ наметавонад маънии истилоҳии онҳоро фаҳм намояд ва ниёзе ба ин гуна ташреҳот пайдо мекунад ва мисоли ин ҳарф истилоҳи «талмиз» аст. Ҷиҳати иттилои бештар таваҷҷӯҳ намоед ба шарҳи истилоҳҳои мазкур:

«**Нақл** (نَقل) – миқдоре аз ҳуқуқи сипоҳиро кам кардан ва ба мустамирр(музди муқаррарӣ, маъмулӣ-З.Ҳ.)-ии марде дигар афзудан.

«**Мухалл** (مُخَلّ) – он сипоҳе аст, ки номаш аз девон ҳазф шуда ва дубора сабт нашудааст.

«**Талмиз** (تَلمِيظ) – мусоада, яъне пардохти миқдоре аз ҷира (чизе аз хӯрданӣ, нӯшиданӣ ва пӯшиданӣ, ки ба сипоҳиён диҳанд-З.Ҳ.) ва мавоҷиби пеш аз мавъиди муқаррар, дар ин сурат мегӯянд: Ва қада луммизу биказо ва казо (و قَدَ لُمِّظُوا بِكَذاوَكَذا). Яъне: фалон миқдор мусоада гирифтаанд. Ин калима аз «ламаза йалмузу» (لَمَظَ يَلمُظُ) муштақ шуда ва он иборат аст аз баргирифтани боқимондаи ғазо ба василаи забон, яъне хӯрдағазое, ки дар даҳон ба ҷо мондааст бо забон баргиранд ва ин хӯрдағазоҳоро «лумозат» (لُماظَة) мегӯянд» (9, 66-67).

Дар фасли шашум истилоҳҳое шарҳ дода шудаанд, ки дабирони девони зиёъ ва нафақот ба кор мебурданд (9, 67-69). Хоразмӣ ин ҷо истилоҳҳоро дар 4 бахши зер шарҳ намудааст:

а)истилоҳҳое, ки андозагирон ҳини андозагирии тӯлӣ ё арзӣ ба кор мебурданд, ба мисли ашл (اَشل), ноб (ناب), қабзат (قَبضَة), исбаъ (اِصبَع);

б)истилоҳҳое, ки андозагирон дар андозагирии сатҳу ҳаҷм ба кор мебурданд, мисоли ҷариб (جريب), қафиз (قَفِيز), ашир (عَشِير);

в)истилоҳҳое, ки махсуси кайл(паймона, микёл; зарфе, ки барои андоза гирифтани чизи моеъ бо чизи хушк, чун гандум ва ҷав ба кор баранд- З.Ҳ.)-ҳои Ироқ аст, ба монанди қанқал (قَنقَل), курри ҳорунӣ (كُرّ هارُونيّ), курри аҳвозӣ (كُرّ اَهوازيّ), қаб(б) (قَبّ);

г)истилоҳоте, ки махсуси кайлҳои Хуросон аст, ба мисли ҷариб (جَرِيب), сух(х) (سُخّ), ғур (غُور), ғор (غار).

Аз ташреҳи Хоразмӣ равшан мешавад, ки дар он даврон ченаки як макон ё шаҳр аз макон ё шаҳри дигар фарқ мекардааст. Аз ин рӯ, дабирони ин девонро зарур буд, ки ченаки ҳар маконро ба хубӣ донанд. Ҷиҳати иттилои бештар таваҷҷӯҳ созед ба шарҳи истилоҳҳои зайл, ки махсуси кайлҳои Хуросон мебошанд:

«**Ҷариб** (جَرِيب) – иёри ҷариб дар ҳар сарзамине фарқ мекунад ва миқдори он бо даҳ қафиз баробар аст. Иёри қафиз низ дар ҳар шаҳре фарқ мекунад.

Нағначат (نَغنَجَة) – кайли мардуми Бухорост ва иёраш ҳафтоду панҷ ман(ченаки вазн, ки дар ҳар макон гуногун аст ва дар истилоҳи шаръӣ баробари 846г.-З.Ҳ.) гандум аст.

Сух(х) (سُخّ) – кайли мардуми Хоразм ва Тахористон аст ва иёраш бисту чаҳор ман аст, ки миқдори он ду қафиз(зарфи махсус, ки ғаллаю гандум чен кунанд-З.Ҳ.) аст.

Ғур (غُور) – кайли мардуми Хоразм аст, ки бо дувоздаҳ сух(х) баробар аст.» (9, 68-69).

Фасли ҳафтум махсуси истилоҳоте аст, ки дабирони девони об ба кор мебурданд (9, 69-71). Хоразмӣ ин ҷо ҳудуди сӣ истилоҳро шарҳ додааст. Лозим ба зикр аст, ки девони об ҳанӯз то ислом дар кор буд ва дабирони он истилоҳҳои махсуси хешро доштанд. Дар ин фасл истилоҳҳое оварда шудаанд, ки дар асл форсӣ буда, сипас муарраб шудаанд, ба мисли девони кастабзуд. Чунончи гӯяд: «**Девони кастабзуд** (دِوان كَستَبزُود), ки аз калимаи «костафзуд» ба маънии коҳиш ва афзунӣ муарраб шуда, девоне аст, ки хироҷи тамоми касоне, ки молики об ҳастанд, дар он сабт мешавад ва аз миқдори афзунӣ ё камии хироҷ ва таҳвил ёфтани исме ба исми дигаре хабар медиҳад» (9, 69).

Хоразмӣ ин ҷо боз аз истилоҳҳое хабар медиҳад, ки махсуси як шаҳр ё кишвар аст. Ба монанди девон-ул-моъ, баст, дарақот ва мазрақот. Чунончи, дар ташреҳи истилоҳоти зер гӯяд: «**Баст** (بَست) – паймонае аст, ки мардуми Марв ба кор мебаранд ва он зарфе аст, дорои сӯрохӣ барои вуруди об, ки тӯлу арзи он сӯрох ба андозаи як ҷав аст.

Дарақот ва мазрақот (دَرَقات و مَزرَقات) – номи абзори тақсимкунандаи об аст, дар шаҳрҳои Мовароуннаҳр» (9, 69-70).

Фасли ҳаштуми боби мазкур шомили истилоҳоте аст, ки махсус ба ҳунари нависандагии дабирони девони расоил мебошанд (9, 71- 77). Дабирони ин девон бар замми истилоҳҳое, ки махсуси дабирони девонҳои дигар буд, боз истилоҳотеро ба кор мебурданд, ки баста ба ҳунари котибӣ ва нависандагӣ ва фасоҳату балоғати калом буданд. Хоразмӣ дар оғози ин фасл ба ин маънӣ ишора намуда мегӯяд:

«Тамоми истилоҳоте, ки дар фаслҳои ин боб зикр шуд, ҳамонҳое аст, ки дабирони расоил ба кор мебаранд, вале ман дар ин фасл аз истилоҳоти хоси ин гурӯҳ дар мавриди нақди сухан ва таърифи зебоӣ ва зиштии он сухан мегӯям» (9, 71).

Аз қавли мазкури муаллифи китоб бармеояд, ки дабирони девонро истилоҳоти зиёде буда, аммо ӯ танҳо ба ташреҳу тавзеҳи истилоҳҳое пардохтааст, ки боис ба зебоӣ ва зиштии сухан мешудаанд.

Ин фасл нисбат ба фаслҳои қаблӣ бузургтар буда, дар он 36 истилоҳ шарҳ дода шудааст. Истилоҳоти ин фаслро ба ду қисмат метавон ҷудо кард:

1.Истилоҳҳое, ки корбурди онҳо боиси фасоҳат ва зебоии калом аст. Монанди истилоҳҳои тасҷеъ, тарсеъ, иштиқоқ, истиора, муқобала, татмим, муболаға, мусовот, ишора ва ғ.

2.Истилоҳҳое, ки ба кор бурдани онҳо боиси зиштӣ ва уюби сухан аст. Монанди истилоҳҳои тазрис, фасод-ул-муқобалот, фасод-ут-тафсир, фасод-ут-тақсим, акс-ул-ихлол, муозалат ва таъқид, такрир, интиқол ва ғ.

Аз ҷумлаи истилоҳоти ин фасл 30 истилоҳ вобаста ба ҳунари котибӣ ва нависандагӣ буда, танҳо 6 истилоҳ махсуси дабирони девон аст. Аз ташреҳи Хоразмӣ маълум мешавад, ки қисмати аъзами ин истилоҳот боиси зебоии сухан ва андаке аз онҳо сабаби уюби сухан аст. Яке аз истилоҳҳое, ки сабаби зебоии сухан аст, истилоҳи «татмим» аст ва Хоразмӣ дар ташреҳи он мегӯяд: «**Татмим** (تَتميم) – ба кор бурдани тамоми саноее, ки боиси камол ва зебоии сухан мешавад, монанди сухани Умар ибни Хаттоб, разиаллоҳу анҳу, дар таърифи ҳукмрон: яҷибу ан якуна маъаҳу шиддатун фӣ ғайри унфин, валинун фӣ ғайри зуъфин (يَجِبُ اَن يَكُونَ مَعَهُ شِدَّةٌ في غَيرِ عُنفٍ ، ولِينٌ في غَيرِ ضُعفٍ), яъне бояд, ки дур аз ситамгарӣ, оҳанинирода бошад ва бар канор аз нотавонӣ ва забунӣ меҳр варзад» (9, 73).

Аз ҷумлаи истилоҳоте, ки истифодаашон боиси уюб ва зиштии сухан мегарданд, яке истилоҳи «муозалат ва таъқид» аст ва Хоразмӣ дар ташреҳи он мегӯяд: «**Муозалат ва таъқид** (مُعاظَلة و تَعقيد)– аз уюби калом аст, яъне аҷзои сухан тавре дар ҳам рехта шавад, ки ҷуз бо андешаи бисёр ё такрори истимоъ ё мутолааи пайгир фаҳмида нашавад…»(9, 76).

Шоистаи зикр аст, ки аксари кулли истилоҳоти ин фасл махсуси дабирони даврони исломӣ мебошанд ва Хоразмӣ низ барои шоҳиди аксари онҳо ҷумлаҳои арабиро овардааст. Асноди шоҳиде, ки Хоразмӣ зайли истилоҳот овардааст, ҳамагӣ арабӣ буда, аз Абӯалии Басир, халифа Мансур (сухане, ки дар хутбаи худ пас аз қатли Абӯмуслим эрод намуд), Умар ибни Хаттоб(раз.) ва дигарон мебошанд. Аксар вақт Хоразмӣ аз зикри гӯяндаи асноди шоҳид худдорӣ мекунад ва чунин мегӯяд: «монанди ин сухан»(зайли истилоҳи «музораат»), «яке аз адибон дар муноҷот гуфтааст» (зайли истилоҳи «табдил»), «монанди ин гуфта» (зайли «истиора»), «монанди навиштаи яке аз

дабирон» (зайли «фасод-ут-тафсир», «интиқол»), «яке аз руасои дабирон ба корманди худ навиштааст» (зайли «фасод-ут-тақсим») ва ғ.

Аммо, ба эҳтимоли наздик ба яқин, шаш истилоҳе, ки махсуси дабирони девон мебошанд, ҳанӯз то ислом низ мавриди истифодаи дабирони эронӣ буданд. Чун ин истилоҳот ба баҳси ҳозир дахл доранд, овардани шарҳи онҳоро ин ҷо савоб медонем.

«**Иншо** (إنشاء) – пешнависе аст, ки дабир таҳия мекунад ва ба соҳиби девон нишон медиҳад, то агар хост, матлабе бар он бияфзояд ё кам кунад ё ин ки таъйид намояд ва дастури таҳрир бидиҳад.

Таҳрир (تحرير) – монанди эътоқ аст (= барда озод кардан), яъне номаро аз чиркнавис ба сафҳаи сафед ва покиза нақл кардан.

Сабт (ثبت) – истинсохи (нусхабардорӣ кардан, рӯйнавис намудан- З.Ҳ.) номаҳост бо аъён ва ҷавомеъ ва нукати онҳо (яъне бо тамоми ҷузъиёташон).

Авора (أوارَه) – яъне матлабе, ки дар охири нусхаи мавҷуд ё ҳар номаи дигаре, ки ворид шуда ё содир гардида, сабт мешавад.

Аскудор (اسکدار) – мадраҷе аст, ки тамоми номаҳое, ки барои мӯҳру имзо фиристода мешавад, дар он сабт мегардад. Иштиқоқи ин калимаро пеш аз ин, дар таърифи калимаи аскудор, ки шомили теъдоде нома ва харита ва асомии соҳибони номаҳо мешавад, зикр кардаем ва кофӣ аст. (Хоразмӣ ин вожаро дар фасли чоруми ин боб низ шарҳ карда ва мо дар сафаҳоти қаблӣ онро оварда будем – З.Ҳ.)

Торих (تاريخ) – бино бар он чӣ ривоят шуда, ин калима форсӣ аст ва аслаш «моҳ рӯз» будааст, ки муарраб шуда, ин иштиқоқ баид ба назар мерасад, вале (дар китоб) омадааст» (9, 76).

Хоразмӣ ҳамчун донандаи хуби фанни дабирӣ ва нависандагӣ гоҳе ҳини ташреҳу тавзеҳи истилоҳот андешаҳои танқидии хешро низ эрод намудааст, ки аҳамияти илмии китобро боз ҳам афзун намудаанд ва баёни ин баҳси ҷудо мехоҳад.

Хулоса, «Мафотеҳ-ул-улум»-и Хоразмӣ яке аз қадимтарин кутубе аст, ки дар бораи девонҳо ва истилоҳоти махсуси дабирони девон маълумот медиҳанд. Агарчи замони таълифаш оғози қарни даҳум ва замони ҳукумати Сомониён аст, метавон онро хатти васле байни ду давра – аҳди Сосониён ва Сомониён донист. Ҳини омӯзишу таҳқиқ маълум гардид, ки қисмате аз девонҳо ва истилоҳоти дабирони ин аҳд ҳанӯз қабл аз ислом, яъне дар аҳди Сосониён низ ба кор мерафтаанд. Шоҳиди ин фикр истилоҳоте мебошанд, ки аслашон форсӣ буда, минбаъд дар даврони исломӣ ба шакли муарраб ба кор рафтаанд.

Пайнавишт:

1. Деҳхудо, Алиакбар. Фарҳанги мутавассити Деҳхудо. Дар ду ҷилд. Зери назари дуктур Саид Ҷаъфари Шаҳидӣ. Ба кӯшиши Ғуломризо Ситуда, Эраҷ Меҳракӣ ва Акрам Султонӣ. – Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1385. Ҷилдҳои аввал ва дувум. - 3224 саҳ.
2. Кристенсен, Артур. Эрон дар замони Сосониён: Таърихи Эрони Сосонӣ то ҳамлаи араб ва вазъи давлат ва миллат дар замони Сосониён. Тарҷумаи Рашид Ёсамӣ. – Теҳрон: Нигористони китоб, 1383. - 562 саҳ.
3. Муҳаммадӣ, Муҳаммад. Фарҳанги Эрон пеш аз ислом ва осори он дар тамаддуни исломӣ ва адабиёти арабӣ. Теҳрон: Интишороти Тӯс, 1374. -382 саҳ.
4. Муин, Муҳаммад. Фарҳанги форсӣ(якҷилдӣ). -Теҳрон, 1383, 1242 саҳ.
5. Тафаззулӣ, Аҳмад. Таърихи адабиёти Эрон пеш аз ислом. Ба кӯшиши Жола Омӯзгор. – Теҳрон: Сухан, 1377. - 452 саҳ.
6. Фарҳанги муосири форсии якҷилдӣ. Таълифи Ғуломҳусайн Садрии Афшор, Насрин Ҳакамӣ, Настаран Ҳакамӣ. -Теҳрон: Фарҳанги муосир, 1382. – бисту чаҳор+1354 саҳ.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. -Москва: Советская энсиклопедия, 1969.
8. Хатибӣ, Ҳусайн. Фанни наср дар адаби порсӣ. – Теҳрон: Заввор, 1375, - 637 саҳ.
9. Хоразмӣ, Абдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Юсуфи Котиб. Тарҷумаи «Мафотеҳу-л-улум». Мутарҷим Ҳусайни Хидевҷам. Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1383, - 330 саҳ.

ТЕРМИНЫ ДАБИРСТВА В «МАФОТЕХ-УЛ-УЛУМ» АБУ АБДУЛЛАХА МУХАММАДА ХОРАЗМИ

Х. Зоиров

Статья посвящена анализу труда «Мафотех-ул-улум» Абу Абдуллаха Мухаммада Хоразми и его значения в изучении диванов, правил и порядков дивана переписки саманидской эпохи, терминов дабирства. На основе материалов книги Хоразми и других источников автор статьи подвергает анализу писательское мастерство, правила и порядки дабиров саманидской эпохи. Утверждается, что большинство терминов дабирства указанной эпохи имеют персидские корни и имели хождение в практике доисламских письмоводителей времен правления Сасанидов.

Ключевые слова: «Мафотех-ул-улум» Абу Абдуллаха Мухаммада Хоразми, письмоводитель (дабир) дивана, диван переписки, термины дабирства, писательское мастерство, Саманидская эпоха

TERMS OF DABIRISM IN ABU ABDULLAKH MUKHAMMAD KHORAZMI`S "MAFOTEKH-UL-ULUM"

Kh. Zoirov

The article deals with the analysis of Abu Abdullakh Mukhammad Khorazmi`s work "Mafotekh-ul-Ulum" and its importance in the study of divans, the rule and order of divan, correspondence of the Samanids` epoch, terms of dabirism. On the basis of materials of Khorazmi`s book and other original sources the author analyzes rules and order of dabirs, of Samanids' epoch. It is affirmed that the majority of the terms of dabirism used in the epoch have Persian root and were used in practice of pre-Islamic letter- writers who lived in the period governed by the Samanids.

Key words: Abu Abdullakh Mukhammad Khorazmi`s "Mafotekh-ul-Ulum", letter-writer (dabir) of divan, divan of correspondence, terms of dabirism, writer`s mastership, the Samanids` epoch

Сведения об авторе: Зоиров Ҳалимҷон - кандидат филологических наук, доцент Худжанского государственного университета имени академика Б.Гафурова, тел.: (+992)918-44-45-11, e-mail: z.halimjon@mail.ru

Information about the author: Zoirov Khalim – Ph. D. in Philology, docent, Khujand State University named after academician B. Gafurov, phone: (+992) 918-44-45-11, e-mail: z.halimjon@mail.ru

САҲМИ УБАЙДИ РАҶАБ ДАР ШИНОХТИ АДИБОНИ НОМВАР

Фарҳод Ҳусейнзода
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Убайди Рачаб аз адибони қаламкаши фидоӣ ва сермаҳсул дар адабиёти навини тоҷик ба ҳисоб меравад. Гарчанде доираи эҷодиёти шоир фарогири адабиёти кӯдакон ва наврасон бошад ҳам, хотираҳои аҷиби устодони назму наср аз қабили С.Айнӣ, М.Раҳимӣ, А.Деҳотӣ, Б.Раҳимзода, П.Толис, А.Шукӯҳӣ, Ф.Муҳаммадиев, А.Сафар ва чанде дигар дорад, ки қисме аз он дар китоби «Дӯш будам ҳамнишин» дастраси хонанда гардидааст. Фақат Убайди Рачаб тавонист, ки қисми якуми китоби зикршударо дастраси хонанда гардонад. Қисми дуюми асар бо сабаби беморӣ нонавишта монд…

Убайди Рачаб ду бор устод С.Айниро аз наздик дидааст ва якбори дигар дар чаласа суханашро бо сабаби беморӣ тавассути радио дар қатори дигарон гӯш кардааст. Дафъаи дигар дар маросими чанозаи устод бо дигар ихлосмандони адабиёт ширкат варзидааст. Ҳамин тариқ чаҳор дидор ин тавр сурат гирифтааст.

Дидориаввал бо роҳбарии муаллим Шариф Зарипов, ки аз фанни табиатшиносӣ дарс мегуфт, тавассути шиносоӣ бо сохтмони канали Марғедар, ки устод Айнӣ бо коргарон гарм ва самимӣ суҳбат менамуд, сурат гирифтааст. Аз ин суҳбат омӯзгор ва шогирдони ӯ таассуроти хуб бардоштанд. Устод Айниро дар ин сафар сарвари ҳамонвақтаи шаҳри Панҷакент Шароф Муҳаммадиев роҳбаладӣ мекард. Убайди Рачаб ба хоксорӣ ва суханронии устод бештар эътибор медод, зеро аз каломи ноби устод ба воситаи китобҳои «Мактаби куҳна», «Одина», ки ҳанӯз дар синфи 3 мехонд, огаҳӣ дошт.

Вохӯрии дуюм ҳангоми таҳсил дар курси охири Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Панҷакент ба вуқуъ пайвастааст. Тавре ки Убайди Рачаб овардааст:

«Мардуми Панҷекат устодро ба Шӯрои Олии Умумииттифоқ номзад пешбарӣ карданд. Устод барои бо интихобкунандагон вохурдан аз шаҳри Самарқанд омад, он рӯз шаҳри Панҷекат намуди идона дошт…»[1]

Вохурӣ дар толори ҳукумати маҳал барпо гардид. Устоди омӯзишгоҳ Абдуҷаббор Шарифзода ташаббуси хуб нишон дода, донишҷӯёни фаъолро ба вохурӣ бурд. Устод сухан гуфтанду ташаббуси Ҳукумати Тоҷикистонро писандида аз кинорежиссёр хоҳиш карданд, ки филме ки дар бораи он кас таҳия шудааст, намоиш диҳад. Ба Убайди Рачаб ва ҳамсабақони эшон ин падидаи нав буд. Аз тарафи дигар аз забони худи устод 75 дурра ба тахтапушти ӯ задани навкарони амир аламовар буд.

Вохурии сеюм бо иштироки Бобоҷон Ғаффуров ва дигар сарони ҳукумат дар театри имрӯзаи опера ва балет ба муносибати 75-солагии устод рӯй дод. Онро аллома Ғаффуров ифтитоҳ карда, ба воситаи радио сухани устодро ҳамчун гуфтугӯи мустақим ба ҳозирин расонид. Дар фарҷоми суханаш устод ба ҳама ташаккур гуфта, мисраеро аз ашъори Камоли Хуҷандӣ ёдрас карданд. «То ҳаст зи ҷонам рамаке, кори ман ин аст». Он вақт устод дар беморхонаи ҳукуматӣ табобат мегирифтанд. Аз ёдкардаҳои Убайди Рачаб бар меояд, ки ӯ дар ин асно донишҷӯи соли сеюми факултаи забон ва адабиёти Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Душанбе будааст.

Дидори чаҳорум ба рӯзи видоъи устод Айнӣ рост омад. Убайди Рачаб дар идораи рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон» (ҳоло «Анбоз») кор мекард. Файзулло Ансорӣ 15.07.1954 хабар дод, ки устод Айнӣ гузаштаанд, биё ба хонаашон равем.

Ҳукумати Тоҷикистон ва тамоми инсонҳои тараққипарвари ҷаҳон, ки ба Садриддин Айнӣ эътиқод доштанд, дар маросими дафн иштирок карданд. Онро метавон чун як падидаи фаромӯшношуданӣ дар адабиёти садаи 20-и тоҷик номнавис кард.

Хотироти Убайди Рачаб дар бораи Муҳаммадҷон Раҳимӣ нарм ва гуворост, ки онро метавон ба се тақсим кард.

Якум, замони аз Бухоро ба Душанбе омадани шоир ва дар идораи молия ва андоз кор кардани ӯ. Дар ин айём сифати ҷавонмардии Муҳаммадҷон Раҳимӣ бештар ёдрас шудааст. Дар ҳамон вақтҳо дар Душанбе се рӯз беист барф меборид. Ҳуҷраи иҷорагирифтаи М.Раҳимӣ сақфаш ба замин фурӯ меравад. Дафтару коғаз ва курсиву болин зери барф мемонад, бо вуҷуди ҳамаи ин ӯ аз кор даст намекашад.

Дар «Оқибати хайрандешӣ» омадааст, ки Муҳаммадҷон Раҳимӣ ба водии Вахш андозҷамъкунӣ меравад. Мушоҳида мекунад, ки зиндагии мардум бад аст. Сухани машҳури Саъдӣ «Хайре кун, эй фалону ғанимат шумор умр…» ба хотираш меояду пуле, ки ҷамъ карда буд, ба мардуми бечора тақсим карда медиҳад ва варақаи пулгириро бо имзои онҳо ба Душанбе меорад. Тавре Убайди Рачаб навиштааст:

«Субҳи рӯзи дигар ба назди вазир даромад, аз ҳолати андозгирон ва андози ноҳияҳои водии Вахшу вазъи зиндагии мардум батафсил маълумот дод ва ҷойи коғази пули ба бонк супорида, варақаи номнависи имзодори бечорагони пулгирифтаро назди ӯ гузошт.

Вазири ҳайратзада чашм ба варақа давонду хуб ба рӯйи Муҳаммадҷон Раҳимӣ зеҳн монд ва чизе нагуфту ба андеша рафт».[2]

Муҳаммадҷон Раҳимӣ ба ҳайси корманди шуъбаи фарҳанг дар Комитети Марказии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон ба кор даромад. Дар ин идораи болоӣ кор

---

[1] Убайди Рачаб. «Дӯш будам ҳамнишин»: Душанбе, «Адиб», 2002, саҳ. 5. (Иқтибосҳои баъдӣ аз ҳамин асар бо нишон додани саҳифа оварда мешавад. – Ф.Ҳ.)

[2] Ҳамон ҷо, с. 15-17.

кардан ба ӯ хуш наомад. Намехост, ки истеъдодро қурбони вазифа гардонад. Аммо чӣ илоҷ… Фикр карду чорае пайдо намуд. Каллапӯшашро ба рӯи мизи корӣ гузошту ба дараи Варзоб барои эҷоди шеър рафт. Ҳар гоҳ ҳамкорон дарро мекушоданд, тоқии устодро дар болои мизи корӣ медиданд ва гумон мекарданд, ки ба назди мудири шуъба рафтааст. Муддате чанд ин сир ошкор шуд ва ӯ аз вазифа даст кашид. Яъне, истеъдодро сайқал дода, қурбонимансаб накард.

М.Раҳимӣ саргарми кори эҷодӣ шуда, ба оиладорӣ то поёни умр вақт наёфт. Ӯ шоири пухтакор ва пухтагӯй буд. Машаққат ва серкориро меписандид. Осори ӯ гувоҳи ин далел аст. Муҳиддин Аминзода серкории М.Раҳимиро дарк карда, фаҳмид, ки ӯ дар паи гирдоварии абёти Бедил аст, ки киноямез ба Муҳаммадҷон Раҳимӣ гуфт:

«– Шитобед, домулло, шитобед, аз бедилшиносони охирин падари бузургворам буданд, ки даргузаштанд, аз бедилхонони охирин худам мондаам, мабод ки дер шавад…».[3]

Дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон расми хубе анъана гардида буд. Ашхосе, ки барои адибони солҳои 50-60-ум некӣ мекард, бо ифтихор ном мебурданд: «Ҳазрати уф», «Муаллими кабир», «Муаллими бузург» ва ғайра.

Зери ибораи «Ҳазрати уф» устод А.Деҳотиро дар назар доштанд. Деҳотӣ косагули базм ва роҳбалади адибони ҷавон буд. Ҳар мушкиле пеш ояд, ба ӯ муроҷиат мекарданд. Се бор «уф» мегуфту аз дунболи супориш сахт мечаспид. Деҳотӣ одати аҷибе дошт, ки ба кадом минтақаи Тоҷикистон сафар кунад, бо аҳли зиё ва донишҷӯён суҳбат карданро меписандид. Дар Панҷакент низ ин ҳол рух додааст. Убайди Рачаб ӯро дар айёми донишҷӯйи Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Панҷакент буданаш мешинохт. Ин ҳам зимни вохӯрӣ дар дабистони зикршуда бо ӯ сурат гирифта буд. Дигар ин, ки А.Деҳотӣ чун устод Айнӣ ва Мирсаид Миршакар дилбохтаи адабиёти атфол буд. Кӯшиш мекард, ки назм ва насри он равон ва дилчасп бошад.

Хонандаи хурдсоли синни мактабие нест, ки шеъри «О баррчеки масти ман. Биё давон қутур-қутур»-ро нахонад. Ин худ маҳбубияти А.Деҳотиро нисбат ба ин адабиёт нишон медиҳад.

Убайди Рачаб низ дилбохтаи ин адабиёт аст. Дар айёми нав ба ин соҳа пой монданаш бо умеди дастгирӣ аз устод ҳафт шеъри шогирдонаашро зери унвони мувофиқ пешкаши Деҳотӣ гардонд. Тавре ки худи ӯ навиштааст:

«Ёдам ҳаст, ки баҳори соли 1955 дар бораи табиат ва мардуми деҳа ҳафт шеъре навишта, «Табиати дилкушо» ном ниҳодам ва зери он ном зикр кардам, ки шеърҳо дар бораи табиати Ватан аст. Ва бодили пур назди А.Деҳотӣ бурдам».[4]

Убайди Рачаб ҳамчун корманди идораи «Машъал» шеърҳои «тозаэҷод»-ро пешкаши Деҳотӣ гардонид. Деҳотӣ шеърҳоро бодиққат хонду ба он саросар хатти таҳрир кашид. Ҳамон тавре ки Убайди Рачаб овардааст:

«Шеъри аввали силсила «Баҳри мо нав-нав тароват медиҳад» ном дошт, ки Абдусалом Деҳотӣ бо қалами сабзранг рӯйи онро хат кашида, дар ҷояш «Деҳаи мо» навиштааст. Дар банди аввал гуфта будам:

Меравад фасли зимистон аз миён,
Накҳатафшон мешавад фасли баҳор.
Бинӣ тобистон буд, рафтаст он,
Тирамоҳи лаълдоман барқарор.

Абдусалом Деҳотӣ калимаи «лаълдоман»-ро хат зада бо калимаи «ҷомазаррин» бадал кардааст, ки барҳақ дуруст аст.

Банди дуюми шеър бо ин сатрҳо шурӯъ шудааст:

Ҷомаашро мекунад танҳо дигар
Деҳаи мо лек дар ин фаслҳо.

Дасти таҳрир байтро ба ин шакл овардааст:

Бойтар мегардаду ободтар
Деҳи мо аз ҳар яки ин фаслҳо.

---

[3] Ҳамон ҷо.
[4] Ҳамон ҷо, с. 25.

Дар банди севум таҳрир бештар аст:

Дар бари ин деҳаи хушманзара
Ҳар яки мо бар балогат растаем.
Баҳри обу хоки ин кӯҳу дара
Аз ҷавонӣ мо муҳаббат бастаем.

Банди таҳрир банд шакли зерро гирифтааст:

Дар бариш ин деҳаи хушманзара
Ҳар яки мо чун ниҳолаш растаем.
Бар ҳавою оби ин кӯҳу дара
Аз замони кӯдакӣ дил бастаем.

Банди севум бетағйир аст ва ҷуз калимаи «озод», ки ба ҷои «зебо» омада.

Чаҳор сатри банди панҷум, ки хотимаи шеър аст, низ тағйир дида, хусусан ду мисраи охир. Дар матн омада буд:

«Фахр бинмо, фахр бинмо, ин ки ту
Ҳастӣ фарзанди ҳабиби ин макон!»

Абдусалом Деҳотӣ бо иваз кардани чанд калима ба он нисбатан равонӣ додааст:

«Фахр кун бо бахти тобони худат,
Ки туӣ фарзанди ин деҳ, ин макон!»

Аз таҳрири саҳеҳи устод Деҳотӣ бар меояд, ки ӯ сустии мактаби шеърро дарёфтааст. Бояд хотимаи ҳар як шеър чун байти оғозаш зебо ва дилкаш бошад.

Дар бораи шеъри чаҳоруми ин силсила, ки «Пиряхҳо» ном дорад, Убайди Рачаб овардааст: «Ӯ сатрҳои чаҳор банди аввалро ҷо- ҷо таҳрир кардааст. Дар банди аввал даст ба мисраъҳои севум ва чаҳорум задааст. Ман навишта будам:

Насозад лоақал чун зарра парво
На аз гармӣ, на аз сардию тӯфон.

Ӯ тарзи дигари ифодаро мувофиқ донистааст:

Надоранд онҳо як зарра парво
На аз гармо, на аз сармою тӯфон.

Дар банди дуюм оварда будам:

Нарафта дуртар як лаҳза аз кӯҳ,
Намояд ҳадя аввал барфу борон.

Абдусалом Деҳотӣ навиштааст:

Нарафта дуртар, аввал ба онҳо
Супорад ҳадяи худ барфу борон…»[5]

Оид ба шеърҳои дар доираи адабиёти атфол эҷодкардаи Убайди Рачаб низ А. Деҳотӣ маслиҳатҳои муфид додааст. Тавре ки Убайди Рачаб ёдрас шудааст:

«Ман то даврае, ки Абдусалом Деҳотӣ дар қайди ҳаёт буд, навиштаҳоямро даставвал аз назари ӯ гузаронидаам, аз ҷумла китоби «Қиссаҳои модаркалон»-ро. Аммо он нусхаи мутолиакардаи ин марди борикбинро пайдо карда натавонистам ва ҳоло таъйин гуфта наметавонам, ки нисбати ин навиштаҳоям чи гуфта, чи мулоҳизаҳоямро раводида ва таҳрири ӯ дар кадом поя аст. Ҳамин қадар медонам, ки баъди мутолиа муборакбодам кард ва маслиҳат дод, ки дубора кор кунам ва баъд ба нашриёт супорам ва хоҳиш кунам, ки домуло СуҳайлӣҶавҳаризода барин шахс муҳаририяшро ба уҳда гирад.

Аммо варақае дар даст дорам, бо навиштаи шеъри «Маро бубахшед», ки он ҷо низ се ишораи Абдусалом Деҳотӣ ҳаст. Ду ишора доир ба вазни шеър аст. Дар асл вазн дуруст аст, яъне сатрҳо дар шакли сактамалеҳ омада, аммо Абдусалом Деҳотӣ сактамалеҳро даршакли кӯдак написандидааст, чунки ҳатталимкон равон ва бесакта омадани шеъри кӯдакро тараф мегирифт ва худаш риоя мекард. Ишораи севум нисбати банди шашуми шеър аст, ки барояш бисёр хуш омада, бинобар ин дар паҳлӯяш бо қалами сиёҳ «нағз» навиштааст ва хурсандии худро бо гузоштани ду аломати хитоб дар паси калимаи «нағз» изҳор кардааст. Он банди шеър ин аст:

Ба мактаб ояд

[5] Ҳамон ҷо, с. 28, 29, 30.

Тарона хонда,
Китобу дафтар
Дар хона монда…»[6]

Ҳамин тариқ бо дастгирии Абдусалом Деҳотӣ Убайди Рачаб дилбохта ва фидоии адабиёти атфоли тоҷик гардид.

Боқӣ Раҳимзодаро барои он «Муаллими бузург» мегуфтанд, ки тану тӯшаш паҳлавони азимеро монандӣ дошт. Рустамона дар вақти лозима сухан мегуфт, дар гулгашту хиёбонҳо қадамҳои устувор мегузошт. Ӯ дар зери ҳимоя ва пуштибонии амаки деҳқонаш ба воя расидааст. Нозукиҳои касби деҳқониро аз амакаш хуб омӯхтааст. Масалан, дар вақти дарави ҷав мефаҳмад, ки онро офтоб нарасида ғундоштан зарур будааст. Ба назари мо тарғиби рӯҳияи меҳнатдӯстӣ ва ба қадри нон расидан ҷавҳари асосии ин ҳикмат аст. Дар замоне, ки Боқӣ Раҳимзода сабақ меомӯхт дар аксар мактабҳои кӯҳистон таълими якҷоя роиҷ гардида буд. Чаҳор синф дар як ҳуҷра сабақ меомӯхтанд, яъне дар қатори аввал синфи 1, дар қатори 2-юм синфи 2, дар қатори севум синфи 3 ва дар охир синфи 4. Ин падида имрӯз дар баъзе мактабҳои дурдасти кишвар низ мушоҳида мегардад.

Устод Боқӣ Раҳимзода якчанд вақт вазифаи сарвари мактаби яке аз деҳаҳои Ғармро низ бар дӯш дошт. Нозукиҳои касби пурифтихори омӯзгориро хуб медонист. Шогирдонро дар рӯҳияи ватандӯстӣ тарбия мекард ва ростию накӯкориро вазифаи ҷонии ҳар кадоме аз онҳо медонист. Ба адибони ҷавон низ чунин маслиҳатҳо медод. Агар шоирони баъдиро шогирдони «Муаллими кабир» (Мирзо Турсунзода), «Муаллими бузург» (Боқӣ Раҳимзода), «Ҳазрати уф» (Абдусалом Деҳотӣ) гӯем, ба гумони ғолиб саҳве нахоҳад шуд. Тавре ки Боқӣ Раҳимзода дар шеъри ба Абдусалом Деҳотӣ бахшидааш ҳазломез ҳамин хислати ӯро ёд кардааст:

Қаламро гаҳ асо кардам,
Ба роҳат ман вафо кардам.
Напурсидӣ, чиҳо кардам,
«Ту ҳам ёде бикун аз ман»,
Наранҷонам, макун ҷангам,
Ту медонӣ, ки дилтангам.
Уф.ф.ф… Охир, бубин рангам,
«Ту ҳам ёде бикун аз ман…»[7]

Ҳамин тариқ, дар ин гузориши кӯчак, мо имкон надорем, ки аз устодони дигаре, ки бо Убайди Рачаб ҳамкорӣ кардаанд, ёдрас шавем. Он дар вақти лозим дастраси ҳаводорони адабиёт мегардад.

Адабиёт:

1. Асозода Х. Устод Айнӣ дар шинохти Сотим Улуғзода. – Душанбе: Деваштич, 2001. – 112 с.
2. Гафуров Б. Барои пешрафти адабиёти советии тоҷик//Шарки Сурх. – 1954. №9. С. 5 – 10.
3. Набавӣ А. Ҷусторҳо ва ибтикорот дар наср. – Душанбе: Адиб, 2009. – 322 с.
4. Ҳакимов А. Дар қаламрави сухан (симои адибон). – Душанбе: Ирфон, 1982. – 224 с.
5. Сайфуллоев А. Ҳалқаҳои пайванди адабӣ. – Хучанд: Нури маърифат, 2003. – 440 с.
6. Солеҳов Ш. Адабиёт ва шинохти он. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 240 с.
7. Убайд Рачаб. Дӯш будам ҳамнишин. – Душанбе: Адиб, 2002. – 280 с.
8. Убайд Рачаб. Як дона марворид. – Душанбе: Маориф, 1984. – 144 с.
9. Шарифов Х. Сухан аз адабиёти миллӣ. – Душанбе: Пайванд, 2009. – 482 с.
10. Шукуров М. Мактаби одамият. – Душанбе: Адиб, 1991. – 286 с.
11. Ярошенко Л.В. Жанр романа – мифа в творчестве А. Платонова. Автореф. … канд. филол. наук. – Минск, 2004. – 21 с.

[6]Ҳамон ҷо, с. 32.
[7] Ҳамон ҷо.

УБАЙД РАДЖАБ О ЛИЧНОСТИ ВЕДУЩИХ ЛИТЕРАТОРОВ И ПРОЗАИКОВ ТАДЖИКСКОЙ СОВРЕМЕННОЙ ЛИТЕРАТУРЫ

Хусейнзаде Фархад

Статья посвящена вопросам места и роли известных представителей современной таджикской литературы как С. Айни, М. Турсунзода, М. Рахими, А. Дехоти, Б. Рахимзода, П.Толис, А. Сафар. В своих воспоминаниях поэт Убайд Раджаб очень четко и отчетливо описывает о роли и места великих прозаиков и поэтов современности, а также о личностных качествах этих людей. Также в некоторых книгах, как «Вчера мы сидели вместе» (Душ будам хамнишин. Душанбе, 2002) и «Он жив любовью» (Зинда ба ишк. Душанбе, 2001). Заметки Убайда Раджаба представляет достаточно значимую информацию неповторимости и оригинальности. Материалы этих книг можно использовать при написании учебников школ, книг о жизни и творчестве этих великих поэтов и прозаиков XX века таджикской литературы.

Ключевые слова: литература, поэзия, проза, личности, книга, вспоминания, заметки, современность.

UBAID RAJAB ON THE IDENTITY OF THE LEADING WRITERS OF TAJIK LITERATURE

Huseinzoda Farhod

The article is dedicated to the issues reagarding the place and role of representatives of modern Tajik literature as S. Aini, M. Tursunzoda, M. Rahimi, A. Dehoti, B. Rahimzoda, P. Tolis, A. Safar. In his memories, the poet Ubaid Rajab very clearly describes the role and place of the great writers and poets of our time, as well as the personal qualities of these people. In his collections, like "Yesterday we sat together" (Dushanbe, 2002) and "He is alive with love" (Dushanbe, 2001) Ubaid Rajab wrote his memories as well. Notes of Ubaid Rajab are relevant information with its uniqueness and originality. The materials of these books can be used in schools textbooks and books on the life and work of these great poets and writers of the twentieth century of Tajik literature.

Key words: literature, poetry, prose, personality, a book of remembrance, notes, modernity.

Сведения об авторе: Хусейнзаде Фархад – кандидат филологических наук, главный научный сотрудник кафедры теории и современной персидско-таджикской литературы филологического факультета Таджикского национального университета, тел.: (+992) 92-753-87-65.

Information about author: Huseinzoda Farhod – Ph. D. in Philology, main scientific employee of the chair of theory and modern Persian-Tajikistan literature of philology faculty of the Tadjik National University, phone: (+992) 753-87-65.

НАЗАРЕ БА ОЧЕРКҲОИ АЛӢ ХУШ

Нуров С.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Очерк яке аз намудҳои жанри эпикӣ буда аз намудҳои дигари худ (роман, повест, ҳикоя) бо нишон додани ҳодисаҳои аниқаш фарқ мекунад. Нависанда аз ҳаёт воқеаҳои бисёреро омӯхта ва яке аз онҳоро ба таври аниқ нишон медиҳад. Маҳорати баланде ба он муайян карда мешавад, ки вай аз ҳодисаҳои гуногуни ҳаёт воқеаи муҳимро интихоб карда тавонад.

Очеркҳои адабӣ дар ҳаёти адабии адабиёт мақоми муҳимро ишғол мекунад. Зеро ба воқеаҳои ҳаёт шинос шуда, аз он воқеаҳои дахлдорро интихоб намуда, дар муддати кӯтоҳе чизе навиштан ниҳоят аҳамияти калоне дорад. Нишон додани ахлоқи одами

шӯравӣ муҳаббати вай ба Ватан, касбу кор, муборизаи одамони шӯравӣ барои сохтани ҳаёти нав ва муносибати онҳо ба ҳамдигар вазифаи начибонаи одамони мо мебошад.

Муаллифи очерк барои он ки хонанда лаҳзаи ҳаёт ва шахси тасвиршавандаро дуруст дарк карда тавонад, дар бораи шароити воқеа, ахлоқ ва муносибати тасвиршаванда маълумот низ медиҳад. Алӣ Хуш яке аз очеркнависони намоёни солҳои сиюми адабиёти тоҷик ба шумор меравад. Вай ҳангоми дар рӯзнома кор карданаш, ба маҳалҳо бисёр мерафт, ҳаёт меомӯхт. Ӯ дар мавзӯъҳои ҳаёти колхозӣ, ҷанги граждани ва дар мавзӯъҳои таърихӣ очеркҳои зиёде навиштааст, ки дар вақти худ дорои аҳамияти калоне буданд.

Бештари очеркҳои вай ба шахсони маълум бахшида шудаанд. Очеркҳои ӯ «Ман аз ҳеҷ ҳаргизам», «Салимшоҳ ифтихори мост», «Шуҷои номдор», «Шӯриши Усмон» аз беҳтарин очеркҳои ӯ буданд.

Алӣ Хуш яке аз очерки «Шуҷои номдор»[1] дар бораи озод шудани занон аз зери зулм ва ба сохтмони сотсиалистӣ баробари мардон ҳамроҳ гаштани онҳоро нишон додааст.

Нависанда очерки худро аз аҳволи занони то инқилоб сар карда, пас дар бораи аҳволи онҳо дар замони ҳозира сухан меронад.

Қаҳрамони асосии очерк Азизмоҳ –раиси колхози «Гулистон»-и ноҳияи Ғарм то Революцсияи Сотсиалистии Октябр дар зери зулми амирон ба хорию зорӣ ба сар мебурд. Духтари ҷавони вайро Ғаффорпонсад ба зӯрӣ ба занӣ гирифта, вайро ҳалок мекунад. Модари бечора аз ғаму аламҳои духтараш рӯзашро ба гиря шаб мекард.

Азизшоҳ дар давраи революцсия ба Аскарони Сурх ёрӣ дода, пас аз барқарор гардидани Ҳокимияти Советӣ дар кӯҳистони Қаротегин бевосита дар сохтмони сотсиалистӣ иштирок кардааст.

Нависанда ин очеркро дар сохтмони шароите навиштааст, ки иштирок кардани занони маҳаллӣ дар корҳои ҷамъиятӣ характери умумиро нагирифта буд, бинобар ин очерк дар шароити худ дар муборизa бар муқобили урфу одатҳои кӯҳна аҳамияти калон дошт.

Вай ҳангоми навиштани очеркҳои худ ҳамчун агитатор ва пропагандисти идеяҳои революцсионӣ баромад мекунад. Алӣ Хуш нишон медиҳад, ки акнун занон дар ҷамъияти сотсиалистӣ баробари мардон кор мекунанд, на танҳо кор мекунанд, ҳатто онҳо ба корҳои роҳбарӣ пешниҳод карда мешаванд.

Дар колхози «Гулистон», ки дар он аз занҳо Азизмоҳ монанди мардон ягона кор мекунад на танҳо кор мекунад, балки роҳбарӣ мекунад ва ташкилотчигӣ мекунад» - менависад Алӣ Хуш.

Азизмоҳ пеш аз инқилоб дар зери зулми боён бошад, ҳоло вай нотарс ба муқобили онҳо муборизa мебарад. Вай он бойҳоеро, к ибо роҳи фиреб ба колхоз дохи шуда, аз дарун барои вайрон кардани он ҳаракат мекунанд, фош намуда, ба муқобили онҳо муборизa мебарад.

Азизмоҳ ба колхоз роҳбарӣ мекунад, ки дар натиҷа колхоз планҳои давлатиро ҳар сол барзиёд ичро менамояд. Азизмоҳ барои меҳнати шоёнаш ба анҷумани панҷуми шӯроҳо вакил интихоб мешавад. Вай аз анҷуман баргашта қарорҳои анҷуманро дар байни омма фаҳмонда медиҳад. Азизмоҳ дар байни анбӯҳи одамон ва занон гап зада истодааст. Ӯ дар бораи масъалаҳое, ки анҷумани панҷуми шӯро ҳал кардааст, сухан меронад. Вай ба ҳамин анҷуман ба вакилӣ омада будааст[2].

Дар очерки «Салимшоҳ ифтихори мост»[3] нависанда рӯз аз рӯз зиёд гаштани сафи диловарони саҳрои колхозҳои мамлакатамонро нишон медиҳад.

Дар ин очерк нависанда-тракторчии колхози «Ватан»-и ноҳияи Сарҳади Салимшоҳ Ҷомиевро нишон додааст. Воқеаҳои очерк воқеаҳои ҳақиқӣ будаанд.

Дар ҳақиқат дар соли 1935 дар мусобиқаҳои байни тракторчиёни ҷумҳурӣ Ҷалилов ғолиб омада, барои гирифтани мукофот ба машинаи сабукрав сарфароз гардида буд. Очерки нависанда ба корнамоии ҳамин марди майдон навишта шудааст.

---

[1] Тоҷикистони Сурх, 1935.-25 феврал.
[2] Тоҷикистони Сурх, 1935.25 феврал.
[3] Тоҷикистони Сурх, 1935.29 май.

Бахшида ба Салимшоҳ Ҷалилов ба ғайр аз Алӣ Хуш шоири барҷастаи адабиёти шӯравӣ А.Лоҳутӣ низ дар соли 1935 шеъре бо номи «Хар ва трактор»[4] менависад.

Очерки Алӣ Хуш дар бораи меҳнату корҳои хуби Салимшоҳ дар колхоз баҳс мекунад. Шеъри устод Лоҳутӣ бошад, дар бораи сафари Салимшоҳ ба Москва, Ленинград маълумот медиҳад. Лоҳутӣ нишон медиҳад, ки Салимшоҳ ба шаҳри Ленинград рафта, чойҳои таърихиро тамошо мекунад. Боре онҳо ба заводи тракторсозӣ мераванд. Дар он ҷо Салимшоҳ тракторро дида, ба наздаш меравад. Коргарон ва роҳбарони завод ба ин кори ӯ дар ҳайрат монда, сабабашро аз вай мепурсанд. Вай мегӯяд, ки ин трактор дӯсти наздики ӯст. Ба таклифи меҳмонону коргарон Салимшоҳ тракторро чунин нағз мебинад, ки ҳама дар ҳайрат монданд.

Ин ҳолатро А.Лоҳутӣ ин тавр тасвир намудааст:

«Боз гуфтанд: Агар ин маркаб мешиносад,
Ӯро бигӯ биравад. Аз лаҷомаш бикашад, ки роҳ биравад.
Марди деҳқон чун ин сухан бишнид,
Чун сипанде зи гоҳи хеш парид.
Ба трактор савор шуд ба шукӯҳ,
Чун уқобе ба сари кӯҳ.
Чанг ба он заду фишораш дод,
Кӯҳ дар зери ӯ ба роҳ афтод.
Коргарҳо тамом шод шуданд,
Ҳама машғули зинда бод шуданд»[5]

Алӣ Хуш Салимшоҳро дар вақти таъмири тракторҳо ва дар ҳангоми кор нишон медиҳад.

Салимшоҳ пас аз фурӯ рафтани офтоб аз хонаи таъмири тракторҳо (устохона) баромада, бо ҳамроҳии рафиқонаш ба чойхонаи колхозӣ меравад. Аз радиои чойхона дар бораи мукофоти Совети Комисарони халқии Тоҷикистон ба ӯ мешунавонад. Вай ба рафиқонаш дар бораи ҳаёти тоинқилобиаш чунин мегӯяд:

«Падари ман бисёр шахси диловар ва шуҷоъ буд. Агар вай ҳозир дар ин замоне, ки меҳнат дар СССР ба кори шаъну шараф, ба кори диловарӣ ва қаҳрамонӣ табдил шудааст-зинда-мебуд, чӣ корҳои лоиқи таҳсин ва шоистаро ба ҷо меоварад.

Вале дар пеши хонаи бойҳо аз қабили Абдукаримбой меҳнати содиқона мекард, вале аз ин меҳнати содиқонаи худ ҳеҷ роҳате намедид»[6].

Баъд аз ин нақли дурудароз бо рафиқонаш мегӯяд, ки ман дар ҷамъияти навҷамъияти сотсиалистӣ аз сидқи дил меҳнат хоҳам кард. Салимшоҳ ҳар рӯз дар майдони пахта плани ҳаррӯзаи худро барзиёд ичро мекунад. Вай ба ҷойи се гектар плани муқаррарӣ шаш-ҳафт гектарро шудгор мекард. Алӣ Хуш дар ин бора чунин мегӯяд.

«Дар поёни наҳр Салимшоҳ замини пахтаро шудгор (ронда) карда истода буд, тракторе, ки дар дасти Салимшоҳ кор мекунад, то ҳанӯз дар давраи кишту кор ба ҳодисаҳои вайрон шудан ва ё бекор истодан дучор нашудааст. Вай синаи заминро барои ҳосилоти баланди пахта мешикофад, вай аз дастҳои меҳнатие, ки рули вайро соҳибӣ мекард, фахр мекунад»[7]. Ин очерки таърихӣ-адабӣ буда, ба очеркҳои таърихӣ-бадеии устод С.Айнӣ аз ҷиҳати услуб каму беш монанд мебошад.

«Шӯриши Усмон» низ мисли очеркҳои устод Айнӣ пеш аз ҳама дар бораи шароити иқтисодӣ-сиёсии давр маълумот медиҳад.

Алӣ Хуш «Шӯриши Усмон»-ро шахсан рафта лар маҳалҳое, ки шӯриш ба амал омада буд, омӯхта ба иштирокчиёни вай шахсан мулоқот намуда, пас аз он ба навиштан сар кардааст, зеро ки макони шӯриш касони дар он иштирок карда ва солу моҳи он дар очерк айнан оварда шудааст. Ба ин даъво мо як нақли рафиқи вай Назиров Иноят инструктори КП ноҳияи Ғарм шаҳодат медиҳад. Вай мегӯяд:

«Ман соли 1931 ба Ғарм омада, ба вазифаи «Ташкилоти камбағалон» ва котиби Совети қишлоқ кор мекардам. Вай (А.Хуш С.Н) ба назди ман омада, мо ҳамроҳ ба

---

[4] Лоҳутӣ А.. Асарҳои мунтахаб, 1949. с.309-311.
[5] Тоҷикистони Сурх, 1935.29 май.
[6] Тоҷикистони Сурх, 1935.9 май
[7] Алӣ Хуш. «Шӯриши Усмон», Сталинобод,1934.

қишлоқи Янголиқ С/К Ҷафр рафта таърихи сардори шӯриши Ғарм Усмонро, ки вай дар солҳои 1920-1921 ба муқобили амалдорон шӯриш бардошта буд, навиштем»[8].

Дигарон он чизе, ки ба ин даъвои мо исбот мешавад, ин ном, факту рақам, басаб ва рафти воқеа, ки дар китоби рафиқ Маҷлисов оварда мешавад, дар очерки Алӣ Хуш «Шӯриши Усмон» айнан якхела мебошанд. Р.Маҷидов бо иштирокчии шӯриш Саид Саидов, ки ҳоло коргари роҳи оҳани Душанбе мебошад, шахсан сӯҳбат намудааст.Саид Саидовро Р.Маҷлисов ҷонишини Усмон гуфта тасдиқ кардааст, дар очерк низ ҳамин кас аз ёрдамчиёни наздики Усмон номбар шудааст. Ба ғайр аз ин бисёр воқеаҳои Р.Маҷлисов номбар карда, аз ҷумла, номи «Мироҳур» гирифтани Усмон, сабаби маглубияти шӯриш ва ғайраҳо ба далелҳои дар очерк гуфташуда баробар меоянд.

А.Хуш дар сарсухани кори худ дар бораи омӯхтани таърихи халқ истода гузаштааст. Ӯ омӯхтани таърихро барои дар оянда корҳои худ такрор накардани камбудиҳои пешгузашт огоҳ медонад.

«Мо гузаштаро меомӯзем, барои он ки дар оянда корҳои худро ба таври пурра, ба тавре ки дар ҷараёни амалиёти худ ба бемуваффақиятӣ дучор нашавем ва мақсади худро ба анҷом бурда расонем»[9].

А.Хуш дар бораи қадимтарин халқ будани тоҷикон сухан ронда мегӯяд:

«Тоҷикон, ки ҳамчун як миллати қадимшуда омадаанд, дорои як таърихи бузург ҳастанд, ки омӯхтан ва аз худ кардани ин таърих барои мо бисёр зарур аст»[10].

Нависанда дуруст қайд менамояд, ки дар ин тохтутозҳо аз ҳама бештар синфи мазлум хонахароб мегардид. Ба ғайр аз мазлумон зулми дутарафа медиданд, ки ин ҳам бошад аз як ҷониб аз тарафи истисморчиёни маҳаллӣ, аз ҷониби дигар аз тарафи истисморчиёни аҷнабӣ»[11].

Алӣ Хуш аз нуқтаи назари марксистӣ ба масъалаҳои зиддияти синфҳо дуруст баҳо дода мегӯяд, ки дар ҷамъияти антагонистикӣ, ки одам аз тарафи одам истисмор карда мешавад, зиддиятҳои синфӣ ба амал меоянд, ки ин зиддиятҳо ба авҷи инкишофи худ омада, ба шӯриш, исён ва инқилобҳо оварда мерасонад. Барои тасдиқи фикри худ нависанда «Шӯриши Восеъ» дар Кӯлоб, «Шӯриши Оламгир ва Зардак дар Дарвоз», «Шӯриши Усмон» дар Қаротегинро мисол оварда мегӯяд, ки ин шӯришҳо дар натиҷаи зулми дутарафа ба амал омадаанд. Пас аз сарсухан нависанда очеркро ба қисмҳои зерин ҷудо намудаст:

1. Давраи амир ва салтанати амирӣ
2. Шӯриши Усмон
3. Шӯриш
4. Маглубияти шӯриш.

Алӣ Хуш дар байн «Давраи амирӣ ва салтанати амирӣ» дар бораи сохти давлати амир истода гузаштааст.

Дар ин боб дар бораи аҳволи бади халқ ва бепарвоии амир сухан рондааст. Вай мегӯяд, ки дар мамлакат аз сабаби аз ҳад зиёд будани амалдорҳо аҳволи халқ табоҳ буд:

«Дар давраи салтанати амирӣ дар мамлакат бисёр ҷавҷиҳо, қаровулбегиҳо, мирохӯрҳо, туксабойҳо, шиғамбошиҳо, мирзоҳо, дуочиҳо (аз хели амалдорҳо), арбобҳо, навкарҳо, муллоҳо, мурид муршидҳо, шайх ва машоиххо, раис, муфтиҳо ва судурҳо, уроқ ва мударрисҳоро мебинем»[12]

Пас аз муаллиф бо сабабҳои сар задани шӯриши Усмон мегузарад. Ӯ қайд менамояд, ки дар давраи салтанати амирӣ истисмор аз тарафи империалистони рус ва амири Бухоро ба оммаи меҳнаткаш зиёд мегардад. Дар айни замон ҳаракатҳои коргарӣ дар мамлакатҳои капиталистии дунё зиёд шуда истода буд, таъсири болшевикони рус ба коргарони Осиёи Миёна зиёд мешуд, коргарони дар заводу фабрикаҳои Осиёи Миёна кор мекардагӣ бо идеяҳои револютсионӣ шинос мекардагӣ шуданд.

---

[8] А.Мачлисов. Каротегин на кануне Советской власти. Сталинобод,1959, стр.105-129.
[9] Хуш А. Шӯриши Усмон, саҳ.3
[10] Шӯриши Усмон, саҳ.3
[11] А.Хуш.Шӯриши Усмон, саҳ.4
[12]Шӯриши Усмон,1934, саҳ.5

Хоҷагии қишлоқ ниҳоят паст буд, дар мамлакат гуруснагии зиёде ба амал омада буд ва ҳамаи инҳо сабаби сар задани Шӯриши Усмон шуда метавонанд.

Аз рӯйи гуфтаи Алӣ Хуш маълум мегардад, ки ин шӯриш ногаҳонӣ сар назада, балки он нобаробариҳо ва конфликтҳои (низоъҳои) синфии дар боло номбаршуда ба шӯриш оварда мерасониданд.

Сардори ин шӯриш Усмон яке аз коргарони мавсимӣ мебошад, ки дар шаҳрҳои водии Фарғона, Тошканд, Қуқанд ва дигар ҷойҳо кор карда гаштааст. Усмон дар ин ҷойҳо бо идеяҳои револютсионӣ шинос шудааст. Соли 1918 вай дар вилояти Қуқанд бо ҳамроҳии як гурӯҳ коргарон шӯриш бардошта чандин бойҳоро куштанд. Пас аз он Усмон ба Ватани худ Қаротегин бармегардад. Усмон барои ба омма ёрӣ додан кӯшиш мекард.

Вай мехоҳад, ки дар Ватани вай Қаротегин низ мисли дигар ҷойҳои Осиёи Миёна Ҳокимияти халқӣ ғалаба кунад. Усмон зидди фармони амир, ки халқро «Ғазот» ба муқобили Армияи Сурх даъват мекард, баромад мекунад.

Бо фармони ҳокими Қаротегин ва шоҳи Дарвоз мебоист тамоми уммати Муҳаммад бо ёрии Амир Олимхон, ки аз дасти Армияи Сурх гурехта, дар қалъаи Ҳисор менишаст,равад. Бар болои ин аз халқ хироҷу андозҳои чандинсоларо пештар талаб мекарданд.

Дар ин шароит халқ ба қашшоқӣ гирифтор шуда буд. Усмон ана дар ҳамин ҳолат ба шӯриш тайёрӣ медид. Усмон ба якчанд коргарон макони ҷамъ омадани шӯришчиёнро қишлоқи Ҳоит қарор медиҳанд. Шӯришчиён дар моҳи декабри соли 1920 шӯриши худашонро сар карданӣ шуданд, зеро рӯзи бозор тамоми аҳолии атроф ба бозор меоянд ва касе аз мақсади онҳо пай намебарад. Дар рӯзи бозор як қисм шӯришчиён дар бозор ғалоғулае ба вуҷуд оварданд.

Дар ҳамин асно Усмон бо отряди ҳазор нафарааш ба қалъаи Ҳоит ҳуҷум мекунад.

Инак дар ҳамин лаҳза Усмон бо нафарони худ бо сардории махсусан Мулло Тош, Саид Саидзода, Мулло Одина, Муҳаммад Алӣ ва ғайраҳо тақрибан ҳазор нафар якбора ба тарафи Қурғони Ҳакими Ҳоит, ки дар он Шоҳимардонқули Бухорӣ-мангит, ҳокимӣ мекард, ҳамла мекунанд»[13].

Шӯришчиён бо ҳамлаи худ Қалъаи Ҳоитро пахш карда, дар болои он байрақи Сурх зада мемонанд. Нависанда аҳволи оммаро дар ин ҳолат чунин тасвир мекунад:

«Як гурӯҳ машғули шодӣ ва хурсандӣ гурӯҳи дигар машғули гиря ва нола буд, камбағалон, мардикорон ва фақирон, ки аз зулм ва андозҳои вазнин як рӯзи шодӣ ва хурсандиро надида ва охирин андоз ва хироҷҳои вазнин ва дар болои ба «азои худой» додани ҳайвонҳои саворӣ ва фарзандони меҳрубонашон онҳоро барбод дода истода буд, имшаб дар ҳастии онон як шаби фирӯзмандӣ мешавад».

Шӯришчиён дар рӯзи оянда Обло ном касро бо ҳамроҳии 60-нафар барои ҳимояи Қалъаи Ҳоит гузошта, худашон ба тарафи Ғарм ҳуҷум мекунанд. Дар роҳ ба шӯришчиён даста-даста одамон ҳамроҳ мешаванд. Онҳо бо як ҳамла Қалъаи Ғармро низ ба даст гирифтанд. Пас аз ба даст гирифтани Ғарм Усмон ба суханҳои душманон даромада, шӯришчиёнро ба хонаҳояшон ҷавоб медиҳад. Дар ин вақт бойҳо дар қишлоқҳои дурдаст ба муқобили Усмон исён тайёр мекунанд.

Боре Усмонро барои шинос кардан бо аҳволи омма ба деҳаҳо даъват мекунанд.Вай дар он ҷо низ фиреб хӯрда, бо ҳамроҳии 500- нафар ба он деҳаҳо сафар мекунад. Дар роҳ вайро исёнчиён бо тирпаронӣ пешвоз мегиранд. Дастаи вайро торумор мекунанд. Худи Усмон гурехта дар Ғарм ҳам наистода, ба Ҳоит меравад.

Усмон дар он ҷо боз ба шӯриш тайёрӣ мебинад. Вай бори дуюм ба шӯриш баромада, мағлуб мешавад. Усмон бо фиреб ба даст афтода, бо азобҳои зиёде ҳамроҳи рафиқонаш кушта мешавад. Ҷасади вайро ба дарёи Сурхоб мепартоянд.

Сабабҳои мағлуб гаштани ин шӯришро нависанда дар он медонад, ки дар шӯриш сафи коргарон кам буд. Усмон алоқаашро ба халқ наздик намекард, Усмон ба ҷойи он ки ба исёнчиён мубориза барад, созиш мекунад ва ғайраҳо.

Алӣ Хуш мегӯяд, ки Усмон мебоист пас аз гирифтани Ғарм тамоми усули идоракунии сохти кӯҳнаро барҳам дода, давлати нави халқӣ ташкил мекард.

---

[13]Шӯриши Усмон, саҳ.10-11

Ба ҳар ҳол Алӣ Хуш ҳаққонӣ нақши прогрессивии шӯриши Усмонро аз шӯришҳои Восеъ ва Оламгиру Зардак дар он медонад, ки дар шӯриши Усмон кам бошад ҳам, нақши асосиро коргарон мебозанд.

Нависанда дар ин очерк муборизаи халқи кӯҳистони тоҷикро, ки дар натиҷаи таъсири Революцияи Кабири Сотсиалистии Октябр барои озодии худ мубориза мебаранд, нишон додааст. Мавзӯи пешгирифтаи муаллиф замонавӣ буда, воқеаи асосиии ҳаётро нишон додааст. Аҳамияти барҷастаи ин очерк боз дар он аст, ки якумин бор дар бораи таърихи муборизаи халқи тоҷик бо роҳбарии Усмон маълумот медиҳад. Алӣ Хуш ҳаракат кардааст, ки моҳияти асосии шӯришро ба хонандагон фаҳмонида диҳад ва дар ин роҳ муаллиф бешубҳа ба мақсади худ расидааст.

Дар ҳақиқат, чи тавре ки худи нависанда ҳам қайд мекунад, ин шӯриш бо ҳастии худ таърихи муборизаҳои синфии меҳнаткашони тоҷик аҳамияти бузурги сиёсӣ дорад.

Адабиёт:

1. Алӣ Хуш. «Шестополов» Сталинобод,1934, 45 с.
2. Алӣ Хуш. Дар баҒали кӯҳҳо.-Душанбе:Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1962, 128 с
3. Алӣ Хуш. «Шӯриши Усмон».-Душанбе: Адиб, 2008, 70 с.
4. А.Лоҳутӣ. Асарҳои мунтахаб, 1949 с.309-311
5. Маҳмадаминов А. Адиби мубориз.-Душанбе: Ирфон, 1988 64 с.
6. Маҷаллаи Шарқи Сурх №11, 1957 саҳ.62, 68, 59, 64, 65.
7. Рӯзномаи Тоҷикистони Сурх, 1935, 6-апрел
8. Рӯзномаи Тоҷикистони Сурх, 1935, 29-ноябр
9. Саидов С. Ҳаёт ва эҷодиёти Алӣ Хуши Найистонӣ (рисолаи дипломӣ).-Сталинобод, 125 с.
10. Тоҷикистони Сурх, 1935, 25-феврал
11. Тоҷикистони Сурх, 1935, 28-май
12. Тоҷикистони Сурх, 1935, 29-май
13. Шодиев М. Ҳаёт ва эҷодиёти Алӣ Хуш (рисолаи номзадӣ).-Душанбе, 2013, 170с.

ВЗГЛЯД ОЧЕРКАМ АЛИ ХУШ

Нуров С.

Автор статьи, пытается научно рассматривать очерки Али Хуша. Тем самым, автор даёт глубокий анализ тематике очеркам Али Хуш. В статье отчётливо даётся оценка истории трудового народа, точнее его борьбу за свободу и права, как индивида в обществе, которые описываются А. Хушом.

Ключеыве слова: духовность, пейзаж, эпизод, монолог, психология, герой, стилистическая специфика, фольклор, очерке, рассказ, идеома.

A VIEW TO THE ESSAYS OF ALI KHUSH

Nurov S.

The author of the article tries to review the essays of Ali Khush scientifically. Therefore, the author gives detailed analysis of thematic of essyas of Ali Khush. The evaluation of the history of hardworking people, his struggle for freedom and right as individual in the society are described by Ali Khush.

Key words: spirit, landscape, episode, monolog, psychology, hero, stylistic feature, folklore, essay, story, idiom.

Сведения об авторе: Нуров Садриддин - кандидат филологических наук, доцент кафедры методики преподования таджикского языка и литературы Таджикского государственного университета имени Садриддирна Айни, тел.: (+992)988-22-88-14;

Information about the author: Nurov Sadriddin - Ph.D. in Philology, docent of the Chair of Tajik Lnguage and Litearature Teaching Method, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, tel.: (+992) 988-22-88-14;

ХУСУСИЯТ ВА УСЛУБИ БАРГАРДОНИ ОСОРИ АДИБОНИ ТУРКИЯ ДАР ТОҶИКИСТОН

Шарифова Г. А.
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Ташаккул ва инкишофи осори адибони турк ва тарҷумаи онҳо ба дигар забонҳо ба ҷараёни ба ҳам омадани анъанаҳои Ғарбу Шарқ, ки давраи пуравҷи ба тарҷумаи адабиётҳо ва аз ҷумла, намунаҳои адабиёти турк пардохтани халқҳои олам рост омадааст.

Афзудани хусусиятҳои байналмиллалӣ дар адабиёт, дӯстиву мулоқоти бевоситаи адибон ва нависандагони халқҳои гуногун, ҳафтаҳои адабиёт ва санъат, шабҳои эҷодии нависандагони халқҳои бародар, ба тарзи муқоиса омӯхтани асарҳои дар як мавзӯъ ва ғоя навишташуда аз ҳодисаҳои нисбатан тозатари равобити адабӣ мебошанд, ки айни ҳол вусъат ёфта истоданд.

Ҳамаи ин дар дохили худ чандин масъалаҳои робитаи адабиро дар бар гирифта, зиёда аз шаклҳои пешинаи равобити адабӣ барои вусъати ҳаматарафаи олами образу ғояҳо ва ғанитар гардидани хазинаи адабиёт дар ҳалқ, аз ҷумла адабиёти тоҷик кӯмак мерасонад. Ин яке аз омилҳое мебошад, ки иттиҳод байни мардумони қавму миллатҳои гуногунро қувват медиҳад. Чи тавре ки муҳаққиқон ибрози ақида кардаанд; «алоқаҳои адабӣ робитаи байни халқҳост ва моро аз эҳтиёҷу ниёзмандии халқҳо дар роҳи фардо бохабар карда, инчунин давру замонҳо, халқҳо ва мамлакатҳоро ба ҳам наздик месозад ва ягонагии башариятро қавитар мегардонад» (1.109)

Аз мутолиаи асарҳои адибони турк бармеояд, ки адабиёти турку тоҷик бо ҳам наздикии зиёд доранд ва ба нашъунамои адабиётҳои миллӣ таъсири пурсамаре расонидаанд ва мерасонанд. Ҳоло дар мақолаи мазкур доир ба ҳаёт ва эҷодиёти адибони турк, ки осори онҳо ба забони тоҷикӣ тарҷума шудааст, сухан меравад.

Нависанда, романнавис, драматург Гунтекин Рашод Нурӣ - 25 ноябри соли 1889 дар Туркия-Истамбул таваллуд шудааст. Ӯ дар соли 1912 факултаи адабиёти Донишгоҳи Истамбулро хатм кардааст. Рашод Нурӣ дар вазифаи директори мактаби миёна дар Бурс ва Исмамбул кор кардааст. Нависанда дар чанд мактаби Истамбул аз фанҳои адабиёт, забони туркӣ, фалсафа дарс мегӯяд ва дар корҳои роҳбарӣ адои вазифа мекунад. Инчунин, дар Вазорати маорифи миллӣ ба ҳайси нозир кор кардааст (1931). Ӯ аз соли 1933 то 1943 вазифаи намояндагии Чаноққалъа дар парлумони мамлакат (1947), нозири калони Вазорати маорифи миллӣ (1947) ва атташе оид ба фарҳанг дар Париж (1950) ва дар як вақт намояндагии Туркияро дар Юнеско анҷом додааст (2.120).

Дар соли 1927 Рашод Нурӣ бо хонум Ҳадя хатмкардаи мактаби занонаи Эрекей хонадор мешавад. Баъди чанд вақт духтари онҳо Эда ба дунё меояд. Муаллиф ба майдони адабиёт дар охири Ҷанги якуми ҷаҳон ворид мегардад. Рашод Нурӣ бо тахаллуси Ҷамол Неъмат ба чопи асарҳояш шурӯъ мекунад. Аввалин асари ӯ дар маҷаллаи «Ошнои дерина» дар соли 1917 чоп мешавад. Баъди як сол шарҳи рӯйдодҳои театрӣ ва тадқиқоти ӯ низ нашр мешавад. Дар ҳамин муддат вай як қатор ҳикояҳои худро менависад. Баъди ба нафақа баромаданаш дар идораи адабии театрҳои мунсипалии Истамбул кор мекунад. Нурӣ барои табобати саратони шуш ба Лондон - Британияи Кабир меравад ва дар ҳамон ҷо 13 декабри соли 1956 (67 сола) вафот мекунад.

Асарҳои Рашод Нури Гунтекин: «Гули пажмурда» (1918), «Чаманоро» (1922), пйесаи «Қаҳрамони ҳақиқӣ» (1918), «Ханҷар» (1918), «Пораи санг» (1926) ва ғайра мебошанд. Дар ҳикоя ва романҳои худ Гунтекин яке аз аввалинҳо шуда, дар адабиёти турк ба таври воқеӣ ва ҳамаҷониба Анатолия, шаҳрҳои музофотӣ ва деҳоти фаромӯшгардидаи туркро дар навишта[ои худ тасвир мекунад. Романи («Чаманоро», 1922), ки дар бораи тақдири муаллимаи ҷавони турк дар Анатолия нақл мекунад, ҳамчун мисол далел шуда метавонад, ки ин роман ду маротиба ба забони тоҷикӣ бо қалами устод Раҳим Ҳошим баргардон шуда, пешкаши донишомӯзон гардидааст (2.240). Соли 1966 аз рӯи ин роман филм ба навор гирифта шуда, сипас дар соли 1986 ин филм ба сериоли телевизионӣ табдил дода шудааст. Тарзи баёни нависанда услуби

муфассалу дақиқ ва ҷилою тобиши ҳақиқатнигорӣ дорад. Романҳои дигари пураҳамияти ӯ «Шаби сабз» ва «Хазонрез» мебошад (5.98).

Адиби номвари турк Гунтекин Рашод Нурӣ инчунин ба масъалаи бисёр муҳими оилавӣ, муносибати дуҷонибаи ҷомеа ва шахсият кор гирифта, руҳониёни дурӯяро дар асарҳояш фош сохта, тангид мекунад. Дар романи «Шаби сабз» (1928) Гунтекин муборизаи миллии озодихоҳии халқи туркро инъикос менамояд. Баъзе асарҳои Гунтекин дар руҳияи сентиментализм навишта шудаанд. Боз хусни таваҷҷуҳи хонанда ба эҷодиёти Гунтекин ба он хотир бештар аст, ки нависанда дар асарҳои худ одамонро аз байни ҳамдигар бидуни ҷудоӣ ва ҳаёти ҷамъиятии ҳамон давра тасвир мекунад. Шумораи умумии асарҳои навиштаи адиб, ба тарзи китобҳо нашр гардида, ё ин ки дар саҳифаҳои маҷалла ва рӯзномаҳо ва маҷмӯаи пйесаҳои театрӣ чоп шуда, ба намоиш гузошта шудаанд, ки миқдоран ба 100 адад мерасанд. Аз хумла, 19 роман ва 7 маҷмӯаи ҳикояҳо ба табъи хонандагони гуногунзабону гуногунмиллат расидаанд. Шумораи пйесаҳои навиштаи е ба забонҳои гуногуни дунё тарҷума шуда, мутобиқу коркард шуда, ё ин ки баръакс ба саҳна гузошта нашуда ва чоп нагардидаи муаллиф хеле зиёд мебошанд. Падари нависанда духтури ҳарбӣ буда, дар артиш рутбаи майорро дошт. Ӯ забонҳои форсӣ, арабӣ ва фаронсавиро медонист ва боре ба Рашод мегӯяд: «Ман мехоҳам туро чун Эмил қаҳрамони романи Руссо тарбия намоям» (1.87). Вай писари худро ташвиқ мекард, ки одамону табиатро ҳар чӣ хубтар фаҳмида гирад ва дар бораи онҳо бештар андеша кунад. Ҳамаи ин дар зуҳур кардани Рашод Нурӣ ҳамчун нависанда нақши муҳим бозид. Нурӣ тадриси ибтидоӣ ва миёнаро дар мактабҳои Чаноккалъа дар Измир гирифтааст.

Ба забони тоҷикӣ ҳикоя ва новеллаҳои ӯ бо унвони "Аҳднома" (аз забони русӣ бо баргардони тарҷумони тоҷик К.Мусофиров, "Ҳақиқати Ӯзбекистон". (31.10.1970), "Дони парранда" (Аз русӣ тарҷумаи Ӯ.Холиқов, "Комсомоли Тоҷикистон", (12.02.1971), "Шартнома" (Аз русӣ тарҷумаи Ӯ.Холиқов, "Занони Тоҷикистон", (№ 12, 1971),"Арзани саъба" (Аз русӣ тарҷумаи С.Ҳоҷимуродова, маҷаллаи "Машъал", (№ 10 соли 1974), "Дони гунҷишк" (тарҷума аз русӣ "Комсомоли Қурғонтеппа", (18.10.1975) баргардон ва манзури хонандагони тоҷик шудааст. Бояд қайд кард, ки новеллаи "Аҳднома"-и ӯ маротибаи дуввум (23.08.1975) бо қалами тарҷумон Ф.Чориев баргардон шуда ва дар рӯзномаи "Комсомоли Қурғонтеппа") пешкаши хонандаи тоҷик гардонида шудааст.

Новелла, ҳикоя ва ҳаҷвияҳои пур аз тамасхури адибони турк аз ҷумла, Гунтекин Рашод Нурӣ хоса баъди ҷанг аз ҳудуди мамлакат берун рафта, дар доираҳои гуногун маҳбубият пайдо менамоянд ва ба тарҷума даст медиҳанд. Баъди ин ҳодиса дар озмунҳои гуногун асарҳои ин нависанда ба муҳокима кашида мешаванд ва соҳиби ҷоизаву нишонҳои ғолибият мегарданд. Ин озмунҳо ва ғолибият ному эҷодҳои адибро дар саросари олам машҳур мегардонад. Ба ивази ин бо эътибору эътирофи пурмаҳсул менависад.

Адиби намоёни дигари турк Суод Дарвеш, ки мутаассифона ҳикояву новеллаҳои ӯ ба забони тоҷикӣ хеле кам нашр шудаанд, яке аз адиби боистеъдоди Туркия ба шумор меравад. Новеллаи ӯ бо номи "Шаҳре, ки ман ба дунё омадам" бо тарҷумаи Ҳ.Султонова ("Занони тоҷик" № 6.1971) ва як романи ӯ таҳти унвони: "Маҳбуси Анқара" тарҷумаи У.Обидов (1973, 144 саҳ) ба забони тоҷикӣ баргардон шудааст. Вале порчае аз ин романро каме пештар рӯзномаи "Комсомоли Тоҷикистон", 19.05.1971) пешкаши хонандагон гардонида буд (4.131).

Инчунин латифаҳои туркӣ ба монанди: "Модарат туро набурд, Сабр мекунам" тарҷумаи К.Мусофиров ("Тоҷикистони советӣ, 26.05.1974), Ҳикоёти туркӣ, тарҷумон С.Амирҷонов ("Маориф ва маданият", 18.05.1978), ("Комсомоли Тоҷикистон", 22.09.1978), Ҳикматҳои туркӣ - тарҷумон С.Амирҷонов ("Комсомоли Тоҷикистон", 12.11.1978), Ҳикоёту латифаҳои туркӣ: "Дузанда", "Ёрӣ деҳ", "Кадом ҳоким беҳтар", "Оё тамоман дум надошт?", "Хари бефаҳм", "Сардӣ", "Хоҷаи сахӣ","Ду тарзи тақсимот", "Девона" ба забони тоҷикӣ тарҷума шуда, дастраси хонандагони тоҷик гардидаанд.

Чуноне ки дар боло қайд гардид, аз таърихи илмиву фарҳангӣ ва адабии Тоҷикистону Туркия маълум шуд, ки чакидаҳои хомаи адабии онон ба забони тоҷикӣ аз миёнаи солҳои 50-уми қарни гузашта ва баъдтар низ тарҷума ва нашр шудаанд. Бино ба маълумоти манбаъҳо «Агар зан мебудам…» яке аз аввалин ҳикояҳои адиби турк

Азиз Несин аст, ки бо қалами М.Анис (Муҳиддин Хоҷазод) ба забони тоҷикӣ баргардон ва 16-уми октябри соли 1960 бори аввал дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» аз чоп баромадааст.

Пурмаҳсултарин давраи баргардонидани ҳикоя ва новеллаҳои адибони турк ба монанди: А.Несин, Р.Н.Гунтекин, С.Алӣ, Н.Ҳикмат,Ф.Эрдинҷ, С.Дарвеш, А.Дурсун, А.Ҳусайн, В.Сайгель, С.ХоҷаҒиёс, Б.Юлдуз ва дигарон ба забони тоҷикӣ ба солҳои 60-70-уми қарни гузашта рост меояд. Бино ба маълумоти манбаъҳои матбуотӣ аз соли 1960 то соли 1970, зиёда аз 100 ҳикояҳои нависандагони турк бо қалами адибон ва мутарҷимони гуногуни тоҷик баргардон ва нашр гардидаанд. Агар дақиқтар назар афканем, баъзе ҳикояҳо бо қалами тарҷумонҳои гуногун ду-се маротиба масалан, «Агар зан мебудам…», «Ҳикояти худам…», "Аҳднома", "Маҳбуси Анқара" рӯи чопро дидаанд, миқдори умумии онҳо дар 20 соли охир аз 35 адад бештарро ташкил медиҳанд.

Тайи солҳои 1971-1979 бошад, қариб 50 ҳикояҳои ин адибон ба тоҷикӣ баргардон шудааст. Мусаллам ба зикр аст, ки дар ин давра ду маҷмӯаи ҳикояҳои нависандаи турк А.Несин рӯи чопро дидааст, ки онҳо «Фонус» ва «Мактубҳо аз он дунё» ном доранд. Маҷмӯаи дуюм 16 ҳикояро дар бар мегирад ва мутарҷими ҳамаи онҳо нависандаи ҳаҷвнигори тоҷик Ӯрун Куҳзод мебошад.

Мемонанд се даҳсолаи дигари қарни гузашта, ки дар онҳо, мутаасифона, ҳамагӣ 15 ҳикояҳои адибони турк ба тоҷикӣ баргардонида ва чоп шудаанд. Ва онҳоро мушаххасан номбар кардан мумкин аст: ҳикояҳои ҳаҷвии А.Несин «Коргари арзон барои осонии кори полисҳо» (24 сентябри соли 1983 дар «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (ҳозира «Овози тоҷик») дар Тошканд, «Оқо, дузд ҳамин аст» баргардони О.Ислом, (рӯзномаи «Роҳи Ленинӣ» 1985, 7 декабр), «Забонатро нигаҳ дор» (Ҳақиқати Ӯзбекистон 1989, 26 декабр) дар баргардони Истад Қосимов (Зоднома тарҷумаи Маъруф Бобоҷон «Ҳақиқати Ленинобод», 1992, 4 август) ва ҳикояи Ҳ.аббосзода (Сурат, тарҷумаи А.Насимов "Тоҷикистони Советӣ" 25.05,1985), инчунин ҳикояи С.Алӣ "Доғи кунҷита", (Тоҷикистони Советӣ. 11.06.1980) дар тарҷумаи А.Насимов ба чоп расидааст.

Аз ин номгӯй ва феҳрист як манзараи дигар низ намудор мешавад, ки он бо қалами адибони тоҷики ду ҷумҳурӣ тарҷума шудани ҳикояҳои Азиз Несин ва дар ду ҷумҳурӣ чоп шуда баромадани онҳо мебошад. Хоса дар рӯзномаи бонуфузи тоҷикии Ӯзбекистони бародарӣ чоп шудани («Ҳақиқати Ӯзбекистон») 6 ҳикояи Азиз Несин гувоҳи ин даъво шуда метавонад.

Хулоса, дар баргардони қариб 100 асар аз беш аз 2000 ҳикоя, новеллаҳои адибони туркзабон ба забони тоҷикӣ 35 нависандаи тоҷик ва қаламкаши тоҷикзабони Ӯзбекистон ширкат варзидаанд. Боз ҳам дақиқтар ба мавзӯъ нигарем, дар баргардони ҳикояҳои адибон 15 нависанда ва тарҷумони касбӣ ва 25 қаламбадасти дигар, ки номашон дар адабиёт чандон маълум нест, ҳиссагузорӣ кардаанд. Дар ин силсила ҳамагӣ як нафар адибро номбар кардан мумкин аст, ки ҳикояҳоро бевосита аз забони туркӣ (озарбойҷонӣ) ба тоҷикӣ баргардон кардааст. Ин нависанда устоди шодравон Раҳим Ҳошим аст. Дигар ҳама баргардонҳо аз нашрҳои русӣ баргардон кардашудаанд.

Ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» аз 27-уми декабри соли 1990 акси адиби ҳаҷвнигори Туркия Азиз Несинро бо ҳамроҳи навиштаи ҷолиб манзури ҳаводоронаш карда буд. Чунонки аз ахбори хаттии зери расм пайдо мешавад, нависандаи маъруфи турк Азиз Несин чанд рӯз меҳмони диёри сарсабзи тоҷикон буда, дар ҷандин ҷаласаҳои пуршукуҳи илмӣ (чунончӣ, дар Кохи ҳунару санъати ба номи Айнӣ) суханронӣ кард ва баромадҳои ӯро ҳама хуш пазируфтанд. Нависандаи маҳбуби мо Ӯрун Куҳзод, рӯзноманигор ва драматург Нур Табар ҳамон айём бо Азиз Несин вохӯрда, аз файзи суҳбатҳои адиби дилогоҳ баҳра бурданд. Аз нақли Ӯрун Куҳзод чунин бардошта шуд, ки Азиз Несин аз адабиёти классикии мо хуб огоҳ ҳам будааст. Нависанда бо таассуроти хуш аз Душанбе ба ватани хеш баргашт. Дар рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» (22-уми январи соли 1984) пораи хотироти Нур Табар нашр шуд, ки бо як меҳри дӯстиву бародарӣ иншо гаштааст.

Ҳамаи он адибони Туркия, ки дар боло қайд гардиданд, ба дили ҳаводорони хонандаи тоҷик зуд ҷой гирифтаанд. Боз илова ин аст, ки бештари тарҷумаҳо дар

рӯзномаҳо ва аксари онҳо дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод», «Комсомоли Тоҷикистон», «Тоҷикистони Советӣ» ҳамчунин дар «Маориф ва маданият», маҷаллаҳои «Шарқи сурх» («Садои Шарқ»), «Хорпуштак», «Тоҷикистон», рӯзномаҳои ноҳиявӣ «Коммуна» , «Коммунисти Ёвон», «Роҳи Ленинӣ» ва ғ. чоп шудаанд.

Қобили қайд аст, ки тарҷумаи ҳикояҳои адибони туркзабон бо завқу салиқаи хоси тарҷумонӣ ба забони тоҷикӣ гардонида шуд. Таҳлили муқоисавии ҳикояҳо ва новеллаҳо ин аст, ки бисёр паҳлуҳои ҷолиби санъати тарҷумаро нишон медиҳад. Ин тарҷумаҳо асосан бо ду роҳ сурат гирифтаанд: бевосита ва бавосита. Аксари тарҷумаҳое, ки Раҳим Ҳошим анҷом додааст, бевосита аз забони туркӣ (озарбойҷонӣ) сурат гирифтааст. Ҳамаи ҳикояҳои дигари адибон, ки аз соли 1950 то ин давра дар нашрияҳои гуногуни Тоҷикистон ба табъ расиданд, аз забони русӣ ба тоҷикӣ тарҷума шудаанд.

Ҳикояҳое, ки бевосита ба тоҷикӣ баргардонида шуд: «Ҳикояти худам» («Садои Шарқ»- № 9, соли 1968, саҳ. 69-93), «Ҳамдии фил дастгир карда шуд» ва «Ба хушбахтиам аз ту миннатдорам» («Садои Шарқ» - № 9, соли 1973, саҳ. 54-59), бевосита аз тарафи Раҳим Ҳошим ба тоҷикӣ баргардон карда шудаанд.

Як хусусияти муҳимми ин тарҷумаҳоро, ки бевосита аз забони туркӣ ба лафзу каломи тоҷикӣ баргардонида шудааст, адабиётшиносии тоҷик қайд карда буд: «Он нозукиҳои бадеиро, ки забони асл медиҳад, аз тарҷума ёфтан душвор аст. Тарҷумаҳои бадеии шоиронаи Раҳим Ҳошим дар қувват додани забони андешаи асли асарҳо ёрӣ мерасонад» (4)

Хулоса, баргардони осори адибони турк бо завқу салиқаи хоси тарҷумонӣ ба забони тоҷикӣ гардонида шуд. Таҳлили муқоисавии ҳикояҳо ва новеллаҳо ин аст, ки бисёр паҳлуҳои ҷолиби санъати тарҷумаро нишон медиҳад.

Адабиёт:

1. Алькаева Л. О., Из истории турецкого романа. 20-50-е годы XX в. М., 1975
2. Гунтекин Рашод Нурӣ "Чаманоро". Роман.-Д.Ирфон,1984.400с.
3. Жирмунский В.М. Сравнительное литературоведение. Восток и запад. М.Наука.,1979.493с.
4. Табаров Н. Дар сӯҳбати Азиз Несин Аз дафтари нависанда.- //Тоҷ.советӣ, 1984, 22 январ.
5. Суод Дарвеш. "Маҳбуси Аанқара", роман.Д.-Ирфон// 1973.143с.
6. Фиш Р.Г. С.Али. Критико-биог. Очерк. М. Гослит. Издат. 1959. 340с.

ОСОБЕННОСТЬ И СТИЛЬ ПЕРЕВОДОВ ПРОИЗВЕДЕНИЙ ТУРЕЦКИХ ПИСАТЕЛЕЙ В ТАДЖИКИСТАНЕ

Шарифова Г.А.

В статье говорится о жизнь и деятельности писателя Турции. Также анализированы переводы произведений турецких писателей на таджикском языке.

Ключевые слова: перевод, исследование, анализ, стиль, рассказ, писатель, оригинал.

FEATURE AND STYLE OF TRANSLATIONS OF WORKS OF TUKISH WRITERS IN TAJIKISTAN

Sharifova G. A.

The article deals with life and work of writers in Turkey. Translations of Turkish writers' works into Tajik language are analysed in this article too.

Key words: translation, research, analysis, style, story, writer, original.

Сведения об авторе: Шарифова Гулистон Амриддиновна - кандидат филологических наук, доцент Таджикского Технологического Университета, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.Бехзод 2. кв 17, тел.: (+992) 907 702975, e-mail SharifovaG@inbox.ru

Information about the author: Sharifova Guliston Amriddinovna, Ph. D. in Philology, docent, Tajik Technological University, Republic of Tajikistan, Dushanbe City, 2 Behzod Street, apt 17, tel.: (+992) 907 702975, e-mail SharifovaG@inbox.ru

АЛОҚАИ КАЛИМАҲО БО ПЕШОЯНДҲОИ НОМӢ ДАР «БАДОЕЪ-УЛ-ВАҚОЕЪ»-И ЗАЙНИДДИН МАҲМУДИ ВОСИФӢ

Ғаффоров А. О., Алиев А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар ҷараёни алоқа ва муносибати наҳвии калимаҳо пешояндҳои номӣ мавқеи махсус доранд ва дар вазифаи ҳуруфи изофа омадани як қабил исму зарфҳо таърихи қадима дорад.Теъдоди ҳуруфи изофа, ки аз забони давраи миёна мерос мондаанд, хеле каманд ва қатъи назар аз он ки онҳо дорои маъноҳои аслӣ ва маҷозӣ мебошанд, дар ҳеҷ сурат талаби рӯзафзуни одамон ва пайдоиши муносибатҳои нави навҳиро қонеъ карда наметавонистанд. Аз ин рӯ, пайдоиши пешояндҳои номӣ қабл аз ҳама ба қонунияти ва тамоюли инкишофи забон ва бахусус, тамоюли озод кардани ҳуруфи изофа аз сервазифагию сермаъноии онҳо ва пайдоиши муносибатҳои нав ба нави байни ашё ва ҳодисоти олам вобастагии қавӣ дорад. Гузашта аз ин, муваффақиятҳои фаъолияти аҳли ҷомеа, ошкор шудан ва дарккунии алоқа ва муносибатҳои боз ҳам пурқувватар ва нозуктари байни ашё ва ҳаводиси олам дар ҳар гуна забон, хусусан, дар забони тоҷикӣ, ки забони аналитикӣ аст, воситаҳоеро талаб мекарданд, ки он воситаҳо муносибатҳои навро ҳар чӣ аниқтару возеҳтару пурратар ифода намояд.

Ш.Рустамов дуруст таъкид кардааст, ки ба категорияҳои ёридиҳандаҳо, аз ҷумла пешояндҳо гузаштани калимаҳои номӣ дар забони адабии тоҷик ҳодисаи характернок мебошад [4,320].

Ҳаҷ ба ҷониби таълифгарони Граматикаи академии забони тоҷик аст, ки навиштаанд: муқаррар намудани меъёр ва шароити ба пешояндҳои номӣ гузаштани калимаҳои мустақилмаъно, ки аз ҳодисаи бисёр маъмули забони тоҷикист, аз ҷумлаи масъалаҳои душвори забони тоҷикӣ мебошад [2, 210].

Дар баъзе забонҳо ҷараёни гузариши калимаҳои мустақил ба гурӯҳи пешояндҳо то андозае тадқиқ шудаанд, вале дар забоншиносии тоҷик ба ҷуз мақолаҳои мубоҳисавии ҷудогона роҷеъ ба ин масъала тадқиқи ҷиддие ба назар намерасад. Дар асарҳои тадқиқотии ба таърихи забони адабии тоҷик бахшидашуда низ системаи пешояндҳои номӣ ба таври муфассал баён нашудаанд.

Дар забоншиносӣ собит шудааст, ки пешояндҳои номӣ маҳсули давраҳои нисбатан нави забон буда, онҳо, асосан, аз ҳиссаҳои номии нутқ ба вуҷуд омадаанд ва «дараҷаи пешояндшавии ҳамаи калимаҳои номӣ як хел нест, кариб ҳамаи калимаҳое, ки ҳамчун пешояндҳои номӣ ё ҳиссаҳои номии пешояндҳои таркибӣ истифода мешаванд, комилан ба ин категория (пешояндҳо - А.Ғ.) нагузаштаанд. Баъзеи онҳо ҳамчун исм ва баъзеи дигарашон ҳамчун пешоянд серистеъмол мебошанд. Ин далели он аст, ки ба вазифаи пешоянд омадани онҳо ба давраҳои гуногун вобаста мебошад» [2,65].

Афкори дар хусуси пешояндҳои таркибии номии забони тоҷикӣ баёншуда, чунонки С.Абдураҳимов ишора кардааст, ба чунин хулоса меорад, ки пешояндҳои таркибии номии забони тоҷикӣ аз сари нав тадқиқ мехоҳанд ва ин масъала аз доира ва имконоти мақолаи мо берун аст.

Мусаллам аст, ки пешояндҳои таркибии номӣ низ монанди ҳуруфи дигари изофа барои ифодаи муносибатҳои умумӣ, абстрактӣ (замонӣ, масоҳавӣ, сабабӣ ва ғайра) байни предметҳо ва ё барои нишон додани чунин муносибатҳои предметҳо нисбат ба амал, ҳолат ва аломат хизмат мекунанд. Пешояндҳои номӣ аз дигар ҳуруфи изофа, пеш аз ҳама, ба нигоҳ доштани маъноии луғавии худ фарқ мекунанд. Маъноии грамматикӣ ва луғавии пешояндҳои номӣ нишон додани муносибати калимае бо калимаи дигаре мебошад. Маъноии грамматикии пешояндҳои номӣ аз нишон додани муносибати тобеии исму ҷонишинҳо бо калимаҳои дигар иборат бошад, маъноии луғавии онҳо муносибати мантиқӣ –маъноии байни калимаҳои алоқамандшударо нишон медиҳад. Маъноии хосаи пешояндҳои номӣ аз нишон додани тобиши муайяни маъноӣ, ки дар ин муносибати наҳвӣ мавҷуд аст, иборат аст.

Ҳамин тавр, пешояндҳои номиро низ, чун дигар ҳуруфи изофа ба гурӯҳи воситаҳои алоқаи калимаҳо дохил намудан мумкин аст, зеро маъноии луғавии онҳо ба маъноии грамматикашон, асосан, баробар аст.

Пешояндҳои номиро дар забоншиносии рус бо истилоҳи «калимаҳои нимёвар» ном бурда, Ярсева В.Н. навиштааст: «дар ҳақиқат , калимаҳои ёвар ё нимёвар ҳамчун қисми таркибии луғавии забон, вазифаеро иҷро менамоянд, ки он бар вазифаи баъзе шаклҳои грамматикӣ баробар аст ва ё ба ҳар ҳол дар ифодаи маънои категориявии грамматикӣ ёрӣ мерасонанд» [5, 123].

Пешояндҳои номӣ на танҳо ба мавҷудияти муносибатҳои грамматикии муайяни байни калимаҳои таркиби ибора ва ҷумла далолат мекунанд, балки бо мазмуни худ мундариҷа ва хусусияти он муносибатҳоро равшану возеҳ месозанд:

I. Муносибатҳои ҳолӣ бо пешояндҳои номӣ

Пешояндҳои номӣ дар ташкилу ифодаи муносибатҳои гуногуни навҳӣ дар насри «Бадоеъ-ул-вақоеъ» воситаи сермаҳсулу серистеъмоли алоқаи калимаҳо маҳсубанд. Онҳо хам дар шакли сода ва ҳам якҷоя бо пешояндҳои аслӣ дар шакли таркибӣ барои ифодаи аниқу саҳеҳтари муносибатҳои наҳвии калимаҳо дар забони ин давра ҳам мақоми хоса доранд. Пешояндҳои номӣ, бахусус, дар сурат гирифтани муносибатҳои гуногуни ҳолии калимаҳо дар асар серистеъмоланд ва тобишҳои гуногуни маъноӣ зоҳир мекунанд.

1. Муносибатҳои макону масоҳа

Дар ифодаи муносибати макону масоҳа дар «Бадоеъ-ул –вақоеъ» пешоянҳои номии зиёде истифода шудаанд. Қариб дар ҳамаи асару мақолаҳои ба пешояндҳои номӣ бахшидашуда қайд шудааст, ки пешояндҳои номӣ маънои ҳуруфи изофиро аниқтар ва пурратар менамоянд.

Дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» пешоянди <u>пеши</u> ҳам дар шакли сода [пеши-165 б.] ва ҳам дар ҳуруфи изофии <u>дар</u>, <u>ба</u>, <u>аз</u>, <u>бар</u> [дар пеши 65 б.], ба пеши [63 б], аз пеши [17 б.], бар пеши [1 б] дар ифодаи муносибатҳои макону масоҳа истифода шудааст.

Шакли содаи ин пешоянд ва ашколи бо ҷузъи <u>ба</u> ва <u>дар</u> бо исми макон, ашё ва шахс, ба сӯи он равона будан ва дар пеши он воқеъ гаштани амалу ҳолатро нишон медиҳад. Ҷузъи тобеъкунанда бештар бо феълҳои ҳаракату ҳолат ва ҷузъи тобеъ бо исмҳо ва ҷонишинҳо ифода шудааст:

Пеши доруға рафтем [1,1047]. Домодро пеши арӯс меоранд [1,979]. Баъд аз он пеши ман намебошӣ [1,521]. …пеши дари бод нишаста буд [1,514]. …ба пеши мадраса…расидем [1,1062]. …дар пеши он зан ҷавоне…истода [1,977].

Дар алоқаи калимаҳо дар насри асар пешоянди пеши дар шакли пешони, ки маънии охир ва нуқтаи интиҳои масофаеро ифода мекунад, низ мустаъмал будааст: Моҳчучук дар пешони хона менигарист [1,1133]. Ногоҳ аз пешони кӯча касе пайдо шуд (1,1064).

Шакли <u>аз пеши</u> гузаштани амал ва ё шахсро ба ҷое ва ё воқеъ гаштани амалро аз наздикии ашё ё шахсе нишон додааст: Қосиде аз пеши подшоҳ омад [1,782]. Он мард аз пеши мо гузашта [1,1023]. ….аз пеши назар вай дур бош [1,56].

Дар шаклҳои таркибии пешоянди <u>пеши</u> ҷузъи <u>аз</u> аксаран ҳатмӣ буда, вогузор шудани он мумкин нест: аз пеши қозӣ берун омаданд [1,927].

Дар асар шаклҳои <u>дар пеши</u> ва <u>ба пеши</u> чун муродифи ҳамдигар истифода шудаанд: …он латта дар пеши ман андохт [1,1155]. Ӯро дар пеши худ талабид [1,320]. …музди ҳамомро ба пеши ҳаммомӣ ниҳода… [1,1025].

Пешояндҳои <u>пеши</u>, <u>назди</u> вобаста ба ҷузъҳои тобеъкунанда ва тобеъшаванда дар ифодаи муносибатҳои ғайримасоҳавӣ низ истифода шудаанд. Дар ин маврид ба сифати тобеъкунанда ҳиссаҳои номии нутқ меоянд:

а) дар ифодаи муайянкунандагӣ-масоҳавӣ. Тобеъкунанда исм бошад, ибора муносибати муайянкунандагӣ–масоҳавиро ифода кардааст. Шамсаи пеши тоқи айвон [1,342]. Хонаи пешон…дуконро…гилем андоз [1,1136]. Дар хиёбони наздики банди Қорун будам [1,1119].

б) дар ифодаи муносибати объектӣ –қиёсӣ: Хуршеди бекарон…пеши вай чун холи кавокиб дар пеши офтоб будӣ [1,226]. Қуттоси баҳри латиф пеши он маҳосини касиф дар назар ноқису лаклака меояд [1,896]. Назди аҳли басират бағоят мустаҳкам ва мақбул намуд [1,900].

в) ифодаи муносибати пуркунандагӣ бо тобиши маҳдудӣ: Пеши муншиёни моҳир…якрӯза кор аст [1,330]. Нозукии мизоҷаш пеши шумо маълум аст [1,530]. Назди хонум эътибор ёфт [1,1122]. Назди арбоби фазилат лозим аст [1,209]. Фарзандони Халли Кукалтош дар назди ман аз фарзандони ман мақбултаранд [1,1105].

Дар насри асар барои ифодаи муносибатҳои навҳии макону масоҳа пешояндҳои назди, наздики ва шакли таркибии онҳо –ба назди, ба наздики,аз назди, аз наздики, дар назди, дар наздики истифода шудаанд. Ин пешояндҳо аз рӯи вазифаи наҳвӣ муродифи пешоянди пеши буда, дорои тобиши маъноии наздик будан ба ашё ва ё шахсе мебошад:…ба назди Суюнҷхоҷахон…фиристод [1,378]. Дар наздики хонааш масҷиде буд [1,1148]. Чун наздики имораташ расидем [1,1099]. Рӯзе назди Улуғбекмирзо касе омада…[1,550].

Дар ифодаи муносибати наҳвии макону масоҳа дар насри «Бадоеъ-ул-вақоеъ» инчунин пешояндҳои дар ҷавори ва микоруни низ мустаъмаланд: дар ҷавори хонаи худ …ҷои таъин фармуданд (1,1161). Чун оҳу дар махозии Нуъмоншоҳ расид…(730). Он шахсе, ки микоруни эшон нишаста…[1,550].

Пешояндҳои дар домани, ба домани, ба пои,дар пояи, ба пояи, дар поёни, дар зии ба исмҳои мушаххас омада, дар қисми поёнии онҳо воқеъ гардидани амал ё ҷойгир шудани шахсу ашёро ифода кардаанд: Ба домани кӯҳе расид [1,752]. …ба пои девраш расидем [1,1099]. Дар зии азалату ҷалоли мо …саъю кӯшиш дорад [1,696].

Пешояндҳои номии дари ва шаклҳои таркибии он ба дари, дар дари, аз дари, бар дари низ дар насри асар дар ифодаи муносибати наҳвии макону масоҳа истифода шудаанд.

Ибораҳое, ки бо пешояндҳои фавқуззикр сурат мегиранд, дар даромадгоҳ ва дар даруни маконе қарор гирифтан ё рӯй додани амалро ифода кардаанд: Устоди рангрез дари дукони худро об зада …[1,991]. …дар дари харобот ёре пайдо шуд [1,1145]. Моро дар дари хона мешиносанд [1,1078]. Савор бар дари маҳкама расид [1,838]. Гузараш ба дари мадрасае афтод [1,704].

Бояд зикр кард, ки дар шаклҳои таркиби бо ҷузъи дари бештар дар алоқаи суст буда, он танҳо ба ибораи тобиши маъноӣ мебахшад, ифода мегардад: … ба дари хонаи мулло Порсо расид(1,586). Муқоиса шавад: ба сарое расидем [1,1132].

Шакли содаи пешоянди номии изофии дари дар асар бештар дар таркиби ибораҳои исмӣ омада, муносибати муайянкунандагӣ –масоҳавиро ифода кардааст: Умарои дари хонаи султон [1,1271]. Борҳо ба мардуми дари хона гуфта буда [1,690].

Пешояндҳои таркибии номии изофии навъи бар сари, дар сари, ба сари, аз сари, бар болои, дар болои, дар рӯи, бар рӯи, аз рӯи, бар рӯи, бар фарқи, бар нӯги низ дар насри ин давра, асосан, дар ифодаи муносибатҳои макону масоҳа истифода шудаанд.

Шаклҳои навъи бар болои, дар болои, бар рӯи, бар болои, бар сари ва амсоли инҳо ба исми макон ё ашё меоянд, ки амал дар сатҳу болои он воқеъ ё равона шудааст: Дар болои дукон хуҷрае сохта буд [1,1136]. Дар шаб ба болои он навишта…[1,478]….бар болои курсӣ нишаст [1,793]. Бар сари дар тобдоне дорад [1,1080]. Бар фарози минбар нишаст [1,589].

Пешоянди сари ва шаклҳои таркибии он (бар сари, ба сари, дар сари) инчунин ашё ва ё маконеро нишон додаанд, ки дар наздикии он амал воқеъ ва ё ҷараён гирифтаст ва ё ба назди он нигаронида шудааст: Бар сари чашма аждаҳое буд [1,753]. Моро дар сари Пули Молон меёбӣ [1,1190].

Дар баъзе тадқиқотҳо қайд шудаст, ки шакли бар рӯи дар забони адабии пешина барои ифодаи ҳоли макон дучор нашудудааст. Мисолҳои мо собит намуданд, ки дар ифодаи муносибатҳои маконӣ ин пешоянд дар забони адабии пешина мустаъмал будааст: Ногоҳ боз ҳамон ғаливож …бар рӯи ҳаво пайдо шуд [1,872-873]. Ногоҳ шахсе бар рӯи фарши айвон баромад [1,1039].

Агар ба сифати ҷузъи тобеъ исмҳои маънӣ оянд, дар байни калимаҳои алоқамандшуда муносибатҳои ғайримасоҳавӣ мушоҳида мегардад:

а) Муносибати сабабӣ: Ин амр..аз сари мастӣ ва бехудӣ буда [1,931]…аз рӯи ғазаб гуфт [1,856].

б) Муносибати мақсадӣ:Биё,то бар сари бисот равем [1,865]. Паҳлавон Ҳиндухоҷа аз рӯи даъво ба вилояти Хуросон омада [1,892]….аз рӯи эҳтиёт нигоҳе кард [1,872].

в) Муносибати тарзу мутобиқат: Аз рӯи фаросат донистам [1,872]. Дар ин ду казия аз рӯи муҷиби шаръи Муҳаммадӣ таҷовуз менамоям [1,776].

Пешоянди зери ва муродифҳои он – дар зери, аз зери, дар таги, дар тахти, дар қаъри, аз таги, аз қаръи, аз зери, дар тахти, то зери, то қаръи нишон медиҳад, ки амалиёти фоил аз пояи ашё ё маҳалле оғоз меёбад ва ё дар пояи зери онҳо воқеъ шудааст ва ё ба таги он равона мегардад. Ба сифати ҷузъи тобеъ бештар исмҳои моддӣ ва ҷонишинҳо ва чун тобеъкунанда феълҳои ҳаракату ҳастӣ омадаанд: Зери чаҳорпояи курсии Абӯалӣ чаҳор танга ниҳоданд [1,793]. Гилро аз таги ҷӯй меканд [1,859]. Аз зери ҳезум баромадам [1,1066].Ҷоми зарин… дар зери он дошт [1,753]. Дар таги хона гилеми абрешимӣ буд [1,1161].

Муносибати макону масоҳа дар асар тавассути пешояндҳои номии изофии паҳлуи, лаби, гирди,паси, қафои ва шаклҳои таркибии онҳо-дар паси, бар канори, ба гирди, ба паси, дар лаби,дар гирди, ба лаби, ба канори,ба қафои, бар пушти, бар заҳри, ба дунболи, дар паҳлуи, аз қафои, аз паси, аз пайи, дар пайи низ ифода шудааст.Ҷузъи номии шакли таркибии ин пешояндҳо таъйингари макони мушаххаси ҷойгиршавӣ, бавуқуъоӣ ва равона шудани амалу ҳолати калимаи тобеъкунанда мебошад: Султон аз қафои ӯ мерафт [1,1284]. …гирди даргоҳи ман нагардӣ [1,462]. Шӯаро дар гирди ӯ ҷамъ буданд [1,1207]. Паси дари ҳавлӣ хокрез буда [1,1138]. Аз пайи эшон ҳаёҳӯй баромад [1,553]. Халоиқ ҳама ба дунболи ман мутаваҷҷеҳ буданд. [1,1064]. Аз дунболи ман ҷудо нашавӣ [1,1038]. …бар заҳри рубоии вай навишт [1,841].

Пешояндҳои аз пайи, дар пайи дар асар ғайр аз муносибатҳои макону масоҳа дар ифодаи муносибатҳои сабабу мақсад низ истифода шудаанд. Р.Ғаффоров асосан пешоянди макон будани онҳоро зикр карда, дар ифодаи ҳоли сабаб дар шева омадани шакли аз пайиро низ қайд кардааст [3,251].

Дар насри «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ин пешояндҳо дар ифодаи муносибати мақсад низ ифода шудаанд:дар долони работ аз пайи истироҳат нишаста будем(606). Мирзо маро аз пайи муҳиме фиристоданд [1,552]….дар пайи илм ранҷу заҳмати беҳуда мебурдед [1,921]. Ва низ [412, 36, 1217, 786, 1066, 606, 552].

Дар асар баҳри муносибатҳои макону масоҳа пешояндҳои миёни,миёнаи ва шаклҳои таркибии онҳо –дар миёни, аз миёни, то миёни, дар миёнаи,аз миёнаи низ истифода шудаанд. Тобеъкунанда бештар бо исмҳои амал ва ё феълҳои таркибие, ки ҷузъи номиашон исми амал аст ва ё ба сифатҳо ифода гардидааст, ифода мешавад. Агар ҷузъи тобеъ аз ду калимаи дар алоқаи пайваст омада ва як калимаи шакли ҷамъ иборат бошад, вуқуи амал ё ҷойгиршавии ашёву шахсро дар байни онҳо мефаҳмонад: Рашку таассуб миёни бародарон мебошад [1,923]. …миёни падару писар безори ниҳод [1,374]. Анқариб миёни мо муфориқат воқеъ шуд [1,105]. Дар миёни тудаҳои хишт нишаста буда [1,50].

Пешояндҳои навъи дар миёнаи, аз миёнаи воқеъ гардидани амалро дар мобайни ашё ё макон ифода кардаанд:…дар миёни боғ ҳавз аст [1,586]….аз миёни Чорсу ғалоғула …баромад [1,1088]. Дар мобайни дарвозаи Ироқ ва Фирӯзобод мавзеъст [1,892].

Пешояндҳои даруни ва шаклҳои таркибии он дар даруни, дар андаруни, ба даруни, аз даруни равона шудан ва ё воқеъ гардидан ё самти ҳаракати амалро дар дохил ифода кардаанд: Футадор даруни ҳаммом даромада [1,1025]. …дар даруни вай пораи лаъл ёфтам [1,476]. …даруни сарояш ҷоест [1,745]…подшоҳро даруни дарвоза дида [1,1260].

Пешоянди дар беруни воқеъ гардидани амалро дар беруни маконе нишон медиҳад…дар беруни Боғи Зоғон …ҳуҷум намуда [1,639].

Муносибати самти ҳаракати фоил ба маконе дар насри «Бадоеъ-ул-вақоеъ» бо пешояндҳои ҷониби, сӯи ва шаклҳои таркибии ба ҷониби, бар ҷониби,ба сӯи, аз ҷониби, дар ҷониби, дар тарафи, ба тарафи, ба савби ифода шудаанд: Сӯи чорбоғи вай равона шудем [1,1099]. …ба ҷониби сари хиёбон мутаваҷҷеҳ гардиданд [1,1062]. Дар ҷониби садафхона машъал афрухтанд [,650]. Фирқае ливои азимат ба савби Самарқанд ба Бухоро меафрохтанд [1,41].

Пешоянди дар баробари дар асар бештар дар ифодаи муносибати макону масоҳа ва мутобиқат омадааст:…дар баробари Хоҷа истод [1,1216]….дар баробари гови ту сад гов бидиҳам [1,1250].

Исми «гардан» чун ҷузъи номии пешоянд вақте истифода мешавад, ки ба маънои маҷозӣ ояд:…он амр ба гардани фақир …афтод [1,947].

Дар таркиби ибораҳои изофӣ баъзе пешояндҳои фавқуззикр муносибати муайянкунандагӣ –масоҳавиро ифода кардаанд: дар масҷиди сари қабри имом нишаста будам [1,57]. Мӯйҳои зери маҳосинашро метарошид [1,1197]. Тутии даруни қафас тапидан гирифт [1,757].

2. Муносибати замонӣ.

Муносибатҳои замонӣ дар насри «Бадоеъ-ул-вақоеъ» тавассути пешояндҳои номии ҳангоми, вақти, маҳалли ва шаклҳои таркибии дар вақти,дар замони, ба вақти, ба муҷарради, аз замони, дар ҳини, дар айёми, дар аснои,дар даври, дар айни, дар маҳали сурат гирифтааст. Ба сифати ҷузъи тобеъ бештар исмҳои замон ва амал омадаанд. Агар ҳамчун ҷузъи тобеъ исмҳои мафҳуми замондошта оянд, ҷузъи номии ин пешояндҳо як навъ таъкидро ифода мекунад ва зикри он ҳатмӣ нест: Дар замони қадим шахсе буд [1,990]. То вақти субҳидам …машғул доштанд [1,1163].

Агар ба сифати ҷузъи тобеъ исми мафҳуми замон надошта ояд, муносибати замонӣ маҳз туфайли ҷузъи номии пешоянд ҷилвагар мешавад: Вақти ангур овардан…мегирист[1,1133]. Дар замони Шайбонихон корҳои ғариб карда…[1,1105]. Дар аснои гармии сухан гуфт [589].

Пешоянди ба муҷарради дар «Грамматикаи забони тоҷикӣ»[2] зикр нашудааст. Дар баъзе асарҳо чун пешоянди архаистӣ ба қалам омадааст, вале устодони сухани муосир онро истифода кардаанд. Ин пешоянд дар насри «Бадоеъ-ул-вақоеъ» дучор гардид: …ба муҷарради хонадон шикофт [1,503]….ба муҷарради мулоқот гуфт [1,503]. Пешоянди мазкур дар шеваҳои ҷануби забони тоҷикӣ ҳанӯз мустаъмал аст ва лоиқи дар забони адабии тоҷик серистеъмол шудан дорад.

Муносибатҳои замонӣ дар асар инчунин бо пешояндҳои номии ғайриизофии баъд аз, пеш аз, қабл аз, пас аз ифода шудааст. Дар насри ин давра, махсусан, пешоянди баъд аз хеле серистеъмол аст: Баъд аз фатҳ…зинда намегузорад [1,1129]. Пеш аз омадани Шумо фалон кас омада буд [1,65]. Баъд аз муддате берун наомад [1,1144].

3. Муносибати сабабу мақсад.

Барои ифодаи муносибати сабабу мақсад пешояндҳои номии ҷиҳати,мучиби, баҳри,ба сабаби, ба воситаи, ба ҷиҳати, аз ҷиҳати ,ба ғояти, ба иллати,ба туфайли, бар сабили, аз ғояти, аз камоли, ба қасди, ба расми, баҳри,аз баҳри истифода шудаст. Ин пешояндҳо бо ашё ва ё ҳолате омадаанд, ки боиси вуқуъи амалу ҳолати тобеъкунанда гардидааст: Хоҷа ҷиҳати шумо мутараддиданд [1,250]. …бо сабаби ришва аҳли чоҳ, ҷайби диёнати худро ба дасти тамаъ пора созад [1,924]….ба иллати ятими кушта шавад [1,619]. Ту он най, ки ба ҷиҳати ту маро дар кишти баста андохтанд [1,813].Ин вилоятест, ки ҳоло аз ҷиҳати забту сиёсати Султон Ҳусайн Мирзо…ба ин навъ шуда…[,1015]….гарданкаши аз ҷиҳати ҳасад буд [1,411] .Зарру ҷавҳарро туфайли шумо доштем [1,1109].

Шаклҳои аз ғояти, аз камоли ашё ва ҳолатеро ишора мекунанд, ки он ба дараҷае расидааст ва боиси рух додани амалу ҳолати калимаи тобеъкунанда гардидааст: Аз камоли ҳамоқат бодинҷоро …боз нашинохтӣ [1,798]. Аз камоли эъроз Мирзо фаромӯш шуда [1,522].

Муносибати сабабӣ дар асар бо пешоянди номии ғайриизофии бинобар ҳам сурат гирифтааст: Ин нишон низ бинобар мултамаси шайхи мушорулайҳ навишта шуд [1,695]. Бинобар рафъи мазанна Махдуми маъзурати бисёр намуд [1,569].

Муносибати мақсад бештар бо пешояндҳои ба қасди, аз баҳри, ба расми, бар сабили, ҷиҳати,баҳри ифода шудааст: Убайдуллохон ба расми таъзияпурсии Хоҷа Порсо …ташриф меовард [1,230]. Ба қасди шикор мутаваҷҷеҳи канори оби Пурк гардиданд [1,1176]. …баҳри имтиҳон дар зери пардаи кофурии субҳ нуҳуфта…[1,725]. Як ҳафта ҷиҳати яроқ …муҳлат талабид [1,534]. Ва аз баҳри ташҳир бар хари бараҳна савор карда бошанд [1,512]. Ин ҳикоятро бар сабили муфосират зикр карда [1,438].

Пешоянди чиҳати, аз баҳри, баҳри дар асар дар ифодаи муносибати объектии таъйинот низ истифода шудаанд: Шаҳпари худро ҷиҳати мизроб пеши вай кашидӣ [1,23]. Аз баҳри баъйи теғи хунрези худ муштарӣ талаб менамуд [1,1326]. Ва насри тоир аз баҳри ошёни эшон парҳои худро канда…[1,889].

4. Муносибати қиёсу монандӣ.

Дар асар барои ифодаи муносибатҳои қиёсу монандӣ пешояндҳои номии изофии монанди,мисли,шабеҳи, амсоли, мисоли, ба масобаи, бар сони, бар мисли, аз мисли, ба мисли, дар мисли, бар амсоли, дар амсоли, ба манзалаи, ба гунаи ва пешояндҳои номии ғайриизофии чун, ҳамчун, ҳамчу, чу истифода шудаанд. Ин пешояндҳо тарзу тариқи вуқуъи амалу ҳолат ва аломатро дар заминаи қиёсу монандӣва муқолабаи ашё, амал ва аломати он ифода мекунанд: Ҳеҷ кас мисли Ҳофиз Басир нахонда [1,25]. Он тири суханро монанди лола аз замин бармедошт [1,1152]. Шабеҳи моргазидае паҳлу ба паҳлу меғалтидам [1,503]. Як чашми вай ба масобаи донаи ангур аз парда… берун омада [1,980]. Ҳамчу кабки дарӣ бар он девор бардавид [1174].

Дар асар барои ифодаи муносибати қиёсу монандӣ пешоянди ба манзалаи, ба гунаи, ба зайли низ истифода шудаанд: Нахли солхӯрдаи қомати вай ба манзалаи хошаест дар таги риши вай ситода [1,896]….ба гунаи ламаони анвор пардохт [1,105]. Ба зайли афву иғмоз бипӯшанд [1,435].

Пешоянди ба сони, ки бештар хоси назм аст, дар насри «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ба чашм расид: …ба сони нома бар худ бипечид [1,378]. Тоқи айвонаш ба сони абруи хубон ток буд [1,704].

Дар асар ба сифати тобеъкунанда ғайр аз феълҳо исмҳо низ омадаанд. Дар байни чунин пайвастаҳо муносибати муайянкунандагӣ –қиёсӣ мушоҳида мегардад. Лабҳо чу қанде [1,1306]. …чун шумо подшоҳ [1,461]. Монанди мову ту ҳам сунни бешумор [1,1056]. Мисли ӯ паҳлавоне бар сари қадам наёмада[1,644]. Маҷлисе ҳамчун базми Кайковус ороста [1,440].

Ҷузъи асосии чунин пайвастаҳо бо сифатҳо низ ифода гардидаанд: Дар чунин ифодаҳо сифатҳо ё хабари номӣ шудаанд ё ба сифати ҷузъи номии хабарҳои таркибӣ истифода шудаанд: Оҳуе пайдо шуд монанди чашми хубон дилнавоз [1,738]. Он ток ба масобаи токи абруи хубон сиёҳ гардид [1,1249]. Даҳони эшонро …монанди гулҳои нил кабуд сохта буданд [1,306].

Пешоянди мисли дар асар дар ифодаи муносибати ҷудокунӣ низ истифода шудааст: Устодони ин санъатро мисли Дӯстӣ ва Барноча ва Ҷаъфар …дар води ҳайрати меандохт [1,865]. Аз кумошҳои қимати мисли парча ва зарбофт ва атласи хитоӣ…оварданд [1,1228].

5.Муносибати тарзу тариқа ва ҳолат.

Тарзу тариқаи амалро пешояндҳои таркибии номии изофӣ нисбатан кам ифода кардаанд. Дар ин вазифа дар насри асри XV1 асосан пешояндҳои таркибии номии изофии ба тариқи, ба ҳукми, ба василаи, ба ҳасби, ба муқтазои,дар тариқи, аз тариқи, бар тариқи истифода шудаанд:

Ҳамаи уқало дар тариқи дафъи вай …оҷиз буданд [1,797]. Он ҷавон дар тариқи бандагӣ ва ихлос …монанди Аёз буд [1,926]. Ба ҳасби шариат мулки эшон мкешуда бошад [1,1332]. Кутвол ба муқтазои фармуда амал намуда [1,1206]. Намоз пешин ба тариқи маъхуд ба мулозимати Мир рафтам [1,522]. Ба ҳукми зарурат сафар ихтиёр кардам [1,869]. Худ ба тариқи шаръ муомала намоем [1,205].

Ҳолати вуқуъи амал дар асар тавассути пешояндҳои дар силки, дар назари, дар мақоми, дар садади ифода шудааст: Котибиро …дар доираи хиҷолату шармандагӣ андозед [1,1162]. Дар мақоми иззату ҳурмат нишаста буданд [1,822]…дар назари акобир ин китобро бисӯзам [1,589]. Ӯро дар силки ин тоифа тавон дошт [1,1240]. Подшоҳ дар садади таҳқиқу тафтиш он шуданд [1,655].

6. Муносибати истисноӣ.

Муносибати истисноӣ дар насри «Бадоеъ-ул-вақоеъ», асосан, тавасути пешояндҳои номии ғайри , ба ғайри, ба ғайр аз, ғайр аз,дар ғайри ифода шудааст. Ба сифати ҷузъи тобеъ исмҳои шахсу маънӣ, ҷонишинҳо омадаанд.Дар сурати ба тарзи манфӣ воқеъ

гаштани тобеъкунанда объекте ифода мешавад, ки дар иҷрои амал танҳо вай иштирок дорад ё аломат ва амале, ки тобеъкунанда дорад, маҳз барои он таъйин шудааст:

ба ғайри ҳазрати Мавлоно ҳеҷ кас маҳрами он нест [1,511]. Мирро ҳеҷ чора намонд, ба ғайри савор шудан [1,586]. Мебояд, ки ба ғайр аз ман ва Мирзо ҳеч кас дар ҳамон набошад [1,1296].

Хабар дар шакли мусбат ояд, шахсе ё ашёе ифода мешавад, ки дар иҷрои амал истисно аст: Ба ғайри Хоҷа Осафӣ ва Малолӣ аксар шӯаро гуфтанд [1,451]. Аҳли маҷлис ҳама ба ғайри Мирзо берун давиданд [1,653].

7.Муносибати андозаю миқдор.

Муносибати ҳоли андозаю миқдор дар насри «Бадоеъ-ул-вақоеъ» бо Муносибати ҳоли андозаю миқдор дар насри «Бадоеъ-ул-вақоеъ» бо пешояндҳои номии дар ғояти, дар ниҳояти, дар камоли, ба ниҳояти ифода шудааст:…дар ғояти чустӣ ва чолокӣ буд [1,902]. …дар ғояти балодат ва ҳамоқат мебошад [1,556]. Халос кардани Мирзо Байрам дар ғояти осонист [1,1079].

Ба сифати тобеъкунанда бо чунин пешояндҳо дар асар ҳиссаҳои номии нутқ, алалхусус исмҳо хеле вофир истифода шудаанд. Дар ин гуна алоқамандиҳо муносибати муайянкунандагӣ бо тобиши андозаю миқдор мушоҳида мешавад:… дасторе дар камоли хурдӣ ба гирди вай печида [1,623]. Дид, ки мурғе дар ғояти парешонӣ..омада [1,84]. Дастори муъаккаф дар ғояти бузургӣ бар сар ниҳода [1,623]. Сару пое дар ғояти такаллуф…равона гардонид [1,66].

Дар асар аксаран дар байни ҷузъи асосӣ ва ҷузъи тобеъ бандаки хабарӣ ё феълӣ ёвар омада, ҷузъҳои ибора дар ҳолати дистактӣ(фосиладор) воқеъ шудаанд: Мирзоро чуҳрае буд Бадра ном дар камоли ҳусну малоҳат [1,1296]. Ба канори он чинорест дар ғояти баландӣ [1,986]. Домоде дошт Абдумуқим ном дар камоли ҳусну малоҳат [1,1296]. Зане буд дар ғояти ҳусну ҷамол [1,985].

8.Муносибати хилофӣ.

Муносибати хилофӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» тавассути пешояндҳои номии изофии бо вуҷуди ифода шудааст: Бо вуҷуди он мотам ҷонсӯз халқ аз ханда бар замин ғалтиданд [1,1208]. Муҳаммад Абусаид бо вуҷуди маҳорату камол дар фанни гушти…воҳиди даҳр буда [1,644].

II. Ифодаи муносибати мафъулӣ бо пешояндҳои номӣ

Муносибати мафъулӣ дар насри асар бо пешояндҳои номии ҳамроҳи, ба ҳамроҳи, дар ҳаққи, дар бораи, дар боби, дар силки ва пешояндҳои номии ғайриизофии нисбат ба сурат гирифтааст: Рӯзе ҳамроҳи Мир савора мерафт [1,840]…ҳамроҳи ман биё [1,518]. …ба ҳамроҳии ӯ пеши доруға рафтем [1,1047].

Пешояндҳои дар бораи, дар боби, дар ҳаққи бо исму ҷонишинҳо омада объекти муҳокимаро ифода кардааст. Дар бораи эшон чӣ фикр мекунӣ [1,90]. Агар худованд дар бораи банда зан бурдаанд [1,62]… дар боби риши вай маонии ғариюб мебофтанд [1,898].

Шакли дар ҳаққи тобиши нисбатдиҳӣ дорад: Шумо дар ҳаққи он канизак аҷаб зулму ситам намудед [1,712]. Ин дар ҳаққи вай туҳмат аст [1,791].

Пешоянди таркибии нисбат ба дар асар нисбатан зиёдтар истифода шуда, муносибату нисбати шахсеро ба шахсе ифода кардааст: Эътиқоду иродати вай нисбат ба Абӯалӣ биафзуд [1,793]. Шумо нисбат ба мо ба масобае меҳмонед [1,1320].

Дар асар пешоянди нисбат ба дар шакли изофии ба нисбати низ дучор шуд: …ин мазоҳгӯии муфсид …дар либоси дидмату иттибоъ ба нисбати он ҷаноби фалакиртибоъ ба тарзе пардохта..[1,373].

Муносибати мафъулии воситаи иҷрои амал дар насри «Бадое-ул-вақоеъ» бо пешоянди номии изофии ба дасти ва ба васотати ифода шудааст. Маблағи як сад хонӣ ба дасти яке аз мулозимони худ равона гардонид[1,66]. Ин китобро филҳол ба дасти доранда ирсол намоянд [1,320]. Хост, ки ин ба васотати яке аз нудамои Мир бошад [1,26].

Адабиёт:

1. Восифӣ Зайниддин Маҳмуд. «Бадоеъ-ул-вақоеъ». Ҷ. 1-2. [чопи интиқодӣ бо муқаддима ва тавзеҳоти А.Н. Болдирев]. М.,1961.

2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди дувум. Синтаксиси ибора ва ҷумлаҳои сода. Душанбе: Дониш, 1986.
3. Ғаффоров Р. Шеваи ҷануби забони тоҷикӣ. -Душанбе: Дониш, 1979.
4. Рустамов Ш. Мушкилоти синтаксис. - Душанбе: Маориф,1988.
5. Ярцева В.Н. Предложние и словосочетание // Вопросы грамматического строя. - М., 1955.

СВЯЗЬ СЛОВ С СОСТАВНИМИ ИМЕННЫМ ПРЕДЛОГАМИ В «БАДАЕЪ-УЛ ВАКОЕЪ» ЗАЙНИДДИНА МАХМУДА ВОСИФИ

Гафаров А. О., Алиев А.

В данной статье исследуется связь слов с составными именными предлогами и некоторые её особенности в «Бадае-ул вакое» Зайниддина Махмуда Восифи. Авторы, разбирая составные именные предлоги, как вид грамматической связи, одновременно определили и четко предлажили синтаксическо - статистические отношения предлогов.

Ключевые слова: составные именные предлоги, грамматический связь слов, словосочетания, синтаксическо-статистическое отношение пространственное отношения, предлог, лексическое значение.

RELATIONS OF WORD WITH COMPOUND NOMINAL PREPOSITIONS IN “BADOE-UL-VAQOE” OF ZAINIDDIN MAHMUDI VOSIFI

Gafarov A. O., Aliev A.

Relations of words with compound nominal prepositions and some of its peculiarities in “Badoe-ul-vaqoe” of Zainiddin Mahmudi Vosifi are reviewed in this article. Having analyzed compound nominal prepositions as grammatical relations, the author determined and proposed syntactical and statistic relations of prepositions as well.

Key words: compound nominal prepositions, grammatical relations, word combination, tactical and statistic relations, spatial relations, preposition, lexical meaning.

Сведения об авторах: Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич - кандидат филологических наук, доцент Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел.(+992): 901-06-30-68;

Алиев Ахмад - кандидат филологических наук, доцент Кулябского государственного университета им. Абуабдулло Рудаки, тел:(+992) 935113748;

Information about authors: Gaforov Abdushukur Odinaevich –Ph. D. in Philology, docent, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, pone: (+992) 901-06-30-68.

Aliev Ahmad- Ph. D. in Philology, docent, Kulob State University named after Abuabdullo Rudaki, phone: (+992) 901-06-30-68.

ВИЖАГИҲОИ АШЪОРИ ШОИРОНИ ДОИРАИ АДАБИИ ҲИРОТ ДАР ОХИРИ АСРИ XV ВА ИБТИДОИ АСРИ XVI

Мирзоалиева А. Ш.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Таърихи адабиёти тоҷики охири асри XV ва аввали асри XVI яке аз марҳилаҳои муҳими рушду такомули адабиёти тоҷик арзёбӣ мешавад, ки рушду инкишофи адабиёти аввали асри ХУ, суннатҳо ва ҷараёнҳои адабии он барои такомули минбаъдаи адабиёти форсу тоҷик замина мегузорад. Мувофиқи ахбори сарчашмаҳои адабӣ ва таърихӣ адабиёти форс-тоҷик дар нимаи авали асри ХУ дар Хуросону Мовароуннаҳр, Эрону Озарбойҷон ба зинаи баланди инкишоф расид ва дар Самарқанду Ҳирот ва Шероз

доираҳои адабии пурқуввате ба вуҷуд омад. «Адабиёти ин давра аз ҷиҳати жанрҳои адабӣ ғанӣ буда, дар он ғазалу қасида, рубоиву қитъа, тарҷеъбанду таркиббанд, муаммову мунозира, маснавӣ ва ғ. маъмул буда, бештар ғазал, маснавӣ ва муаммо интишор доштааст» [3, с. 89].

Дар солҳои 40-уми асри ХУ ҷараёни ҳаёти адабӣ дар доираҳои адабии Ҳирот ва Самарқанд каме суст мегардад ва дар нимаҳои солҳои 60-ум бо сарпарастиии Ҷомию Навоӣ дар Ҳирот ҳаёти адабӣ рӯ ба инкишоф мениҳад. Мувофиқи маълумоти Навоӣ **459** адиб дар ин давра эҷод мекард. Аълохон Афсаҳзод миқдори адибони ин давраро беш аз **900** нафар медонад. Дар миёни ин адибон кормандони умури давлатӣ сиёсатмадорон, аҳли илму ҳунар низ буданд. Ин марҳила аз он ҷиҳат ҷолиби диққат аст, ки агар бо Ҷомию осори илмию адабии ӯ давраи адабиёти муштараки форсу тоҷик ҷамъбаст гардад, аз тарафи дигар марҳилаи нав барои адабиёти ҳавзаи адабии Мовароуннаҳр оғоз меёбад.

Ҳарчанд дар ин марҳила аз нигоҳи сиёсӣ ва ҷуғрофӣ ҷудоӣ дар байни адибони қаламрави Эрону Хуросони Ғарбӣ ва ҳавзаи Мовароуннаҳр ба миён омадааст, рақобати сиёсӣ, диниву мазҳабӣ пас аз инқирози сулолаи Темуриён (1506) ва ба сари қудрат омадани сулолаи шайбониён ва шоҳ Исмоили Сафавӣ (сулолаи сафавиёни Эрон) минбаъд тезу тунд гардида, мардуми кишварҳои ҳамзабону ҳамдину ҳаммаслакро аз ҳам ҷудо намудааст. Дар адабиёти тоҷик доир ба ҳар ду марҳилаи ин давраҳои адабиёт тадқиқотҳои ҷиддии монографӣ ба нашр расидаанд [3, с. 61], ки ба авзои сиёсӣ, маданӣ, ҳаёти адабӣ, афкори назарӣ - эстетикӣ ва намояндагони адабиёти ин давра баҳои боварибахши илмӣ додаанд. Муҳаққиқон аз мавқеи талаботи методи хронологӣ ва принсипи таърихии таҳқиқи илмӣ ба рафти ҳодисаву воқеаҳои сиёсиву иҷтимоии ин давра наздик шуда, маълумоти адабӣ, таърихӣ ва илмию назарии адибону муаррихони он замон, инчунин осори адабию таърихии уламои қарнҳои минбаъдаро хеле дақиқназарона санҷида ба натиҷаву хулосаҳои дурусти илмӣ омадаанд, ки ҳоҷат ба тафсил нест. Танҳо ҳаминро бояд қайд намуд, ки дар ҳар ду марҳилаи ин давра анъанаву робитаҳои адабӣ пайваста давом кардааст ва аксарияти адибони машҳури нимаи аввали асри XVI, дастпарварони мактаби адабии Ҷомию Навоӣ, шогирдони доираи адабии бонуфузи Ҳирот буданд. «Дар натиҷаи воқеаҳои таърихӣ ваҳдати адабиёти форсу тоҷик коста шуда бошад ҳам, ҷараёни ягонаи адабие, ки дар равиш буд, баробари аз байн рафтани ҳукумати пешин (Темуриён ва сулолаи Оққӯюнлу), рақобати ҳукумати нав, кушторҳои паёпаи истилогарони тозазуҳӯр, ки мардумро аз неъмати тамаддун ва осоиш маҳрум мегардонд, футуроти мамлакат ва ғайраҳо дар марказҳои адабиёти форсу тоҷик ва нуқтаҳои дигари ҳаёти адабӣ рӯ ба таназзул ниҳода бошад ҳам, суннатҳои он якбора маҳв нашуд. Адибони тарбияёфтаи Ҳирот ва мактабҳои адабии он ба марказҳои собиқ ва ё ба марказҳои нави адабӣ ҳиҷрат намуда, дар ҳар ду сурат ҳам эҷодиёти худро ба тарзи пешин идома медоданд.

Воқеан, адабиёти тоҷики асри XVI асосан дар заминаи адабиёти асрҳои X–XV-и форсу тоҷик инкишоф меёфт, бо хусусиятҳои маҳаллӣ ва мазмуни худ торафт аз он ҷудо мешуд. Ғазал аз жанрҳои маъмули назми классикии форсу тоҷик буда, ғазали охири асри XV ва аввали асри XVI ин ҳамоно давоми анъанаи асрҳои пешина буда, дар сохти композитсионӣ, мавзуъ ва мундариҷа, тарзу тариқи образофаринӣ хеле кам ба тағйирот дучор гардидааст. Дар ғазалҳои аксари адибони ин давра - Восифӣ, Биноӣ, Огаҳӣ, Ҳилолӣ, Мушфиқӣ ва чанди дигар агар дар мазмуну мундариҷаи ғазал нақши Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ мушоҳида шавад, ҳам аз ҷиҳати услубу нигориш шакли бештар ба ғазалҳои Хусраву Ҳасан, Камолу Ҷомӣ пайравӣ намудаанд.

Албатта, падидаи намоёни эҷодӣ дар адабиёти асри ХУ1 дар Мовароуннаҳр ва Хуросон эҷодиёти адибони маъруфи адабиёти классики форсу тоҷик мисли Камолиддини Биноӣ, Бадриддини Ҳилолӣ. Абдураҳмони Мушфиқӣ ва муаллифи «Бадоеъ-ул вақоеъ» Зайниддин Маҳмуди Восифӣ мебошад, ки се нафари онҳо – Биноӣ, Ҳилолӣ, Восифӣ дастпарварони мактаби адабии Ҳироти охири асри ХУ ва ибтидои асри ХУ1 мебошанд.

Дар ашъори ин адибон анъанаи адабиёти классики форсу тоҷик эҳсос мешавад, онҳо дар офаридаҳои хеш ба масъалаҳои муҳими даврони худ дахл намуда, дар инкишофи минбаъдаи адабиёти классики форсу тоҷик, рушди афкори ҷомеа саҳми бориз гузоштаанд.

Як хусусияти доираи адабии Ҳирот аз он иборат буд, ки тавассути раҳнамоии Ҷомӣ аз суханпардозию лафзбозӣ, ибораторою шаклпарастӣ ва дигар қароҳияти лафзию маънавӣ, ки дар нимаи аввали асри ХУ дар адабиёт роиҷ буд, даст кашида рӯ ба соддананисӣ оварданд. Аммо ин маънои онро надошт, ки осори манзуми нимаи дуюми асри ХУ аз саноеи бадеӣ орӣ бошад. Ҷомӣ, Навоӣ, Риёзӣ, Кошифӣ, Ҳотифӣ, Биноӣ, Осафӣ, Суҳайлӣ, Масъуди Қумӣ, Баёнӣ, Асирӣ, Комӣ, Даввонӣ, Фироқӣ, Қатилӣ ва амсоли инҳо аз шоирони забардасти нимаи аввали асри ХУ ва Аҳлии Шерозӣ, Фиғонӣ, Наргисӣ, Огаҳӣ, Ҳисомӣ, Ориф, Ҳилолӣ, Алӣ Сафӣ, Унсӣ, Умедӣ, Оҳӣ, Монии Шерозӣ ва дигарон аз шоирони тавоно ва соҳибдевони нимаи дуюми асри ХУ ва ибтидои асри ХУ1 буданд.

Камолиддин Шералӣ бинни Муҳаммадхони Биноӣ (1453) зода ва парвардаи Ҳирот аст. Биноӣ аз шоирони забардасти адабиёти тоҷик аст, ки дар муҳити аҳли ҳунар ва адаб ба камол расидааст. «Биноӣ дар касби илму дониш қобилияти бениҳоят баланд доштааст. Аз ин рӯ, дар муддати хеле кӯтоҳ соҳаҳои асосии илму дониши замони худро ба даст медарорад ва дар байни аҳли илму дониш шӯҳрат пайдо мекунад… Азбаски шоир дар маҷлисҳои адабии Ҳирот ҳамеша иштирок менамуд, аз суҳбатҳои Абдураҳмони Ҷомию Алишер Навоӣ ва як қатор намояндагони баландмартабаи илму адаби Ҳироти онвақта баҳраёб мегардад» [9, с. 31-32].

Чунон ки аз ахбори сарчашмаҳои таърихию адабӣ маълум мегардад, дар маҷлисҳои адабии Ҳирот дар байни соҳибмансабон ва ашхоси олирутба, алалхусус дар байни адибону фозилони давр шӯҳӣ ва ҳазлҳои мутоибаомез бисёр ба вуқӯъ мепайваст. «Аз ҳамин лиҳоз, дар байни Биноӣ ва Навоӣ низ ҳамин гуна ҳазлҳои мутоибавӣ шуда будаанд. Ин боиси он мегардад. ки муносибати байни онҳо то дараҷае коста мегардад ва шоир маҷбур мешавад, соли 1487 роҳи Ироқро пеш гирад» [9, с. 31]. А.Мирзоев ин ба ин масъала таваҷҷӯҳ намуда андешаҳои А. Шарафиддинов [7, с. 59] (ду андеша яке ки гӯё А.Навоӣ аз К.Биноӣ хоҳиш кардааст, ки дар бораи Султон Яъкуб ва донишу фазилати он ҳикояте нависад ва Биноӣ зикр кардааст, ки беҳтарин хислати султон он аст, к и бо туркӣ шеър намегуфт ва дигаре боре ӯ ба назди тӯқумдузе рафта, хоҳиш мекунад, ки ба маркаби ман тӯқуми алишерӣ ҳозир кун») -ро дар ин бора афсонае медонад. Ба ақидаи ӯ дар асоси ин афсона муҳаққиқон А.Усмонов ва Сальеро, ба иштибоҳ роҳ додаанд.

Мероси адабии шоир аз ғазалиёт, як маснавии «Беҳрузу Баҳром», қасидаи «Маҷмаъ-ул ароиб» (876байт) (то ба мо 228 байтомада расидааст) як порчаи насрӣ – оид ба сафари Биноӣ ба Ироқ, ду асари таърихӣ «Шайбонинома» ва Футуҳоти хонӣ» боқӣ мондааст. Ашъори лирикии шоир аз ғазал, қитъа, рубоӣ ва байтҳои пароканда иборат аст. Шоир се девони ғазалиёт мураттаб намудааст, ки бо ду тахаллус – Биноӣ ва Ҳолӣ эҷод шудаанд. Шоир ғазалҳои дар пайравии Амир Хусрави Деҳлавӣ эҷод кардаи худро бо тахаллуси Биноӣ ва дар пайравии Ҳофизи Шерозӣ эҷод кардаашро бо тахаллуси Ҳолӣ сурудааст [9, с. 34].

Масалан, дар ғазале, ки матлааш:

Эй гул, даро ба маҷлису майли шароб кун,
Оташ фурӯз аз руху дилҳо кабоб кун…
Ҳолӣ, кушо сафинаю аз баҳри назми хеш,
Дурҳо нисори гӯши шаҳи комёб кун.

Забони ғазалҳои Биноӣ соддаву равон, ҳамзамон хушобу ранг аст. Биноӣ дар баён бештар ташбеҳу истироа, тавсифу киноятҳо, маҷозу талмеҳҳоеро истифода мекард, ки ҳусну қубҳи суханашро боло мебурд, аз таъбиру калимаҳои мушкилфаҳм канора меҷуст. Азбаски донандаи хуби мусиқӣ буд, бинобар ин мусиқияти шеъраш низ баланд аст. «Калима ва ибораҳои дабдабаноки ифодакунандаи шукуҳ, азамат ва муболиғаҳои ғайритабии хоси қасида… дар ғазалҳои ӯ дучор намешаванд» [7; 412].

Мавлоно Бадриддин Ҳилолӣ аз муҳимтарин адибони ин давра буда, умре дар ду марҳила - нимаи дуюми асри XV ва нимаи аввали асри XVI,дар маркази ин руйдодҳои сиёсиву иҷтимоӣ гузоштааст. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои солҳои 70 –уми асри XV (ба қавли Б.Ғафуров соли 1470) Бадриддин Ҳилолӣ дар Астаробод вилояти Гургон ба дунё омадааст. Мувофиқи ахбороти сарчашмаҳо ӯ турки чағатой («Тӯҳфаи Сомӣ»-и Соммирзо, «Маҷолисуннафоис»-и Алишер Навоӣ) аст. Ҳилолӣ баъд аз таҳсили ибтидоӣ бо нияти такмили илму дониш «дар ғурраи айёми ҷавонӣ» (Соммирзо) аз Астаробод ба маркази сиёсию мадании асри XV-и Хуросон – Ҳирот меояд. Мувофиқи маълумоти «Тӯҳфаи Сомӣ» - и Соммирзо ба назди Ҷомию Навоӣ омадани Ҳилолӣ то соли 1491 руй додааст. Чунки ӯ пас аз чанд муддат ба ин шаҳр омадани худ ба туфайли истеъдоду қобилияти баландаш ба суҳбати Алишер Навоӣ мушарраф мегардад. Навоӣ шеъру истеъдоди ӯро таҳсин гуфта, минбаъд ба такмили илму дониш маслиҳат медиҳад.

Навоӣ қувваи хуби ҳофиза ва табъи баланди Ҳилолиро фаҳмидааст, аз ин рӯ, пайваста ӯро зери паноҳи худ гирифт. Барои Ҳилолӣ барин ҷавони соҳибистеъдод муҳити адабии Ҳирот, ки сарвариашро Ҷомию Навоӣ ба уҳда доштанд, мусоидат кард. Ҳаёти адабии Ҳирот, суҳбату маслиҳатҳои Ҷомию Навоӣ, завқи толибилмӣ, омӯзишу мутолиаи пайваста, ҳифзу азбар намудани осори гузаштагону муосирон боиси сайқалёбии маҳорати шоирии Ҳилолӣ гардид.

Ба қавли Соммирзо ««Мавлоно Ҳилолии Чағатоӣ ҳарчанд аҷдоди эшон аз туркони чағатоист, аммо дар вилояти Астаробод нашъунамо ёфта, дар ғурраи айёми ҷавонӣ баъд аз хуруҷи таҳтушуои туфулият ва нодонӣ ба сӯбаи Хуросон шитофта, аз уфуқи шаҳри Ҳарӣ тулӯъ фармуда… ва дар шаҳр чун моҳи нав ангуштнамо гашт… Табъаш дар асолиби шеър ва ақсоми калом бағоят марғуб афтода ва дар ғазал ва қасида ва маснавӣ доди сухан дода» [10, с. 49].

Восифӣ Ҳилолиро мисли Огаҳӣ «дар толибилмӣ адимулмисл ва дар акнофи шеър ва соири фазоил беназир» номид.Муаллифи тазкираи «Оташкада» Лутфалибеки Озар «табъаш хуб, салиқааш марғуб» [6, с. 391] ва Амир-алмалик Саид ибни Сиддиқи Ҳасанхон дар «Шамъи анҷуман» истеъдоду табъи шоирии Ҳилолиро чун «Тӯтии шакаррез ва булбули шӯрангез» тавсиф намудаанд,

Шуҳрат, фазлу дониш ва равнақи эҷодиёти Бадриддин Ҳилолӣ, махсусан, баъд аз вафоти Ҷомӣ (1492) ва Навоӣ (1501) афзун мегардад. Дар ҳамин солҳое маснавии «Сифотулошиқин», достонҳои «Шоҳу дарвеш»- ва «Лайлию Маҷнун» - ро менависад, аммо Ҳилолӣ дар назми ғазал бешубҳа бебадал аст»

Аз маълумотҳо бармеояд, ки равнақи эҷодӣ ва шуҳрати азими Бадриддин Ҳилолӣ ба даҳсолаҳои якуму дуюм ва охири даҳсолаи сеюми асри XVI рост омадааст.

Ҷараёни зиндагии Бадриддин Ҳилолӣ дар зери таъсири гирудорҳои сиёсӣ, низои шиаву суннӣ рӯ ба таназзул овард. Аз он ҷумла, дар зери таъсири ин гирудорҳои сиёсӣ доираи адабии Ҳирот нуфузи илмию адабии худро аз даст дод.

Бадриддин Ҳилолӣ дар замоне ба майдони шеър омада ба ғазалгӯӣ сар кардааст, ки то ӯ навъи ғазал ба шакл даромада буд. Бинобар ин, ӯ аз ин анъана дар канор набуд ва аз чор унсури шеър; мазмун, сухан, санъат ва тахайюл бо маҳорат истифода намудааст.Маълум шуд, ки ғазали Ҳилолӣ на танҳо махсусият, инчунин ба тарзи ғазалсароии суннатӣ мумтозиҳо дорад.Вазнҳои шӯху сабуки арӯз боиси хушоҳангиву шевоӣ ва равонию зебоии лирикаи ошиқонаи ӯ гаштаанд. Интихоби вазн ба сабки каломи ӯ мувофиқ омада, руху ҳолати қаҳрамони лирикиро комилан ифода менамояд ва ба хонанда таъсири эмосионалӣ мерасонанд.«Беҳтарин хусусияти ғазалиёти Бадриддин Ҳилолӣ он аст, ки онҳо бо забони содда, услуби равон ва таркибҳои басе латифу ҷозибадор эҷод шудааст» [2, с. 36]. Ҳилолӣ аз истифодаи калимоти душворфаҳм, кинояҳои сарпечу тавзеҳоти мураккаб худдорӣ намуда, бар он кӯшидааст, ки иборою таркиб ва санъати шеърӣ ӯ баробари осонфаҳму ҳаётӣ будан, хонандаву шунавандаро ба ваҷд меоранд ва як сабаби бо оҳанги «шашмақом» даромадану ҳамчун таронаҳои халқӣ мақбули ҳамагон гардиданаш низ дар ҳамин аст. К.Айнӣ Ҳилолиро «ахгари осмони адаб», «вассофи ишқу муҳаббат ва ошӯбгари замон» ба қалам дода, мавқеи муҳим доштани ғазалро дар эҷодиёти ӯ таъкид кардааст. «Ғазалҳои ӯ ба умқи маънӣ, равонии алфоз, салосат, латофати баён, таҳкими ачзо, устодона истифода шудани

санъатҳои сухан ба беҳтарин намунаҳои он ин шакли шеъри адабиёти тоҳик ҳамсанг ва ҳампоя мебошад» [2, с. 40]. Инчунин Ҳилолиро дар ғазалҳояш «чун шоҳи кишвари ишқ», «пуштибони ошиқони шефта ва дилбохтагони шайдо, дармонбахшандагони дарди ишқ» тавсиф намуда менависад, ки «ошиқи тасвиркардаи шоир то абад ба маъшуқаш сазовор аст ва ӯ ҷононаро ҳатто аз ҷон беҳтар медонад.

Ғазалиёти Ҳилолӣ на танҳо аз ҷиҳати мавзуъ ва мундариҷа, инчунин аз ҷиҳати маънии баланду бикр ва пухтагиву рангинии афкору андеша, фаровони истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ мумтозиҳо дорад.

Беҳуда нест, ки дар ғазалиёти Ҳилолӣ нозукии тасвир, хаёлоти ғариб ва борикандеши хусусияти барҷастаи онҳоро ташкил медиҳад. Мавзуъ аз доираи ишқи заминӣ хеле кам берун мебарояд ва бар зимни ин аз онҳо таваҷҷуҳи хоси шоир ба санъатҳои маънавию лафзӣ муболиғаю талмеҳ, таҷнис, истифодаи зарбулмасалу мақол ва вазнҳои сабук мушоҳида мешавад.

Дар ғазалҳои Ҳилолӣ дар баёну тавзеҳи ишқ, тасвири муҳаббати поку сиришти неки инсонӣ, фарогири ҳама ҳолатҳои пуршуру шари айём буда, бо нозукадоӣ, бо як нафосату самимияти ба ӯ хос соддаву равон ба ҳолати воқеӣ наздик эҷод шудаанд. «Дарди ишқ» мавзеи марказии ғазалиёти ӯ буда, дар натиҷаи пайванди аламу яъс ва чандин дарду ғами шоир ба вуҷуд омадааст. Сарчашмаи дарду ишқи чонкоҳи Ҳилолӣ ҳамоно олами фитнаангез, муҳити тираву тор, ҷудоӣ аз дӯстони ҳамнафас, ғамозии фалаки ҷафокор ғизо гирифта, минбаъд ҳамчун идеал, ифодагари муҳтавои асосии чеҳраи қаҳрамони лирикии ғазалҳои ӯ гардидааст. Ҳилолӣ дарди ишкро хоси худ медонад ва таъкид менамояд, ки:

Ҳар оташин гуле, ки бар атрофи хоки мост,
Аз оташи дилу ҷигари чок –чоки мост..
Дармони дил маҷӯй, Ҳилолӣ, ки дарди ишқ,
Хос аз барои ҷону дили дардноки мост (Д, 24).

Мавлоно Абдуллоҳи Ҳотифӣ дар доираи адабии Ҳирот нуфуз ва мартабаи баланд дошт. Дар тариқати пир ва машоихи силсилаи кубрия буд ва дар канори боғи худ хонақоҳ бунёд кард. Мавлоно Ҳотифӣ анъанаи мактаби адабии Хиротро идома дода, ба навиштани «Хамса» пардохт ва маснавиҳои «Лайлӣ ва Маҷнун», «Ширин ва Хусрав», «Ҳафт манзар» (дар пайравии Низомӣ) ба ҷои Искандарнома «Зафарнома» (Темурнома низ меномиданд), ба ҷавоби «Махзан-ул-асрор» - «Шоҳнома», ки ба футуҳоти шоҳ Исмоили Сафавӣ оғоз кард, 1000 байт навишт, аммо умр вафо накард. Мавлоно Ҳотифӣ «шоири маснавигӯи мутавасӣ аст, суханаш сода ва равон аст ва ба овардани мазмунҳо ва хаёлоти борик ва ташбеҳоти дақиқ таваҷҷуҳ дорад» [5;192].

Аз шоирони тавонои доираи адабии Ҳирот **Мавлоно Аҳлии Шерозӣ** аст, ки дар сурудани анвои шеърӣ моҳир буд. «Қасоидашро дар пайравӣ аз Анварӣ, Ҳоқонӣ, Заҳир, Камолиддини Исмоил ва Салмони Совачӣ суруд ва дар ғазал бештар ба Саъдӣ ва Ҳофиз таваҷҷуҳ дошт» [5, с. 194]. Мавлоно Аҳлӣ дар қасидасароӣ низ мумтозиҳо дошт. Қасидаҳои маснӯъ дар ҷавоби қасидаи Салмони Совачӣ ба Султон Яъкуби Оққуюнлу бахшидааст. Мавлоно Аҳлӣ маснавии «Шамъу парвона» (1000байт) дар баҳри ҳазаҷ ва дар мавзӯи ирфонӣ ва суфиёна ва маснавии «Сеҳри ҳалол», (520б) ки дар он ишқи поки «ҷим» ба духтари умми худ «Гул» сохта шудааст. Ва баъд аз он, ки ҷим аз асп фуру афтод ва мурд бо одати оташпарастон ҷисми ӯро бисузонанд, гул низ дастафшону покӯбон ба рақси шӯълаҳо бипайваст ва бо дилдор худ якҷо сухт.

Аҳлӣ шоири соҳибдевон аст, «девони ӯ дорои чанд маҷмӯаи рубоиёт аст: «рубоиёти соқинома»- шомили 101 рубоӣ, ки онҳо хитоб ба соқӣ аст; дигаре рубоиёти ганҷафа» аст, ки дар васфи суратҳои ганҷафа ва кори ҳар кадоме аз он суратҳои бозии ганҷафа; маҷмӯаи дигар рубоиёти оддии ӯст, ки ба 424 рубоӣ мерасад» [5, с. 195]. Миқдори абёти девонашро адабиётшинос З.Сафо 14735 байт номидааст.

Аҳлӣ дар тасвир моҳир, суханаш таъсирнок, латиф ва устувор аст. Забони осор сода ва баёнаш олист:

Одамӣ маҷмӯаи илму ҳақиқатпарварист,
Сурати зебои ӯ дебочаи суратгарист.

Ҳашмати хайли малак бо қадри одам ҳеҷ нест.
Шавкати шоҳаншаҳӣ беш аз лашкарист.

Аз шоирони латифсухани ин давра Хоҷа Камолиддин (ё Муқиммиддин) Осафист. Аз ӯ девони ғазал ба мерос мондааст, ки ғазалҳояш мазмуни баланд ва нуктаи борик доранд, ҳамзамон беш аз 43 рубоӣ дорад, ки дорои шеваи хаёмӣ аст. Алишер Навоӣ дар «Маҷолис-ун-нафоис» ӯро «дорои қувваи ҳофизаи қавӣ ва фаҳми хуб» номидааст. Ба андешаи муҳаққиқон азбаски ӯ вазирзода будааст, бинобар ин вақти зиёди хешро ба ороиш ва осоиши хеш сарф мекардаат. «Ӯ бар сари роҳи таҳаввули сабки ғазал аз ироқӣ ба ҳиндӣ қарор дорад ва такрибан ҳамаи вижагиҳои сабки ҳиндӣ, ҳам аз ҷиҳати лафз ва маъно дар он дида мешавад» [5, с. 142-143].

Зайниддин Маҳмуди Восифӣ аз намояндагони барҷастаи назму насри нимаи аввали асри ХУ1 мебошад. Восифӣ нависанда ва шоирест, ки ҳанӯз овони ҷавонӣ бо муаммокушоӣ, зиракиву доноӣ, ҳофизаи қавияш шӯҳратёр гардида буд. «Бадоеъ-ул-вақоеъ» асарест, ки дар асоси мушоҳидаҳои шахсии Восифӣ ба тариқи ёддошт ва хотирот навишта шудааст. Асар дорои аҳамияти бузурги таърихию адабӣ мебошад. Восифӣ дар бораи муҳити адабии Ҳирот маълумоти саҳеҳ медиҳад. «…Дар он маҷлис аз хонандагон ҳофиз Басир, ҳофиз Мир, ҳофиз Ҳасан Алӣ, Ҳофиз Турбатӣ…. ва аз созандагон Ҳасани Ноӣ, устод Қулмуҳаммади Удӣ.. аз надимон ва суҳбатороён Мавлоно Биноӣ, Хоҷа Осафӣ, Мавлонои Сайфии Бухороӣ, Мавлоно Дарвеши Машҳадӣ, Мавлоно Шавқӣ, Мавлоно Завқӣ, Мавлоно Наргисӣ, Мавлоно Ҳилолӣ, Мавлоно Риёзии Турбатӣ омада буданд» [1, с. 55]. Мувофиқи маълумоти Восифӣ дар Хуросон (Ҳирот) дар асри ХУ1 доираи адабии муташаккил дигар вуҷуд надорад ва ҷои онро хонаҳои шахсони алоҳида, боргоҳи ҳокимон, хонҳо ташкил медодааст. Ҳамзамон дар бораи аҳли ҳунар ва мусиқӣ маълумоти судманде медиҳад.

Яке аз вижагиҳои мактаби адабии Ҳиротиин давра маъмулшавии назирагӯйи буд ва шоирони соҳибзавқ ба ғазали шоирони пешин ё ҳамзамононашон назира мегуфтанд. Масалан, бар ғазали Камоли Хуҷандӣ, ки матлааш ин аст:

Ёр гуфт: «Аз ғайри мо пӯшон назар»! Гуфтам: «Ба чашм»!
В-он гаҳе дуздида дар мо менигар»! Гуфтам: «Ба чашм»! [3, с. 92].

аксари шоирони тавоно ҷавоб гуфтаанд. Масалан Алишер Навоӣ ба ғазали мазкур ҷавоб гуфтааст**:**

Гуфт: «Роҳамро бирӯб он симтан» Гуфтам: «Ба чашм»!
Гуфт: «Дигар роҳ бизан обаш дигар» Гуфтам: «Ба чашм»!

Минбаъд ин анъанаро шоирони ғазалсарои доираи адабии Ҳирот идома додаанд. Мавлоно Ҳилолӣ, ки «аз зумраи шуарои замон ва умдаи булаҳои даврон аст» ва аз ғазалсароиёни машҳури ин доираи адабист, дар ҷавоби ғазали Камолу Фонӣ ғазали дилошӯбе навишт:

Ёр гуфт: «Аз мо макун қатъи назар». Гуфтам: «Ба чашм»!
Гуфт: « Қатъан ҳам мабин сӯи дигар». Гуфтам «Ба чашм»!

Мухтасоти дигари доираи адабии Ҳирот ин офаридани асарҳои панду ахлоқӣ мебошад. Дар ашъори аксари шоирони доираи адабии Ҳирот бештар достонҳои мазмуни панду ахлоқидошта ба назар мерасад. Масалан, достони «Беҳрузу Баҳром» (Беҳрузи оқибатафрӯз ва Баҳроми наҳусатанҷом)-и Камолиддини Биноӣ, «Ахлоқи Ҷалолӣ» (Лавомеъ-ул ишроқ- фӣ макорим –ул-ахлоқ»)-и Ҷалолиддини Даввонӣ, «Одоб-ул-асҳоб»-и Алӣ Сафӣ, ки дар он масъалаҳои кибр ва мазаммати он, танқиди ситезакорӣ ва кинадорӣ, танқиди ғазаб ва манфиати авф, мазаммати бухлу ҳасад ва зарари он, тавсифи сухан ва одобу шароити гуфтани он, танқиди дуруғгӯю мастӣ, васфи дӯстӣ, тарғиби некиву накукорӣ, таҳзиби ахлоқ, роҷеъ ба роҳҳои тарбия, ташкили оила ва иттиҳоди одамон дар ҷомеаи инсонӣ ва амсоли онҳо мавриди муҳокима қарор мегирад.

Мухтассоти дигари мактаби адабии Ҳирот ҷавобгӯй ба достони «Хамса»-и Низомӣ мебошад. Агар Абдураҳмони Ҷомӣ «Ҳафт авранг», Алишер Навоӣ « Хамса» офарида бошанд, шоирони дигари ин доираи адабӣ ба яке аз достонҳо, бештар ба «Лайлӣ ва Маҷнун» ҷавобия гуфтаанд. Мувофиқи маълумоти адабиётшинос А.Афсаҳзод «дар адабиёти асри ХУ достони ишқии Лайлӣ ва Маҷнун ва афсонаҳои ба

он вобаста хеле зиёд интишор ёфта буданд. Шуарои асри ХУ нисбат ба шуарои асрҳои пешина бештар «Лайлӣ ва Маҷнун навиштаанд»[15]. Минбаъд шоирон Ашраф, Доъии Шерозӣ, Салимӣ, Мавлоно Огаҳӣ, Хоҷа Ҳасани Хизршоҳӣ Астарободӣ, Мисолӣ, Мир Ҳоҷи Гунободӣ (Хуросонӣ), Хоҷа Имод, Мактабии Шерозӣ, Бадриддин Ҳилолӣ ин анъанаро эҷодкорона идома дода, достони «Лайлӣ ва Маҷнун» офаридааанд.Ҳамин тариқ, ғазали охири асри XV ва аввали асри XVI ин ҳамоно давоми анъанаи асрҳои пешина буда, дар сохти композитсионӣ, мавзуъ ва мундариҷа, тарзу тариқи образофаринӣ хеле кам ба тағйирот дучор гардидааст. Дар ғазалҳои аксари адибони ин давра - Восифӣ, Биноӣ, Огаҳӣ, Ҳилолӣ, Мушфиқӣ ва чанди дигар агар дар мазмуну мундариҷаи ғазал нақши Саъдӣ, Ҳофиз мушоҳида шавад, ҳам аз ҷиҳати услубу нигориш шакли бештар ба ғазалҳои Хусраву Ҳасан, Камолу Ҷомӣ пайравӣ намудааанд.

Адабиёт:

1. Айнӣ С. Восифӣ ва хулосаҳои Бадоеъ-ул-вақоеъ. - Душанбе: Ирфон, 1977.
2. Айнӣ К. Бадриддин Ҳилолӣ. Сталинобод. Таджгосиздат, 1957.
3. А.Афсаҳзод. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дуюми асри ХУ. Душанбе:- Дониш, 1987.
4. Доктор Осафи Осафӣ. Нигоҳе бар адабиёти порсӣ. Теҳрон, чопхонаи Донишгоҳи тарбиятмуаллим.1324.
5. Забеҳулло Сафо. Таърихи адабиёти Ирон.ҷ.3. чопи севвум. Теҳрон. Интишороти Ромин,1323.
6. Лутфалибеки Озар. Оташкада. Бо тасҳеҳ ва таълики Ҳасан Садоти Носирӣ. Теҳрон. 1337.Интишороти Амири Кабир.
7. Мирзоев А. Биноӣ. – Сталинобод. Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1957.
8. Норик Б.В. Антологии Хасана Нисари и Мутриби Самарканди как источники по истории письменной культуры Мавераннахра XVI – первой трети XVII вв. Санкт-Петербург. 2005.
9. Сайфиев Н. Таърихи адабиёти тоҷик (асрҳои ХУ1-Х1Х ва ибтидои асри ХХ). Душанбе:- Бухоро. 2012.
10. Соммирзои Сафавӣ. Туҳфаи Сомӣ. Тасҳеҳ ва муқаддима аз Рукниддини Ҳумоюн Фаррух. – Теҳрон: 1347 шамсӣ
11. Таърихи адабиёти форсӣ. (Доктор Саидалии Асғари Боқирӣ ва дигарон). Теҳрон:- Созмони мутолеа ва тадвини китобҳои улуми инсонии донишгоҳҳо.1371.
12. Тазкираи «Маҷолис-уннафоис»-и А.Навоӣ (бо сайъ ва эҳтимоми Алӣ Асғари Ҳикмат). Теҳрон.- Интишороти Гулшан, 1323.
13. Ҳодизода Р., Шукуров М., Абдуҷаборов Т. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ, - Душанбе, Ирфон, 1966.

ОСОБЕННОСТИ ПОЭЗИИ ПОЭТОВ ЛИТЕРАТУРНОГО КРУГА ГЕРАТА В КОНЦЕ ХУ И НАЧАЛО ХУ1 ВВЕКОВ

Мирзоалиева А.Ш.

В этой статье автор указывает особенности поэзии поэтов литературного круга Герата в конце ХУ и начало ХУ1 ввеков. Автор считает, что в этом периоде персидско-таджикская литература развивалось на некоторые литературные круги. Особенно литературный круг Герата и великие поэты как Хилоли, Восифи, Огахи, Малвоно Ахли и др. сыграли важную роль в развитие песридско-таджикской литературе

Ключевые слова: поэтические подражание, литературный круг, особенности поэзии, нравоучение, газель

PECULIARITIES OF POETRY OF POEMS OF LITERATY CIRCLE OF HARAT AT THE END OF 15TH CENTURY AND THE BEGINNING OF 16TH CENTURY.

Mirzoaliev Adolat Cheralievna

In this article, the author notes the peculiarities of poetry of poems of literaty circle of harat at the end of 15th century and the beginning of 16th century. The author considers that Persian and Tajik literature has developed into several literary circles in this period. Particularly Hirat literary circle and distinguished poets, like Hiloli, Vocifi, Ogahi, Binoi and others played an important role in the development of Tajik and Persian Literature.

Key words: poetical imitation, literaty circle, peculiarities of poetry, moral, ghazal.

Сведения об авторе: Мирзоалиева Адолат Шералиевна- кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикской литературы Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел.: (+992) 918554415.

Informationaboutthe **author**: Mirzoaliev Adolat Cheralievna – Ph. D. in Philology, docent of Tajik literature, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni, phone: (+992) 918554415.

НИГОҲЕ БА ДЕВОНИ СОИНУДДИНИ ИСФАҲОНӢ

Мирзоев Садриддин

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров

Яке аз шахсиятҳои маъруф, вале камшинохтаи хонадони хуҷанди Исфаҳон Хоҷа Соинуддини Алӣ ибни Муҳаммад мебошад, ки бидуни ӯ мактаби адабӣ ва фикрии Исфаҳон қобили тасаввур нест. Вай ба Ибни Турка, Туркаи Хуҷандӣ, Соинуддини Исфаҳонӣ,Соиуниддин Хуҷандии Исфаҳонӣ, Соинуддини Хуҷандӣ, Соини Турка ва Соиниддин Туркаи Хуҷандӣ шӯҳрат дорад[1].

Адабиётшиносон то кунун беш аз 70 асар ба форсӣ ва арабӣ аз ӯ шинохтаанд ва дар шинохти осораш нишон аз девони шеъраш додаанд. Оқобузурги Теҳронӣ девони ӯро ба рақами 3153 “Девони Соуниддини Хуҷандӣ” муаррифӣ намуда, аммо намуна ба унвони шеъраш наовардааст. (9, 570).

Дар китобхонаи Малики Теҳрон маҷмӯае бо шумораи 5307 дар китобхонаи Малик дар муҷаллади “Куллиёт” “Феҳристи муштараки китобҳои форсии хаттии Мунзавӣ”, шинохта шудааст. Девони Соуниддини Хуҷандӣ дар ин маҷмӯа аз саҳифаи 27 то 55-ро фаро гирифтааст. (4, 27-55).

Дар маҷмӯа мазкур намунае чанд аз ғазалҳо ва рубоиҳои форсӣ ва арабии суханвар таҳти унвони “Манзумоти Ҳазрати Алийа алайҳа Самуллоҳ” ёддошт шудааст.

Адабпажӯҳон доир ба ашъори Соинуддин, ҷаҳоншиносӣ ва ҳунари суханварии ӯ ба шоистагӣ мулоҳиза накардаанд. Шӯру сӯз ва узубати шеъри ӯ ба аҳли таҳқиқ ҳанӯз ҳам накд нагардидааст, агар ба муносибате ҳам баррасӣ шуда бошад, дар шинохти шеъри Соинуддин мавриди таваҷҷӯҳ қарор наёфтааст.

Ин мулоҳизаро ду нукта собит менамояд:

1. Девони ашъораш то кунун нашр нашудааст. Бинобар ин, аз забон ва маҳорати шоирии вай иттилоъ надодаанд.

2. Соинуддин дар наср соҳибмактаб буда, аз шеъраш насраш бештар маъруфият дорад. Аммо ашъораш низ ҳовии матолиби ҷолиб ҳаст, ҳам аз назари бофти сухан ва ҳам аз лиҳози мазмуну мавзӯъ.

Бо мақсади маърифати сабки баён ва хосияти забони шеъри ӯ муносиб менамояд, чанде сурудаҳои форсию арабии ӯро ба ҳайси намуна орем:

---

[1] Барои маълумоти бештар доир ба зиндагинома ва ҷаҳоншиносии Соинуддини Хуҷандӣ мулоҳиза фармоед, ба китоби муаллифи ин сатрҳо: Садриддин Мирзоев. Вижагиҳои сабкӣ ва бадеии осори насрии «Ақлу ишқ» ва «Атвори салоса»-и Соинуддини Хуҷандӣ.- Хуҷанд: Ношир, 2013.- 232саҳ.

Бо мо назаре нест туро, ин чӣ тариқ аст?
То кай сипурӣ роҳи ҷафо? Ин чӣ тариқ аст?
Як шаб диҳиям ваъдаву в-он гаҳ тааллул,*
Эй шӯхи ҷафокеш, чаро? Ин чӣ тариқ аст?
Чашмат занадам роҳеву абрӯ раҳи дигар,
Роҳест аҷаб роҳи шумо! Ин чӣ тариқ аст?

Аз ин абёт чунин бармеояд, ки бофти сухани Соинуддин сохта набуда, балки забони соддаву хушоянд ва даромехта бо шӯру сӯз аст, ки то аъмоқи ҷон асар мекунад. Истифодаи луғот ва шакли қадимии вожагон ва таркибот, чун «сипурӣ» - ба маънии тай намудан, гузаштан (11, 241) ва «диҳиям» шеърро ҷилои бештаре бахшидаанд. Дигар ин ки истифодаи чунин калимаву таъбирот забони гуфтугӯи мардуми Мовароуннуҳрро ба хотир меорад.

Муҳимтар аз ин, радифи «ин чӣ тариқ аст» дар ғазали болои бисёр латифу хушоянд афтодааст.

Шоир сӯхтадилӣ ва нозукхаёлиҳои хешро дар ниҳояти соддагӣ бо забони ширини форсии тоҷикӣ муассир ва намакин баён мекунад:

Сад ҳалқаи умед задам ба дари васлат,
Як бор нагуфтӣ, ки даро! Ин чӣ тариқ аст?...
Абрӯи бутон қибла шудат саҷдаи аввал,
Охир, Алӣ аз баҳри Худо, ин чӣ тариқ аст? (6, шасту як)

Аслан шеър яке аз шохаҳои барӯманди дарахти ҳунар аст ва вижагиҳои ҳунарӣ бояд аз тору пуди шеъри худи шоир баррасид ва ба доварӣ омӯхт:

Биё, ки дар раҳи ишқат ниҳем гоме чанд,
Бароварем аз ин раҳгузор номе чанд.
Ба рӯю мӯи бутон муғона, якчанде,
Ба сар барем ба майхона субҳу шоме чанд.

Мусаллам аст, ки ишқ яке аз унсурҳои аслии шеъри форсии тоҷикӣ буда, аз асри Х1 ба баъд дар адабиёти форсӣ ҳартарафа вусъат ёфт. Қудамо ҳам роҷеъ ба мазият ва кайфияти ишқ чӣ ирфонӣ ва чӣ заминӣ сухани бисёр гуфтаанд. Аммо оламе, ки инсон дар он зиндагӣ мекунад, ҳунӯз ҳам лабрези чизҳои ношиноҳта ва дардҳои ногуфта ҳаст. Ба ҳамин минвол ишқ дар шеъри Хоҷа Соуниддин ҳам оҳангу моҳияти хос дорад, ки даромехта бо ҳақиқату маҷоз ва нишонрасу моявар аз назари ҳунари сухангӯй аст:

Дилам бо субҳаву саҷҷода гар надорад майл,
Шигифт нест ало рағми хирад хоме чанд.
Дили рамида, ки сар дар наёвард ба ду кавн,
Фиреб кай хӯрад аз донаеву доме чанд
Зи панди воизи пургӯ, машав малул аз ёр,
Румузи ишқ чи донанд хосу оме чанд.
Зи кунҷи мадраса гаштам малул, к-у соқӣ,
Зи равоқи лаби лаъли нигор ҷоме чанд…(6, шасту як)

Ашъори Соинуддин лабрез аз эҳсосу идрок ва завқу шӯри ишқ аст. Ишқ дар сафинаи ашъори шоир якрангу якнавохт нест, аз он танҳо ишқи заминӣ ё билкул партави ишқи ирфонӣ пиндоштан дуруст нест. Аммо тибқи мушоҳадаҳои мо қисми зиёди ғазалҳои Хоҷа Соинуддин аз мазмуну мазияти ишқи ирфонӣ бархурдоранд:

Маншури ақлро қалами азл каш ба сар,
То ишқ бошадам ҳама дар мулки дил амир.
Ҷуз ҷоми май маҷӯй футӯҳе ба ҳеҷ боб
Эй дил, агар зи равзани ишқи суханпазир…
Бо хоки дайр рӯи умедам сиёҳ бод,
Гар оби Кавсар оядам, эй шайх, дар замир
Султонии ду кавн ба як ҷав куҷо харад,
Ринде, ки шуд ба кӯи хароботи ишқ асир.

* Тааллул-ба маънии баҳонаҷӯй

Хоки дараш, Алӣ ба назар муғтанам шумор,
К-аз баҳри рӯшаноӣ, куҳлест[16] беназир. (1, 52)

Таркибҳои «ишқ дар мулки дил амир» ва дар «кӯи хароботи ишқ асир» ба маънии ошиқ ва гирифтор будан аст. Аз назари орифон ҳам маҳалли ишқ дил аст ва ҷилваи зот пеш аз ҳама ба дил таҷаллӣ мекунад. Бинобар ин, ишқ ҳамеша дар кишвари дил, ки подшоҳи он ақл мебошад, амир аст.

Хоҷа Соинуддин қавли мазкурро дар достони «Ақлу ишқ» ҳам собит нашудааст. (7). Аксари ҳамзамонон Хоҷа Соинуддинро шоири хушбаён, махфари фузало ва инсони олифитрат гуфтаанд. Ҳамчунон ки соҳиби тазкираи «Арафот-ул-ошиқин» дар ин маврид менависад: «Мафхар-ул-фузало ва-л-акобир Хоҷа Соинуддин Алии Турка аз акобири Сифоҳон ва аозими қуззоти он ҷо буд. Хоҷа бағоят марде содиқ, хуштабиат, олифитрат, бузургманиш буд. Бо ғояти нафсуламр ва идрок омада ва татаббуоти умури шаръия хуб карда. Баъд аз умури мо ба Ҳинд, сокини кӯи фано шудааст ва аз ӯст:

Эй дил, шаби ҳиҷрон бути мушкинхол,
Аз дард макун шикваву аз ҳаҷр манол.
Хурсанд ба ҳаҷр бошу хомӯш нишин,
К-ин шоми фироқро расад субҳи висол.

* * *

Бехобии шаб, ҷони маро гарчи бикост,
Дар хоб шудан, валек дар ишқ хатост.
Тарсам, ки хаёли ӯ шабе ранҷа шавад,
Узри қадамаш ба солҳо натвон хост. (8, 2337)

Перомуни мақоми манъавӣ ва ҳунари суханварии Соинуддин муаллифони тазкираҳои минбаъда низ ба таври иҷмол хабар додаанд. Чунончӣ мусаннифи «Ҳафт иқлим» дар «равзаи дуюм, дар зикри фузало ва муҳаққиқин» аз ӯ ба унвони «Соини Исфаҳонӣ» ёдоварӣ кардааст: «Исмаш Хоҷа Соинудди Алии Турка. Аз фузало ва ҳукамои рӯзгор буда, дар тозӣ ва дарӣ таълифот фармуда… дар Язд қозӣ буда, баъзе аз уламо бо вай муориза доштаанд… Ин ду байт аз ҷумлаи ашъори ӯст:

Агарчи тоати ин шайхакон солус аст,
Ки ҷӯшу валвала дар ҷони инсу ҷон андохт.
Вале ба Каъба, ки гар Ҷибрил тоат-шон,
Ба манҷаниқ тавонад бар осмон андохт. (2, 451)

Латофат ва зарофати шеъри вай ҳам дар беолоишӣ ва дур аз санъаткорию суханбозӣ будани сухани ӯст. Орӣ аз вожаҳои муғлақ ва таъбироти душворфаҳми арабист. Муҳимтарин хосияти шеъри Соинуддин он аст, ки ашъораш ба тарзи вуқӯъ аст:

Ҳар дам ба ваъдае дили мо шод мекунӣ,
Шогирдию баҳонаи устод мекунӣ.
Дил к-у хароби ғамзаи шӯхи ту буду ҳаст
Бозаш ба ишвае ду-се обод мекунӣ.
Инсоф медиҳиям, ки дар фанни дилбарӣ,
Ҳар нуктае, ки аз қалам афтод мекунӣ.
Он зулфро зи нанги дили танг ворахон,
Гар бандае зи банди худ озод мекунӣ. (6, шасту ду)

Аз мундариҷаи ғоявии ғазали болои рӯшан аст, ки шоир қолаби суханбозию сохтакориро шиканста, бо шеваи шево ва расои Рӯдакӣ сухан гуфтааст.Истифодаи санъати лафзӣ таҷнис ва тазоду муқобала далел ба зарофати табъи ӯст.

Дар мисраи аввали байти охир вожаҳои «нанг» ва «танг» ҷиноси хат шуда омадаанд. Ин навъи санъат аслан ба алифбои арабиасос ихтисос дорад ва тафовути ҳуруф дар калимаҳои ҳамҷинс таҷниси хат номида мешавад. (12, 120)

Дар калимаҳои «нанг» ва «танг» тафовут дар ҳуруфи муттасила мебошад. Ин вожаҳо, ки дар навишт шакли якхела доранд, бо изофаи як нуқта маъно дигар шудааст. Дар мисраи дуюми байти мазкур «банда» ва «банд» таҷниси зоидро ташкил додаанд.

---

*Куҳл-ба маънии сурма

Хосияти ин санъат он аст, ки яке аз калимаҳои ҳамҷинс як садоноки зиёд дорад, чунонки мушоҳида намудем(12, 120).

Аслан, Хоҷа Соинуддин таҷнис ва анвои онро ҳам дар насраш ва ҳам дар шеъраш муносиб корбаст намудааст.

Шоир дар байти зайл ду санъати шеърӣ ҳам тазоду муқобала ва ҳам таҷнис тавъам ба кор гирифтааст:

Бедодбод ҳосилат аз шаҳнаи ҷафо,
Эй дил, агар зи ҷаври ғамаш дод мекунӣ.

Аз як нигоҳ вожаҳои «бедод»-зулму ситам ва «дод» ба маънии адлу инсоф (10:170,382) санъати тазоду муқобала шуда омадаанд, ки қудамо номи дигари онро мутобиқа низ гӯянд. Аз нигоҳи дигар шоир бо истифодаи калимаҳои мазкур санъати таҷнисро ҳам ба кор гирифтааст.

Рубоиёти Хоҷа Соинуддин ҳам ба монанди ғазалҳояш дар камоли фасоҳату равонӣ суруда шуда, аз нигоҳи тааммулу мулоҳиза, яъне аз самти матбуъ мазомини ирфонӣ касб намуда, аз назари шаклию ҳунарӣ яъне аз самти маснуъ дубайтиҳои халқиро ба ёд меорад, ки ҷиҳати истидлол бар ин қавл ба як намуна иктифо мекунем:

Дар кӯи ҳаво ҳавои кӯе дорам,
К-он ҷо сару баргҳову сӯе дорам.
Инаст муроду баъд аз ин дар ду ҷаҳон,
Номардам, агар худ орзуе дорам. (6, шасту се)

Вижагиҳои аслии шеъри Соинуддин, ки ӯро аз миёни шоирони он давра мумтоз гардонида, истифодаи вожаҳо ва таркиботи писандида, тасвирҳои дилкашу зудошно, латофати шеър ва мусиқии он мебошад. Ба таъбири дигар, вай дар гуфтани шеър таслими нависандагии роиҷи замони худ нашуда, аз суханбозию сухансозӣ, такаллуфу танофур ва мураккаботи лафзию маънавӣ, ки дар ҳамин давраи адабиёти форсии тоҷикӣ маъмул шуда буд, дур мебошад.

Ханҷар кашид ёраму ошиқнавоз шуд,
Мутриб бисоз чанг, ки корам ба соз шуд.
Сирре, ки ҷустаем ҳама вақт, рӯ намуд,
В-он дар, ки мезадем ҳама умр боз шуд.
З-ин пас кушоиш аз дари майхона кун талаб,
К-абвоби савмаа ҳама як сар дароз шуд
Ҳарчанд бандаему ниёз аст кори мо,
Лекин либоси вақт дигаргунтироз шуд.

Шоир дар шеърҳояш бештар аз истилоҳоти «ишқ», «ошиқ», «савмаа», «майхона», «майфурӯш», «соқӣ», «ҷом», «ҷуръа», «ибриқ» дам задааст:

Иқболи ишқ бин ту, ки Маҳмуд, оқибат
Бо тахту тоҷ бандаи зулфи Аёз шуд.
Соқӣ ба базми айш чу борат намедиҳад,
Раҳтӯшае бихоҳ, ки гоҳи Ҳиҷоз шуд.
Корам зи ҷому ҷуръа ба ҷое намерасад,
Ибриқ пур кунед, ки вақти намоз шуд.
Ҳам бар даҳони ёр сухан хатм кун, Алӣ,
Аз зулфи ӯ магир, ки қисса дароз шуд. (6, шасту ду)

Аз мундариҷаи ғоявии ашъори форсии тоҷикиаш пайдост, ки бештар шеваи баёни Фахруддини Ироқӣ ва Ҳофизи Шерозиро ихтиёр кардааст.

Лозим ба ёдоварист, ки Соинуддин Хуҷандӣ мутарҷими қобиле ҳам буда ва тасаллути ӯ ба забони арабӣ чандон аст, ки 20 рисола ба ин забон таълиф намудааст. Мутуни устувор ва истеҳоми ирфониро, ки шеваи нигориши ин мутун дар ниҳояти ҷазолат аст, шарҳ ва тарҷума кардааст: Шарҳи «Фусус ул-ҳикам»-и Ибни Арабӣ, «Назм-уд-дурар»-и Ибни Фориз, «Ат-тамҳид фӣ шарҳи қавоиди-т-тавҳид» (шарҳи «Қавоиди-т-тавҳид»-и ниёи хеш Садриддин Муҳаммад). Ҳатто дар улуми мантиқ, ҳуруф ва тафсир ба забони арабӣ чанд рисола таълиф кардааст. Ҳамчунин ба ин забон шеър ҳам менавишт ва ашъори арабии ӯ дар мавзӯоти «панду андарз», «тарuиби дӯстӣ», «ишқу ошиқӣ», «сифати ақл» ва «покиву покдоманӣ» суруда шудаанд.

Мазмун ва мундаричаи uоявии ашъори арабии Соинуддин бо мазмуну мавзӯи осори илмӣ, ирфонӣ ва ашъори тоҷикиаш пайванди қавӣ дорад:

Хуз минал баҳри-л-лаолӣ ва минал арзи-з-заҳаб,
Ва ақбили-л-ҳикмата мимман қолаҳо ё за-л-ҳасаб. (7,77)

Тарҷума, «Аз дарё марворид баргир ва аз замин тилло. Ва эй нажода! ҳикматро аз ҳар кӣ гӯяд, бипазир». (7,144).

Аз мазомини ашъори арабии шоир пайдост, ки бисёре аз шеърҳои худро дар ҳоли завқу ҷазб сурудааст. Шӯру сӯз ва дарду гудози ошиқ нисбат ба маъшуқ дар ниҳояти авҷ баён ёфтааст:

Ҳаҷҷий илайки ва расму дорики каъбатий,
Ва илайки саъйӣ ва-т-тавофу ва умратий…
Ва аро замонӣ фи-с-салоти биасриҳо,
Ламмо uадавту ва нуру ваҷҳики қиблатий.
Ва-с-савму индий ан сивоки фаризатун,
Ва-л-фитру васлуки ё мукаммала фитратий… (7,59).

Тарҷума, «Ҳаҷҷи ман омадан ба сӯи туст ва каъбаам осор ва нишонаҳои хонаат. Ва саъйу тавофу умраам ба ҷониби туст. Замони намозамро ҷумлагӣ замоне мебинам, ки субҳ кунам дар ҳоле, ки нури чеҳраи ту пеши рӯи (қиблаи) ман бошад. Барои ман рӯза доштан аз uайри ту воҷиб аст ва иди фитрам висоли туст, эй такмилкунандаи фитрат ва офариниши ман!» (7,134).

Аз мундаричa ва мазомини ашъори арабияш бармеояд, ки бештар тарзи баёни Мутанаббӣ ва Ибни Форизи Мисриро пайравӣ карда, ки ҳар ду ҳам аз шахсиятҳои пешгоми адабиёти арабӣ ҳастанд, ба вижа Ибни Фориз, ки тасаллути ӯ дар шеъри ирфонӣ чунон мебошад, ки дар адабиёти форсӣ танҳо бо ашъори ирфонии Ҳофиз қобили муқоиса будааст (5,102).

Худи Соинуддин ҳам ба ҷаҳоншиносӣ ва осори ӯ иродати зиёде дошт ва дар осори насриаш аз ашъори Ибни Фориз намунаҳои бисёр ба унвони шоҳид овардааст.

Гузашта аз ин маъруфтарин қасидаи Ибни Фориз «Назм-уд-дурар»-ро, ки 760 байт мебошад, шарҳ ва тарҷума кардааст (13).

Адабиётшинос Муҳаммадтақӣ Донишпажӯҳ дар феҳристи китобхонаи марказии донишгоҳи Теҳрон аз Соинуддини Хуҷандӣ ёд карда, тахаллуси ӯро «Собир» оварда, чунин тавзеҳ ҳам дода, ки гӯё ба иллати иштибоҳи матбаа вожаи «соин», ҳангоми чоп «собир» шудааст. (3. 307).

Бояд гуфт, ки андешаи Донишпажӯҳ дар ин бобат қобили истиқбол буда наметавонад. Зеро аз поёни ғазалҳои дафтари ашъори Соинуддин маълум гардид, ки тахаллуси шоирии вай «Алӣ» будааст ва мо ба унвони намуна ба ҷои худ шоҳид овардаем.

Маҷмӯаи ашъоре, ки аз Соинуддин боқӣ мондааст, шомили ашъори дилпзиру рангин буда, дар анвои гуногуни адабӣ: ғазал, қитъа, маснавӣ ва рубоӣ навишта шудаанд.

Ҳамзамонон ва муҳаққиқони минбаъда ҳам ба ҳунари адабии Соинуддини баҳои муносиб додаанд ва баррасии иҷмолии шеъри ӯ дар ин навишта қавли мазкурро собит менамояд.

Ашъори Соинуддини Хуҷандӣ аз ҷиҳати миқдор андак бошанд ҳам, аммо аз лиҳози камоли балоғат ва зарофат дар таърихи адабиёт мақоми вижаеро сазовоpанд ва он ашъор барои шоирон сармашқ будаанд.

Адабиёт:

1. Бойматов Луқмон. Дар бораи аҳвол ва осори Соинуддини Хуҷандӣ// маҷаллаи Кайҳони Фарҳангӣ.-Шаҳривари 80, шумораи 79.-саҳ. 48-52.
2. Розӣ, Амин Аҳмад. Ҳафт иқлим/ Тасҳеҳ ва ҳавошии Сайид Муҳаммадризо.- Дар се ҷилд.-Ҷ.2.- Теҳрон: Суруш, 1389, 691с.
3. Донишпажӯҳ, Муҳаммадтақӣ. Маҷмӯаи расоили Хуҷандӣ // Фарҳанги Эронзамин.–1345.–Ҷилди 4.–С. 307-312.

4. Мунзавӣ, Аҳмад. Феҳристи нусхаҳои хаттии форсии муштарак.- Теҳрон: Фарҳанги минтақаи, 1349.-489с.
5. Мутаҳаррӣ, Муртазо. Ирфони Ҳофиз.–Душанбе: Ройзании фарҳангии ҶИЭ, 1998.–128 с.
6. Соинуддин Алии Турка. Ал-маноҳич фи-л-мантиқ / Ба эҳтимоми Иброҳими Дебоҷӣ. – Теҳрон: Донишгоҳ, 1376.- 232 с.
7. Соинуддин Алии Турка. Ақлу ишқ ё мунозироти хамс/ Тасҳеҳ ва таҳқиқи Акрам Ҷудии Неъматӣ.–Теҳрон: Аҳли қалам, 1375.–218 с.
8. Тоҷиддин Алии Субки. Табақот-уш-шофеъия-л-кубро/ Таҳқиқ Абдулфаттоҳ Муҳаммад, Муҳаммад Ат-таноҷӣ.- Ҳалаб, 1964.- 189 с.?
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 1.–Москва: Советская энциклопедия, 1969.–951 с.
10. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Қисми дуюм.–Москва: Советская Энциклопедия, 1969.–949 с.
11. Шарифов Х. Каломи бадеъ.–Душанбе: Маориф, 1991.–159 с.
12. Шарҳи Назм-уд-дурар-и (шарҳи қасидаи тоияи куброи Ибни Фориз). Соинуддин Алии Исфаҳонӣ / Таҳсеҳ ва таҳқиқи Акрам Ҷудии Неъматӣ.- Теҳрон, 1384.- 428 саҳ.

КРАТКО О ДИВАНЕ СОИНУДДИНА ХУДЖАНДИ

Мирзоев Садриддин

В статье подвергается анализу стиль изложения и поэтическое мастерство одного из известнейших личностей и одновременно малоизученного представителя династии Оли Худжанда – Соинуддина Худжанди. Критическое издание дивана Соинуддина Худжанди на сегодняшний день отсутствует, поэтому автор использует список дивана литератора, хранящегося под номером 5307 в Национальной библиотеке Тегерана. Автор пришёл к выводу, что в создании персидских стихов поэт был последователем стиля Фахруддина Ираки и Хафиза Ширази, а в написании арабских стихотворений следовал манере арабских поэтов Мутанабби и Ибн Фориза.

Ключевые слова: Оли Худжанд, творчество Соинуддина Худжанди, писательское мастерство, мистическая поэзия

BRIEFLY ON SINUDDIN KHUDJANDI`S DIVAN

Mirzoyev Sadriddin

The author gives a thorough analysis of the style and poetical mastership illustrating the heritage of one of the most renowned personalities of Oli Khudjand dynasty Soinuddin Khudjandi; at the same time this man-of-letters is studied scantily. Solid edition of Soiniddin Khudjandi is non-available for today, therefore, the author of the article uses the list kept under № 5307 in the National Library of Iran. The author comes to the conclusion that in the creation of Persian poems the poet was a successor of the style resorted to by Fahruddin Iraqi and Khafiz Shirazi; as for the verses written in Arabic, he followed the manner of Arabic poets Mutanabbi and ibn Fariz.

Key words: Oli Khudjand, Soinuddin Khudjandi`s creation, writer`s mastership, mystical poetry

Сведения об авторе: Мирзоев Садриддин – кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикской классической летаратуры Худжанского государственного университета имени академика Б. Гафурова, тел.: (+992) 92 7566454, e-mail: sadriddin-mirzoev@mail.ru

Information about the author: Sadriddin Mirzoyev, Ph. D in Philology, docent of Tajik classic literature chair, Khujand State University named after academician B. Gafurov, tel.: (+992) 92 7566454, e-mail: sadriddin-mirzoev@mail.ru

РОҲУ УСУЛҲОИ ТАЪЛИМИ МАВЗӮИ ЗАРФИ МИҚДОРУ ДАРАҶА ДАР СИНФИ VII

Ҷумахонова Ш. А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Мақсади асосии фаъолгардонӣ ташаккул додани фаъолияти омӯзандагон, баланд бардоштани сифати раванди таълими тарбиявӣ мебошад. Фаъолгардонӣ дар дарс вазъиятҳоеро ба амал меоранд, ки бояд омӯзандагон ба он пайравӣ кунанд:

- истодагарӣ дар фикри худ;
- иштирок дар мубоҳиса ва муҳокимаҳо;
- додани саволҳо ба ҳамсинфон;
- ба талабаи сустхон ҷойҳои нафаҳмидаашро фаҳмонидан.

Методикаи таълими муосир тақозо дорад, ки дар раванди дарс хонанда бояд бештар фаъолият барад, на омӯзгор. Модели асосии омӯзиши усулҳои ҳамфаъол низ маҳз ҳаминро, яъне фаъол будани хонандаро тақозо дорад.

Ҳамин нукта дар дастури таълимию методии «Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол» чунин таъкид гардидааст;

«Меъёрҳои асосии модели ҳамфаъоли таълим ин имконияти муҳокимаронӣҳо ва пешниҳоди озоди мавзӯъ, сухани каму пурмазмун, вале шумораи зиёди фаъолиятҳои амалӣ, ташаббуси бештар аз ҷониби хонанда, шумораи зиёди фаъолиятҳои гурӯҳие, ки кӯшишҳои якҷояро талаб мекунанд».

Дар асоси нишондоди барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI (с. 2006) таълими мавзӯи «Зарф» дар синфи VII ба роҳ монда шуда, ба омӯзиши он дар маҷмӯъ 12 соат ҷудо шудааст. Ёдовар мешавем, ки маълумотҳои дар китоби дарсӣ доир ба ин мавзӯи пешниҳодшуда барои пурра аз худ кардани мавзӯъ нокифоя аст. Омӯзгор бояд танҳо ба маводи китоби дарсӣ такя накунад, вай бояд аз дастурҳои таълимию методӣ истифода намояд, ки ин амал барои пурра эҷодкорона вобаста ба мавзӯъ ҳазм кардани мавзӯъ аз ҷониби хонанда мусоидат мекунад. Чунончи, ӯ таъкид месозад, ки зарфҳои миқдору дараҷа ба феъл, сифат, зарф ва гоҳо ба исмҳо тобеъ шуда, онҳоро аз ҷиҳати миқдору андоза ё дараҷаи зоҳиршавиашон шарҳу эзоҳ медиҳанд ва ба саволномаҳои ***то чӣ андоза?, чӣ қадар, чӣ қадарӣ?*** ҷавоб мешаванд:

Сипас, аёниятеро, ки дар шакли зайл омода шудааст, ба тахтаи синф меовезад, ки он барои хотирмон гардидани мавзӯъ замина мегузорад.

Зарфҳои миқдору дараҷа

*1) **Бо исм:** Мо ба хабарҳои пухтаи ту **хеле** босмачиёни ҷаллодро ба даст даровардем. (С.А.)*

*2) **Бо сифат**: Баъди андак фурсат дар осмон як паррандаи **бисёр калон** ва ғалатӣ намудор шуд. (С.А.)*

*3) **Ба зарф:** Азимшоҳ аз ҷойи нишондодаи қозӣ **қадре** поёнтар нишаста, ба ҳаққи ҷаноби олӣ дуо кард. (Ф.М)*

Ифодаи зарфҳои миқору дараҷа чунин шарҳ дода мешавад:

a) умуман зиёд ё номаҳдуд будани андозаи амалу аломатҳо ё ашё: *ниҳоят, хеле,басе,анча, бисёр, багоят, беандоза,бешумор,беинтиҳо, саросар,лаболаб*.
b) зарфҳои *саҳл, андак, қадре, нисбатан, каме*, умуман камии амалу ҳолатҳоро нишон медиҳад.
c) зарфҳои *дучанд, сечанд, якдонагӣ,дуборӣ*, инчунин зарфҳое, ки аз такрори исм ё шумораҳои миқдорӣ сохта шудаанд, миқдору андозаро ба таври мушаххас ифода мекунанд.

d)зарфҳои аз такрори бевоситаи исмҳо ташкил ёфта ҳам умуман зиёд будани аломати миқдории амалу аломат ё предметро ифода мекунанд.

Зарфҳои дар натиҷаи такрори бевосита ё бо пешоянди аслӣ (*мӯ ба мӯ, вақаб бавақаб*) ба вуҷуд омада метавонанд маънои маҷозӣ ё хусусияти муболиғавӣ (*ҷувол - ҷувол ваъда додан, ҷаҳон - ҷаҳон маънӣ доштан*) дошта бошанд, ё маънои хоси луғавиашонро нигоҳ доранд: *«варақ- варақ хондан»*.

Ҳамзамон таъкид ба ёдоварист, ки истифода аз саволномаҳои тестӣ низ фаъолнокии хонандагонро ба дарс дучанд намуда, раванди дарсро шавқовару пурмазмун мегардонад. Барои намуна чанд саволномаҳои тестиро меорем, ки он барои инкишофи тафаккури зеҳнии хонанда аҳамияти калонро молик аст:

1. Калимаҳои ***андак, каме, бисёр*** кадом намуди зарфанд?
   а) тарзи амал
   б) миқдору дараҷа
   в) замону макон
2. Зарфи тарзи амал ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
   а) кай?, аз кай?, то кай?
   б) кучо?,аз кучо?, дар кучо?
   в) чӣ тавр?, чӣ тарз?
3. Зарф дар ҷумла ба вазифаи кадом аъзои ҷумла меояд?
   а) ҳол
   б) пуркунанда
   в) хабар
4. Кадом ҳиссаи нутқ ***тарз, замон, макон*** ва ҳолатҳои дигари воқеъ шудани амалу ҳолатро мефаҳмонад?
   а) исм
   б) ҷоншин
   в) зарф
5. Калимаҳои ***имрӯз, имшаб, рӯзона, шабона*** кадом навъи зарфанд?
   а) зарфи макон
   б) зарфи тарзи амал
   в) зарфи замон

Дар лаҳзаи мустаҳкамкунии дарс омӯзгор ба он муваффақ мегардад, ки дар дарс бештар хонандагон фаъолият кунанд, на омӯзгор. Талаботи усулҳои ҳамфаъол (интерактивӣ) низ ҳамин аст.

Бо мақсади ҳавасмандии хонандагон ба дарс ҷалб намудан, се нафар хонандаро ба назди тахтаи синф даъват намуда, супориш медиҳем, ки ҷумлаҳои дар машқи 1-ум (саҳ. 44) овардашударо, ки дар маҷмуъ панҷ ҷумла аст навишта зарфҳои миқдору дараҷаро ёбанд. Зимни иҷрои супориш таъкид месозам, ки ба ҳусни хат низ эътибор диҳанд.

Аз китоби дарсӣ машқи 1-ум талаб мекунад, ки ҷумлаҳоро хонед ва ба кадом ҳиссаи нутқ тааллуқ доштани калимаҳои ишоратшударо шарҳ диҳед.

1) Баъди андак фурсат дар осмон як паррандаи ***хеле*** калон пайдо шуд. (С. Айнӣ)
2) Хона, ки торик шуда буд, ***аз нури андаки лампа*** равшан гашт. (*Ҷ. И. «Духтари оташ», саҳ. 15)*
3) Оре, муъҷизае шаваду дар ин ҷо, дар кӯчаи нимторики Хартум баногоҳ як телескопи ***багоятазиме*** пайдо шуд.(Ф.М. Дар он дунё, саҳ. 41).

Маълумотҳои оид ба мавзӯъ гирифтаи хонандагон имкон медиҳад, ки хонандагон бемушкилӣ аз уҳдаи супориш баромада метавонанд.

Баҳри бартараф сохтани хастагии хонандагон омӯзгор имкон дорад, ки дар лаҳзаи дамгирӣ ин ё он намуди бозиҳои дидактикиро ташкил намояд.

Чунончи: Аз худ тартиб додани чор ҷумла доир ба зарфи миқдору дараҷа.

1. Порчаи ***шеърие*** гӯед, ки зарфи ***миқдору дараҷа*** дошта бошад?
2. Зарфи ***миқдору дараҷа*** чиро ифода мекунад.
3. Зарф дар ҷумла чӣ вазифаи ***наҳвиро*** иҷро мекунад?
4. Зарф аз кадом ҷиҳат ба ***сифат*** монанд аст?

5. Зарф ба чанд ***навъ*** чудо мешавад? Доир ба онҳо мисолҳо оред.
6. ***Зарфҳо*** дар нутқ чӣ аҳамият доранд?
7. Ҷумлае гӯед, ки зарфи ***миқдору дараҷа*** дошта бошад?

Омӯзгор бояд мақсади боз ҳам фаъол гардонидани ҷараёни дарс аз бозии дидактикии зерин, ки «Бахтамро месанҷам» ном дорад, бамавқеъ истифода намояд. Шарти боз ӯ чунин аст: омӯзгор якчанд саволномаро, ки пешакӣ омода сохтааст, ба бачаҳо дода мегӯяд, ки канӣ, кӣ аз дасти ман якто саволномаро гирифта, фавран ҷавоб медиҳад?

Хонандае ғолиб меояд, ки ба савол пурра ҷавоби қонеъкунанда диҳад.

Муҳимияти ин бозии шавқовар дар он аст, ки ҳар як хонанда мехоҳад, ки бахташро санҷад.

Дар лаҳзаи супориши вазифаи хонагӣ омӯзгор аз китоби дарсӣ машқи 2-юм саҳ.45-46-ро тавсия медиҳад. Шарти машқ чунин аст:

Ҷумлаҳоро нависед ва зарфҳои миқдору дараҷаро аниқ созед. Ба зерашон хат кашед, ба кадом калима вобаста шуданашро шарҳ диҳед.

Дар охир тазаккур бояд дод, ки раванди фаъолгардии хонандагон аз омӯзгор чунин амалҳоро таҳозо дорад:

1. Сайқал додани малакаву маҳорати касбӣ тавассути худомӯзӣ.
2. Муносибати эҷодкорона ба дарс.
3. Аз таҷрибаи омӯзгорони собиқадор баҳраманд гаштан.
4. Омӯхтан ва амалӣ сохтани талабот ба дарси муосир.
5. Бедор намудани ҳисси меҳру муҳаббат нисбат ба омӯзиши фанни таълимӣ дар шогирдон.

Адабиёт:

1. Аминов С. Забони модарӣ (китоби дарси барои синфи 7) – Душанбе: Сарпараст, 2002, -224 саҳ.
2. Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI – Душанбе,2006, - 38 саҳ.
3. Қурбонов М. Методикаи забони тоҷикӣ барои мактаби миёна. Қ.1. – Душанбе, 1985, 96 саҳ.
4. Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе. – М., 1970, - 606 саҳ.
5. Шербоев С. Методикаи таълими забони тоҷикӣ (барои донишҷӯёни факултетҳои филологии мактабҳои олии Тоҷикистон). – Душанбе, 2009, - 454 саҳ.

МЕТОДЫ И ПРИЁМЫ ИЗУЧЕНИЯ НАРЕЧИЙ СТЕПЕНИ И МЕРЫ В 7-ОМ КЛАССЕ

Джумахонова Ш.

В данной статье предполагается методы и приемы суждения и логические мышления учеников и методические рекомендации для будущих учителей.

Ключевые слова: методика, приём, наречие, способ действия, прилагательное.

METHODS AND WAYS OF STUDY OF ADVERBS OF DEGREE AND MEASURES IN THE 7TH GRADE

Jumakhonova Sh.

The ways and methods of discussion and logical thinking of students and guidelines for future teachers are reviewed in this article.

Key words: methodology, way, adverb, mode of action, an adjective.

Сведения об авторе: Джумахонова Шарофат Алихоновна – старший преподаватель методики преподавания таджикского языка и литературы, факультета таджикской филологии Таджикского государственного педагогического университета им. СадриддинаАйни, тел.: (+992) 93-507-22-52.

Information about the author: Jumakhonova Sharofat Alikhonovna - Senior Lecturer, Chair of Tajik Language and Literature Teaching Method, faculty of Tajik Philology, Tajik Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni, tel.: (+992) 93-507-22-52.

ИШОРОТИ МАРМУЗ ДАР ҚИССАИ “МАҲМУД ВА АЁЗ”

Юҷел Ӯзяшар
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддини Айнӣ

Як ҷиҳати хоси эҷодиёти Султон Валад дар он зоҳир мешавад, ки дар асарҳои вай андешаҳое баён шудаанд, ки онҳо барои дарки мазмунҳои матраҳ дар ашъори Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ муфид мебошанд. Дар чунин ҳолат чеҳраи Султон Валад ба сифати шореҳи орову андешаҳои падараш намудор мегардад. Агар танҳо ҳамин матлабро бо диққати тамом ва пайгирона ба доираи таҳқиқ кашем, як мавзӯи ҷолиберо пешорӯ хоҳем дошт. Ҳоло мо дар ин ҷо бо мақсади масъалагузорӣ фақат ба рамзҳои як қиссаи мармузу машҳур - достони Султон Маҳмуд ва Аёз таваҷҷуҳ мекунем.

Барои ҳалли комили масъалаи мазкур ва таъйини маҳдудаи баҳсамон чигунагии қиссаи Султон Маҳмуду ва Аёзро дар асоси ду манбаъ: “Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ ва “Валаднома”-и Султон Валад аз назар мегузаронем. Мақсади асосии мо нишон додани саҳми Султон Валад дар ташреҳ ва рамзкушоӣ аз андешаҳои Ҷалолуддини Румӣ мебошад. Албатта, пӯшида нест, ки шарҳу тафсири орову афкори мастур дар “Маснавии маънавӣ”-ро аз сарчашмаҳои дигар ҳам ҷустуҷӯ кардан мумкин аст. Дар қадами аввал шореҳи асосии каломи Мавлоно дар “Маснавии маънавӣ” худи вай мебошад, ки ба ин ҷиҳат баъдтар таваққуф мешавад. Аммо боз ҳам барои мо муҳимтар аз ҳама таъкиди мавҷудияти пайванди маънавӣ миёни ду шахсияти машҳуре мебошад, ки онҳоро, гузашта аз ҳама робитаҳои маънавӣ, алоқаи падарию фарзандӣ ба ҳам меорад.

Достони Султон Маҳмуд ва Аёз аз ҷумлаи қиссаҳои дар адабиёт ва миёни аҳли завқ хеле машҳур мебошад. Махсусан, алоқаи Султон Маҳмуд ба Аёз, ки дар фаросату ҳушу ҷамоли некӯ масал будааст, “борҳо мавзӯи ҳикоёту ишороти шуарои форсизабон воқеъ шуда” (1, 753) ва дар ин замина мазомини зиёде ҳам офарида шудаанд. Бинобар ин, мо қиссаи машҳурро дубора нақл намекунем, балки барои тарҳи пурраи масъала равиши дигареро интихоб мекунем. Нахуст, тариқи баёни достони мазкурро бо ба назар гирифтани кулли таваҷҷуҳоти Мавлоно ба шахсияти Аёз, ки дар фаслҳои гуногуни “Маснавии маънавӣ” ба гунаи пароканда ифода шудааст, ба ҳам меоварем. Дар ин маврид, пеш аз ҳама, ба сарфаслҳои асосӣ ва мавзӯъҳои мушаххас ишора мешавад. Баъдан, ба матолиби “Валаднома” ва шарҳи муаллифи он мепардозем.

Ин нукта ҳам бояд гуфта шавад, ки мо барои дарки дурусти моҳияти қиссаҳои марбут ба Султон Маҳмуд ва Аёз аз китоби Аҳмад Нафисӣ “Ҳикоёти “Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммад Балхии Румӣ” (3) ҳам истифода кардем. Дар ин китоб аз қиссаи мавриди назар дар се маврид ишора шуда, дар се фасл бо номҳои “Достони Аёз ва Султон Маҳмуд” (3, 268-273), “Боз ҳам достони Султон Маҳмуд ва Аёз” (3, 322-324), “Боз ҳам достони Аёз ва амирону Султон Маҳмуд” (3, 334-336) ёд шудааст. Аммо асли қисса дар “Маснавии маънавӣ” муфассалтар аст.

Достони Султон Маҳмуд ва Аёз дар дафтари панҷуми “Маснавии маънавӣ” ҷой дода шуда ва то ба нисфи аввали дафтари шашум ҳам идома пайдо мекунад. Баъзе қиссаҳои марбут ба шахсияти Аёз агарчи бидуни зикри исми Султон Маҳмуд омадаанд, моҳиятан ба сурати ҷомеъ ба достони “Султон Маҳмуд ва Аёз” иртиботи мустақим доранд. Дар маҷмӯъ, кулли қиссаҳо дар “Маснавии маънавӣ” на ба сурати ҷомеъ, балки ба таври пароканда омадаанд. Мавлоно дар миёни нахустин сарфасли ин достон ва охирини он боз чандин масъалаҳои дигареро ба миён мегузорад, ки баъзеи онҳо аз нигоҳи маърифати умумии манзури гӯянда дар таҳвияти ҳамдигар омадаанд.

Ҳоло тарҳи ҷомеи қиссаро дар асоси сарфаслҳои марбут ба он баррасӣ мекунем. Дар сурати ҷой доштани нукоти тавзеҳӣ онҳоро, бевосита, дар идомаи ҳар сарфасл зикр мекунем. Ба тавзеҳоте, ки аз ҷониби худи Мавлоно матраҳ шудаанд, баъд аз хатми сарфаслҳо ёдоварӣ мешавад:

1. Омадани он амири наммом бо сарҳангон нимшаб ба гушодани он ҳуҷраи Аёз ва пӯстину чоруқ дидан овехта ва гумон бурдан, ки он макр асту рӯпӯш ва хонаро ҳуфра

кардан ба ҳар гӯшае, ки гумон омад ва чоҳканон овардан ва деворҳоро сӯрох кардан ва чизе наёфтан ва хиҷилу навмед шудан, чунон ки бадгумонон ва хаёландешон дар кори анбиё ва авлиё, ки мегуфтанд, ки соҳиранд ва хештан сохтаанд ва тасаддур меҷӯянд баъд аз тафаҳҳус хиҷил шаванд ва суд надорад (2, 497-498).

2. Бозгаштани наммомон аз ҳуҷраи Аёз ба сӯйи шоҳ тӯбратиҳи ва хиҷил ҳамчун бадгумонон дар ҳаққи анбиё, алайҳим-ус-салом, ба ваёти зуҳури бароат ва покии эшон, ки “явма табяззу вуҷуҳун ва насвадду вуҷуҳун ва қавлуҳу: ватара-л-лазина казабу ала-л-Лоҳи вуҷуҳуҳум мусаваддатун” (2, 498-495).

3. Ҳавола кардани подшоҳқабул ва тавбаи наммомон ва ҳуҷрагушоён ва сазо додани эшон ба Аёз, ки яъне ин ҷиноят бар ирзи ӯ рафтааст (2, 499).

4. Фармудани шоҳ Аёзро, ки ихтиёр кун аз афв ва мукофот, ки аз адлу лутф ҳар чӣ кунӣ, ин ҷо савоб аст ва дар ҳар яке маслиҳатҳост, ки дар адл ҳазор лутф ҳаст дарҷ ва “лакум фи-л-қисоси ҳаётун”, он кас, ки кароҳат медорад қисосро дар ин як ҳаёти қотил назар мекунад ва дар сад ҳазор ҳаёт, ки маъсум ва маҳқун хоҳанд шуд дар ҳисни бими сиёсат, наменигарад (2, 499, 5000).

5. Таъҷил фармудани подшоҳ Аёзро, ки зуд ин ҳукмро ба файсал расон ва мунтазир мадор ва айёму байнано магӯ, ки “ал-интизору мавт-ул-аҳмар” ва ҷавоб гуфтани Аёз шоҳро (2, 500).

6. Пурсидани подшоҳқосиди Аёзро, ки чандин ғаму шодӣ бо чоруқу пӯстин, ки ҷамод аст мегӯйӣ, то Аёзро дар сухан овард (2, 530-531).

7. Фармудани шоҳ ба Аёз бори дигар, ки шарҳи чоруқ ва пӯстин ошкоро бигӯ, то хоҷатошонат аз он ишорат панд гиранд, ки “ад-дин-ун-насиҳату”.

8. Дигар бор истидъои шоҳ аз Аёз, ки таъвили кори худ бигӯ ва мушкили мункиронро ва тоъинонро ҳал кун, ки эшонро дар он илтибос раҳо кардан мурувват нест (2, 540-541).

9. Навохтани Султон Аёзро (2, 542-543).

10. Додани шоҳ гавҳарро миёни девон ва маҷмаъ ба дасти вазир, ки ин чанд арзад? Ва муболиға кардани вазир дар қимати ӯ, ки акнун инро бишкан ва гуфтани вазир, ки инро чун бишканам? Ило охир-ул-қисса (2, 551-552).

11. Расидани гавҳар аз даст ба даст охири давр ба Аёз ва киёсати Аёз ва муқаллид ношудан эшонро ва мағрур ношудани ӯ ба голу мол додани шоҳ ва ҷомагиҳо афзун кардан ва мадҳи ақл кардан, ки нашояд муқаллидро мусалмон доштан, мусалмон бошад, аммо нодир бошад, ки муқаллид субот кунад бар он эътиқод ва муқаллид аз имтиҳонҳо ба саломат берун ояд, ки суботи биноён надорад, “илло ман асмаҳу-л-Лоҳу”, зеро Ҳақ яке аст ва онро зидд бисёр ғалатафган ва мушобеҳи Ҳақ. Муқаллид чун он зидро нашиносад, аз он рӯҲақро нашинохта бошад. Аммо Ҳақ бо он ноҳинохти ӯ, чу ӯро ба иноят нигоҳ дорад, он ношинохт ӯро зиён надорад (2, 552).

12. Ташнеъ задани умаро бар Аёз, ки чаро шикасташ? Ва ҷавоб додани Аёз эшонро (2, 553).

13. Қасди шоҳ ба куштани умаро ва шафоат кардани Аёз пеши тахти султон, ки “ал-афву авло” (2, 553-554).

14. Муҷрим донистани Аёз худро дар ин шафоатгарӣ ва узри ин ҷурм хостан ва дар он узргӯӣ худро муҷрим донистан ва ин шикастагӣ аз шинохту азамати шоҳ хезад, ки “ано аъламукум би-л-Лоҳ ва ахшайкум ли-л-Лоҳи ва қола Аллоҳу таъоло: иннамо яхша-л-Лоҳа мин ибодиҳи-л-уламоу” (2, 555, 556).

15. Вонамудани подшоҳ ба умаро ва мутаассибон дар роҳ Аёз, сабаби фазилату мартабат ва қурбату ҷомагии ӯ бар эшон, бар ваҷҳе, ки эшонро ҳуҷҷат ва эътироз намонд (2, 569).

Сарфаслҳои мазкурро моҳиятан метавон ба се бахш ҷудо кард: Якум, қиссаҳои марбут ба пӯстину чоруқи Аёз - сарфаслҳои якум то даҳум. Дуюм, бо гавҳари қиматбаҳо имтиҳон кардани аҳли дарбор ва ғолибияти Аёз - сарфаслҳои даҳум то понздаҳум. Севум, бо имтиҳони амирон шубҳаи дар баробари Аёз пайдокардаи онҳоро бартараф кардани султон ва таъкиди сабаби ҳувияти Аёз - ҳамин сарфасли охирин ва

тавзеҳи он, ки, бевосита, дар фасли пас аз он меомада баён шудааст: “Мудофиаи умаро он ҳуҷҷатро ба шубҳаи ҷабриёна ва ҷавоб додани шоҳ эшонро” (2, 569-570).

Акнун ба тавзеҳоти худи Мавлоно мепардозем, ки ба навъе шарҳи худи гӯянда аз мақсади аслӣ мебошад. Ин ҷо бо чандин масъалаҳое бархӯрд мешавад, ки онҳо дар якҷоягӣ ифодагари ғарази гӯянда аз моҳияти қисса мебошанд. Аммо бо камоли эҳтиёт таъкид мекунем, ки дар ин бахш танҳо бардоштҳои мо оварда мешаванд, дар асл, мо бар ин боварем, ки мақсади гӯяндаро ба пуррагӣ дарк накардаем, балки кӯшиши маърифати онро тибқи зарфияти заифи зеҳни худ анҷом додаем:

а) Тимсол аз амали “бадгумонон ва хаёландешон дар кори анбиё ва авлиё”, ки ҳамеша вуҷуд дошта ва чунин ноогаҳон бидуни сарфаҳм рафтан аз моҳияти тақрироти анбиёву авлиё онҳоро ба соҳирӣ муттаҳам карда ва дар охир пушаймон шудаанд. Ҳамчунон ки чунин суи тафоҳум аз наммомону сарҳангон дар баробари Аёз ба амал омадааст;

б) Хиҷолати наммомон ва тасдиқи покии Аёз. Мисли он ки покии анбиё ҳамеша ба исбот расидааст;

в) Мазамати нафси аммора, ки сарчашмаи ғафлат аз он аст, инчунин, таъкиди ин нукта, ки ҳеч гоҳ шоҳ аз кори касон ғофил набудааст;

г) Нуҳуфтани ҳазор лутф дар адл, яъне бахшиш (бахшидани намоммон бо кӯшиши Аёз, ки ихтиёри подоши амали онҳоро подшоҳ ба ӯ вогузор карда буд). Инчунин, таъкид рӯйи ин андеша, ки “ҳар кӣ худро бишнохт, худои хешро шинохт”.

Дар ҳамин ҷост, ки таваҷҷуҳи зиёди Аёз ба чоруқу пӯстин, ки наммомон ин дуро ба ҷойи ганҷи пинҳон пиндошта буданд, рӯшан мешавад:

Баҳри он пайғамбар инро шарҳ сохт,
Ҳар кӣ худ бишнохт, Яздонро шинохт.
Чоруқат нутфасту хунат пӯстин,
Боқӣ, эй хоҷа, атои ӯст ин...
Эй Аёз, акнун биёву дод деҳ,
Доди нодир дар ҷаҳон бунёд неҳ.
Муҷримонат мустаҳиққи куштананд
В-аз тамаъ бар афву ҳилмат метананд.
То ки раҳмат ғолиб ояд ё ғазаб?
Оби Кавсар ғолиб ояд, ё лаҳаб?
Аз пайи мардумрабоӣҳар ду ҳаст,
Шохи ҳилму хашм аз аҳди аласт... (2, 499);

ғ) Ҳамеша ба шахсияти худ назар доштан ва ҳар неку бадро аз ҷурми худ донистан, чунон ки Аёз:

Гар зи далқу пӯстин бигзаштаме,
Кай чунин тухми маломат киштаме (2, 500);

д) Натиҷаи хулосаи таваҷҷуҳи Аёз ба чоруқу пӯстин:

Он чи бинад он ҷавон дар ойина,
Пир андар хишт мебинад ҳама.
Пир ишқи туст, на риши сапед,
Дастгири сад ҳазорон ноумед (2, 531);

е) Таваҷҷуҳ ба шахсияти мӯъмин:

Мӯъмин он бошад, ки андар ҷазру мад
Кофир аз имони ӯҳасрат хурад (2, 533).

Ин масъала доманаи бисёр васеъ дорад ва бо шохаҳои аслию фаръии зиёд ҳам дар соири осори Мавлоно ва ҳам Султон Валад қобили мушоҳида аст. Барои мисол, танҳо ба як шохаи ин масъалаи бузург - баёни таносуби сурату маънӣ аз нигоҳи Султон Валад ишора мекунем. Дар китоби “Маориф”-и Султон Валад омадааст, ки “суратҳо аз маънӣ хабар медиҳанду баёни маънӣ мекунанд, азеро ҳар касе ба маънӣ нарасад ва ҷамоли маъниро ҳар чашме набинад. Сурат суратро бинаду ҷон ҷонро. Пас, лозим омад маъниро ба сурат овардан, то аҳли сурат бовар кунанд ҷони маъниро ва андаке аз он бовар кунанду огаҳ шаванд. Осмонҳоро баланд сохтанд ба сурат, то аз баландиҳову осмонҳои маънӣ хабар диҳанд, шеър:

Осмонҳост дар вилояти ҷон
Корфармои осмони ҷаҳон.

Пас, чун баландии осмонҳо ҷойе несту бечун асту болои ӯ бе зеру болост, маънавист (5, 92).

ё) Мушкили мункирону тоъинон ин аст, ки аз ҳоли ботил огоҳ нестанд, ба зоҳир фирефта шудаанд:

Ҳоли ботин гар намеояд ба гуфт,
Ҳоли зоҳир гӯмат дар тоқу ҷуфт.
Ки зи лутфи ёр талхиҳои мот
Гашт бар ҷон хуштар аз шаккар набот... (2, 540-541);

ж) Берун ҷастан аз пардаи таҡлид, ки он суботи биноён надорад;

з) Сарпечӣ накардан аз амри шоҳ, ҳамчунон ки Аёз амри подшоҳро аз гавҳари ҡиматарзиш боло донисту ба фармони вай гавҳареро, ки арзиши он аз тасаввураш ҳам боло буд, ба санг хурд бишкаст:

Гуфт Аёз: “Эй меҳтарони номвар!
Амри шаҳ беҳтар ба ҡимат ё гуҳар?
Амри султон беҳ бувад пеши шумо,
Ё ки ин некӯ гуҳар? Баҳри Худо...” (2, 553);

и) Боло донистани амри шафоату бахшиш, ба мисли шафоат кардани Аёз пеши тахти султон.

Тавзеҳи рӯшантари ин масъаларо дар фасли дигаре дучор мешавем, ки дар фаслҳои миёнгини сарфаслҳои мавриди назар омадааст:

Эй Аёзи гашта фонӣ з-иҡтироб,
Ҳамчу ахтар дар шуои офтоб,
Балки чун нутфа мубаддал ту ба тан,
Н-аз ҳулулу иттиҳодӣ муфтатан... (2, 554).

й) Шинохтани ҳадди шахсият ва сабаби фазилату мартабату ҡудрат, чунонки дар шахсияти Аёз ва сӣ амири подшоҳ намоёнида шудааст. Ҳам ин нукта, ки ҳар кӣҳар коре, ки мекунад, натиҷаи ҳамонро мебинад:

Бар ҡазо кам неҳ баҳона, эй ҷавон,
Ҷурми худро чун ниҳӣ бар дигарон?
Хун кунад Зайду ҡасоси ӯ ба Амр?
Май хӯрад Амру бар Аҳмад ҳадди хамр?
Гирди худ баргарду ҷурми худ бубин,
Ҷунбиш аз худ бину аз соя мабин... (2, 569).

Чунонки Аҳмади Нафисӣ хулоса мекунад, “ҳам ҡазо ҳаҡ асту ҳам кӯшиши банда. Одам монанди шайтон набояд якчашм бошад. Барои анҷоми ин ё он кор инсон бар сари ду роҳҡарор дорад ва дудила мешавад, ки кадом роҳро интихоб кунад. Ҳамон дудилагӣ нишонаи ихтиёри одамӣ аст. Агар дасту пояш баста ва тавоноии ҷунбиш надошта бошад, дудилагии рафтану мондан намекунад, зеро маълум аст, ки бо пою дасти баста ҷое рафтан наметавон. Вале чун даст дар ихтиёр кардан кушода аст, гуноҳу хаторо ба гардани Ҡазою Сарнавишт ва бахту иҡбол наметавон гузошт. Ҳар кӣ коре мекунад, натиҷаи онро мебинад” (3, 336).

Ниҳоят, таъкиди зарурати тавба ба даргоҳи Кирдгор, ки ӯ бинандаи ошкор аст:

Тавба кун, мардона сар овар ба раҳ,
Ки “фаман яъмал бимисҡоли ярах”.
Дар фусуни нафс кам шав ғаррае,
К-офтоби Ҳаҡ напӯшад заррае.
Ҳаст ин зарроти ҷисме, эй муфид,
Пеши ин хуршеди ҷисмонӣ падид.
Ҳаст зарроти хавотир в-ифтикор,
Пеши хуршеди ҳаҡоиҡ ошкор (2, 570).

Чунонки то ба ин ҷо маълум мешавад, ҳар як ҡиссае, ки матраҳ шуд, бо маҡсади муайян оварда шуда ва тавзеҳоти махсус ба худро ҳам дорад. Шахсиятҳои достонии

шинохташаванда, махсусан Аёзу Султон Маҳмуду дигар қаҳрамонон, ҳамчун афроди маъмулӣ пеши назар ҷилвагар мешаванд, ки, пеш аз ҳама, моҳияти инсонӣ доранд. Инчунин, воқеоти марбут ба рӯзгори онҳо ба таври воқеию боваркарданӣ тасвир шудааст. Ниҳоят, маълум мешавад, ки барои дарёфти ғарази аслии нигоранда ба паҳлӯи ботинии воқеаҳо ҳам бояд диққат дода шавад.

Бо вуҷуди ин, ҳоло рамзи чеҳраҳои асосии қиссаи мавриди назар рӯшан нашудааст. Бозгӯи дақиқи ин ҷиҳати масъаларо дар каломи Султон Валад пайдо кардан мумкин аст, ки дар идома ба он таваҷҷуҳ мешавад. Чунонки дар оғоз қайд шуда буд, манзури мо китоби “Валаднома” мебошад.

Тарҳи масъалаи мазкурро дар миёни матнҳои “Валаднома” ба суратҳои гуногун пайдо кардан мумкин аст, вале ба таври рӯшан дар фасле бо унвони “Дар баёни он, ки мурод аз Султон Маҳмуд Худосту аз амирон уқалову уламову ҳукамо ва аз Аёз анбиёву авлиё ва аз гавҳар ҳастии эшон” масъала ба сурати рӯшан матраҳ шудааст. Ин масъаларо Султон Валад дар оғози тавзеҳоти хеш чунин матраҳ кардааст:

Ҳаст Маҳмуд холиқи ду ҷаҳон,
Худпарастон масали он мирон.
Авлиё чун Аёз ошиқи Ҳақ,
Доиман аз Худо гирифта сабақ.
Ҳастии одамӣ бувад гавҳар,
Ҳар кӣ онро шикаст шуд сарвар.
Нестӣ, ки ҳаст, худ он аст,
Асли ҳар ҷисму мояи ҷон аст (4, 43).

Дар идома нукоти мазкур боз тавзеҳ меёбанд. Масалан, барои шинохтани моҳияти гавҳар тарҳи зеринро мутолиа мекунем, ки бар бунёди фарқ карда тавонистани асл аз фаръ гузошта шудааст:

Аслро фаръ хонда муште дун,
Фаръро асл гуфта ҳар маґбун.
Ҳар кӣ з-амраш шикаст гавҳарро,
Кард аз баҳри сар фидо сарро.
Гавҳари амр бар гуҳар бугзид,
Сарвариро чунон азиз сазид.
Аз валӣ ояд ин чунин ҳунаре,
Шиканад чун Аёз ӯ гуҳаре (4, 44).

Мурод аз Аёз анбиёро ҳам донистан аз таъкиди зерин ба даст меояд:

Амрро анбиё чу пизруфтанд,
Ду ҷаҳон бе масоф бигрифтанд.
Он балис аст, к-ӯ шикаст амраш,
З-он ки мастӣ надошт аз хамраш.
Ҳар кӣ бошад чунин зи насли вай аст,
Гар зи Руму зи Шому гар зи Рай аст.
Рӯй амр асту ґайри он пушт аст,
Рӯй ҷон асту ґайри ҷон пушт аст... (4, 44).

Агар мухтавои фасли мавриди назар аз гуфтори Султон Валадро бо гуфторҳои Мавлоно, ки дар боло аз онҳо ёд шуд, татбиқ кунем, он ба мазмуни сарфаслҳои даҳум то понздаҳум-бо гавҳари қиматбаҳо имтиҳон кардани аҳли дарбор ва ґолибияти Аёз – мувофиқ меояд, вале аксари рамзҳои калидӣ: Султон Маҳмуд – Худованд, амирон - уқалову уламову ҳукамо, Аёз - анбиёву авлиё ба кулли бахшҳои марбут ба қиссаи “Султон Маҳмуд ва Аёз” татбиқшаванда мебошанд.

Таъкидҳои Мавлоно ва тавзеҳҳои Султон Валад мутаносибан дар такмили ҳамдигар омадаанд. Ҳеч андешае нест, ки миёни назари ҳар дуи онҳо мухолифат дошта бошад. Дар ин сурат чеҳраи Султон Валад ба сифати идомадиҳандаи роҳи Мавлоно намудор мешавад. Масалан, маънии ба сурат монанд, вале дар маънӣ миёни ҳам фарқ кардани одамонро, ки яке аз мавзӯъҳои меҳварӣ дар қиссаи “Султон Маҳмуд ва Аёз” мебошад, Мавлоно дар ҳамаи бахшҳои марбут ба достони мавриди назар, махсусан,

дар бахши охири он – “Вонамудани подшоҳ ба умаро ва мутаассибон дар роҳ Аёз, сабаби фазилату мартабат ва қурбату ҷомагии ӯ бар эшон, бар ваҷҳе, ки эшонро ҳуҷҷат ва эътироз намонд” – бо мисоли рӯшан пешорӯи хонанда гузоштааст. Султон Валад, дар навбати худ, ҳамин маъниро ба таври зерин тавзеҳ медиҳад: “...одамӣ чунон ки зияд, чунон мирад, боз ҳамчунон ҳашр шавад, зоти ӯ аз он чи ҳаст, нагардад ва чизи дигар нашавад; он чунон ки донаҳои гандуму ҷаву биринҷӯ... чун дар замин бияндозанду бикоранд, аз замин ҳамон рӯянду сар бароранд: агар гандум аст, гандум ва агар ҷав аст, ҷав. Одамиён низ агарчи ба сурат якранганду якнақш, лекин дар маънӣ мутафовитанду мухолиф: яке амин асту яке хоин, яке солиҳ аст, яке толиҳ, яке муъмин асту яке кофир...” (4, 47).

Ба ин монанд мисолҳоро боз ҳам овардан мумкин аст, вале ба мақсади дурӣҷустан аз дарозии калом бо ҳамин иктифо мешавад.

Бардошти рамзии дигаре, ки аз шахсияти Аёз - тимсоли анбиёву авлиё - ва амирон – яъне, уқалову уламову ҳукамо – дар миёни ишораҳои мармузи Султон Валад бармеояд, ин аст, ки анбиёву авлиё аҳли нафс нестанд, онҳо мутеъу фармонбардор ҳастанд. Баръакс, оқилону олимону ҳакимон аз аҳли нафсу ҷисмониёнанд, ҳамин ғаризаҳои нафсонӣ аст, ки онҳоро ҳар лаҳза ба шакку шубҳаву гумонҳои барғалат роҳнамоӣ мекунад. Ин маъниро Султон Валад дар фасли ҷудогонае таҳти унвони “Дар баёни он, ки анбиёву авлиёро аҳли нафсу ҷисмониён хасманд, зеро ғайри ҷинсанд...” (4, 56) дар мисоли анбиёҳо – Расули акрам (с), ҳазрати Масеҳ (а), Мӯсо (а), Халил-ул-Лоҳ (а), Нуҳ (а), аз як тараф, аҳли нафс – куфор, гурӯҳи ҷуҳуд, Фиръавн, Намруд, қавми Ҳуд, аз тарафи дигар, ба шеваи муқобилгузории бархурдҳояшон матраҳ карда ва дар замина ба натиҷаи зерин мерасад:

Аблаҳе дид кас, ки хеш кушад,
Теғ бар ҳалқи худ ба хашм кашад!
Дар гумонаш, ки захм бар дигар аст,
Оқибат дид захм бар ҷигар аст (4, 56).

Ҳамин тавр, барои маърифати хосияти ботинии каломи Мавлоно, дар ниҳояти калом, бояд ба рамзҳои калидӣ таваҷҷуҳ бишавад. Дар акси ҳол қазияи мавриди назар ба сурати як ривоят ва ё қиссаи маъмулӣ ба назар ҷилвагар шуда, моҳияти аслии он, ки аз ишороти рамзӣ бармеояд, пӯшида мемонад.

Адабиёт:

1. Ёҳақӣ, Муҳаммад Ҷаъфар. Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ.- Теҳрон, 1386.- 968 саҳ.
2. Мавлоно, Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ. Маснавии маънавӣ. Бар асоси матни Р.Николсон ва муқобила бо нусхаҳои дигар. Таҳия, танзим ва баргардони матн: Баҳриддин Ализода (Алавӣ), Алии Муҳаммадии Хуросонӣ.- Теҳрон, 1379 ҳ. = 2001 м.- 728 саҳ.
3. Нафисӣ, Аҳмад. Ҳикоёти “Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно Ҷалолиддин, Муҳаммад Балхии Румӣ. Таҳияи Неъматулло Сӯҳбатов.- Душанбе: Паёми ошно, 2007.- 416 саҳ.
4. Султон Валад, Муҳаммад ибни Муҳаммад. Валаднома. Бо муқаддимаи Фаршед Иқбол.- Теҳрон: Иқбол, 1388.- 532 саҳ.
5. Султон Валад, Баҳоуддин Муҳаммад ибни Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ. Маориф. Ба кӯшиши Наҷиб Моили Ҳиравӣ.- Теҳрон: Мавло, 1377.- 351 саҳ.

СИМВОЛИЧЕСКИЕ НАМЕКИ В СКАЗАНИИ О “МАХМУДЕ И АЯЗЕ”

Юджел Узяшар

Внимание одного из великих правителей династии Газневидов Ямин-уд-давла Махмуд к верному слугу Абунаджм Аяз ибн Уймак легло в основу одного из многочисленных преданий, бытующие в фольклоре и литературе в форме дастанов и сказаний. Названное сказание встречается также в “Маснави ма'нави” Мавлана Джалолуддин Балхи Руми и в книге “Валад-наме” Султана Валада.

Более глубокое ознакомление с текстом сказания “Махмуд и Аяз” и научной литературой, посвященной ему, показывает, что в большинстве научных изысканиях рассматриваются лишь внешние аспекты сказания, однако символические намеки в нем остаются вне поля зрения исследователей. Исходя из этого, в данной статье на основе “Маснави ма'нави” Мавлана Джалолуддин Балхи Руми и “Валад-наме” Султана Валада, анализуруются символичекие намеки в указанном сказании.

Ключевые слова: Мавлоно Джалолуддин Руми, Султон Валад, Султон Маҳмуд, Аёз, доносчик, дастан, сказание, раскрытие смысла, символизированный.

SYMBOLIC CLUES IN THE LEGEND ABOUT "MAHMOOD AND AYAZ"

Yucel Ozyashar

Attention of one of the great rulers of Ghaznavid dynasty Yamin-ud-Dawla Mahmood to his faithful servant Abunajm Ayaz ibn Uymak formed the basis of one of many traditions prevalent in folklore and literature in form of dastans and tales. Aforementioned tale is also found in the "Masnavii ma'navi" of Mawlana Jaloluddini Balkhi Rumi and in the "Valadname" of Sultan Valad.

A more detailed look at "Mahmood and Ayaz" legend texts and scientific literature devoted to it shows that in most scientific studies only the external aspects of the stories are considered, however the symbolic allusions in it remain out of the purview of researchers. On this basis, this article is based on the research of symbolic clues in Mawlana Jaloluddini Balkhi Rumi’s "Masnavii ma'navi" and Sultan Valad’s "Valadname".

Key words: Mavlono Jaloluddin Rumi, Mawlana Jaloluddini Balkhi Rumi, Sulton Walad, Sultan Valad, Sulton Mahmud, Sultan Mahmood, Ayoz, Ayaz, the informer, dastan, the legend, the disclosure of meaning, symbolized.

Сведения об авторе: Юджел Узяшар - аспирант кафедры таджикской литературы Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддинва Айни, тел.: (992) 917-64-88-22, e-mail: yucelozyasar@hotmail.com

Information about the author: Yucel Ozyashar – post graduate student of Tajik Literature Chair, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, tel.: (992) 917-64-88-22, e-mail: yucelozyasar@hotmail.com

НИГОҲЕ БА УСЛУБИ БАДЕИИ АМИНҶОН ШУКӮҲӢ

Бобомаллаев Илҳомҷон

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Доир ба вижагиҳои шеъри муосири тоҷик дар адабиётшиносии тоҷик пажӯҳишҳои ҷиддие ба анҷом расидааст. Дар ин раванд лирикаи солҳои 1950–1970, ки қисми таркибии адабиёти ин давр маҳсуб меёбад, мақоми махсусро соҳиб аст. Бо таъбири адабиётшинос А. Абдуманнонов «Дар ҳақиқат ривоҷи лирика дар солҳои 60-70 ҳодисаи ба назар намоён ва аз тамоюлоту мушаххасоти шеъри имрӯзи тоҷик аст» (1, 101).

Давраҳои адабиёти муосири тоҷик бо хусусият, тарзи нигориш, ғоя ва мазмуни хоса аз якдигар тафовут дошта, аз шеъру шоир тақозо менамояд, ки муҳити иҷтимоӣ ва дунёи маънавии инсонро вобаста ба завқу салиқаи замон ва хонанда инъикос намояд. Адабиёти солҳои 1950–1970 бо вуҷуди аз давраҳои пурмаҳсули адабиёти муосири шӯравии тоҷик баҳисоб рафтан ҳанӯз ҳам ғоя, мазмун, мақом ва мавқеи қаҳрамони лирикӣ, мухтасоти ҳунарӣ, услуби нигориш барин масъалаҳои муҳимми адабиётшиносӣ ба таври комил баррасӣ наёфтааст. Пажӯҳиши бунёдии чунин масъалаҳо ба зиммаи адабиётшиносону мунаққидони давраи истиқлолият вогузошта мешавад. Дар нақду баррасӣ ва пажӯҳиши масъалаҳои мавриди баҳс заҳмат ва таълифоти донишмандон, амсоли Холиқ Мирзозода, Абдухолиқ Набиев, Абдунабӣ Сатторов, Раҳим Мусулмонқулов, Худойназар Асозода, Абдуҷаббор Раҳмонов, Абдураҳмон Абдуманнонов, Аскар Ҳакимов чашмрас бошад ҳам, муҳаққиқ ҳангоми баррасии

ҷанбаи лирикаи солҳои 50-70-и садаи XX бояд аз давраҳои аввали адабиёти муосир, ба вижа лирикаи Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода ва нафарони дигар, ки мавқеи меҳварӣ дорад, сарфи назар накунад. Зеро «дигаргуниҳои намоёне, ки дар назми тоҷикии солҳои 50-ум ва 70-уми қарни XX ба вуқӯъ омаданд, ба ҷустуҷӯҳои эҷодии як зумра шоирон – А. Шукӯҳӣ, Ғаффор Мирзо ва Муъмин Қаноат робита доранд. Онҳо шуҷоати адабӣ нишон доданд, шеърро аз умумигӯӣ, шиорзанӣ ва баёноти хушку берӯҳ начот доданд ва дар атрофи устодони сухан муттаҳид гардида, адабиёти моро ба пояҳои тозаи ғоявию эстетикӣ баланд бардоштанд». (4, 5).

Забон ва услуби нигориши Аминҷон Шукӯҳӣ дар таҳаввули шаклу мазмуни шеър, мавқеи қаҳрамони лирикӣ, тасвирҳои ҷолиб, мухтасоти ҳунарӣ, мушаххасияти тасвир ва монанди инҳо тавзеҳ меёбад, ки то ҳанӯз дар адабиётшиносии тоҷик мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтааст.

Аминҷон Шукӯҳӣ ба майдони адабиёт чун шоири лирик ворид гаштааст. Аз ин рӯ, эҷодиёти Аминҷон Шукӯҳиро бе лирика тасаввур кардан ғайриимкон аст, чунки ӯ асосан ҳамчун шоири лирик эътироф шудааст. Бинобар ин, ҳангоми баҳо додан ва муайян сохтани услуби фардии шоир набояд фаромӯш кард, ки «услуби назми муосирро аз рӯи принсипҳои тақсимоти сабкҳои классикӣ мавриди муҳокима қарор додан мувофиқи мақсад нест». (2,113) Зеро барои нишон додани саҳми ин ё он адиб дар адабиёт муайян кардани мақоми истеъдод ва услуби фардӣ яке аз масъалаҳои асосии илми адабиётшиносӣ маҳсуб меёбад.

Агар ба роҳи тайнамудаи адиб назар афканем, эҳсос мекунем, ки ӯ зина ба зина ба тозакориҳо ва ҷустуҷӯҳои эҷодӣ ноил гардидааст, ки ин аз истеъдоди фардии ӯ падид омадаанд, ҳарчанд ки зинаи аввали эҷодиёти ӯ аз умумигӯиҳо орӣ набуданд.

Дар баробари ҷустуҷӯҳои нави эҷодӣ шоир анъанаи гузаштагонро идома бахшида, ба ин васила таҷрибаи эҷодӣ ҳосил намудааст. Дар такомули маҳорати шоирии Шукӯҳӣ назми адабиёти ибтидои асри XX нақши муаассир дорад. Ба андешаи адабиётшиноси маруф академик Абдуҷаббор Раҳмонов «дар назм (назми адабиёти садаи XX – И.Б.) бештар жанрҳои анъанавӣ роиҷ буд. Дар ин жанрҳо баробари мавзӯъҳои ишқӣ – лирикӣ масъалаҳои сиёсиву иҷтимоӣ низ ҷой гирифта, доманаи тасвирро васеътар мегардонид». (5, 138)

Истифода аз жанрҳои анъанавӣ ва омезиши масъалаҳои назми адабиёти ибтидои асри XX ва лирикаи солҳои 50-70-ум ба шоир имконият медиҳад, ки таркиби шеър, образу тасвирҳо ва услубу ифодааш аз умумигӯиҳои зиёд эмин монда, дар баробари ин аз навпардозиҳо саршор бошанд.

Баъзан шеъри шоир ба тариқӣ анъанавӣ оғоз гардида, дар он боз чашмони шӯху рухсори моҳтобии маҳбуба васф карда мешуданд. Масалан, шеъри «Ман дида зи диданат набастам» бо ин банд оғоз мешавад:

Чашмам чу ба чашми шӯхат афтод,
Афтод ба синаам шарора.
Дидам, ки чӣ сон ба рӯзи равшан
Равшан ба рухи ту ду ситора. (12, 145)

Дар нигоҳи аввал ба назар чунин мерасад, ки шеъри мазкур анъанавӣ буда, дар васфи маҳбуба гуфта шудааст, вале он дар бандҳои минбаъда хусусияти дигар гирифта, ба услуби ифодаи реалистӣ мубаддал мегардад ва дар мақтаъ он ба шодкомиву барори муҳаббат бадал меёбад:

Ин дам, ки чу фасли навбаҳорон
Меоӣ ба сӯи хонаи ман.
Бигзор кунанд атрпошӣ
Ҳар як сухани таронаи ман. (12, 145)

Бо ҳосили таҷриба ва дарёфти услуби нигориши хос шоир тавонистааст доираи фарогирии масъалаҳоро мукаммал гардонида, бо тарзи баёни сода, вале ғайримуқаррарӣ мувофиқи талаботи замон шеър гӯяд. А. Набиев дуруст қайд намудааст, ки «Шукӯҳӣ пеш аз ҳама ба олами рӯҳии инсон, тасвири зебоии маънавии ӯ пардохт». (2, 115)

Танқиди адабии тоҷик ҳангоми баррасии ашъори шоирони солҳои 50–70-ум ба эҷодиёти адиб баҳои ҳаққонӣ додааст, ки «Шукӯҳӣ худро дар шеъри «Маро танҳо ту бинмудӣ фаромӯш» ҳамчун шоир кашф кард. Дар ин шеър ҳиссиёт тару тоза ва нотакрор аст. Эҳсосот воқеӣ ва услуби ифода реалистист. Шеър дар чизҳои оддӣ кашф шуд, онҳо ба ҳамдигар омехтанд. Ин суханони тозае дар шеъри ошиқона буд». (8, 118)

Воқеан, ин шеър («Маро танҳо ту бинмудӣ фаромӯш»– И. Б.) бо услуби содаву омиёна гуфта шуда, дар он тасвироти бикр ва муҳокимаронихои ҷадид мушоҳида мешавад:

Нишастӣ, номаамро хонда, хомӯш,
Дигар ҳоҷат набошад бар саволе.
Аҷаб не, кардаӣ кайҳо фаромӯш,
Маро чун нуктаи хобу хаёле.
Парешаб ман аз он роҳе, ки ҳар ду –
Ҳамерафтем як вақте, гузаштам.
Ба зери он дарахту он лаби ҷӯ,
Туро бар ёд оварда нишастам…
Ба ёдат ҳаст оё як шаб ин ҷо
Чиҳо гуфтем мо ҳар ду нишаста.
Ба рӯям мезадӣ ҳар гоҳ, ҷоно,
Ба шӯхӣ шохи райҳонро шикаста…(12, 119)

Чунин навпардозӣ ва сухани тоза зуд ба дилу дидаҳо ва зеҳн менишинад. Шеърҳои «Диламро бурдию манро набурдӣ», «Овози мусиқӣ», «Кош бошад кӯчаҳо дуру дароз», «Ситорааш гарм» дорои чунин хусусиятҳои вижа буда, сомеъро ба ваҷд меоварад ва тахайюли шеършиносии ӯро баланд мебардорад.

Истеъдод ва маҳорати шоирии Шукӯҳиро М. Шукуров ҳанӯз дар овони ҷавонии шоир мушоҳида намуда, навишта буд, ки: «Вай бар хилофи баъзе шоирони ҷавонамон, ки аксари мавзӯъҳоро бо мулоҳизаҳои умумӣ ҳал карданӣ мешаванд, шаклҳои конкретии гузориш ва ҳалли масъаларо дуруст ёфтааст». (9, 68)

Аз муҳтавои ашъори Аминҷон Шукӯҳӣ маълум мегардад, ки ӯ пайроҳаи эҷодии худро муайян намуда, ба масъалаҳои воқеӣ ба қалам додани предмети тасвир аҳамияти хоса зоҳир намудааст. Ин буд, ки дар минбари баҳсу мунозира мухтасоти ҳунарии Шукӯҳӣ мавзӯи баҳсу андешаи муҳаққиқон қарор гирифт. Раҳим Мусулмонқулов ҳангоми таҳқиқи унсурҳои тасвиру образ навиштааст, ки «дар асоси образ гузошта шудани унсурҳои набототи муҳим – ҳамчун шохаи бед, пудина, гули шафтолу, себ, занги ток, маҷелон, райҳон ва амсоли инҳо» аз пардозҳои саҳеҳи шоирона бармеоянд». (3, 4)

Воқеан, сухан ва матлаберо бо истифода аз воситаҳои гуногуни тасвир, бахусус, санъати ташхису суолу ҷавоб бо нигоҳ доштани баробарии лафзу маънӣ ба қолаби шеър даровардан аз истеъдод ва маҳорати волои шоирӣ дарак медиҳад.

Ба пудина бигӯяд оби ҷӯбор:
Саратро хам бикун, эй дӯст як бор,
Ки бӯсам аз рухат ҳангоми падруд,
Шавад шояд гулобе баҳри бемор. (12, 87)

Ё худ:

Лола гар бо рӯй моро маст кард,
Нозбӯ бо бӯй моро маст кард. (12, 123)

Шукӯҳӣ кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки дастовардҳои зиндагии инсони имрӯзаро бо тамоми хусусиятҳояш тасвир намояд. Адиб мувофиқан ҳодисаву зуҳуроти гуногуни ҳаёт онро ба тариқу усулҳои шоирона мехоҳад манзури хонанда гардонад. Вақте ки шоир ин хусусиятҳоро умумият дода, ҷамъбаст мекунад, Ватан рамзи хушбахтии инсон мешавад, ки инсон онро ҳама ҷо сарчашмаи зиндагии шоду хуррами худ медонад:

Сафар ба роҳҳои дур кардам,
Назар ба қасрҳои нур кардам.
Вале аз бахти одам чун сухан рафт,
Ватан, номи ту бо он ҷӯр кардам. (12, 209)

Аминҷон Шукӯҳӣ дар интихоби мавзӯъ ва тарзи баён ҷӯянда аст. Ӯ суботкорона кӯшиш менамояд, ки фикрҳои бикр гӯяд. Маҳорати Шукӯҳӣ дар он зоҳир шудааст, ки вай аз ҳаёт чизҳои ба назар намоёнро ёфта, диққати хонандаро оид ба ҳодисаву воқеаҳои номаълуми ҳаётӣ ҷалб намояд. Шеърҳои «Пардаҳои тиреза», «Такрор», «Боварӣ», «Ту гул не», «Заҳрханда», «Эй ирода» ва дигарҳо ба ин мисол шуда метавонанд.

Шоир дар шеърҳои «Ба ту ман дил намебандам» ва «Ба занбӯри беасал» ҳодисаи мушаххаси зиндагиро муҳокима мекунад. Дар ҳар ду шеър ҳодисаи мушаххаси зиндагӣ ба таври хушку холӣ нақл нашудааст, балки шоир онро ба доираи муҳокимаи худ кашида, дар бораи он ҳукм мебарорад. Муҳокимаҳои шоир дар асоси мушоҳидаҳои ҳаётӣ таҷассум ёфта, ҳукмаш бо қоидаву ахлоқи инсонӣ тавъам омадааст. Шоир ду ошиқеро ба тасвир гирифтааст, ки аввалӣ аз сабаби зану фарзанд доштан бошуурона аз ишқи маъшуқа даст мекашад. Ошиқи дуюм булҳавас буда, шоир ӯро тавассути сухани бадеӣ маҳкум менамояд. Воқеаи мазкурро шоир барои тасдиқ намудани ҳиссиёти ҳақиқӣ ва ахлоқи инсонӣ хуб истифода намудааст.

Забони шеърҳо равону тоза ва муҳаббати шоир поку беолоиш аст. Шукӯҳӣ дар ин шеърҳо услуби ягона, яъне ҳаяҷоннокии лирикиро хуб риоя карда тавонистааст.

Шоир дар шеъри «Ба занбӯри беасал» ба «ошиқ»-и булҳавас, ки «ҳар соле як баҳореро хазон месозад», хитоб намудааст:

Ту аз ҳар сол мехоҳӣ бигирӣ як баҳорашро,
Шукуфтанҳои боғашро, насими лолазорашро,
Намебинӣ ту тобистони гарми мевазорашро,
Намехоҳӣ, ки чинӣ ҳосилашро, ёдгорашро. (12, 187)

Байтҳои мазкурро аз беҳтарин бандҳои шеъри А. Шукӯҳӣ ҳисоб кардан мумкин аст. Дар ин гуна бандҳо шоир моҳияти масъаларо хеле образнок кушода, дар бораи ҳодисаҳои ҳаёт фикру мулоҳизаҳои ҷиддӣ баён мекунад.

Ҳачм ва фарогирии мавзӯъ ба шоир барои интихоби ин ё он услуби муайян заминаи созгор фароҳам меоварад. Чунин хусусияти услубиро дар дубайтиҳои шоир бештар мушоҳида намудан мумкин аст. Зеро «хусусияти услубии дубайтӣ талаб дорад, ки воқеа, ҳиссиёт дар ҳолати низоаш, кулминатсиониаш ба қалам дода шавад. Шакли ихчам ва минётурии он ба ҳикоя ва тасвиру ифодаи батафсил имконият намедиҳад» (7, 143). Масалан, агар ба дубайтии мазкур таваҷҷӯҳ намоем:

Сина аз ҳасрат ба хуну хок шуд,
Ҳамчу барги ток қалбам чок шуд.
Буд ангури ҳусайнӣ панҷаҳот,
Дасти ман бар он чу занги ток шуд. (11, 84)

шоир дар мисраи аввали он яку якбора аҳволи қаҳрамонро дар ҳолати авҷу хурӯшаш ифода намудааст.

Дар бисёр дубайтиҳои Шукӯҳӣ ифодаи муҳаббати инсон ба тарзи хос сурат мегирад. Ин муҳаббатро мо ҳангоми тасвири гулу лола, ё қатраи шабнаму майсаи навхез, ё мӯри донакашу занбӯри асал ба хубӣ эҳсос карда метавонем. Тасвиру ифодаҳои диловез ва самимонаи шоир ба забони худ ба олами ҳастиву инсону табиат муҳаббати ӯро арз мекунад:

Баҳорон буд, наргис омаду рафт,
Чароғи аҳли маҷлис омаду рафт.
Гулу себаргаҳо аз ҷой ҷастанд,
Насиме ҳамчу мӯнис омаду рафт. (12, 44)

«Дар эҷодиёти ҳар як шоири асил,– навиштааст, Аскар Ҳаким,– усули ифодаи тасвир ба як тариқу тамоюл нест. Вай барои ифодаи ҳаррангии мазмуну мундарича аз гуногунтарин воситаҳои услубӣ истифода мекунад» (7, 144). Масалан, агар ба дубайтии зерин таваҷҷӯҳ намоем, ба хубӣ муайян карда метавонем, ки он аз ҷиҳати услуби ифода содаю равон буда, дар асоси ҳикматҳои халқӣ гуфта шудааст:

Бор агар вазнин набошад, бор нест,
Кор агар мушкил набошад, кор нест.

Аз мунофиқ дуртар будан беҳ аст,
Ёр агар содиқ набошад, ёр нест. (12, 28)

Вижагии дигари ин дубайтӣ боз дар он аст, ки ба ғайр аз қофияи маъмулии охири сатрҳо калимаҳои аввали мисраъҳо низ ҳамқофия омадаанд.

А. Шукӯҳӣ барои изҳор ва ифшо намудани муҳаббати самимӣ сухан намечӯяд, зеро «вай барои ӯ ҳамчун нафас, обу ҳаво табиист ва барои ифодаи он суханҳои мутантан, пуртакаллуфу хушомаднамо даркор нестанд, вай аз ҳар ҳаракат ва оҳанги гуфтораш ҳувайдост. Он бо гузашти солҳо ҳам тағйир намеёбад». (8, 124)

Ин оҳангу услуби ошно бо гузашти солҳо бегона нагардида, аз шеъри «Шаб» оҳанги «Маро танҳо ту бинмудӣ фаромӯш» ба гӯш мерасад. Шоир дар шеъри «Шаб» рози дилашро бо услуби сода ва ба худ хос, яъне ҳаяҷоннокии лирикӣ ифшо месозад:

Ту ногаҳ раҳравон тори алафро
Бикандию ба ангуштат бубастӣ.
Пас аз он бар лаби оби мусаффо
Барои об нӯшидан нишастӣ.
Чу чавгони дарози беди маҷнун
Ба рӯи об зулфони ту афтод.
Аз ин ҳолат нигоҳи моҳ мафтун
Шуду бар рӯи дастони ту афтод… (12, 162)

Маҳорати шоир барои муаррифии симои эҷодӣ ва дарёфти сабку услуби хосаи худ аз як шеър то шеъри дигараш сайқал меёбад, услуб ва сабки баёнаш фораму дилнишин мегардад:

Нишастӣ, номаамро хонда, хомӯш,
Дигар ҳоҷат набошад бар саволе.
Аҷаб не, кардаӣ кайҳо фаромӯш,
Маро чун нуктаи хобу хаёле.
Парешаб ман аз он роҳе, ки ҳар ду –
Ҳамерафтем як вақте, гузаштам.
Ба зери он дарахту он лаби ҷӯ,
Туро бар ёд оварда нишастам…
Ба ёдат ҳаст оё як шаб ин ҷо
Чиҳо гуфтем мо ҳар ду нишаста.
Ба рӯям мезадӣ ҳар гоҳ, ҷоно,
Ба шӯхӣ шохи райҳонро шикаста…(12, 119)

Дар ин абёт таносуби лафзу маънӣ риоя шуда, дар шеър ҳар вожа ҷой ва мақоми худро пайдо кардааст, чунки «аз ин мисраъҳо мо ҳаракатро мебинем, садоро мешунавем, бӯйро мешамем» (8, 112).

Кӯтоҳбаёнӣ, мӯъҷазу ҳадафрас нишон додан матлаб, истифодаи таъбироти маъмули халқӣ, воқеӣ баҳо додан ба кору пайкори образҳо, моҳирона истифода намудани воситаҳои тасвир аз истеъдоди фитриву маънавии шоир дарак медиҳанд. Ибораҳои мӯъҷазу чашмрас ба шоир имконият додааст, ки бо овардани таъбироти содаву омиёна ба ҳадафи хеш ноил гардад. Маслан, дар ду байти зер шоир бо истифода аз ҳикмати халқӣ тавонистааст муҳаббати бепоёни худро нисбат ба Ватан дар қолаби ғайримаъмулӣ ифода намояд:

Ватан, бо роҳи ту замон меравад,
Замон сӯи бахти ҷаҳон меравад.
Зи дил ишқи покат чӣ сон меравад?
Ба шир омадаст он, ба ҷон меравад.

Дар ин гуна мавзӯъ шоир маъниҳои бузургро ғунҷоиш дода, эҳсосоти воқеӣ ва услуби ифодаи реалистонаро манзури хонанда намудааст.

Дар баробари баррасии забону услуби шеърҳои хурди лирикии шоир фаромӯш набояд кард, ки достони «Кӯчабоғи ошиқон» низ аз ҷиҳати забон, тарзи баён ва санъати офарандагию хусусияти бадеӣ дар эҷодиёти А. Шукӯҳӣ дорои мақоми вежа аст. Шоир тамоми воқеаҳо ва ҳолати қаҳрамононро хеле сода, вале ҷозибанок баён

менамояд. Масалан, тасвири шаби маҳтоб, ки дар дили хонанда эҳсосоти самимие ба вуҷуд меоварад ва достон бо он оғоз меёбад, ҳолати рӯҳии қаҳрамони достон Содикро хеле хуб ифода менамояд:

Шаби маҳтоб ранги шир дорад,
Нафас олам кашад ором-ором.
Ба шӯхӣ бар машом оҳиста орад
Насиме накҳати гулҳои бодом…
Садои оби шӯхи ҷӯйборон
Ҳузури гӯши сад ғавғошунида,
Ба ҳам бархӯрдани барги дарахтон
Бувад мусиқии субҳи дамида.

Пажухиш ва баррасии мазмуну мундарича, сюжет ва маҳорати образфоаринии шоир нишон медиҳад, ки А. Шукӯҳӣ роҳи эҷодӣ, сабки баён ва услуби ифодаи хоси худро соҳиб аст. Зеро «…Эҳсосоти ҳаяҷонбахш ва амиқи лирикӣ, тасвирҳои мунаққаш ва андешаҳои мушаххас, забони содаву равон, сабки ба осори мардумӣ наздик аз ҷумлаи сифатҳои чашмраси ашъори А. Шукӯҳӣ ба шумор меоянд» (6, 5).

Чӣ тавре таъкид шуд, сабки баёни шоир омиёна ва реалистӣ буда, ин тарзи нигориш ба ӯ барои тасвири воқеияти зиндагӣ ва дарёфти маънии бикр имконият ва заминаи мусоид фароҳам овардааст. Аминҷон Шукӯҳӣ чи дар услуби баёну интихоби мавзӯъ ва чи дар тавъам омадани шаклу маънӣ ҷӯянда ва навовар аст.

Адабиёт:

1. Абдуманнонов А. Сухан аз қаҳрамони лирикӣ // Садои Шарқ. – 1975. –№ 11. – С. 100–107.
2. Набиев А. Шеър агар эъҷоз бошад//Садои Шарқ.– 1976. –№ 10. – С. 113-121
3. Мусулмонқулов Р. Қолини вафо // Маданияти Тоҷикистон. – 1983. – № 47, 14 июн.
4. Раҳмонов А. Пиндорҳои асотирӣ дар адабиёти тоҷикӣ. – Душанбе: Диловар - ДМТ, 1999. – 196 с.
5. Раҳмонов А. Шамсиддин Шоҳин ва анъанаи ғазалсароӣ дар адабиёти тоҷики нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX. – Душанбе, 2006. – 216 с.
6. Сайфуллоев А. Вассофи зиндагӣ ва муҳаббат// Ҷумҳурият. – 2003. – № 113, 7 октябр.
7. Ҳакимов А. Ҳосили таҷрибаи рӯзгор // Садои Шарқ. – 1974. – № 6. – С. 140-145.
8. Ҳакимов А. Дар қаламрави сухан. –Душанбе: Ирфон, 1982. –224 с.
9. Шукуров М. Баъзе масъалаҳои маҳорати бадеии шоирони ҷавон // Шарқи Сурх. – 1955. –№ 8. – С. 67-77.
10. Шукӯҳӣ А. Ватани сулҳ. –Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1950. –56 с.
11. Шукӯҳӣ А. Чормаҳз. Рубоӣ ва дубайтаҳо.– Душанбе: Ирфон, 1973.– 88 с.
12. Шукӯҳӣ А. Асарҳои мунтахаб. Ҷилди 1. Шеърҳо, достонҳо, шеърҳо барои кӯдакон. –Душанбе: Ирфон, 1977. –400 с.

ИССЛЕДОВАНИЕ ПО ХУДОЖЕСТВЕННОМУ СТИЛЮ АМИНДЖОНА ШУКУХИ

Бобомаллаев И.

Данная статья посвящена уточнению стиля пера Аминджона Шукухи. Преобразование содержания стихов, роль и место лирического героя, новшество описания, конкретность изображения отражают специфику личного стиля поэта. Также рассматриваются проблемы традиции и новаторства Аминджона Шукухи.

Ключевые слова: язык и стиль, лирика, идея и содержание, сюжет, лирический герой, традиция, новаторство, жанры.

RESEARCH ON ARTISTIC STYLE OF AMINJON SHUKUHI

Bobomallaev I.

This article is dedicated to the clarification of the style of writings of Aminjon Shukuhi. Reformation of the contents of the versus, role, and position of lyrics hero, new description, concrete imagination reflect the peculiarity of personal style of the poet. The problems regarding the tradition and innovation of the poet is reviewed in the article.

Key words: language and style, lyrics, idea and contents, plot, lyrics hero, tradition, innovation, genres.

Сведения об авторе: Бобомаллаев Илхомджон Джанобович аспирант второго курса кафедры таджикской литературы Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел.:(+992) 918-42-45-12; e-mail: ilhom-b.89@mail.ru

Information about the author: Bobomallaev Ilhomjon Janobovich, postgraduate student of the second year of Tajik Literature Chair, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ainy, tel.: (+992) 918-42-45-12; e-mail: ilhom-b.89@mail.ru

ФУНКЦИОНАЛЬНО-СЕМАНТИЧЕСКАЯ КЛАССИФИКАЦИЯ НАРЕЧИЙ В НЕМЕЦКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Куджов Холмахмад Раджабович
Таджикский педагогический институт г. Пенджикента

Существует как функциональная, так и семантическая разнородность наречий. Принципиальные различия между классификацией наречий по выполняемым функциям и по принадлежности к тому или иному функционально-семантическому полю выявляются лишь при детальном анализе использования в разных контекстах наречий с нулевым маркером.

Но для того, чтобы проводить подобный анализ необходимо иметь некоторые общие представления о самой теории функционально-семантических полей, выдвинутой А. В. Бондарко.

Придерживаясь мнения, что части речи имеют полевую структуру, образуемую центром, для которого характерна оптимальная концентрация всех частеречных признаков, и периферией, состоящей из единиц с некомплектным числом этих признаков или приобретающих признаки единиц других частей речи, мы полагаем, что полевая частеречная структура наречий имеет полицентрический характер. Значит, выделяемые в составе наречий разряды представляют собой микрополя, объединяемые общим значением признака второго порядка.

В качестве основы классификации наречий была использована система функционально-семантических полей, разработанная А.В. Бондарко. Под функционально-семантический полем (ФСП) понимается совокупность разноуровневых средств языка, служащих для выражения некоторой семантической категории, в основе которой лежит определенная понятийная категория. В зависимости от того, к какому функционально-семантическому полю они относятся, были выделены семь основных разрядов наречий:

1. пространственные наречия;
2. темпоральные наречия;
3. аспектуальные наречия;
4. наречия таксиса;
5. градуирующие наречия;
6. характеризующие наречия;
7. сентециональные наречия.

Выявлены следующие особенности основных разрядов наречий.

В системе функционально-семантических полей наречия связаны с отражением в языке таких важнейших категорий, как пространство и время, количество и качество, оценка. Названные категории лежат в основе соответствующих номинативных областей наречий.

Знания человека о пространстве и времени как основных формах существования материи закреплены в целом ряде языковых средств, в том числе и в пространственных и темпоральных наречиях. Способы выражения пространственных значений не имеют в качестве своего центра соответствующей морфологической категории, и пространственные отношения в немецком и других языках передаются предлогами, наречиями, словообразовательными и синтаксическими средствами. Категория темпоральности, напротив, является в индоевропейских языках прежде всего грамматической, и ее основу составляют временные формы глагола. Роль темпоральных наречий сводится обычно к конкретизации временных значений глагольных форм.

По-видимому, различный статус категорий локативности и темпоральности обусловлен различиями в восприятии и осознании человеком пространства и времени, а также общими закономерностями его номинативной деятельности. Пространственные отношения - статическое расположение предметов, их перемещение относительно друг друга в окружающем человека материальном мире непосредственно доступны наблюдению. Значение слов, выражающих локативные отношения, денотативно, поскольку они имеют реальный денотат в физическом пространстве.

В отличие от пространства, время не дано человеку в непосредственных ощущениях его органов чувств. Представления о времени как протяженности, членимой на некоторые отрезки, формируются опосредованно, на основании наблюдений за разворачивающимися во времени событиями. Поэтому лексические средства выражения темпоральности сигнификативны. То, что составляет их значение, есть результат более высокой степени абстрагирования в познавательной деятельности человека. Наречение временных признаков подчиняется общим закономерностям вербально - ассоциативного механизма, организующего непредметную действительность по аналогии с элементами физически воспринимаемой действительности. Многие из наречий, обозначающих темпоральные отношения, возникают в результате вторичной номинации - метафорического переосмысления пространственных отношений, образующих конкретный предметный субстрат семантики соответствующих наименований. Темпоральные значения нередко присутствуют у пространственных наречий в качестве вторичных, дополнительных, ср.; впереди - "на каком-либо расстоянии перед кем-нибудь" и "в будущем"; voran, voraus, auf einer Strecke. За некоторыми пространственными наречиями в речевом узусе закрепляются только или преимущественно темпоральные значения, ср.: знать наперед – im vorans kennen – sich künfig enthsinnen, помнить впредь. Возможность уподобления временных отношений пространственным, обусловлена объективно существующей взаимосвязью категорий времени и пространства.

Пространственные наречия обозначают соположение предмета, признака или сообщаемого в целом с ориентиром - предметом, местонахождение которого принимается за известное в системе заданных речевой ситуацией координат.

В системе немецких пространственных наречий существовали оппозиции интер - и транслокативных разрядов, ср.: Wo? - Woher? - Wohin?; hier – von hier – hierher; dort - vondort - dorthin. Однако с утратой падежных флексий и соотно¬симых с ними наречных аффиксов формально транслокативные и интерлокативные наречия перестали различаться. Большинство немецких наречий включают в свое значение оба концепта – местонахождения и направления, ср.: Ausslands – im aussländischem Land.

Темпоральные наречия в таджикском, русском и немецком языках различаются, прежде всего, в количественном отношении. В русском языке темпоральных наречий значительно больше.

Среди немецких темпоральных наречий выделяются три группы, различающиеся тем, в какую зону на временной оси помещают сообщаемое относительно точки отсчета (момента речи в ситуации "обсуждаемого мира" или любой точки, определяемой в ситуации "рассказываемого мира"). В первую входят наречия, обозначающие период, включающий точку отсчета, ср.: jetzt, heute, gegenseitig; во вторую - наречия, обозначающие период времени, предшествующий точке отсчета, ср.: vor, vor kurzem, unlängst, neulich, vorläufig, beizeiten, aus neue, von vorne an; и третью группу образуют наречия, обозначающие период времени, следующий за точкой отсчета, ср.: kürzlich, bald, inkürze, zuspät, gedrankt, etc.

Периферийную группу темпорального разряда образуют наречия, семантике которых переплетаются значения временного отношения и оценки. Это наречия, выражающие соответствие или несоответствие временных координат действия (ситуации) нормативной точке или периоду на временной оси, ср.: вовремя - рано - поздно; rechtzeitig – früh - spat, а также наречия, относящие сообщаемое к периоду, предшествующему точке отсчета и включающие модальное значение преднамеренности, ср.: заранее, im voraus.

С категорией темпоральности в языке тесно связана категория аспектуальности. В немецком языке, эти категории совмещены в глагольных формах, однако образуют самостоятельные семантические сферы. В наиболее общем виде аспектуальная семантика может быть определена как характер (способ) протекания или распределения действия во времени. Наречия, входящие в ФСП аспектуальности, характеризуют действие (событие) с точки зрения количества "крат" mal (zweimal); повторяемости (manchmal), регулярности/нерегулярности (gewöhnlich), первичности/повторности (wieder), мгновенности (разом), ограниченной/неограниченной длительности (unbedingt).

Примечательно, что хотя грамматическая категория вида глагола в русском и немецком языках не совпадает, подгруппы аспектуальных наречий в них в целом идентичны, ср.: einmal, zweimal, oft, selten, manchmal; gewöhnlich, täglich, irregularly unregelmässig, wieder, aufs neue; sefort, lang.

Сравнительно немногочисленный разряд наречий входит в функционально-семантическое поле (ФСП) таксиса. Под таксисом понимается выраженное в высказыва¬нии временное отношение между действиями, протекающими в пределах некоторого целостного периода. Наречия независимого таксиса – одновременно (gleichzeitig), пока (vorläufig), сначала (zuerst), затем (dann) - выражают отношения одновременности/ неодновременности действий. При этом они нередко распространяют отношения таксиса на действия, дистантно выраженные в тексте.

Значительная часть наречий входит в ФСП количественности. Данное поле распадается на две обширные сферы: первую образуют средства выражения предметной количественности, вторую составляют квантификаторы признаков - средства выражения степени их проявления. Под градуацией признака понимается семантическое усиление или ослабление признакового компонента значения слова. Эту функцию выполняют градуирующие наречия, которые сгруппировали, расположив их на шкале интенсивности по трем областям - непосредственно вокруг точки отсчета, "кверху" от нее (нарастание признака) и "книзу" от нее (убывание признака). Соответственно, выделены наречные интенсификаторы, подразделяющиеся на усилители (очень, sehr - viel), максимизаторы (совершенно, абсолютно; absolut), сверхусилители (слишком, чересчур; zuviel, viel zu viel); усреднители (достаточно, genug, genügend); деинтенсификаторы, распадающиеся на апроксиматоры (почти, fast), уменьшители (слегка, частично; leicht, teilweise) и минимизаторы (еле, едва; kaum, schwerlich, beinahe).

Литература:

1. Ахманова, 1966 – Ахманова О.С. Словарь лингвистических терминов. – М.: Советская энциклопедия, 1966. стр. 78-79.

2. Большой энциклопедический словарь Языкознание, 1998 – М.: Большая Российская энциклопедия, 1998. стр. 175-176.
3. Москальская, 1975 – Москальская О.И. Теоретическая грамматика современного немецкого языка. Учебник для студентов институтов и факультетов иностранных языков. – М.: Высшая школа, 1975. стр. 49-51.
4. Степанова, Хельбиг, 1978 – Степанова М.Д., Хельбиг Г. Части речи и проблема валентности в современном немецком языке: Учебное пособие для институтов и факультетов иностранных языков. – М.: Высшая школа, 1978. стр.89.
5. Шенделъс, 1988 – Шенделъс Е.И. Практическая грамматика немецкого языка: Учебник для институтов и факультетов иностранных языков. – М.: Высшая школа, 1988. стр.67-68.
6. Admoni, 1972 – Admoni W. Der deutsche Sprachbau. – Leningrad, 1972. стр.84-85.
7. Agricola, Fleischer, Protze, 1970 – Agricola E., Fleischer W., Protze H. Die deutsche Sprache. Kleine Enzyklopädie in zwei Bänden (zweiter Band). – Leipzig, VEB Bibliographisches Institut, 1970. стр. 96-98.
8. Baskevie, 1987 – Baskevie V. Zum Einfluß kommunikativ-pragmatischer Faktoren auf die Valenz //Deutsch als Fremdsprache. – Leipzig, 3/1987- S. 153-155.
9. Bondzio, 1973 – Bondzio W. Zur Syntax des Possessiv – Pronomens in der deutschen Gegenwartssprache //Deutsch als Fremdsprache. – Leipzig, 2/1973. – S. 65-128.
10. Brinkmann, 1966 – Brinkmann H. Die deutsche Sprache. Gestalt und Leistung. – Düsseldorf, 1962. стр.76-79.
11. Erben, 1976 – Erben J. Abriß der deutschen Grammatik für Ausländer. – Leipzig, 1976. стр. 45-52.
12. Firle, 1989 – Firle M. Zu einigen Wirkungspotenzen der Valenz des Verbs //Deutsch als Fremdsprache, - Leipzig, 2 /1989. – S. стр. 153-158.
13. Grebe, 1966 – Grebe P. Der semantisch-syntaktische Hof unserer Wörter // Wirkendes Wort, 6 /1966, S. стр. 1-391.
14. Grimm, 1989 – Grimm H.- J. Was hat Artikelgebrauch mit Valenz zu tun? // Deutsch als Fremdsprache, 6 /1989, Leipzig, – S. стр. 354 - 359.
15. Heger, 1966 – Heger K. Valenz; Diathese und Kasus //Zeitschrift für romanische Philologie, 1966. стр. 28-33.
16. Helbig, Schenkel, 1975 – Helbig G., Schenkel W. Wörterbuch zur Valenz und Distribution deutscher Verben. – Leipzig, 1975. 75-77.

ФУНКЦИОНАЛЬНО-СЕМАНТИЧЕСКАЯ КЛАССИФИКАЦИЯ НАРЕЧИЙ В НЕМЕЦКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Куджов Холмахмад Раджабович

В статье рассматривается задачи, особенности и значения функционально – семантической классификации наречий в немецком и таджикском языках. Выявляется различия между классификацией наречий, детально анализируется их использования в разных контекстах наречий с нулевым маркером. Рассматривается важнейшие категории наречий в функционально – семантическом поле.

Ключевые слова: наречие, классификация, значение классификаций.

THE FUNCTIONAL-SEMANTIC CLASSIFICATION OF ADVERB IN GERMAN AND TAJIK LANGUAGES.

Kujov Kholmahmad Rajabovich

The task, specialty an the significance of the functional-semantic classification of adverb in German and Tajik languages are reviewed in this article. Differences between classification of adverbs are disclosed, and their use in different contexts adverbs with zero marker are analysed in detailed as well. The most important category of adverbs in functional - semantic field is revied in this article as well.

Key words: adverb, classification, a significance of classification.

Сведения об авторе: Куджов Холмахмад Раджабович. – старший преподаватель кафедры иностранных языков Таджикского педагогического института города Пенджикента, тел.: (+ 992) 93-515 – 53- 31, e-mail: intour-penj@mail.ru

Information about the author: Kujov Kholmahmad Rajabovich – Senior lecturer of Foreign Languages Chair, Tajik Pedagogical Institute of Penjikent City, tel.:. (+ 992) 93 515 53 31, e-mail: intour-penj@mail.ru

МАҚОМИ ГУЗОРИШ ДАР РАДИОИ ТОҶИКИСТОН

Саидмуроди Хоҷазод

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар гузориши радиоӣ – жанри маъмулу иттилоотӣ, ҷараёни рӯйдод мусалсал нақлгардида, шунаванда худро иштирокдори он тасаввур мекунад. «Дар репортаж нафақат чӣ воқеа рӯй доданаш, балки чӣ хел рӯй доданаш ҳам тасвир карда мешавад. Яъне репортажнавис имкон дорад, ки тафсилоти воқеаро тасвир кунад» [6, 339]. Гузоришҳои мустақим аз ҷои воқеа ба тариқи зинда садо дода, ҳолати воқеии вазъи баамаломадаро инъикос менамояд. «Талаботи асосӣ ба репортаж ин мавҷудияти рӯйдоди муҳим ва тарзи амали журналист дар он мебошад. Репортаж баёнгари авзои факт ва воқеа аст. Вай рӯйдодро тасвир намуда, ба ниҳонхонаи факт тарзе равшанӣ меандозад, ки жанри дигаре чунин қобилиятро надорад» [3, 274]. Аммо муҳаққиқ Ю.Бараневич ақида дорад, ки ҳангоми таҳияи гузориш «микрофон ва журналист бояд ҳатман дар ҷои ҳодиса бошанд. Дар ин ҳол хабарнигор ва микрофони ӯ бояд дар ин рӯйдод иштироки фаъол намоянд» [1, 55]. Нишонаҳои асосии гузориш – саҳеҳият, фаврият, далелу эътиборнокӣ мебошад. Дар он тамоми ҷанбаҳои хабар – фаврият, зарурият ва матн омезиш меёбанд ва нишонаҳои публисистика – баҳо додан ба ҳодиса, тасвири образнок, барангехтани эҳсосот мушоҳида мегардад. «Гузориш – нақли бевоситаи шоҳиди воқеа аст ва вазифаи он ба таври «зинда» ба шунаванда расонидани асли воқеаву ҳодиса мебошад» [5, 17].

Дар радиои Тоҷикистон ду намуди гузориш- гузориши мустақим (воқеӣ) ва ғайримустақим (ғайривоқеӣ) ё сабтшуда истифода мешавад. Гузоришҳои мустақими калонҳаҷм аз чорабиниҳои бузурги давлатию ҷамъиятӣ, ҷашнвораҳо мусобиқоти варзишӣ пахш мешаванд. Дар чунин гузоришҳо журналист, ки шоҳиди баргузории воқеа аст, то лаҳзаи охир аз натиҷаи он бехабар аст. Ӯ мисли шунаванда натиҷаи воқеаро интизорӣ мекашад. Чунин омил ҷолибияти гузориши мустақимро афзун намуда, таваҷҷӯҳи шунавандаро ба худ ҷалб менамояд.

Гузориши ғайримустақим дар студия таҳия мешаванд. Баъд аз анҷоми воқеа, ҳодиса ё чорабинӣ журналист дар коргоҳ матнро мураттаб сохта, ҷо- ҷо сабтҳои ба мавзуъ иртибот доштаро ҷой медиҳад. Дар лаҳзаҳои зарурӣ аз эффектҳои овозӣ (садои асбобҳои мусиқӣ, тазоҳурот, боду борон) истифода мебарад. Ҳангоми сабт имконият мавҷуд аст, ки ҳаҷми гузориш кам ё зиёд карда шавад. Яъне он коркард мешавад. Муҳаққиқи жанрҳои журналистика М.Барманкулов ақида дорад, ки «гузориш ин маҷмӯи унсурҳои аз ҳам вобаста мебошад, агар дар он рӯйдод бештар бошад, нақши журналист коҳиш меёбад, агар рӯйдод ба мафҳуми томаш набошад, нақши хабарнигор меафзояд. Ҳамчунин нақши унсурҳои баёдоварандаи рӯйдод аз қабили «ҳаракати микрафон дар фазову вақт зиёд мешаванд» [2, 25].

Дар хусуси намудҳои гузориш муҳаққиқон ақидаҳои гуногун доранд. Муҳаққиқони тоҷик А.Саъдуллоев ва С.Гулов онро ба гузориши рӯзмарра (воқеӣ), проблемавӣ ва лирикӣ, М. Барманкулов ба мустақим, сабтшуда, гузориш – ёддошт, композитсияи радиоӣ ва радиоҳозирин, муҳаққиқи булғор М.Минков ба мустақим ва сабтшуда, Шербатюк дар рисолааш «Радиорепорпаж» мавҷудияти танҳо ду намуди онро (мустақим ва сабтшуда) эътироф мекунад. Муҳаққиқи тоҷик М. Муқимов ҳангоми натиҷагирӣ аз ақидаи муҳаққиқон ба хулосае омадааст, ки «агар репортажро аз нигоҳи шакл тақсимбандӣ бикунем, ҳар як муҳаққиқ метавонад теъдоди онро каму зиёд бигӯяд.

Масалан, метавон гуфт, ки репортажи рӯзмарраи мустақиму сабтшуда ва ғайра: бинобар ин репортажро аз рӯи вақти пахш мустақим ва сабтшуда гӯем беҳтар аст» [3, 276]. Дар воқеъ, ба назари мо, ақидаи номбурда воқеият дорад, зеро дар ин ду намуди гузориш нишонаҳои намудҳои гуногуни он зоҳир мешаванд.

Дар радиои Тоҷикистон аз ин ду намуди гузориш зиёд истифода мебаранд. Гузориши мустақим дар вақтҳои муайян ва гузориши ғайримустақим ё сабтшуда қариб ҳамарӯз аз ҷараёни мулоқотҳои Президент ва дигар мақомоти баландпояи Тоҷикистон садо медиҳанд. Гузоришҳои калонҳаҷми мустақим аз варзишгоҳҳо, майдонҳо ва макони чорабиниҳои серодам таҳия мешаванд.

Гузориши радиоиро аз рӯи шакл ба гузориши хабарӣ ва гузориши таҳлилӣ ҷудо менамоем. Дар *гузориши хабарӣ* дар мавриди ҳодиса ё воқеа хабар дода мешавад. Воқеоти ҷадиди паёпай онро комилтар мекунанд. Шунаванда дар хусуси як ё силсилаи ҳодисаҳо маълумоти мукаммал ҳосил мекунад. Аксарияти гузоришҳои хабарнигорони радио аз ҷараёни қабулҳои Президент ва намояндаҳои Ҳукумати Тоҷикистон ба ин гурӯҳ мутааллиқанд. Ба ақидаи муҳаққиқ В. Смирнов «агар журналист ҳодисаву воқеаро айнан ба эфир диҳад, ин гузориши хабарист, вале агар кӯшиш намояд, ки ба воқеа амиқтару васеътар баҳо дода, аз диди худ сабабҳои онро муайян кунад, он гоҳ гузориши таҳлилӣ мешавад»[5, 72].Ба назари мо, дар баробари ин, тафовути гузориши хабарӣ аз таҳлилӣ дар ҳаҷм (ҳаҷми гузориши таҳлилӣ васеъ аст), муқоиса ва хулосабарорӣ ба назар мерасад.

Жанри гузориш аз рӯзноманигор фаъолияти бештар ва серҳаракат буданро талаб дорад, ки ин омилҳо дар гузоришҳои «Танзими расму ойинҳо», «Вазъи хизмати сарбозон» («Садои Душанбе»), «Таҷлили рӯзи бачаҳо», «Хизматрасонии нақлиёти ҷамъиятӣ дар пойтахт» («Ахбор), «Ифтитоҳи маркази тоҷикшиносӣ дар китобхонаи Фирдавсӣ («Овози тоҷик») камтар мушоҳида мегарданд. Иллати дигар, муносибати худро нисбат ба ҳодиса ифода накардан аст. Масалан, вақте дар гузориши барномаи «Ахбор»[4] сухан дар бораи омилҳои боло рафтани қимати роҳкиро дар микроавтобусҳо меравад, гузоришгар бетараф аст, ки чунин камбудӣ дар барномаҳои хабарии шабакаҳои дигар низ ҷой дорад. Ҳамчунин, дар баъзе ҳолатҳо ҷанбаҳои нозарур дар ҷои аввал гузошта мешаванд. Чунончи,1-уми июни соли 2007 радиои Тоҷикистон ба системаи нави рақамӣ гузашт. Албатта, барои ҷумҳурии мо рӯйдоди муҳим аст, вале муҳимияти ҳамин рӯйдодро журналисти «Садои Душанбе», дар барномаи рӯзи 1-уми июни соли 2007 натавонистааст ба сомеъон дақиқ тавзеҳ бидиҳад. Зеро қисмати асосии муайянкунандаи арзиши гузориш (ба системаи нави рақамӣ гузаштани радиои Тоҷикистон) дар ҷои дуввум қарор гирифтааст. Гузориш аз сифати радио оғоз шудааст, ки на танҳо ин жанр, балки ин воқеаи муҳимро ҳам камарзиш намудааст. Чунончи, *«Радиои Тоҷикистон яке аз расонаҳои муқтадири хабарӣ буда, бо пахши 56 соат барнома дар як рӯз фазои иттилоотиро комил месозад. Барномаҳои таҳиянамудаи кормандони ин даргоҳ ба шунавандаҳо писанд гардида, маънавиёти онҳоро бештару фарогаташонро зиёдтар мекунанд…».* Сипас, ҷузъиёти асосӣ тавзеҳ мегардад; *«Имрӯз радиои Тоҷикистон ба системаи нави рақамӣ гузашт. Технологияи нав дар 10 танзимгоҳ насб шуд ва тавассути он имконияти танзими барномаҳо дар мудати кӯтоҳ ва сифати баланд фароҳам гардид. Тавассути барномаи «Adobe Aoudition» ҳама гуна эффектҳои овозиро истифода намудан мумкин аст. Технологияи нав сохти ширкатҳои машҳури Ҷопон, Британияи Кабир ва Канада буда, барои харидорӣ ва дастрас намудани он 1 миллион сомонӣ масраф шудааст…».* Ба андешаи мо, агар гузориш аз қисмати дуюм оғоз мегашт, ҳам таваҷҷӯҳи шунаванда ҷалб ва ҳам муҳимияти воқеа аён мешуд. Зеро муҳим он аст, ки «таваҷҷуҳи ӯ (гузоришгар) ба чӣ равона шудааст, кадом ҷанбаро дар мадди аввал мегузорад»[5, 72]. Мутаассифона, ин қабил камбудиҳо зиёд ба назар мерасанд, ки сифати барномаҳоро коҳиш медиҳанд.

Ҳамин тавр, хулоса баровардан мумкин аст, ки гузориш дар низоми жанрии радиоҳои замони истиқлол на танҳо мавқеи худро нигоҳ дошт, балки бо унсурҳои нав мукаммал ва серистеъмол шуд. Дар баробари гузориши мустақим шакли нави гузориш-гузориши телефонӣ ба вуҷуд омад, ки барномаҳои хабариро бе он тасаввур кардан мумкин нест. Ба фикри мо, қолаби ин жанр барои инъикоси тапиши набзи ҳаёти ҷомеа

бештар мувофиқ аст. Азбаски гузориш хусусияти тасвиргарой дорад, бештар ба зеҳни шунаванда таъсир мегузорад, эҳсоси ӯро барои дарки моҳияти рӯйдодҳо бармеангезад ва афкори дастаҷамъонаи аудиторияро ба таври оқил ба вуҷуд меорад.

Пайнавишт:

1. Бараневич Ю. Д. Жанры радиовешания (проблемы становления, формирования, развития). – Киев- Одесса: Вища школа, 1978.- 194 с.
2. Барманкулов М. Сравнительный анализ жанров. -Алма-Ата, 1975.- 115 с.
3. Муқимов М. Воқеияти Тоҷикистони соҳибистиқлол ва проблемаҳои инъикоси он дар воситаҳои электронии ахбори хориҷӣ. Дис. докторӣ. -Душанбе, 2006.- 340 с.
4. Радиои Тоҷикистон. Барномаи Ахбор.2007. 1.06.
5. Смирнов В.В. Жанры радиожурналистики. – М.: Аспект пресс, 2002.- 288 с.
6. Усмонов И.К. Журналистика. қ. 1. -Душанбе: Империал Групп, 2005.- 480 с.

РЕПОРТАЖ В РАДИО ТАДЖИКИСТАНА

Саидмуроди Ходжазод

Автор, рассматривая занимаемое место репортажа, как жанра в радио Таджикистана, пришёл к выводу, что репортаж в жанровой системе занимает особое положение, и в период независимости часто используется в информационных программах.

Ключевые слова: репортаж, прямой репортаж, радио, микрофон, журналист, жанр, передача, событии

REPORT (REPORT'S STATUS) IN TAJIKISTAN'S RADIO

Saidmurodi Hodzhazod

Having reviewed the place of report genre in Tajikistan Radio the author came to the conclusion that the report in the genre system programs occupies a special position, and in the period of independence is often used in news programs .

Key words: reporting, live reporting, radio, microphone, journalist , genre , transmission, events

Сведения об авторе: Саидмуроди Ходжазод – кандидат филологический наук, старший преподаватель кафедры методики изучения таджикского языка и литературы факультета таджикской филологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел.: (992)83-855-52-99, e-mail: Saidmurod70@mail.ru

Information about the author: Saidmurodi Hodzhazod – Ph. D. in Philology, senior lecturer, Chair of Tajik Language and Literature teaching method, Faculty of Tajik Philology, Tajik State University named after Sadriddin Ayni, tel.: (992)83-855-52-99, e-mail: Saidmurod70@mail.ru

ХУСУСИЯТҲОИ ЛАВҲАИ РАДИОӢ

Саидмуроди Хоҷазод,

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Лавҳаи радиоӣ як пораи (ва ё чанд пораи) ҳаёти қаҳрамонро бо ифодаҳои бадеӣ дар бар мегирад. Ҳадафаш тасвири ҳаёти инсон аст. Қабл аз навиштани лавҳа бояд муаллиф хусусиятҳои хоси ҳаёти қаҳрамонро омӯзад, ба хулқу атвори ӯ ошно гардад, то ҷаҳони ботинии ӯро кушода тавонад. Лавҳа аз гиреҳбандӣ, кулминатсия ва анҷом иборат аст. Муҳтавои асосии онро рӯйдодҳои воқеӣт ашкил медиҳанд. Он муъҷаз буда, унсурҳояш бобати возеҳ намудани характери инсон равона шудаанд. Тавре муҳаққиқ М.Муқимов менигорад: «вай ба воқеаи мушаххас сару кор гирифта тахайюл дар он танҳо дар ҷузъҳои иловагӣ барои пурра ва равшан кардани воқеаҳои конкрентӣ меояд» [2, 288]. Муҳаққиқи дигар Ю.Д. Бараневич ақида дорад, ки лавҳа ба «як рӯйдоди ҳаёти

қаҳрамон бартарӣ медиҳад, вале истифодаи ифодаҳои бадеӣ дар он маҳдуд карда намешавад» [1,106]. Ба ақидаи муҳаққиқи тоҷик Иброҳим Усмонов, «вазифаи лавҳа фақат маълумот додан не, балки ба таври таъсирбахш, зебо ва дилкаш дар хусуси одамҳо нақл кардан аст» [5, 343]. Азбаски лавҳа як ё ду пораи ҳаёти қаҳрамонро дар бар мегирад, дар он характери каҳрамон кушода намешавад, аммо як лаҳзаи фаъолияти ӯ равшантар мегардад. Аз ин рӯ, зиёд будани факту рақам дар он ҷоиз нест.

Дар даврони шӯравӣ ин жанр асосандар барномаҳои калонҳаҷми радиои Тоҷикистон, амсоли «Паёми рӯз», «Манзари адаб», «Маънии рӯзгори мо» истифода мешуд. Лавҳаҳои радиоӣ дар он давр бештар ба рӯзгор ва фаъолияти синфи коргару деҳқон ва аҳли илму адаб бахшида мешуданд. Оне, ки баҳри халқу Ватан заҳмат мекашид, қаҳрамони асосии ин жанр буд.

Дар даврони истиқлол ҳам ҳаҷми он хеле кӯтоҳ, ҳам моҳияташ дигаргун гардид. Лавҳаҳои солҳои 1991-2007 аз таърифу тавсифи қаҳрамон орӣ мебошад. Бештар фаъолияти қаҳрамон бо воситаи ифодаҳои бадеӣ пуртаъсир мегардад.

Оғози лавҳа метавонад воқеӣ ё тахаюлӣ бошад. Барои тақвияти фикр ва равшан намуданизиндагиномаи қаҳрамон ҷузъиёти асосӣ гардад. Дар лавҳаи «Созҳои гӯё» [4], ки ба фаъолияти роҳбари корхонаи «Созтарош»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Дона Зиёев бахшида шудааст, рӯзноманигор тасвирро аз корхона оғоз менамояд: *«Чун вориди ин корхона - ин дунёи афсонамонанди чӯбҳои сухангӯй шудем, рости ба муъҷизоти олам, ба сеҳрангезии тахаюли инсонӣва эозу ҳунари ин мардони боҳунар бори дигар қоил шудем. Яксӯ, чӯбу тахтаҳои рангоранг, як сӯ дарахтони хушкидаи чормагзу тут ва як сӯ, симу торҳои камёфту пурқимат, як сӯ овози баланди рандаю як сӯ нагмаи дутори бобоӣ»* [4].

Сароғози лавҳа ба эпиграфе монанд шудааст, ки дар зеҳни шунаванда манзараи умумии коргоҳро ҷилвагар мекунад. Сомеъ мунтазири шунидани идомаи он мегардад. *«Мо сараввал бо марди хоксоре, ки миёни ҳамкорон тафовуте надошту беист чӯб метарошид,вохӯрдем. Чун аёнамон шуд, ин мардроҳбари корхонаи созтарош ДонаЗиёев будааст. Аз омадани мошод шуда,моробо рафти корҳоикорхонаошно сохт»* [4]. Чехраиқаҳрамони лавҳадар ҳамин ҷо кушода мешавад. Зимни мусоҳиба роҷеъ бадилбохтаи ин касб буданашҳарф мезанад. Аз ҷумла,мегӯяд, *ки«ифтихориватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ азарҷгузорӣ бамусиқии миллӣ оғоз мешавад. Садоимусиқиимиллироасбобҳои миллӣпадид меоранд. Чунин асбобҳодар ҳамин корхонасохта мешаванд…*[4]*».* Сипас,чехраи қаҳрамонро сухани журналисткомилтар мегардонадва онбо ифодаилирикӣ тадриҷанқувват мегирад,равшантар мешавад:*«Гӯё аз тамоми вуҷудаш навомерехтуоҳангинавои беполёнфазои коргоҳро пур мекард. Охирӯ 37 сол бозбо ҳамин касб кор карда, зиёда аз 12 сол аст, киҳамчунроҳбари корхона фаъолият дорад. Тамоми шикасту рехт ва бурдубохти корхонаба дӯши ӯвуҳамкоронашибор аст…»* [4]. Қисмати ҷамъбасти лавҳаи мазкураз тасвири ҷузъӣ бакуллӣ гузаштааст. Нигоранда таъкидмекунад, ки фаъолияти созандаиқаҳрамонбоядсармашқикори ҳар яки мо гардад. *«Рӯзгори аҷибе дорадин мард. Касбисозтарошӣба ӯвуфарзандонашҳунари аҷдодист. Ва пос доштаниҳунари волои аҷдодӣ корифарзандону наберагон аст. Зеро олами созҳо, олами руъёву андешаҳост, ки поёнашпураз зебоиҳост, хостанҳо вадӯст доштанҳост»* [4]. Лавҳасомеъроба дунёиҳунари ДонаЗиёев мебарад, тобишҳои бадеӣ ва обу ранги лирикӣ дилҳоробахурӯш меоранд, мехриҳунарусозҳои миллиро дар замири сомеон бедор месозанд.

Лавҳаи радиоӣ аз ин жанри рӯзнома бо мусоҳибаи зиндаи қаҳрамон ва ё шахсоне, ки дар бораи қаҳрамон сухан мегӯяд, ороиши мусиқӣ, садои хубу гӯшнавози ровӣ фарқ мекунад. Садои рубоб дар пасманзари лавҳа бо матн робита пайдо кардааст, ки аз ҳунари ҳирфавии коргардон гувоҳӣ медиҳад. Ороиши ҷолиби мусиқӣ ва қироати пуртаъсирбанигоштаисокит «ҷон» ато кардааст. Дар тасаввури сомеъ сатрҳои хомӯшу сокит баъди тадвин зинда мегарданд, ҳаракат мекунанд, ровӣ ва қаҳрамон дар ҳоли иҷрои амаланд. Хусусияти асосии фарқи лавҳаи радиоӣ аз рӯзнома дар ҳамин аст.

Гоҳе лавҳаҳо бо шеър оғоз мегарданд. Дар ин сурат ин шеър бояд бо матн робитаи қавӣ дошта бошад. Чунончи, лавҳаи «Чашм ба чашм» [3] бо чунин рубоии халқӣ оғоз шудааст:

Дар ҳасрати ту дилам басо месӯзад,
Дар ҳаққи ту ҷунам ба худо месӯзад.
Рӯзе, ки ҷудоӣ умадай бар сари ман,
Сар то қадамам ҷудо- ҷудо месӯзад [3].

Шунаванда пай мебарад, ки сухан дар мавриди нафаре меравад, ки ба шеъру шоирӣ шавқ дорад ва аз шеваи гуфтор аз куҳистон будани қаҳрамон аён мегардад. Қабл аз он ки дар мавриди қаҳрамон сухан равад, хислатҳои ӯ ташреҳ меёбанд: *«Ин садои як марди одии куҳистонист, ки бӯи меҳру сухан меояд аз ӯ. Ба ибораи ҳар як мардуми ин куҳистон садоест дигар, навоест дигар, ки одӣ ҳарф заданашон низ ҳаваси касро меорад»* [3]. Муаллиф баъди тавсифи умумӣ чеҳраи қаҳрамонро возеҳ менамояд. Танҳо дар ҳамин ҷо шунаванда дарк менамояд, ки шахсе дар борааш сухан меравад, инсони одист. Ӯ чӯпон аст. *«Ин садои бобои Нурмаҳмад Шоеви 68 – сола аст, ки аз синни хеле хурдсолӣ, дар 13 – солагиаш бо амри қисмат чӯпон шуда, аз субҳ то шом тори тегаҳои куҳсор, таҳ-таҳи талу теппаҳо ва қад-қади такобу сойи Шомурод аз паси бузу гӯсфандон медавиду бо як овоз суруд мехонад. Бо ҳамин якумрӣ дил баст ба осори ниёгон, ба эҷоди шифоҳии халқ, ба дубайтиву рубоиҳои шоири халқ Олимхон Исматӣ»* [3]. Муаллиф беҳуда чӯпонро қаҳрамони асосии лавҳа накардааст. Дар Тоҷикистон чӯпонҳо зиёданд. Ҳамаи онҳо дар дил ташвиши рамабониро доранд, вале қаҳрамони ин лавҳа дар баробари ташвиши кору ноҷӯриҳои рӯзгор дар дил шавқи дигар дорад. Ин муҳаббатест ба шеъру шоирӣ. Ӯ чӯпон аст, вале шеър мехонад, суруд мехонад, шеър эҷод мекунад, шайдои рубоиётиОлимхон Исматӣ аст. Ҳамин хусусият қаҳрамони лавҳаро аз чӯпонҳои дигар тафриқа медиҳад. Нурмуҳаммад Шоев барои ҳампешагони худ мояи ифтихор аст. Чӯпонҳои дигар низ орзу мекунанд, ки мисли ӯ бошанд. Муаллиф дар лавҳа як ҷузъи симои қаҳрамонро офаридааст, ки аз ҷомеа ҷудо нест, бо он пайванд аст. Ҷузъиёти зиндагии ӯ боиси ифтихори дигарон аст. Вақте қаҳрамон бо лаҳни мардуми куҳистон рубоии зеринро қироат мекунад, таъсири барнома дучанд мешавад. Таъсирбахшӣ яке аз унсурҳои лавҳа аст:

Убола намедунӣ, ки ваъдам додӣ,
Бар ваъда вафо накардаю гам додӣ.

Дорӣ агар аз Худо умед, эй дилбар,
Уммеди мана чиба ту барҳам додӣ» [3].

Дар барномаҳои радиоӣ ҳамсе намуди лавҳа; портретӣ, проблемавӣ ва лирикӣ, ки дар кушодани чеҳраи қаҳрамон ва ҷаҳони ботинии он, таъкиди муаммову мушкилоти зиндагӣ ва роҳҳои ҳалли онҳо ба воситаи кору пайкор, хислату характери қаҳрамон нишон дода мешавад, истифода мегардад.

Пайнавишт:

1. БараневичЮ. Д.Жанры радиовещания(проблемы становления, формирования, развития). – Киев- Одесса:Вища школа, 1978.- 194 с.
2. Муқимов М. Воқеияти Тоҷикистони соҳибистиқлол ва проблемаҳои инъикосион дар воситаҳои электронии ахбори хориҷӣ. Дис. докторӣ. -Душанбе, 2006.-340 с.
3. Радиои Тоҷикистон. 2007, 21.03.
4. Радиои Тоҷикистон. 2007, 25.07.
5. Усмонов И.К.Журналистика. қ. 1. -Душанбе: Империал Групп, 2005.- 480 с.

СПЕЦИФИКА РАДИОЗАРИСОВКИ

Саидмуроди Ходжазод

В статье показаны особенности радиозарисовки, её отличие от печатной зарисовки и особенности радиозарисовки нашего времени.

Ключевые слова: зарисовка, радио, сюжет, образ, герой, слушатель, характер

SPECIFICITY OF RADIO SKETCH

Saidmurod Hodzhazod

The article shows the specialty of radio sketch, its differentiation from the printed sketches and features of this genre in modern time.

Key words: sketch, radio, story , image, character , listener , character

Сведения об авторе: Саидмуроди Ходжазод – кандидат филологический наук, старший преподаватель кафедры методики изучения таджикского языка и литературы факультета таджикской филологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел.: (992)83-855-52-99, e-mail: Saidmurod70@mail.ru

Information about the author: Saidmurodi Hodzhazod – Ph. D. in Philology, senior lecturer, Chair of Tajik Language and Literature teaching method, Faculty of Tajik Philology, Tajik State University named after Sadriddin Ayni, tel.: (992)83-855-52-99, e-mail: Saidmurod70@mail.ru

ТАҲЛИЛИ СОХТОРИИ ИСТИЛОҲОТИ МАРБУТИ «ФОНЕТИКА» ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Ҷоматов Самъиддин

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Масъалаи истилоҳу истилоҳшиносӣ айни замон яке аз мавзӯъҳои муҳимтарини луғатшиносӣ ба шумор меравад. Ҳар чиз ки ба таъйину таҳқиқи умумии мафҳуми истилоҳ ва таҳаввулу такомули он дар забон алоқаманд аст, илми забоншиносиро бо соҳаҳои дигари илму маърифат, ба таърихи моддиву маънавии инсоният мепайвандад.

Истилоҳ дар таркиби луғавии ҳар як забон мавқеи муҳимеро ишғол намуда, дорои як қатор вежагиҳои фарқкунандаи функционалӣ, генетикӣ - таркибӣ, луғавӣ– маъноӣ, морфологӣ, вожасозӣ ва услубӣ-номинативӣ мебошад. Яке аз аломатҳои хоси истилоҳот ин ташкили сохти он ба шумор меравад. Маҳз дар натиҷаи пешрафти илму техника ҳар як соҳаи муайяни ҷамъиятӣ соҳиби захираи истилоҳотии худ гардид. Ҳар як истилоҳ як унсури забон аст, ки моҳияти хоси илмӣ дошта, бо аломатҳои махсуси худ аз калимаҳо ба куллӣ фарқ мекунад.

Муқоисаи омӯзиши системаи истилоҳоти забонҳои гуногун ба худ аломати хосро доро мебошанд. Барои таҳлили муқоисавии истилоҳоти ҳар ду забон муайянкунии муносибати иерархии истилоҳоти соҳаи фонетика ва гурӯҳбандии луғавӣ – семантикӣ ва сохтории онҳо муҳим аст. Бояд таъкид намуд, ки тафовутҳо дар байни ҳар ду забон ҷой доранд.

Аз рӯи сохти морфологии забонҳои тоҷикиву англисӣ истилоҳоти фонетикии ин ду забонро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудан лозим аст.

I. Ба гурӯҳи якум истилоҳоти фонетикие шомиланд, ки танҳо аз як морфемаи решагӣ иборат мебошанд. Масалан: *овоз – sound, phoneme; ҳиҷо- syllable; лаб- lip; ком-palate; speech-нутқ, uvula-забонча, nose-димоғ ва г.* Вале истилоҳҳое низ мавҷуданд, ки дар забони англисӣ аз ҷиҳати сохт соддааанду дар забони тоҷикӣ сохта ва ё баръакс; *vowel – садонок; intonation-оҳанг, metathesis- ҷойивазкунӣ, guttural-ҳалқӣ classification-тасниф ва г.*

II. Ба гурӯҳи дуюм калима ё истилоҳоте шомиланд, ки аз як асос ва морфемаҳои калимасоз иборат мебошанд. Бояд қайд кард, ки ба истилоҳҳои англисии ин гурӯҳ на ҳамеша тарзи истилоҳсозии забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад, зеро агар калима дар забони англисӣ морфемаи калимасоз қабул кунад, он дар забони тоҷикӣ дар шакли таркибӣ ё мураккаб меояд; *талаффуз кардан – талаффуз = to pronounce – pronunciation, articulation; бадал – бадалшавӣ = alter – alternation, interchange, gradation.*

Яке аз роҳҳои ғановати захираи луғавии ҳар ду забон бо ду усули сарфӣ (морфологӣ) сохтани истилоҳоти фонетикӣ ба шумор меравад.

а) *калимаҳои сохта* – сохтани калима ё истилоҳи нав тавассути ба реша ҳамроҳ намудани пешванду пасванд: с*адонок, ҳамсадо, зада, ҷарангдор, беҷаранг, димоғӣ, ҳалқӣ, ларзиш, кушода, баста; syllable, intonation, pronunciation, voiced, voiceless, reduction, phonation, agreement, assimilation, alternation.*

б) *калимахои мураккаб* – ду ва ё зиёда реша ба ҳам омада истилоҳи мураккабро ташкил медиҳанд: *овознависӣ, садопардахо, монандшавӣ, ҷойивазкунӣ, бадалшавӣ, ҳиҷосозӣ; vocal cords, nasal cavity, lower vowel, middle vowel, high vowel* ва ғайра. Дар забони англисӣ қисми зиёди ин гуна истилоҳот бо дефис навишта мешавад.

Конверсия. Ин усули истилоҳсозӣ дар ҳар ду забон маъмул аст; *syllable – to syllable, stress –to stress, interchange – to interchange; lip – to lip; ҳиҷо – бо ҳиҷо хондан, талаффуз намудан, зада- зада гузоштан, бадалшавӣ- бадал намудан, иваз намудан, лаб- бо лаб талаффуз намудан* ва ғайра.

Ихтисора. Усули ихтисора бошад, дар ҳар ду забон ҳам он қадар фаъол нест. Инро бояд ишора кард, ки ин қолаби истилоҳсозӣ дар забони тоҷикӣ бо таъсири роҳи калимасозии забони русӣ ба вуҷуд омадааст.

Чи тавре дар боло ишора рафт, аффиксация ё усули сарфии калимасозӣ (сохтани истилоҳ бо пешванд ва пасванд) дар ҳар ду забон ба таври фаровон истифода мешавад ва дар сохтани калима ё истилоҳ нақши муҳиме мебозад. Пеш аз ҳама дар ин ҷараён мавқеи ҳиссаи номии нутқ -исм назаррас аст, зеро дар ҳар ду забон ҳам маҳз бо роҳи ба решаи исм илова кардани пешванду пасванд истилоҳи нав ба вуҷуд меояд.

Аз рӯи маводи ба таҳлилрасида тамоми қолабҳои истилоҳоти марбут ба соҳаи «фонетика»-ро тавассути қолабҳои зерин ба таври аённок нишон додан мумкин аст.

А. Дар забони тоҷикӣ истилоҳҳои фонетикӣ аз рӯи 6 қолаб сохта мешаванд.

	Қолаби 1. исм+пасв.=исм	
-нок	садо – садонок	vowel (гласный)
-ча	забон – забонча	uvula (язычок)
	Қолаби 2. исм+пасв.=сифат	
	димоғ – димоғӣ	nasal (назальный
-ӣ	ҳалқ-ҳалқӣ	guttural (гортанный)
	лаб-лабӣ	labial (губной)
	Қолаби 3. исм+пасв.=сифат	
	кушод –кушода-	opened (открытый)
-а	баст – баста-	closed (закрытый)
	Қолаби 4.пеш+исм.=сифат	
бе-	ҷаранг –беҷаранг	unvoiced/voiceless (глухой)
	Қолаби 5. имс +исм +пасв. = исм	
-ҳо	садо+парда+ҳо – садопардаҳо	vocal cords (голосовые связка)
	Қолаби 6. феъл +пасв. = исм	
-а	зад-зада	stress (ударение)
-иш	ларз-ларзиш	vibration (вибрация)

Б. Дар забони англисӣ истилоҳҳои фонетикӣ аз рӯи 7 қолаб сохта мешаванд.

	Қолаби 1. pref.+ adj.=noun (пеш.+сиф. = исм)
syl-	syllable-ҳиҷо (слог)
	Қолаби 2. pref.+ noun+suf=adj. (пеш.+исм+пас.= сифат)
un-	unvoiced –беҷаранг (глухой)
	Қолаби 3. verb+ suff.=noun (феъл+пас. = исм)
	intonation-оҳанг (интонация)
	articulation-талаффуз (артикуляция
	assimilation-монандшавӣ (ассимиляция)

-ion	vibration-ларзиш (вибрация)
	dissimilation-ҷудошавӣ (диссимиляция)
	syllabification-ҳиҷоҷудокунӣ (слогоделение)
	classification –гурӯҳбандӣ (классификация)
	pronunciation-талаффуз (произношение)
-tion	gradation-бадалшавӣ (чередование)
	reduction –тахфиф (редукция)
-ment	agreement – мувофиқат (согласование)
	Қолаби 4. noun+ suff.=noun (исм+пас. = исм)
-ion	transcription –овознависӣ (транскрипция)
	Қолаби 5. noun+ suff.=adj. (исм+пас. = сифат)
-less	voiceless –беҷаранг (глухой)
-ed	voiced – ҷарангдор (звонкий)
-al	guttural – ҳалқӣ (гортанный)
	labial – лабӣ (губной)
-ive	plosive –тарканда (взрывной)
	fricative –роғӣ (щелевой)
	Қолаби 6. noun+ noun+suff.=adj. (исм+исм+пас. = сифат)
-al	labiodental – лабудандонӣ (губно-зубной)
	Қолаби 7. verb+ noun+suff.=adj. (феъл+исм+пас. = сифат)
-al	interdental – байнидандонӣ (межзубный)

Чунон ки ба мушоҳида расид, дар сохтани истилоҳоти марбут ба соҳаи фонетика дар ҳар ду забон ҳам пешвандҳо он қадар фаъол нестанд.

Калимаҳои мураккаб. Ба назар расид, ки дар ҳар ду забони муқоисашаванда дар тарзи сохтани калимаҳо ё истилоҳоти мураккаб фарқият дида мешавад. Дар ҳар ду забон ҳам аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ калима ё истилоҳи мураккаб сохта мешавад. Одатан истилоҳҳои мураккаб аз ҷузъи мустақилмаъно ташкил меёбанд. Дар зер мо қолабҳои мураккабшавии истилоҳоти мансуб ба фонетикаро дар ҳар ду забони муқоисашаванда сохташударо нишон медиҳем:

Истилоҳоти мураккабе, ки дар забони тоҷикӣ аз ду реша иборат мебошанд:

Намунаи № 1. исм +исм +пас=исм

садопарда – vocal cords (голосовые связки);

Намунаи № 2. исм + феъл+ пас=исм

овознависӣ – transcription (транскрипция), монандшавӣ -assimilation (ассимиляция), бадалшавӣ - alternation, gradation, interchange (чередование), ҳиҷосозӣ - syllabicity (слогообразование)

Намунаи № 3. исм + исм +феъл+ пас=исм

ҷойивазкунӣ- metathesis (метатеза), ҳиҷоҷудокунӣ- syllabification (слогоделение)

Намунаи № 3. зарф +исм =исм

серҳиҷо- polysyllabic (многосложный)

Истилоҳҳои мураккабе, ки дар забони англисӣ аз ду асос сохта шудаанд:

Намунаи № 1. noun+noun =noun Исм+исм =исм

vocal -cords –садопардаҳо (голосовые связки), syllabi-city- ҳиҷосозӣ (слогообразование), metathesis- ҷойивазкунӣ (метатеза)

Намунаи № 2. verb + verb =noun (феъл +феъл = исм)

interchange –бадалшавӣ (чередование)

Намунаи № 3. verb +noun =noun (феъл +исм = исм)

alternation -бадалшавӣ (чередование)

Чунон ки мисолҳои ба таҳлилрасида нишон медиҳанд, усули мазкури истилоҳсозӣ яке аз роҳҳои инкишофи таркиби луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба шумор меравад

Аз таҳлили вожагону истилоҳоти фонетикии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки истилоҳҳои ин ду забон, аз ҷиҳати маъно ба ҳамдигар шабоҳат дошта, аз ҷиҳати сохт аз якдигар чанде тафовут доранд. Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи истилоҳсозии ин ду забон дар он аст, ки дар забони тоҷикӣ усули ихтисора маъмул намебошад ва ҳол он ки бо ёрии роҳи мазкур дар забони англисӣ истилоҳҳои зиёде сохта мешавад.

Адабиёт:

1. Бобомуродов, Ш., Мӯминов, А. Луғати мухтасари калимасозии забони адабии тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1983. – 120с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.1. Фонетика. Морфология. – Душанбе: Дониш, 1985. – 352 с.
3. Муҳаммадиев, М. Принципҳои асосии калимасозии забони тоҷикӣ // Масъалаҳои забони тоҷики. – Душанбе, 1976. – 231 с.
4. Назарзода, С. Ташаккули истилоҳоти иҷтимоӣ-сиёсии забони тоҷикӣ дар садаи ХХ. Душанбе: Дониш, 2004. – 302 с. с.19
5. Саймиддинов, Д. Вожашиносии форсии миёна. – Душанбе: Пайванд,.2003. - 310 с. с.110
6. Сирочуддин, Алихони Орзу. Чароғи Хидоят. –Душанбе: Ирфон, 1992. – 288 с.
7. Султон, М.Ҳ. Истилоҳоти илмии «Китоб-ут-тафҳим»-и Абӯрайҳони Берунӣ. - Душанбе. 2003.– 164 с. с. 57-111
8. Тоҳирова, Қ. Лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. (материалҳо). – Душанбе: Дониш, 1967. – 80 с.
9. Трахтеров А.Л. Английская фонетическая терминология. –Москва: Литературы на иностранных языках, 1962. -350 с.
10. Шукуров, М. Ш. Забони мо ҳастии мост. – Душанбе: Маориф, 1991. – 232 с.
11. Ғиёсиддин, Муҳаммад. Ғиёс-ул-луғот. Иборат аз 3 ҷилд. - Душанбе: Адиб, Ҷ.1. -1987, 480 с.. Ҷ.2. -1988, -416 с. Ҷ.3. – 1991, 424 с.
12. Хаскашов Т., Фонетикаи забони тоҷикӣ. Душанбе, 1985.- 345 с.

СТРУКТУРНЫЙ АНАЛИЗ ТЕРМИНОВ «ФОНЕТИКА» В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Джаматов С.

В данной статье впервые исследуется структурный анализ терминов «Фонетика» в таджикском и английском языках. Автор статьи использовал огромное количество научных источников. Как отмечено в статье суффиксы играют огромную роль в образовании фонетических терминов по сравнению с префиксами в обоих языках. Таджикский суффикс *–ӣ* и английский *-ion* являются примерами таких терминов. Надо отметить, что при образование таджикских фонетических терминов используется шесть моделей, а в английском языке их всего семь.

Ключевые слова: термин, фонетика, фонетические термины структура, анализ, суффикс, префикс, словообразование, таджикский язык, английский язык.

STRUCTURAL ANALYSIS OF PHONETIC TERMS IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

Jamatov S.

Structural analysis of phonetic terms of Tajik and English languages is firstly reviewed in this article. The author of the article used a large number of scientific sources. As it is pointed in the article the role of suffixes is larger than prefixes in the formation of phonetic terms of both languages. Tajik suffix *–ӣ* and English suffix *–ion* are one of those examples. It should be pointed out that six models for Tajik and seven models for English have been used in the formation of phonetic terms as well.

Key words: term, phonetics, phonetic terms, structure, analysis, suffix, prefix, word-formation, Tajik language, English language.

Сведения об авторе: Джаматов Самиддин Салохиддинович – кандидат филологических наук, доцент кафедры английского языка и сопоставительной типологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел.: (+992) 91900 54 62. E-mail: jsamiddin@ mail. ru

Information about the author: Jamatov Samiddin Salohiddinovich – Ph. D. in Philology, docent of the chair of English and Comparative typology of Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni, ph.: (+992) 91900 54 62. E-mail: jsamiddin@ mail. ru

НАҚШИ ПЕШВАНДҲО ВА ПАСВАНДҲО ДАР СОХТАНИ ИСТИЛОҲОТИ МАРБУТИ «МОРФОЛОГИЯ» ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Ҷоматов Самъиддин

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Сарф (морфология) як ҷузъи грамматика буда, бо омӯзиши морфемаҳои (воҳиди хурдтарин ва маънодори забон буда, аз калима ва як қисми он иборат аст) забон ва бо роҳҳое, ки онҳо якҷоя шуда калимаҳо месозанд, сарукор дорад. Илова ба ин, морфологияро як шохаи ҷудогонаи забоншиносӣ меноманд, ки ҳиссаҳои нутқро меомӯзад.

Дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» истилоҳи морфология чунин шарҳ ёфтааст: морфология як қисми грамматика буда, дар бораи сохти грамматикии калима, тарзи ифодаи маънои грамматики ва роҳу воситаи калимасозӣ баҳс мекунад. Морфология гурӯҳҳои лексикию грамматикии калимаҳо ва ходисаҳои грамматикиеро меомӯзад, ки бо қонуну қоидаи мавҷудияти калима ҳамчун воҳиди грамматикӣ марбутанд. Гурӯҳҳои грамматикии калимаҳо дорои категорияи грамматикӣ ва системаи шакл (парадигма) мебошанд (7, с. 79).

Итсилоҳоти ин бахш хеле сершумор буда дар набати худ ба гурӯҳҳои хурд ҷудо мешаванд. Чӣ тавре дар боло ишора рафт, дар зери мафҳуми морфология ҳиссаҳои нутқ дар назар аст.

Истилоҳоти ин бахш низ мисли дигар қисматҳои забоншиносӣ ба содаву сохта ва мураккабу истилоҳибораҳо ҷудо мешаванд, ки дар зер аз бархе аз онҳоро мавриди таҳқиқ қарор медиҳем.

Истилоҳоти сода. Ин гурӯҳи истилоҳот аслан дар таркиби худ на пешванду на пасванд дошта, бо хусусияти хоси худ аз дигар истилоҳот ба куллӣ тавофут доранд, ба монанди: *noun (исм-имя существительное), verb-феъл (глагол), tense –замон (время), place -макон (место), mood-сига (наклонение), aspect –намуд (вид), case –падеж (падеж), common –ҷинс (имя нарицательное), clause –ҷумла (предложение)* (9, с. 2-345) ва ғайра.

Вақте сухан аз боби истилоҳоти сохтаи «морфология» меравад, моро лозим аст, ки аз намудҳои асосии истилоҳсозӣ дар забони англисӣ як бори дигар дидан намоем, зери истилоҳоти бахши мазкур бо қолабҳои маъмули истилоҳсозии он сохта шудаанд. Чӣ тавре дар фаслҳои пешина ишора рафт, дар забони англисӣ оиди намудҳои истилоҳсозӣ фикру андешаҳои гуногун мавҷуданд.

Ильиш Б. А. дар асари худ «История английского языка» аз се шакли асосии вожасозӣ ё истилоҳсозӣ дар давраи забони англисии қадим ёдовар мешавад, ки инҳоянд: 1.*morphological-морфологӣ*; 2. *syntactical-синтаксисӣ* ва 3. *semantic-семантикӣ*. Усули морфологии калимасозӣ дар навбати худ ба ду гурӯҳ тақсим мешуд; *1)affixation* – аффиксӣ ва *2. compositon* – таркибӣ (8, с. 56).

Забоншиносони дигар Антрушина Г.Б, Афанасьева О.В. ва Морозова Н.Н ба ҳафт усули вожасозӣ дар забони англисӣ таваҷҷӯҳ зоҳир меунанд:

1. affixation (or derivation)-афиксионӣ;
2. conversion-конверсия;
3. composition-таркибӣ;
4. shortening (contraction)-ихтисора;
5. sound-imitation - таклидиовозӣ;

6. reduplication - редубликация;
7. back formation – калимасозии чаппа (12, с. 59-94).

Аммо, мо ба ақидаву андешаҳои англисшиносон такя намуда, истилоҳоти марбути «морфология» -ро аз рӯи усулҳои асосии истилоҳсозиву истилоҳгузини зерин, ки имрӯз дар забони англисӣ маъмуланд, таҳлил ва гурӯҳбандӣ намудем.

Усули *morphological- усули морфологии калимасозӣ*, яъне сохтани истилоҳ бо пешванд ва пасванд. Дар бархе аз китобҳои грамматики забони англисӣ бар ивази усули мазкур истилоҳи *affixation (or derivation)-афиксионӣ* низ ба кор меравад.

а) сохтани истилоҳ бо пешванд.

Бояд қайд намуд, ки шумораи чунин пешвандхо дар сохтани истилоҳоти марбут ба «морфология» дар забони англисӣ он қадар зиёд нестанд:

Пешванди ad-[< Latin *ad* 'to'; in the 16th cent. the use of ad- and its variants was extended to replace *a*- from a different origin such as Latin ab- (e.g. *advance*, from French *avancer* based on late Latin *abante* 'in front')]. Пешванди номбурда дар асри XVI бо шакли *ad* аз забонҳои лотинӣ ва франсавӣ ба вуҷуд омада, маънои «пеш аз»-ро ифода мекунад. Дар сохтани истилоҳоти марбути «морфология» пешванди мазкур он қадар фаъол нест, ба монанди *adverb -зарф (наречие)* (13, с. 67-69).

Пешванди ir- [< Latin]. Пешванди мазкур аз забони лотинӣ иқтибос гардида маънои «инкор»-ро ифода мекунад. Он асосан аз сифат сифат сохта, ҳамчун пешванди сифатсоз маъмул аст: *irregular - нодуруст (неправильный; irregular verb -феъли нодуруст (неправильный глагол)*. Пешванди *–ir* муродифи пешванди *in* ва пешоянди *–in* ба шумор рафта, пеш аз калимаҳое, ки бо ҳарфи ҳамсадои *–r* оғоз меёбанд, ба кор меравад (13, с. 432).

Пешванди in- [< Latin]. Пешванди номбурда аз забони лотинӣ иқтибос шуда асоссан сифатҳое, месозад, ки маънои «ғойиб будан, набудани чизе ё инкор»-ро ифода менамояд, ба монанди: *incomparative-гайриқиёсӣ (несравнительный), indeclinable - гайритасрифӣ (несклоняемый), indefinite –номуайянӣ (неопределённый), indirect - бавосита (косвенный), infinitive -масдар (инфинитив)*. Як нуқтаро бояд тазаккур дод, ки *–in* ба ғайр аз пасванд буданаш, боз вазифаи пешояндии худро бо маънои «дар, дар даруни, дар дохили» ичро намуда, ҳамзамон муродифи пешояндҳои *into; towards; within* ба шумор меравад.

Пешванди trans -[< Latin trans, accros, prep.. and prefex; some root as E. through] (125. 763). Пешванди номбурда ба вазифаи пешояндҳои тоҷикии *ба воситаи, аз* корбаст мешавад. Он муродифи пешояндҳои англисии *across* ва *through* мебошад Масалан: *transmition – интиқол, transmitter – интиқолдиханда, transition – гузариш* (13, с. 256-567).

Пешванди under- [Old English under]. Пешванди –sub дар бештари мавридҳо муродифи пешванди – under ба шумор меравад. Баромади ин пешванд пешоянд аст. Он ҳамеша пеш аз исмҳои мушаххас омада, муносибати маконiро ифода мекунад, ба мисли пешояндҳои тоҷикии дар поён, дар таг. Чунончи: underline- дар зери калима хат кашидан (14, с. 768).

б) Сохтани истилоҳ бо пасванд.

Дар сохтани истилоҳоти марбут ба обу обёрӣ нақши пасвандҳо хеле калон аст. Ҳамаи пасвандҳои забони англисӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд; productive affixes- пасвандҳои сермаҳсул ва nonproductive affixes- пасвандҳои каммаҳсул. Муҳимтарин пасвандҳои забони англисӣ, ки дар сохтани усули сарфии истилоҳоти марбут ба «морфология» фаъоланд, инҳо ба шумор мераванд:

Пасванди -er. [< Anglo-French- er-, Old French -ier < Latin – arius, -arium having to do with]. Пасванди номбурда яке аз сермаҳсултарин пасвандҳои забони англисӣ ба шумор меравад. Ин пасванд дар сохтани истилоҳоти марбути «морфология» фаъол аст. Пасванди мазкур аз забони англо-фризианӣ дар шакли – *er*-, аз забони фаронсавии қадим дар шакли – *ier*, аз забони лотинӣ дар шакли - *arius* ба вуҷуд омадааст: *gender - ҷинс, ҷинсият (род); grammatical category of gender -категорияи грамматикии ҷинсият (граматическая категория рода); proper-хос (собственный); proper noun- исми хос (имя собственное), number- шумора (имя числительное)* (13, с.75).

Пасванди –ive [<French -if, -ive, from Latin –ivus]. Пасванди мазкур аз забони франсавӣ дар шаклҳои -if, -ive ва аз забони лотинӣ дар шакли –ivus ба вуҷуд омадааст. Он асосан пасвандест, ки

а) аз феъл сифат месозад: collective -ҷомеъ (собирательный), comparative- қиёсӣ (сравнительный), active -фоил (активный), passive - мафъул (страдательный); interrogative -саволӣ (вопросительный), demonstrative -ишоратӣ (указательный), negative -манфӣ (отрицательный), intransitive -монда (непереходный), transitive -гузаранда (переходный), narrative -нақлӣ (повествовательный), indicative -хабарӣ (изъявительный); affirmative -тасдиқӣ (утвердительный) (9, с. 23-321).

б) аз сифат сифат месозад: superlative -олӣ (превосходный) (9, с. 331);

в) аз зарф сифат месозад: subjunctive -шартӣ (сослагательный) (9, с. 320);

г) аз исм сифат месозад: adversative -хилофӣ (противительный), contrastive - муқоисавӣ (сопоставительный), concessive – хилофӣ (уступительный), formative - калимасоз (словообразующий) (9, с. 8-223) ;

д) аз феъл исм месозад: infinitive -масдар (инфинитив) (9, с. 125).

Пасванди –al [<French -el or Latin -alis; <French -aille or from Latin -alis functioning as a noun ending]. Пасванди мазкур бо ду маънӣ, яке ҳамчун пасванд дар шакли –el аз забони франсавӣ ва -alis аз забони лотинӣ ва дигаре ҳамчун анҷомаи ё бандаки исм аз забони франсавӣ дар шакли –aille аз забони франсавӣ ва –alis аз забони лотинӣ ба вуҷуд омадааст. Он асосан аз исмҳое, ки аз забонҳои лотинӣ ва юнонӣ иқтибос гардидаанд, сифатҳое месозад, ки ифодакуннадаи маъноҳои монандӣ, зиёд будани чизе, соҳибияти баъзе хусусиятҳо ва ғ. мебошанд. Пасванди мазкур дар сохтани истилоҳоти «морфология» он қадар фаъол нест, ба монанди *cardinal -миқдорӣ (количественный), fractional -касрӣ (дробный), verbal -феълӣ (глагольный), additional- изофӣ (дополнительный), adjectival - сифатӣ (адъективный), adverbial - зарфӣ (адвербиальный)* (13, с. 54).

Пасванди –ent [<French, or from the Latin present participial verb stem -*ent*]. Пасванди номбурда асосан аз феъл исму сифат сохта, аз забонҳои франсавӣ лотинӣ дар шакли -*ent* ба вуҷуд омадааст. Дар сохтани истилоҳоти марбути «морфология» он қадар фаъол нест, мисли *insistent -таъкидӣ (настоятельный)* (13, с. 234)

Пасванди –icle [<French -cule or Latin -*culus, -cula, -culum*]. Пасванди мазкур дар шакли *cule* аз забони франсавӣ ва шаклҳои *culus, -cula, -culum* аз забони лотинӣ ба вуҷуд омадааст. Онҳо гарчанде ки аз як исм исми дигар созанд, дар сохтани истилоҳоти марбути «морфология» он қадар фаъол нестанд, ба монанди *article-артикл (артикль), particle-ҳиссача (частица)* (12, с. 178).

Пасванди –ing. [Middle English-ing, earlier-ung, Old English –ing,-ung, Middle English-ing, variant of –ind, -end, Old English-ende] (13, с.1012). Пасванди – *ing* дар ибтидо аз забони англисии давраи миёна ба мисли пасванди – *ing*-, дар шаклҳои – *ind*,- *end*-, пештар аз ин давра дар шакли – ung-, аз забони англисии давраи қадим бо шаклҳои – *ing*, - *ung*, - *ende* ба вуҷуд омадааст. Пасванди – *ing*- яке аз пурмаҳсултарин пасвандҳои забони англисӣ ба шумор рафта, асосан аз феъл исм месозад, ки иҷрои амал ва ҷараёни онро ифода менамояд. Мисолҳо: forming- *соз (образующий); noun-forming –исмсоз (существительно образующий); expressing - ифодакунанда (выражающий); expressing possession - ифодакунандаи соҳибият (выражающий владение)* (13, с. 141).

Пасванди –ory [<from Latin -oria, -orium, sometimes via Anglo-Norman French -orie, Old French –oire]. Пасванди мазкур аз забони лотинӣ дар шаклҳои *oria, -orium* ба воситаи забони англо –нормании франсавӣ дар шакли –*orie* ва забони франсавии қадим дар шакли – *oire* ба вуҷуд омадааст. Он асосан аз исм сифат месозад. Дар сохтани истилоҳоти марбути «морфология» пасванди мазкур он қадар фаъол нест, мисли *exclamatory -хитобӣ (восклицательный)* ва ғ.

Пасванди –y. [Middle English-ye,-ie <Old French –ie- < Latin –ia-<Greek ia] (14, с. 2254, 2208). Ин пасванд аз забони англисии давраи миёна дар шакли –*ye*-, -*ie*-, аз забони фаронсавии давраи қадим дар шакли –*ie*-, аз забони лотинӣ дар шакли -*ia*- ва аз забони юнонӣ дар шакли –*ia*- ба вуҷуд омадааст. Пасванди мазкур дар забони англиси хеле сермаҳсул буда, асосан аз исмҳои мушаххас исмҳои абстракт (мавҳум) ва сифат месозад:

analogy- айният, монандӣ, шабоҳат (*таъсири унсурҳои сермаҳсул ба каммаҳсул. Ба вуҷуд омадани воҳидҳои забонӣ) (*аналогия -*влияние продуктивных элементов на менее продуктивных. Появление языковых единиц);* anomaly -инҳироф *(номувофиқатӣ ба намуди маъмул ва ё қолаби шаклсозӣ, тартибдиҳӣ ва г., дуршавӣ аз меъёр)(*аномалия *(несоответствие общему или стандартному типу формообразования, построения и т.п., отклонение от нормы)*. (14, с. 567-987).

Пасванди –ence. [Old French –ence < Latin – entia, < ent -, present participle stem + ia, anoun suffix] (13, с. 646, 418). Пасванди номбурда дар забони англсӣ аз забонҳои фаронсавӣ ва лотинӣ иқтибос гардида, асосан аз феъл исм месозад. Масалан: accidence - тасриф (*як қисмати грамматика буда, бунёди шаклҳои грамматикии калимаро, ки одатан бо тағйирёбии қишри овоз алоқаманд аст, меомӯзад*); морфология сарф (морфология, словоизменение -*раздел грамматики, изучающий образование грамматических форм слов, обычно связанное с модификацией их звуковой оболочки*). Он дар бештари мавридҳо ба пасванди сифатсози *–ent* (confluent) чун муродиф меояд.

Чи тавре ки аз таҳлили сохтории истилоҳоти марбути «морфология» дар забони англисӣ аён гардид, саҳми пасвандҳо назар ба пешвандҳо дар сохтани истилоҳҳо бағоят бузург аст. Дар ин мақолаи кӯчак танҳо сохта шудани истилоҳоти «морфология» ба воситаи панҷ пешванд ва нӯҳ пасванд мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Адабиёт:

1. Аракин, В.Д. Сравнительная типология английского и русского языков. (Для спец. Иност.яз.) Л, 1979. - 256с.
2. Арнольд, И.В. Лексикология современного английского языка. – М: Высшая школа, 1973. –303 с.
3. Арнольд, И.В.Семантическая структура слова в современном английском языке и методика ее исследования. Л.: Просвещение, 1966. – 192 с.
4. Ахманова, О.С. Словарь лингвистических терминов / Около 7000 терминов/. М.: Сов. Энциклопедия, 1966. – 607 с.
5. Гогошидзе, В.Д. Взаимодействие семантики и грамматики в системе английского глагола. – Душанбе: Дониш, 1985. – 153 с.
6. Головин, Б.Н. Кобрин, Ю.Р. Лингвистические основы учения о терминах. (Учеб. пособие для филол. спец. вузов). Москва.: Высш. шк., 1987. – 103 с.
7. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.1. Фонетика. Морфология. – Душанбе: Дониш, 1985. – 356 с.
8. Ильиш, Б.А. История английского языка: (Учеб. для пед. ин–тов). М., 1958. – 367 с.
9. Мюллер, В.К. Англо -русский словарь: 53 000 слов. – М.: Рус. яз., 1990. – 842 с.
10. Царев, П.С. Продуктивное именное словообразование в современном английском языке. – М.: Изд-во МГУ, 1984. – 225 с.
11. Ярцева, В.Н. Историческая морфология английского языка. – М.: Изд-во АН СССР, 1960. – 194 с.
12. Antrushina, G.B., Afanasyeva, O,V., Morozova, N.N. English lexicology. –Moscow. 1985. – 222 p.
13. The world encyclopedia dictionary. Volume 1. From A-K. – Chicago. 1964. – 1088 p.
14. The world encyclopedia dictionary. Volume 1. From L-Z. – USA. Chicago. 1964. – 2266 p.

РОЛЬ ПРЕФИКСОВ И СУФФИКСОВ В ОБРАЗОВАНИИ ТЕРМИНОВ «МОРФОЛОГИЯ» В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

Джаматов С.

В данной статье речь идёт о роли префиксов и суффиксов в образовании терминов «морфология» в английском языке. Как отмечает автор большинство терминов «морфология» образуется морфологическим способом словообразования. Кроме этого в статье рассматриваются те продуктивные префиксы и суффиксы, которые активно участвуют в образовании терминов «морфология».

Ключевые слова: слово, термин, морфология, морфологические термины, префикс, суффикс, словообразование, способ, язык, английский язык.

ROLE OF PREFIXES AND SUFFIXES IN FORMATION OF MORPHOLOGICAL TERMS IN ENGLISH LANGUAGE

Jamatov S.

This article is dedicated to the role of prefixes and suffixes in the formation of morphological terms of English language. As an author stresses that the majority of morphological terms are formed by affixation way of word-formation. In addition to it, those productive prefixes and suffixes which take part actively in formation of morphological terms are reviwed in this article as well as.

Key words: word, term, morphology, morphological terms, prefix, suffix, word formation, way, language, English language.

Сведения об авторе: Джаматов Самиддин Салохиддинович – кандидат филологических наук, доцент кафедры английского языка и сопоставительной типологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел.: (+992) 91900 54 62. E-mail: jsamiddin@ mail. ru

Information about the author: Jamatov Samiddin Salohiddinovich – Ph. D. in Philology, docent of the chair of English and Comparative Typology of Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni, ph.: (+992) 91900 54 62. E-mail: jsamiddin@ mail. ru

ПАЙРАВИИ АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ БА АНЪАНАИ ЧИҲИЛҲАДИСНАВИСИИ МАНЗУМ ДАРАДАБИЁТИ ФОРСУ ТОҶИК

Камолов Ф. А.

Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции

Анъанаи чиҳилҳадиснависӣ батадриҷ миёни муҳаддисон шуҳрати беандоза пайдо карда, аҳодисро ба яке аз василаҳои иштиҳори шеъри форсӣ бадал намуд. Шоирони тавонои форсу тоҷик бо ҷойгузинии маонии ҳадис дар шеър ба худ унвони олим, донишманд ва муҳаддисони маъруфро гирифтаанд. Ба ибораи дигар, шеър василаи баёни таълимоти набавӣ дар шакли «Чиҳил ҳадис» гардида, дар маърифати маонии динӣ нақши муассире тавонист гузорад.

Адиби охири асри XIII ва ибтидои XIV Аҳмади Румӣ (соли ваф. 717/1318 асареро бо номи «Уммулкитоб» таълиф намуда, ба «Арбаин» будани асари мазкур дар байте чунин ишора мекунад:

Арбаин бунёд кардам аз фусул,
Дарки он дорад тааллуқ бар уқул.
Ном бинҳодам варо уммулкитоб,
Дарҷ дар вай нассу ахбор ай лубоб (2, 97-108).

Шоир дар байти дигар худашро чун муаллиф муаррифӣ кардааст:

З-ин сабаб ҷидде намудам ай киром,
Ман ки ҳастам Аҳмади Румӣ ба ном (2, 97-108).

Шоир ҳангоми ба назм даровардани матолиби хеш жанри маснавиро мавриди истифода карор додааст. Нусхаи хаттии «Уммулкитоб» дар Китобхонаи Миллии Париж таҳти рақами 115-и қисми махтутоти форсӣ қарор дорад.

Роҷеъ ба «Чиҳил ҳадис»-и дигар, ки дар асри XIV бо қалами муҳаддиси маъруф Иброҳим ибни Ҳасани Рабиъӣ (соли ваф. 734/1334) ба миён омада, то замони мо нарасида, тавассути асари машҳури «Кашф-уз-зунун»-и Ҳоҷӣ Халифа огоҳ мешавем. Аз рӯи ин маълумот пайдост, ки Заҳабӣ аз «Чиҳил ҳадис»-и Рабиъӣ ин мисраъҳоро чун санади шеър овардааст:

هركه أو جل حديث ياد كرفت ... أز أحاديث بهتر عالم
نام أو در جريدة عالم ... بنويسند أز بني آدم.

Дар «Кашф-уз-зунун» дар сабти ин ду байт ғалат рафтааст, ки мо шакли дурусти форсии онро овардем.

Ҳар, к-ӯ гар ҳадис ёд гирифт,
Аз аҳодиси беҳтари олам.
Номи ӯ дар ҷаридаи олам,
Бинависанд аз Банӣ одам (8, 2, 1036).

Дар Китобхонаи «Тӯпқийӯ»-и Истамбул таҳти рақами 325 чиҳил ҳадисе бо номи «Тӯҳфат-ул-хоқонӣ» қарор дорад, ки онро Саййид Садр соли 751/1352 ба қалам овардааст. Ин асар аз муаллиф ба султон Одили Аъзам тӯҳфа гардида буд, ки ишора муаллиф далели ин фикр аст:

«Ва чиҳил ҳадис аз китобҳои бузург ҷамъ кардам маънии ҳадиси Мустафоро ба порсӣ ба номи ин султон Одили Аъзам овардам ва номи ин китоб «Тӯҳфат-л-хоқонӣ» бо исми Ҷонибексултон…» (2, 97-108).

Фасеҳ ибни Абдулкарими Низомӣ дар қарни XV чиҳил ҳадиси набавиро тарҷума карда, онро ба тариқи маснавӣ ба риштаи назм даровардааст. Шоир ин асарро бо унвони «Маҷмаъ-ул-айнайн» номгузорӣ кардааст. Шоир дар муқаддима оид ба интисоб будани асар ба вай дар муқаддима чунин менигорад: «Баъд чунин гӯяд ровии ин номаи номӣ ва ҳовии ин саҳифаи гиромӣ Фасеҳ ибни Абдулкарими Низомӣ…» (2, 97-108).

Намуна аз «Маҷмаъ-ул-айнайн»:
Чун ба саҳро ниҳӣ ниҳони ҳама,
Шармсор макун миёни ҳама.
Дар паноҳи Расул деҳ ҷоям,
То ба манзилгаҳи қабул оям (2, 97-108).

Ин асар дар Китобхонаи Фотеҳи Истамбул таҳти шумораи 783 маҳфуз аст.

Нусхаи дигари «Чиҳил ҳадис»-и манзум бо унвони «Тарҷумат-ул-аҳодис» дар китобхонаи Ганҷбахши Ҷумҳурии Исломии Эрон бо шумораҳои 5995, 8643, 891, 6444, 1146 қарор дорад. Муаллифи ин асар Абдуллатиф ибни Сулаймони Турбатӣ (соли ваф. 899/1494) буда, дар он масоили сӯфиёна дар қолаби маснавӣ ташреҳ шудаанд (6, 517).

Яке аз адибоне, ки дар таърихи тадвин ва корбурди ҳадис ба шарҳи манзуми аҳодис даст задааанд, Мирҳусайни Ҳиравӣ аст, ки чиҳил калимаро интихоб намуда, ба ҳар яке ду байт бахшидааст. Нусхае аз шарҳи Ҳиравӣ дар китобхонаи Остони Қудси Разавӣ маҳфуз аст. Бино ба таҳқиқи таҳиягари матни форсии «Чиҳил ҳадис»-и Ҷомӣ Козим Мудиршоначӣ мурод аз Мирҳусайни Ҳиравӣ ду шахс буда метавонад, ки яке маъруф ба Амирҳусайни Ҳусайнии Ҳиравӣ ё Мирҳусайнӣ ё Ҳусайнии Содот ва дигар маъруф ба Мирҳусайн ибни Юсуф ё Юсуфиддини Ҳиравӣ мебошад (9, 13).

Тибқи маълумоти ҷомишиноси маъруфи тоҷик Аълохон Афсаҳзод Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ «Чиҳил ҳадис»-и хешро соли 886/1481 таълиф кардааст (1, 153).

Абдурраҳмони Ҷомӣ дар муқаддимаи худ пайравиихешро дар навиштани ин рисола ба ҳадиси ҳазрати Расули акрам (с) ишора кардааст:

«Саҳеҳтарин ҳадисе, ки ровиёни маҷолиси дин ва муҳаддисони мадориси яқин имло кунанд, ҳамди доноест, ки калимоти томмаи ҷомеа ба забони мӯъҷазбаёни ҳабиби худ гузаронида ва онро толии каломи комил ва хитоби шомили худ гардонида ва ба нақли рувоҳи саҳаи баъди саҳа ба гӯши маҳрумон аз саодати сӯҳбат расонида ва ба нури илму амал ба мӯҷиби илм аз зулмоти залолаташон раҳонида. саллаллоҳу алайҳи ва ало олиҳӣ ва асҳобиҳи нақлата улумиҳӣ ва ҳифзату одобиҳӣ.Ин чиҳил калима аст аз он калимот, ки суҳулати фаҳмро ба назми форсӣ тарҷума карда меояд. Умедворӣ, ки нозими мутарҷим имрӯз дар шарти **ман ҳафиза ало уммати арбаина ҳадисан янтафиуна бихӣ** дохил шавад ва фардо ба саодати ҷазои**баъасаҳуллоҳу явм-ал-қиёмати фақиҳан олиман**восил. Ва мин-ал-Лоҳи якун-ул-кавну ва-л-исмату ва-л-авну ва-т-тавфиқ» (9, 21).

«Арбаин»-и Ҷомӣ шомили 40 ҳадиси набавӣ бо тарҷумаи шарҳии манзуми форсӣ буда, дар шакли мухтасар, дар ҳаҷми чаҳормисрагӣ дар жанри қитъа ба қалам омадааст, ки перомунитаърихи таҳқиқ, нусхаҳои хаттӣ, нашрҳо, бандубаст, мазмуну

мӯҳтаво ва хусусиятҳои адабиву бадеии «Чиҳил ҳадис»-и мазкур дар рисолаи илмӣ-таҳқиқотии хеш таҳти унвони «Чиҳил ҳадис»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ ва анъанаи чиҳилҳадиснависӣ дар адабиёти форсу тоҷик (то асри XV) баррасӣ ба таври муфассал баррасӣ намудем.

Абдурраҳмони Ҷомӣ «Чиҳил ҳадис»-и хешро тавассути корбурди санъатҳои сухан ва аносири бадеӣ зиннат бахшида, омилҳои тасвири бадеиро ҷиҳати муассиру матлуб гардонидани таъсири маонии аҳодиси набавӣ корбаст намудааст. Мавлоно Ҷомӣ санъатҳои мухталифро, **амсоли тазод, таҷнис, ташбеҳ, ирсоли масал, тавшеҳ, акс, баргардониш, маҷоз, такрир, тансиқуссифот, тавсиф, нидо**, **муболиға** ва ғайра ба кор гирифта, ба ин роҳ бадеияти асари хешро таҳвият бахшидааст. Бешак, корбурди саноеи бадеӣ ба рифъати ҷанбаи ҳунарии он муассир омада, сухани шоирро муассир ва мақбул гардонидаанд.

Масалан аз истифодаи санъати таҷнисро ҳамчун намуна меорем:

Ҳар кӣ дар машварат **амини** ту шуд,
Гарчи бошад **амони** рӯи замин (49, 24).

Дар ин байт вожаҳои амину амон таҷниси хат, яъне лоҳак шуда омадаанд. Зеро амину амон як тарзи навишт доранд, танҳо дар вожаи дуюм ҳарфи алиф навишта мешавад.

Шоир дар ҷойи дигар чунин мегӯяд:

Беҳтарин кас касе бувад, ки ба **хулқ**,
Беш бошад зи **халқ** нафърасон (49, 26).

Дар ин байт ҳам вожаҳои хулқ ва халқ таҷниси хат, ки қудамо таҷниси лоҳак гӯянд, шуда омадаанд. Яъне вожаи хулқ ва халқ як тарзи навишт доранд, аммо бо иваз шудани садоноки «у» ба «а» маъно тағйир гардад.

Мавлоно Ҷомӣ на танҳо таҷниси лафзиро дар «Чиҳил ҳадис» ба кор гирифтааст, инчунин таҷниси маънавиро низ мавриди корбурд қарор додааст, ки дар намунаи зерин маънои ҳарду мисра дур будан аз корҳои дахолатнадошта аст:

З-он чӣ дархур наяфтадат боз ист,
З-он чи лоиқ набошадат бозой.

Шахсе ки сазовори талаби илм ҳасту барои қадам гузоштан дар роҳи илм тайёр мебошад, Мавлоно Ҷомӣ бо сифати «мустаид» ва «мустаҳиқ» баён карда, таҷниси маънавиро падид овардааст.

Мустаидро аз он машав монеъ,
Мустаҳақро аз он макун маҳрум.

Шоир молпарастро бандаи динору дирҳам дониста, онро дар ду мисраъ ҳамҷинс сохтааст:

Бод аз он дур бандаи динор,
Бод аз он дур бандаи дирҳам.

Ҳамин тариқ, навъҳои гуногуни санъати таҷнис чун таҷниси лафзӣ, таҷниси маънавӣ ва таҷниси лоҳак дар «Чиҳил ҳадис»-и Ҷомӣ бисёр ба назар мерасад, аммо зикри намунаҳои болоиро басанда медонем.

Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ дар хотима «Арабин»(Чиҳил ҳадис-Ф.К.)-и худро беҳтарин василаи расидан ба пайвастшавии роҳи расидан ба садри қабул номидааст:

Арбаинҳои соликон Ҷомӣ,
Ҳаст баҳри вусули садри қабул.
Набвад аз фазли Ҳақ аҷибу ғариб,
Ки бад-ин ***арбаин*** расӣ ба вусул.

Ҳамин тавр, кутуби «Чиҳил ҳадис»-и манзум аз ҷониби Аҳмади Румӣ, Мирсайид Алии Ҳамадонӣ, Иброҳим ибни Ҳасани Рабиъӣ, Абдуллатиф ибни Сулаймони Турбатӣ,Саййид Садр, Фасеҳ ибни Абдулкарими Низомӣ, Мирҳусайни Ҳиравӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва uайра ба қалам омада, ба ривоҷи ин анъана дар шакли назм ишорат мекунад, ки равиши тоза ва ихтирои шоирони форсу тоҷик маҳсуб меёбад.

«Чиҳил ҳадис»-и Мавлоно Ҷомӣ аз ҷумлаи беҳтарин «Арбаин»-ҳо ба ҳисоб меравад, ки ба он касрати нусхаҳо ва тарҷумаҳои шоирони адабиёти халқиятҳои дигар шаҳодат медиҳад.

Инчунин нахустин маротиба Абдурраҳмони Ҷомӣ дар шарҳи «Чиҳил ҳадис» жанри қитъаро бо истифодаи санъатҳои **тазод, таҷнис, ташбеҳ, ирсоли масал, тавшеҳ, акс, баргардониш, маҷоз, такрир, тансиқуссифот, тавсиф, нидо**, **муболиға** ва ғайра мавриди корбурд қарор додаст.

Ҳамин тариқ, Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ аз анъанаи чиҳилҳадиснависӣ пайравӣ карда, онро рангинтару зеботар гардонидааст.

Адабиёт:

1. Афсаҳзод Аълохон. «Рӯзгор ва осори Абдурраҳмони Ҷомӣ». Душанбе, «Дониш», 1980. -224 с.
2. Қуррахон, Абдулқодир. Чиҳилҳадиснависӣ дар адабиёти форсӣ ва таъсири он ба адабиёти турк ба тариқи тарҷумаи ин осор. –Теҳрон, Маҷаллаи Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонӣ, 1967.-№1, саҳ. 97-108.
3. Навоӣ, Алишер. Хамсат-ул-мутаҳайирин/Тарҷумаи Абдуқодир Маниёзов. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1961. –84 с.
4. Оҳан, Ахлоқ Аҳмад. Ҷомӣ дар Шибҳи Қора. «Фарҳангистони забон ва адаби форсӣ», –Теҳрон, 1384ҳ. –саҳ. 1187-1190.
5. Султонов М. Осори Ҷомӣ дар махзани дастнависҳои Озарбойҷон. Абдураҳмони Ҷомӣ(Маҷмӯаи мақолаҳо). –Душанбе: Дониш, 1973. –С. 144-148.
6. Фарҳангномаи адаби форсӣ. –Теҳрон, саҳ. 514-519.
7. Хатибӣ, Ҳусайн. Фани наср дар адаби порсӣ. –Интишороти «Зуввор», 1366ҳ.-ҷ.1, 637с.
8. Ҳоҷӣ Халифа. Кашф-уз-зуннун ан усом-ил-кутуби валфунун. –Бейрут: «Дорулфунун литтабоати ван-нашри ват-тавзеъ», 1406/1986.
9. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Арбаин. -Машҳад, «Муасисаи чопу интишороти Остони Қудси Разавӣ», 1363.-48с.

ПОСЛЕДОВАТЕЛЬНОСТИ ДЖАМИ В ТРАДИЦИИ НАПИСАНИЯ СОРОКА ХАДИСОВ В СТИХОТВОРНОЙ ФОРМЕ

Камолов Ф. А.

В данной статье рассматривается история возникновения книги «Чихил хадис» в стихотворной форме и последовательности Абдурахмана Джами традиции написания сорока хадисов.

Поэты Ахмади Руми, Мирсайид Али Хамадони, Ибрахим Рабиъи, Абдуллатиф Турбатӣ, Саййид Садр, Фасех Низамӣ, Мирҳусайн Хирави и Абдуррахман Джами комментировали хадисы в стихотворной форме. Таким образом, стало ясно что первый сорок хадисов в стихотворной форме были написаны в XIV веке, а «Чихил хадис» Абдуррахмана Джами был самым известным произведением в таджикско-персидском литературе.

Ключевые слова: поэты, традиция, сорок хадисов, стихотворная форма, использование, комментировать, стилистические особенности.

CONSISTENCY JOMI TO THE TRADITION OF WRITING OF “FORTY HADITH” IN POETIC FORM

Kamolov F. A.

The history of appearing of the books of “Forty Hadith” in poetic form and Jomi’s consistency to this tradition is discussed in this article.

The poets as Ahmad Rumi, Mirsayid Ali Hamadoni, Ibrohim Rabi’i, Abdullatif Turbati, Sayid Sadr, Faseh Nizami, Mirhusain Hiravi and Abdurahmon Jomi commented hadiths in poetic form.

So, the first “Forty hadith” in poetic form was written in XIV century and “Forty hadith” was the most famous work of this tradition in Tajik and Persian literature.

Key words: poets, tradition, forty hadith, poetic form, using, commenting, style feature.

Сведения об авторе: Камолов Фарухджон Абдукодирович - кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры иностранных языков Института экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, тел.: (+992) 92-847- 86- 16, e-mail: Foteh122010@gmail.com

Information about the author: Kamolov Farrukhjon Abdukodirovich – Ph.D. in Philology, senior teacher of Foreign languages chait, Institute of Economy and Trade of Tajik State University of Commerce, tel.: (+992) 92-847-86-16, e-mail: Foteh122010@gmail.com

ИФОДАИ НОМУАЙЯНӢ ДАР ЗАБОНИ “БАДОЕЪ-УЛ-ВАҚОЕЪ”-И ЗАЙНИДДИН МАҲМУДИ ВОСИФӢ

Бобохонов Абдулло

Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав

Муайянӣ ва номуайянӣ маънои басо васеъ дошта, бо усул ва роҳҳои гуногун ифода мешавад. Ашёҳое, ки ба ҳамсӯҳбатон маълум аст, муайян ва ашёҳое (предметҳое), ки танҳо ба ноқил маълум буда, ба шунаванда маълум нест номуайян мебошад. Муайянӣ ва номуайянии исм дар забони тоҷикӣ бо роҳҳои гуногун ифода мешавад, ки маъмултарини онҳо роҳҳои сарфӣ (марфологӣ), наҳвӣ (синтаксисӣ) ва лексикӣ-грамматикӣ ҳисоб меёбад.[1]

Воситаи асосии сарфии ифодаи дараҷаи номуайянӣ, ягонагӣ ва муайянӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик артикли – е ва пасоянди – ро мебошад. Вазифа ва мавқеи истифодаи артикли – е дар забоншиносии тоҷик мавзӯи таҳлилу таҳқиқ ва баҳс қарор гирифтааст. Дар фарҳангҳои пешина ва китобҳои таълимии солҳои пешин вобаста ба маъною семантикаи исм онро ҳар хел маънидод кардаанд. Баъзе олимон артиклро “аломати номуайянӣ, ягонагӣ ва муайянӣ”, баъзе забоншиносони дигар бошанд “аломати номуайянӣ, ягонагӣ, ҷудокунӣ” ва баъзеи дигарошон номуайянӣ, таъинӣ, ягонагӣ, ҷудокунӣ ном бурдаанд.

Масалан, Ж. Лазар низ дар асоси маводҳои забони форсӣ доир ба мавқеи истифодаи артикли – е фикрҳои ҷолиби диққат гуфтааст.[2] Чӣ хеле ки дида мешавад забоншиносон дар хусуси артикли – е дар як ақида нестанд, мубоҳисаҳои онҳо нишон медиҳанд, ки дар забони тоҷикӣ ва форсӣ чандто артикли – е мавҷуд аст.

Исм дорои категорияи морфологии муайяниву номуайянӣ мебошад, ки воситаи асосии ифодаи он артикли – е ба шумор меравад, бинобар он аз ҳиссаҳои нутқ артикли – е-ро танҳо исм қабул менамояд. Ин артикл аломати грамматикии ном ба шумор меравад.

Артикли – е хусусияти зиёди грамматикӣ дорад, ки онҳо дар матн барҷаста зоҳир мегарданд. Хусусияти умумии артикли-е ин аст, ки калимаеро аз байни анбӯҳи калимаҳои ҳамҷинс ҷудо намуда, ҷиҳати предметиашро равшан менамояд ва ба ин восита онро аз таносуби мантиқиаш истисно мегардонад. Чунончӣ, дар ҷумлаи “Аз кӯча одам гузаштааст” калимаи одам ба тамоми исмҳои ҳамҷинсаш тааллуқ дошта, муносибати он ҳамчун категорияи луғавию грамматикӣ зоҳир мегардад, яъне аз ин кӯча одам гузаштааст, на чизи дигар. Ин аст, ки калимаи одам дар мисоли мазкур маънои басо васеъ дорад, вай одами алоҳида ва ё гурӯҳи одамонро не, балки мафҳуми тамоми одамонро дар худ таҷассум намуда, ба предметҳои ғайришахс, муқобил гузошта шудааст.

Дар ҷумлаи “Аз ин кӯча одаме гузашааст” калимаи одам мафҳуми умумӣ надорад ва ҳамаи ҳамҷинсони гурӯҳ лексикӣ-грамматикиашро фаро намегирад. Дар ин мисол исми одам бар хилофи мисоли аввал нисбати мантиқӣ надорад, балки мафҳуми махсус

1 Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1985, - с. 94.

2 Рустамов Ш. Исм. – Душанбе: “Дониш”, 1981, - с. 41.

гирифтааст. Дар ин маврид маҳз гузаштани одам дар назар дошта нашудааст, балки аз тамоми одамон гузаштани касеро далолат мекунад.

Номуайянии грамматикӣ ва роҳҳои ифодаи он дар насри классикӣ ва забони адабии ҳозираи тоҷик ҷариб, ки бо ҳам мувофиқат дорад ва муқоисаи чанде асарҳои илмии тадқиқотии ба соҳа ва давраҳои гуногуни забони тоҷикӣ бахшидашуда ва грамматикаҳои нашрёфта, ки ба масъалаҳои номуайянӣ каму беш дахл кардаанд, ба он шаҳодат медиҳад[3].

Бинобар он ба ҳамон қисмати номуайяние, ки дар асарҳои зикрёфта ишора рафтааст ва ба мулоҳизаҳои ҷузъии мо дар "Бадоеъ-ул-вақоеъ"-и Зайниддини Восифӣ айнияти дорад, дахл накарда, танҳо ба таври мушаххас оид ба ин мавзӯъ дар асоси асари мазкур ва баъзаи муқоисаи онро бо забони адабии имрӯза таҳлил хоҳем намуд.

Таҳлили мавқеи артикили–е ва дигар морфемаҳое, ки бо исм меоянд, хусусияти грамматики артикли–е-ро барҷастатар нишон медиҳанд.

1. Категорияи номуайянӣ ва аломати шартии он "е" ва "як" дар асар бо ҳамаи нишондодҳои таҳқиқотчиён мувофиқат дорад. Дар ҷумлаи мураккаби тобеи ҷумлаи пайрави муайянкунанда морфемаи–"е" - "е"-и "ишорат" ном гирифтааст. Аломати номуайянӣ ба вазифаи–е-и ишорат танҳо дар таркиби сарҷумлаи пайрави муайянкунанда меояд: Фирдавсӣ аз **шахсе** пурсид, ки чи касаст? ("Бадоеъ-ул-вақоеъ", саҳ. 457). Овози **ҳазине** мекард. ки гӯё чизе мехонад (1304).

Инчунин, бояд гуфт, ки – е-и ишоратиро танҳо дар дохили ҷумлаи мураккаби тобеи пайраваш муайянкунанда дидан чандон масъаларо равшан намекунад, зеро ки дар дохили ҷумлаи содда аксар пас аз исми номуайянӣ сифатҳо оварда шуда онро аз ягон ҷиҳат шарҳ медиҳад. Фарқ дар он аст, ки агар дар ҷумлаи мураккаби тобеи пайраваш муайянкунанда номуайянӣ аз ягон ҷиҳат бо амали алоҳида шарҳ ёбад, дар ҷумлаи содда ягон хусусият ё сифати он васф, сарзаниш ё эзоҳ дода мешавад..... рӯзе Мавлоно Дарвии асои **сарнойзадоре** ба даст гирифта ва як чашмро барбаста ва заминро мекофт. (319). Боборо **ҳоли ғарибе** даст дод (1170) ва ин Бобоҷамол **бузи кабуде** дошт, дар ғояти азимат ва риши он ... (1304).

Ғайр аз ин, мисолҳо исбот мекунанд, ки – е дар адабиёти классикӣ танҳо бо муайяншаванда наомада (марде нек, сухане тоза), балки бо муайянкунандаҳои сифатӣ низ меомадааст, ки ба меъёри имрӯзаи забони адабии тоҷик мувофиқат дорад. "Дар таркиби изофии сифатӣ, аломати – "е" ба охири таркиб мегузарад: **гуле,** гули **хушбӯе**, гули сурхи **хушбӯе**.[4] Масалан, ман дар даруни танӯр **ҳоли ғарибе** доштам (1039 -1040).... хонро **фарзанди арҷманде** каромат фармуда (346) ва бо худ **лаълпораиқимате** доштам (474). Ҳазрати мулло **марди сабзе** буд хушкина, **миёнаболое** (441).

Хусусиятҳои дигаре, ки оид ба истеъмоли – е дар забони "Бадоеъ-ул-вақоеъ" дида мешавад, бо исмҳои ҷамъ ва ҷомеъ истеъмол шудани он мебошад, ки ниҳоят каммаҳсул аст ва халқе ба таъриф ва тавсифи Муллозамон забон кушода (96). Ва гуфт: махдумо, имрӯз аз мулозимони шумо дар пеши ҳазрати Мирзо ғариб **суханоне** гузашт (551).

Монанди ҳамин бо калимаҳои маънии ҷамъдоштаи арабӣ ҳамроҳ омадани – е низ кам дучор мегардад, ба ҷуз "ҷамъе", "баъзе". Чун наздики имораташ расидам, **ҷамъе касире** расиданд.... (1099). Ва **баъзе** мутаввачеҳи Кобул... ва **баъзе** ба ҷониби Ҳисор.... доштанд (41).. **баъзе** аз одмиён аз қабили онанд..... (779). **Ҷамъе** аз ҷавонон ангези бозии хокпалла карданд (54).**Ҷамъе** аз фузало ва шуаро ҳозир буданд (560).... имрӯз дар чашмаи Аюб ғариб **ҷамъияте** ва аҷоиб касратест.

2. Дар асар – е, як ва яке дар як вақт ба тариқи мувозӣ кор фармуда мешаванд, ки ин гуна шаклҳои грамматикиро дар насри асри X-XI дидан мумкин аст.[5]

Аз тарафи дигар, дар забони ҳозираи тоҷик–е ва як доираи маҳдуд дошта, ба тариқи мувозӣ кор фаримуда шудани–е ва яке умуман аз истеъмол рафтааст, ки ҳатто дар намунаҳои насри ибтидои асри XX "Таърихи Бадахшон", "Тӯҳфаи аҳли Бухоро" ва

[3] Смирнова А.П. Язык "Таърихи Систан", 1959, стр, 21-25.
[4] Грамматикаи забони тоҷикӣ барои мактабҳои олӣ, 1956, саҳ. 36
[5] Баҳор М. Сабкшиносӣ, ҷ.2, - с. 41-42.

“Кашкӯли Салимӣ” дарёфт намешавад: ... миёни ин номурод ва ӯ **як вакте** нисбати ӯ **рақобате** буд (192).... як заррае тағйир ва табдил дар зоти эшон пайдо нашуд (361).

Яке духтареро ном бурд (806). Ва он бузургвори донишманди арҷмандро **яке саманде** буд (913). Ва худро **яке пайке** сохтанд (637).

Миқдори ин гуна мисолҳо дар асар чандон зиёд набуда, танҳо дар нақл ва сухани муаллиф истифода шудааанд, ки ҳолати бо муайянкунандаҳои сифатӣ омадани аломати–е дар мавриди мазкур дида намешавад:

Овардаанд, ки яминуддавалро **яке бабре** буд муқаядзанҷир, тасхирмонанд (795-796). Яке вайрона **боғе** дошт монанди дили парешони мазмун абтар ва хароб (815). Яке гандагире, сияҳрӯй дидмулавае ба сад гунае айбу ор (865).

3. Таркиби “яке аз”, “аз ҳар” пеш аз исмҳо омада ба онҳо оҳанги муайянӣ, тахминӣ, ҷузъе аз куллро медиҳад. Таркиби “аз ҳар” нисбат ба “яке аз” бо он фарқ мекунад, ки исми пас аз он омада аломати номуайянӣ дошта метавонад: яке аз ҳуззори маҷлис гуфта, ки рафъи ин шубҳа ва дафъи ин дағдаға дар ғояти осон аст (96). Ва **аз ҳар бобе** сухане дарпайваста (138).

Агар пеш аз таркиби “яке аз” ягон пешоянде омада бошад, бо маънии ҷузъеро аз кулл ифода намудани он халал нарасонида, балки қиёси воҳид будани онро зиёдтар мегардонад, ки ин тарзи ифода дар асар хеле маҳдуд аст. Абдулло Султон **бо яке аз**умарои аъзам ӯро ба назди Севунҷхоҷахон ба вилояти Тошканд фиристод (378).

4. Ҷонишини таъинии “ҳар” ва инкории “ҳеҷ” дар асар “ҳеҷ” (ба исмҳои пас аз худашон омадагӣ табишҳои нави маъноӣ илова менамоянд, ки он иборат аз тахмин намудан, инкор кардан, умумӣ ва номаълум будан аст. Дар ин ҳолат – е метавонад ба охири исмҳо ҳамроҳ шуд. Ифодаҳои маъноии муайяниро қувватноктар гардонад. Чунончӣ: Ва ба ғайр аз ин **ҳеҷ ҳикояте** хуш намеомад шунида (991) бар канори дарё якдигарро канор гирифта **ҳар кадом** ба ҷонибе равона гардиданд (43)... ва **ҳеҷ аҳде** дар вай дахл накунад (1332) Гуфт: **ҳар дарахте** соле як бор бар медиҳад (1251).

Гоҳо дар матн агар “ҳеҷ” ва “яке”, “аз” афтида монанд ҳам, ҳамаи тобишҳои болоиро-е ва ё ҳолатҳои ибтидоии калима ифода карда метавонанд, ки дар ин маврид матн омили муайянкунандааст: Гуфтам: ман низ ҳайронам ва **чорае** намедонам (90). Ба ғайр аз Шумо **касе** дар ҳаммаи нест (1025).

Аммо ҷузъеро аз кулл ифода намудани – е танҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик дучор гардид:

Рӯзи қиёми халқ, чун интиқоми халқ,
Барке зи дидаҳо, сӯзе зи синаҳо.
Ҳарде пур аз гудоз, бахшад ҳамчу роз,
Ин ҳарфи шӯълабор, печид дар ҳаёт.
(Ё марг ё Ватан, М. Қаноат)

5. Калимаи “чанд” ҳам пеш аз исмҳо омада ба онҳо ғайр аз номуайянӣ боз табдил тахмин, миқдори номаълумро медиҳад. Ин калима дар асар хеле сермаҳсул бо ин маънӣ кор фармуда шуда, роли саволгузории ӯ дар ин мавридҳо суст шудааст: **Чанд рӯзе** таваққуф зарурат буд (427). Бинобар он **чанд рӯзе** дар омадан таваққуф намуд (33).

“Чанд” танҳо бо калимаҳои мафҳуми замонидошта не, балки бо предметҳо ҳам омада ҳамон меъниҳои зикршударо дар бар мегирад:... чунин гӯянд, ки дар муқаддаимаи китоби худ **чанд касро** мадҳ гуфт (459). Ва дар чанд маҷлис ин ҳикоятро бар сабили мафохират ва мубоҳат зикр карда (43) ва дигар чанд байт .... дар мадҳи Яъқуббек воқеъ шуда (447).

6. Воситаҳои ифодаи номуайянӣ бо калимаҳои предметӣ омада мафҳуми якто ва номаълум буданро фаҳмонад, пас бо калимаҳои ифодакунандаи ҳодиса, воқеа, сӯй, макон ва ғайраҳо омада (дар баробари доро будан ба маънии дар боло зикрёфта), метавонанд, боз чунии маъниҳоро дар бар гиранд, ки он каму беш ба номуайянии мантиқии калимаҳо наздик мешавад.

а) номуайянии замонӣ: Дар шаҳри Самарқанд **зимистоне воқеъ** шуд (80). ..... рӯзе канизак Абдуаоиро бар дӯш гирифта дар бозор сайр менамуд (704).

Пешояндҳои таркибии изофии замонӣ пеш аз исми замонии номуайянӣ омада, номуайянии ҷузъ ё лаҳзаеро мефаҳмонад, ки дертар ё барвақттар дар фосилаи маҳдуд рӯй дода буд, аммо вай ҳанӯз аниқ набуда ба тариқи тахмин аст..... **Баъд аз замоне** ғуломе омад уштуре овард ва ба хона бурд (1087).

б) Номуайянии макон, сӯй, тараф: ва фақир ба ҳукми ар-рафиқ ва сумма – аттариқ ба ҳар ҷониба мутаваҷҷеҳ гардидан (9). Ва ҳар кадомро **ба ҷое** лоиқ ва маротибае мувофиқ дар силки эътибор даровард (133).

в) Номуайянии мафҳумҳои гуногун, ҳолатҳои рӯҳии шахс ва ғайра: Маро **кайфияти ғарибе** пайдо шуд (503).... магар хоҷазодаро аз сӯҳбати мо **малоле шуда**, ки аз ин сӯҳбат ғайб фармудаанд (1229). Он ҷанобро кайфият ва **тағири ғарибе** даст дода, фармуданд... (250).

г) Миқдори номуайян бо ёрии ҷонишини – зарфҳои миқдорӣ ва ё дигар калимаҳое, ки мафҳуми миқдорро дар худ доранд ифода меёбад ва бо ҳамроҳ кардани аломати номуайянӣ сурат мегирад: **Бисёреро** ба дӯш беҳуш аз масҷид берун бурданд (46)

Дарояд ҳар кӣ андар қабза вазнаш
Вале ҳар гаҳ кашӣ, гӯё зи сад ман беш.

Боре бигӯ, ки онро чӣ гуна ёфтаӣ? (805). Ба миқдоре риши худро олуда сохт (323). Он зимистонро бо он толибилмони фақир ва **чанде дигар** аз фақирон ба фароғат гузаронидем (91). **Чанд рӯзе** тарбият бояд кард (801).

7. Номуайяниро аз рӯи ифодаи маънияш ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: номуайянии пурра ва нопурра.

Ба номуайянии пурра ҳамон номуайяние дохил мешавад. ки предмети номаълум як маротиба ё аввалии бор дучор омада, аз ягон ҷиҳат шарху эзоҳ наёфта бошад ва аз матн ҳам маълум нагардад: **Шахсе** аз ин маънӣ хабар дошт (651). Ва дар **масъалае** мубоҳиса менамуданд (838).

Баъзан вай метавонад бе аломати номуайянӣ - е омада ҳамон маъноро ифода кунад (аҷибаш он аст, ки дар чунин шакл танҳо калимаи **кас** дучор омад). Маҳадимӣ **кас** фиристода ӯро овард (1053).

Инчунин, ҷонишинҳои “вай”, “эшон”, “фалон”, “фалонӣ”, “баъзе”, ки дар асар муродифи калимаи “одам”. “шахс”, “кас” шуда меоянд ва симои онҳоро аз матн ҳам аниқ намудаи мумкин нест, низ ба номуайянии пурра дохил мегарданд. Агар гурӯҳи ҷонишинҳои зикрёфтаро ба воситаҳои ифодаи мантиқии номуайянии пурра дохил намоем, боке надорад: .... аммо пеш аз омадани шумо фалон кас омада буд (65).

..... дар миёни ду абрӯи вай **холе** ба назар даромад (192). Ин рӯкъаро бигир ва ба пеши кутволи **фалон** қалъа бар (785). Яке аз он кулӯлаҳо дар даҳони валӣ андохт (321). **Баъзе** дар мақоми инод шуда гуфтаанд (95). Ҳаҷҷоҷ аз вай пурсид, ки чӣ ном дорӣ ва дар куҷо мебошӣ? Гуфт: **фалон** ва дар **фалон** маҳалла (1254). Он ҳазрат пурсид, ки ин қасидаи худро ба фалонӣ хондаӣ (1232).

Ба номуайянии нопурра предмети номаълуме мансуб дорад, ки аз ягон ҷиҳат бо сифатҳои ба худ хос шарҳ меёбад, аммо вай ҳартарафа муҷассам ва равшан нагардида, бартарияти номуайянӣ дар он нигоҳ дошта шудааст: Фақирро ҳиҷолат ва шармандагии **ғарибе**даст дод (66). Чун хонааш даромадам, **мачлисе** дидам ороста ва пероста (58) дар миёни эшон **Шайхзодае** буд **дар ғояти ҳусну ҷамол** ва дар ниҳояти фазлу камол (201). Он подшоҳ дар ҳоли ғарибе воқеъ шуд (1261).

8. Аломати номуайянии–е метавонад бо аъзоҳои чидаи пай дар пай ва тафсилии ҷумла ҳамроҳ шуда ояд:

а) Дар ҳолати бо аъзоҳои чидаи ҷумла омадани–е номуайянии ҳар як предметро нигоҳ медорад, ки дар он оҳанги таъкид низ ҳис карда мешавад: Дар пеши подшоҳ **гуле** ва **камоне** ва **соғаре** ниҳода буд (837). Ва **нақше** ё **сурате** бунёд мекард (167). Ҳосил, ки маро ба дошту **саҳрое** мебурд (517).

Маълум мешавад. ки дар вақти чида шудани аъзоҳо номуайяни-е метавонад бо ҳар як ҷузъи он такрор ёбад, ё ба исми охир аъзоҳои чида ҳамроҳ шавад.

б) Номуайянӣ ба аъзоҳои пай дар пайи ҷумла низ меояд: Ямин-уд-давларо аспе буд, ки дар зери зини фалак мисли он **таковаре касе** надида (808). Рӯзе Султон Ҳусайн

Мирзо бо амир Алишер дар хилвате нишаста буданд ва аз ҳар **бобе ҳикояте** дарпайваста (544-545).... як навбат **шахсе касеро**кушта буд (1110). Гуфт: ҳар **дарахте соле** як бар медиҳад (1251).

Ҳодисаи бо аъзоҳои пай дар пай ва чидаи ҷумла омадани–е дар як ҷумла дар забони насри "Бадоеъ-ул-вақоеъ" як маротиба дучор омадааст: **Рӯзе шахсе мусҳифе** ва **камоне** ва калақанде ба расми пешкаш ба пеши амир Алишер овард (540).

в) Дар таркиби тафсилии ҷумла омадани–е дар асар нисбати ба ду қисмати болоӣ зиёдтар аст ва метавонад бо ҳар як ҷузъи муайянкунадаи сифатӣ ҳамроҳ ояд: Он хоҷа **канизаке сарвқомате, офтобталъате, анбармӯе** дошт (770). Ва аз паи **сипоҳе шамшербанде таркашҳамонде** даромад (1216).

Ва хатичабегимро духтархонаи **пирпайкаре маҳманзаре** буд (583). Ва гуфт, ки ҳайф бошад, ки ин гушти хуштаби ва заруфе ба иллати ятимӣ кушта шавад (679).

Баъдуҳу мегуфт, ки эё чамондари **зебое, раъное, болобаланде, абрӯкаманде,** лабҳо чу **қанде,пистадаҳоне, мӯримиёне, роҳатичоне,** туро талаб мекунад, ки аз кӯҳи Мухтор туро санг бор кунад (1306).

Дар вақти чунин тафсилёбии аъзоҳои ҷумла ғайр аз– е-и охири муайянкунанда, боқимондааш муродифи бандаки изофист: Дар гӯшаи хиргоҳ **яке духтаре парипайкаре** нишаста... (1125). Гуфт, ки дар аҳди қадим марди **хуштабъе латифе, зарифе** буд... (322).

Дар як мисоли дарёфтшуда–е муродиф пешоянди "аз" шуда омадааст: Мирак **яке** беш нест.

Хулоса, ифодаи номуайянӣ ва воситаҳои ифодаи он ("е" ва "як") омилҳои ёрирасони дигар ("яке аз ", "ҳар" "ҳеҷ") чӣ дар асар ва чӣ дар забони адабии имрӯзаи тоҷик бо ҳам мувофиқат доранд. Аз тарафи дигар бо кор фармудани усулҳои классикии ифодаи номуайянӣ (яке одаме, яке одами) ва бо аъзоҳои чида, пай дар пай ва тафсилии ҷумла омадани–е аз усули ифодаи он дар забони имрӯзаи тоҷик фарқ мекунад.

Воситаҳои ёрирасони дигар: "баъзе", "фалон", "вай" дар ифодаи мантиқии ифодаи номуайянии пурра иштирок менамоянд.

Номуайянии–е пас аз худ муайянкунандаҳои сифатӣ дошта бошад. ба дараҷаи вазифаш –е-и ишоратии ноқис молик мешавад.

Адабиёт:

1. Айнӣ С. Масъалаҳои забони тоҷикӣ. Куллиёт, ҷилди II. – Душанбе, 1977.
2. Айнӣ С. Хулосаҳои "Бадоеъ-ул-вақоеъ"-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ. – Душанбе, 1981.
3. Болдерев, "Бадоеъ-ул-вақоеъ"-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ. – Москва, 1961.
4. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик ҷилди I, - Душанбе, "Дониш", 1983, 356с.
5. Рустамов Ш. Исм. – Душанбе, "Дониш", 1981, 220с.
6. Рустамов Ш. Таснифоти ҳиссаҳои нутқ ва мавқеи исм. – Душанбе, 1972.
7. Шарифов Б. Хусусиятҳои морфологии "Бадоеъ-ул-вақоеъ"-и Восифӣ. – Душанбе, "Дониш", 1985.
8. Каримов Ҳ. Мухтасар дар бораи морфемаи –е "Масъалаҳои забоншиносии тоҷик". – Душанбе, 1967.

НЕОПРЕДЕЛЕННАЯ КАТЕГОРИЯ В "БАДОЕЪ-УЛ-ВАКОЕЪ" ЗАЙНИДДИНА МАХМУДА ВОСИФИ

Бобохонов Абдулло

В таджикском языке неопределенные существительные в большинство случаев создаются при помощи неопределенного артикля –е. Артикль –е имеет много грамматических особенностей, которые отражаются в разных текстах. В данной статье автор рассматривает неопределенный артикль существительного в "Бадоеъ-ул Вакоеъ" Зайниддина Махмуда Восифи, который имеет многогранную грамматическую и морфологическую особенность в тексте данной работы.

Ключевые слова: артикль, неопределенный, словообразование, существительный, таджикский язык, литература.

INDEFINITE ARTICLE OF THE IN “BADOE’-UL-VAQOE’” OF ZAINIDDIN MAHMUD VOSIFI

Bobokhonov Abdullo

In Tajik language indefinite nouns in most of cases are formed by an indefinite article – e. The article – e has many grammatical features which are reflected in different texts. In this article the author examines the indefinite article in "Badoe’-ul-Vakoe’" of Zainiddin Mahmud Vosifi, which have multifaceted grammatical and morphological features in the text of this work.

Key words: article, indefinite, word formation, noun, Tajik language, literature.

Сведения об авторе: Бобохонов Абдулло Мирзоназарович – преподаватель кафедры таджикского языка Кургантюбинского государственного университета имени Н. Хусрава, тел.: (+992) 93 4630340

Information about the author: Bobokhonov Abdullo Mirzonazarovich, teacher of Tajik Language Chair, Kurgantube State University named after N. Khusrav, tel.: (+992) 93 4630340

ЯЗЫК СМИ В ПРОЦЕССЕ ФОРМИРОВАНИЯ ОБЩЕСТВЕННОГО МНЕНИЯ

Бокиева Л. Ф.

Российско-Таджикский (славянский) университет

Осуществление социальных функций средствами массовой информации возможно лишь при условии стабильной опоры на общественное мнение, которое в свою очередь возникает в результате обмена точек зрения, а в роли единственного способа подобного обмена выступают СМИ. Выполняя функцию определения общественной жизни, общественное мнение также определяет ту или иную направленность в деятельности не только СМИ, но и различных социальных институтов, тем временем, когда идеология и пропаганда СМИ формируют общественное мнение. Из этого следует, что общественное мнение и СМИ находятся в тесной взаимосвязи, и, выполняя ряд функций, формируют гражданскую позицию в целом.

Являясь одним из приоритетных институтов гражданского общества, СМИ выполняют функции коммуникатора и выразителя социально-экономических и политических интересов людей, проживающих на определенной территории.

Таджикистан, как и другие страны Центральной Азии, имеет полиэтнический состав населения с разными долями национальных сегментов. Этот факт накладывает на СМИ определенные обязанности, которые, прежде всего, заключают в себе соблюдение принципов толерантности и предоставления информации на доступном языке в условиях поликультурного пространства.

Под поликультурным пространством мы понимаем социальную среду, в которой отражаются специфические характеристики культурного многообразия, способствующего процессу естественного социокультурного взаимодействия его участников.

С целью выявления доступности массовой информации различным этническим группам, был проведен анализ печатных и электронных СМИ Таджикистана. В результате исследования выяснилось, что информация в печатных СМИ предоставляется в основном на двух языках – русском и таджикском.

Таблица 1.

Популярные печатные СМИ (на 2014 г.)

Название СМИ	Язык публикаций	Название СМИ	Язык публикаций
Газеты			
«Азия Плюс»	русский	«Оила» («Семья»)	таджикский

«Вечерний Душанбе»	русский	«Миллат» («Нация»)	таджикский
«Вечёрка»	русский	«Озадагон» («Свободные»)	таджикский
«Дайджест Пресс»	русский	«Минбари Халк» («Народная трибуна»)	таджикский
«Авиценна»	русский	«Садои мардум» («Голос народа»)	таджикский
«Фараж»		Джумхурият («Республика»)	таджикский
«Народная газета»	русский таджикский	Бизнес и политика	русский
«Зан ва Мард» («Женщина и мужчина»)	таджикский	«Чархи Гардун»	таджикский
Журналы			
«VIPzone»	русский	«Реклама и идеи»	русский
«Элита»	русский	«Celebrities»	русский

На телевидении и радио предпринимаются попытки вещания новостных программ на английском и арабском языках.

Таблица 2.

Популярный электронные СМИ (на 2014 г.)

Название СМИ	Язык	Название СМИ	Язык
Телевидение			
«Сафина»	русский таджикский	«Пойтахт» («Столица»)	таджикский
«Шабакаи аввал» («Первый канал»)	таджикский английский арабский	«Бахористон» («Цветник»)	таджикский
«Джахонамо» («Мировое обозрение»)	таджикский		
Радио			
«Азия-Плюс»	русский таджикский	«Озоди» («Свобода»)	таджикский
«Ватан» («Родина»)	русский таджикский	«Ориёно»	русский
«Садои Душанбе» («Голос Душанбе»)	русский таджикский	«Имруз» («Сегодня»)	таджикский
«Ховар» («Новости»)	таджикский	«Afm»	русский таджикский

Однако стоит отметить, что предоставляемая информация на русском и других языках, подается в значительно меньшей мере, нежели на таджикском, и имеет скорее развлекательный, чем общественно-политический и социальный характер. Особенно это касается телевидения и радио. Ситуацию немного сглаживают печатные СМИ, в частности газета «Азия Плюс», которая более и менее пытается сохранить общественно-политический статус. Остальные же издания занимаются тем, что перепечатывают материалы из российских газет, либо публикуют материалы с содержанием явного пиара определенного лица или предприятия. Значительное место в газетах и журналах отводится рекламе.

По данным Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан на 2010 год, в национальный состав населения, кроме таджиков, входят: узбеки (926344 человек), русские (34838 человек), татары (6495 человек), киргизы (60715 человек), туркмены (15717 человек), украинцы (1090 человек), немцы (446 человек), корейцы (634 человек), казахи (595 человек), осетины (396 человек), белорусы (104 человек), евреи (34 человек), армяне (434 человек), башкиры (143 человек), азербайджанцы (371 человек), афганцы (3675 человек), цыгане (2334 человек), турки (1360 человек), китайцы (801 человек), англичане (104 человек) и многие другие. [1]

Итого в Республике Таджикистан проживают представители более 34 национальностей, численность каждой из которых составляет более 100 человек, и еще

55 национальностей с меньшей численностью населения. Из этого числа своим родным языком владеют представители 71 национальности, таджикским языком владеют представители 52 национальностей, а русским языком – 58. Если перевести эти цифры на количество человек, то мы получим следующие результаты: языком своей национальности владеют – 7498938 представителя различных национальностей; как языком другой национальности, таджикским языком владеют – 27809 человека; русским – 7851 человек.

Если учесть тот факт, что электронные и печатные СМИ в Таджикистане издаются в большинстве на таджикском и русском языках, то 1139024 человека, проживающих на территории Таджикистана, находятся в информационном вакууме и изолированы от общественно-политической жизни страны, что является серьезной проблемой в формировании общественного мнения вплоть до возникновения угрозы государственности, так как информационное поле, в таком состоянии может заполнится противоречивыми сообщениями не инициированными СМИ.

Практически 15,6% населения страны ограничены в возможностях доступа к основным средствам массовой информации в Таджикистане, в то время когда согласно статье 2 Закона РТ «О печати и других средствах массовой информации» государство обеспечивает право граждан Республики Таджикистан на использование родного языка и других языков народов республики при получении и распространении массовой информации.

Этот же Закон гласит о том, что средства массовой информации Республики Таджикистан осуществляют свою деятельность на государственном языке и на других языках в соответствии с Конституцией Республики Таджикистан и законодательством Республики Таджикистан.

Совокупность данного закона и основной части населения, говорящей на таджикском и русском языках, объясняет наличие электронных и печатных СМИ исключительно на данных языках. Понятно, что не одному редакционному коллективу или теле-радиостанции не выгодно и убыточно открывать или издавать что-либо для определенно небольшой этнической группы на их родном языке.

Однако оставлять без внимания 15,6% населения страны по крайней мере не гуманно, а по большей ведет к раздробленности населения, к возникновению враждебных чувств и нетерпимости наций, проживающих на одной территории, по отношению к друг другу. В условиях многообразия различных культур, религий и мировоззрений, важно формировать у общества такие понятия как толерантность, признания различий, ненасилие, веротерпимость и т.д.

И если печатные и электронные СМИ в нашей стране, по ряду объективных и субъективным причин, не в состоянии осуществить данные задачи, то своеобразным «спасительным кругом» тут могут выступить Интернет-СМИ.

На сегодняшний день интернет-СМИ завоевали статус эффективного средства формирования общественного мнения, и этот факт максимально используется владельцами различных интернет-сайтов. Возрастает роль интернет-ресурсов как регуляторов поведения людей и общественного мнения в политической жизни современного государства, в том числе и Таджикистана. Растущая популярность социальных сетей, блогов, форумов и т.д. создают новые механизмы влияния на общественное мнение, в роли которых выступают оценки, отзывы и комментарии интернет-пользователей, признанными авторитетными и компетентными в виртуальном и реальном мире.

Широкий спектр возможностей, который предоставляет глобальная сеть в силах разрушить существующий информационный вакуум этнических групп и сформировать общественное мнение, направленное на единство и примирение всех национальностей проживающих в поликультурном пространстве Таджикистана.

Развитие Интернета в Таджикистане сформировало новое направление в профессиональной системе журналистики – Интернет-СМИ.

В современных словарях термин интернет-СМИ определяется как веб-сайт, ставящий своей задачей выполнять функцию средства массовой информации (СМИ) в сети Интернет. Как и печатные издания, интернет-издания руководствуются принципами журналистики. [7]

По Т.Ф. Ефремовой, Интернет-СМИ – газеты, журналы и т.п., создаваемые с помощью интернет технологий и доступные читателю через интернет. [5]

Итак, интернет-СМИ в современном понятии можно рассматривать как медиа-среду, аналогичную телевидению, радио и прессе. Это регулярно обновляемые авторитетные информационные сайты, которые служат источником информации для определенной аудитории.

Процесс развития Интернет-СМИ прогрессирует во всем современном мире и становится объектом научных исследований.

Что касается Таджикистана, то до определенного момента Интернет не рассматривался в качестве средства массовой информации, имеющего все возможности для формирования общественного мнения, вследствие чего не являлся объектом соответствующего внимания со стороны государственных властей. Однако с ростом числа интернет-пользователей и активизацией информационных ресурсов в степени влияния на общественное мнение поменялось и отношение таджикских властей к интернет-пространству.

Интернет-пространство стало восприниматься не только как средство массовой информации и коммуникации, но и как информационное пространство, несущее угрозу государственности. Это подтверждают слова из выступления президента Таджикистана на Всемирном саммите по информационному обществу в Тунисе 16 ноября 2005 года. В своем выступлении Эмомали Рахмон призвал контролировать интернет-ресурсы: «Учитывая что эти знания и технологии могут попасть в руки деструктивных сил, способных нести угрозу нашей коллективной безопасности и устоям современного общества, считаем необходимым усилить работу по обеспечению информационной безопасности и безопасности сетей, укреплению доверия пользователей, повышению надежности и защиты целостности как данных, так и сетей». [4]

Как результат данного послания можно привести в пример закрытие ряда интернет-сайтов в июле 2012 года, инициированное главой службы связи при правительстве Таджикистана Бека Зухурова. В число временно заблокированных интернет-сайтов вошли сайты BBC, «Лента.ру», сайт телеканала «Вести», «Озодагон», Youtube и fergananews.com. [9] В ноябре того же года также была временно заблокирована социальная сеть «Facebook». [6]

Стремительное развитие интернет-СМИ в Таджикистане, рост интернет-пользователей, существующие претензии к качеству информации, размещаемой в глобальной сети, вынуждают государственные органы контролировать и координировать работу не только интернет-СМИ, но и интернет провайдеров. В настоящее время в Республике Таджикистан происходит процесс ужесточения контроля над содержанием публикаций, размещаемых в национальном сегменте сети Интернет и блокирование доступа к нежелательному, с точки зрения властей, контенту, размещенному в доменных зонах не подпадающих под национальную юрисдикцию. Так, например, в июне 2011 года был заблокирован религиозный сайт политического деятеля Ходжи Акбара Тураджонзода. [8]

Трансформация механизмов формирования общественного мнения привела к тому, что государство, а также политические и экономические элиты, невольно передали рычаги влияния блогерам, писателям и другим авторитетным личностям, по мнению интернет-среды.

Включение интернет-СМИ в процесс формирования общественного мнения актуализирует появление еще одной серьезной проблемы. На нее указывает Т.А. Бондаренко: «Компьютерные технологии втягивают человека в виртуальную реальность, представляющую собой смесь правды, полуправды и лжи, где трудно отличить одно от другого. Наши представления о мире, возникающие на основе СМИ,

есть нечто сделанное, опосредованное: век газет, а тем более телевидения и Интернета заменяет собственный жизненный опыт человека набором чужих мнений, опосредованных ими. При этом такого рода суждения часто выступают в форме непосредственной очевидности, хотя, по сути дела, есть не более чем чье-то анонимно сконструированное мнение». [2] Таким образом, интернет-СМИ из средства формирования общественного мнения могут трансформироваться в инструмент манипуляции общественным мнением, что в свою очередь определяется как один из способов господства и подавления воли граждан путём духовного воздействия на людей через программирование их поведения. [3]

Наряду с негативными факторами нынешних интернет-ресурсов, можно отметить ряд положительных возможностей, среди которых можно отметить роль интернет-СМИ в поликультурном пространстве Таджикистана.

В контексте медиа Интернет не имеет себе равных благодаря своим широким возможностям. В первую очередь это оперативность предоставления информации в любом месте и в любое время; накопление и хранение информации, т.е. архивация любой глубины; возможности технического оформления журналистских материалов; функции поиска; интерактивность (налаживание обратной связи при помощи форумов, чатов, онлайн-конференций, благодаря чему не составляет затруднений составить анализ аудитории) и т.д.

Литература:

1. Агентство по статистике при Президенте РТ. Национальный состав, владение языками и гражданство населения Р.Т. Том 3. – Душанбе, 2012.
2. Бондаренко Т.А. Виртуальная реальность: социально-философский анализ. – Ростов н/Д., 2006.
3. Кара-Мурза С. Г. Манипуляция сознанием. – М.: Алгоритм, 2004. – 528 с.
4. Текст выступления Президент Таджикистана Эмомали Рахмонова на Всемирном саммите по информационному обществу (ВСИО) в Тунисе 16 ноября 2005 года.
5. Ефремова Т.Ф. Новый словарь русского языка. Толково-словообразовательный. – М.: Русский язык, 2000. [Электронный ресурс]. URL: http://www.efremova.info/letter/+i.html (дата обращения: 26.03.14)
6. Фасхутдинов Г. В Таджикистане закрыли доступ к Facebook. [Электронный ресурс]. URL: http://rus.ruvr.ru/2012_11_26/V-Tadzhikistane-zakrili-dostup-k-Facebook/ (дата обращения: 28.03.14)
7. Свободная энциклопедия Википедия: Интернет-СМИ [Электронный ресурс]. URL: http://ru.wikipedia.org/wiki/%C8%ED%F2 (дата обращения: 26.03.14)
8. Худояров У. В Таджикистане заблокировали религиозный сайт. [Электронный ресурс]. URL: http://ru.kloop.tj/2011/06/02/russkiy-v-tadzhikistane-zablokirovali-religioznyiy-sayt/ (дата обращения: 28.03.14)
9. Шохина Н., Фасхутдинов Г. В Таджикистане закрыт доступ к ряду интернет-СМИ. [Электронный ресурс]. URL: http://www.dw.de/в-таджикистане-закрыт-доступ-к-ряду-интернет-сми/а-16132109 (дата обращения: 28.03.14)

ЯЗЫК СМИ В ПРОЦЕССЕ ФОРМИРОВАНИЯ ОБЩЕСТВЕННОГО МНЕНИЯ

Бокиева Лола Фирузовна

Влияние СМИ на политические, экономические и культурные процессы в условиях динамично развивающейся информационной революции в современном обществе возрастает с каждым годом. В таких условиях важно грамотно использовать методы формирования общественного мнения, учитывая специфику всех этнических групп, проживающих на территории Республики Таджикистан. В статье автор приводит анализ печатных и электронных СМИ, выявляя степень их влияния на гражданское общество, акцентируя внимание на проблеме языка СМИ.

Ключевые слова: Интернет-издания, трансформация, социокультурное взаимодействие, культурное многообразие, законодательство, информационный вакуум.

THE MASS MEDIA LANGUAGE IN THE PROCESS OF PUBLIC OPINION FORMATION

Bokieva Lola Firuzovna

Influence of the mass media on political, economic and cultural processes grows up every year under the terms of dynamically developing information revolution in the modern society. Under such terms it is important competently use the methods for the public opinion formation, considering specifics of all ethnic groups living at the territory of the Republic of Tajikistan. In the article the author carries out the analysis of print and electronic media, defining the extent of the influence on civil society, focusing on the mass media language issue.

Key words: Internet Editions, Transformation, Sociocultural Interaction, Cultural Diversity, Legislation, Information Vacuum.

Сведения об авторе: Бокиева Лола Фирузовна – аспирант 3-го года обучения кафедры печатных СМИ и PR Российско-Таджикского (славянского) университета, тел.: (+992) 906-88-60-00; e-mail: loletta_88@mail.ru

Information about the author: Lola Firuzovna Bokieva, - 3rd year post-graduate student, Russian-Tajik Slavonic University, tel.: (+992) 906-88-60-00; e-mail: loletta_88@mail.ru

БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ИСТИЛОҲОФАРӢ ДАР «ДОНИШНОМА»-И ҲАКИМ МАЙСАРӢ

Юсупов А. И.

Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино

Баъди вуруди Ислом ба Эронзамин забони арабӣ тадричан забони арсаи дину давлат ва илм шуда бошад ҳам, боз ҳам форсии дарӣ, ки воқеан сурати таҳаввулёфтаи забони паҳлавист, бо шеваҳои вожагузинии худ дар миёни донишмандон ривоҷи чашмгир дошт. Бисёр истилоҳоти тиббии ин давраро минбаъд дар осори ал-Қамарӣ, Ахвайнии Бухорӣ, Муваффақиддини Ҳиравӣ, Ҳаким Майсарӣ ва Абуубайди Ҷузҷонӣ вомехӯрем. Чунончи, вожаҳои **darug** (доруг=доруомез, дорусоз), **candih** (чандӣ=камият), **ce-ih** (чиӣ=моҳият), **ciyon-ih** (чунӣ= кайфият), **padirift--or** (пазируфтор =пазиро = қабул), **tan-omand-ih** (танумандӣ=ҷисмият), **tihig-ih** (тиҳигӣ = хало), a-jumbag (аҷунбо (ноҷунбон) = беҳаракат). Истилоҳоти «**оби пушт»-** (нутфа, манӣ), **«чаҳорсӯ»** - (мураббаъ), **«сесӯ»-** (мусаллас), **«дерраванда»** (музмин), **«рагҳои ҷаҳанда», «рагҳои ноҷаҳанда»** (шарён ва варид) ва ғ. дар осори ин донишмандон бар муодилҳои арабияшон бартарӣ доранд. Банда, бо такя ба далелҳои боло, ҷонибдори ақидаи Ҳасан Ризоии Боғбедист, ки мефармояд: «Бисёре аз вожаҳо ва истилоҳоти форсии бакоррафта дар осори бузургоне чун Ибни Сино ва Берунӣ- бар хилофи тасаввури иддае (Муҳаммад Муин «Луғоти форсии Ибни Сино ва таъсири он дар адабиёт» дар «Ҷашнномаи Ибни Сино», Теҳрон,1334 ҳ., ҷ.2., саҳ. 352. дар назар дошта шудааст (Ю. А.),- зоидаи зеҳни халлоқи онҳо набуда, балки пеш аз онон, ҳатто дар навиштаҳои паҳлавӣ собиқа доштааст» [1.527].

Донишмандони исломӣ барои осон гаштани ёдгирӣ, суҳулат дар ҳифз ва нақли улуми мухталиф осори илмиро ба назм даровардаанд, ки маъруфтарини онҳо «ал-Фиқҳ»- и ибни Малик дар илми наҳв ва «Урҷуза фи-т-тиб» - и Ибни Сино дар илми пизишкӣ маҳсуб мешаванд [2.27]. Дар шеъри форсӣ низ манзумаҳои зиёде дар илми

пизишкӣ таълиф шудаанд, ки қадимтарин ва пурарзиштарини онҳо «Донишнома» - и табиб ва донишманди қарни 4-и ҳиҷрӣ Ҳаким Майсарӣ (иборат аз 4481 байт) мебошад [3].

Бояд зикр кард, ки дар «Донишнома» вожа ва таркибҳое, ки номи доруворӣ, ғизо, гиёҳу дарахтони шифоӣ, нӯшокиҳо ва ғайраро ифода кардаанд, 1387 адад буда, дар ин миён бо калимаи «об» 98 истилоҳи мураккаб ва ибораистилоҳи фарматсевтӣ (обкома, обзан (зарфи чӯбин ё филиззӣ, ё сафолин ба андозаи қомати одамӣ бо сарпӯши сӯрохдор, ки беморро дар он мешинонанд ва сар аз сӯрох берун кунанд) (4.38) ва номи 2 беморӣ (оби шикам ва оби марворид сохта шудааст. Калимаи «об» ҳамчун истилоҳ ба маънои «мании мард» омада, дар чанд ҷо ибораи «оби мардон», «оби манӣ», «оби пушт» (Зи мардон низ ронад зуд пас **об**) низ зикр гашта, маънои пешобро ҳам (Ҳалилахӯрдаро **обаш** беҳ ояд) ифода кардааст. Муаллиф дар боби «Асмоуладвия» (номи доруҳо) аз 277 гиёҳ ном бурда, дар боби «Табойиуладвия» (табиати доруҳо) хусусиёти шифобахшии онҳоро тавсиф кардааст. Дар асар номи беш аз 281 беморӣ ва тақрибан 158 истилоҳи анатомиро баршумурдем.

Ба андешаи донишмандон, лексикаи илм, аз ҷумла илми тиб, аз се қабати вожаҳо ташкил ёфтааст: лексикаи умумиистеъмолӣ, умумиилмӣ ва илмӣ (5. 264). Услуби нигориши «Донишнома» низ монанди соири матнҳои манзуму мансури қарни 4-уми ҳиҷрӣ содаву равон буда, дар он аносири услубҳои бадеӣ ва илмӣ бо ҳам омезиш ёфта, аксар вақт бо тақозои риояи вазну қофия овозе ҳазф ё баръакс, илова шудааст. Баъзан вожаҳои маъмулӣ ба сифати истилоҳ ба кор рафта, дар бисёр мавридҳо санъатҳои бадеӣ, монанди тазоду ташбеҳ ва маҷозу киноя ба таври васеъ дида мешаванд. Лексикаи «Донишнома» аз лиҳози фарогирии бахшҳои тиббӣ чунин ба назар мерасад:

Номи беморихо: Дар асар барои ифодаи номи амроз дар баробари вожаҳои аслии тоҷикӣ инчунин вожаҳои иқтибосие ба мисли вожаҳои арабиву юнонӣ ва ғ. ба назар мерасанд, вале қабати асосии лексикаи асарро вожаҳо ва истилоҳоти аслии тоҷикӣ ташкил додааст.

а) истилоҳоти тоҷикӣ: обила, омос ва омоҳ, бод, бановар (ба маънои думмал), бариван (иллатест, ки дар бадани одамӣ пайдо мешавад ва ҳарчанд бармеояд, паҳн мегардад ва хориш мекунад ва онро ба арабӣ қубо мегӯянд), песӣ, оби марворид, боди зишт (боди дажном ва дашном, ки дар «Захира» [6. 621] чунин шарҳ дода шудааст: сурхиест мункар, ки бар рӯй ва атроф падид ояд ҳамчун лавни ибтидоии чузом ва дар зимистон бисёр афтад ба сабаби он ки бухори дамавӣ андар зери пӯст мухтаниқ шавад ва бошад, ки реш гардад), гар, бавли хун, бавли баста; **б) арабӣ:** албавосируланф (бавосири бинӣ), иркуннисо, имтило (фаровонии хун ва ахлот), ихтилоҷ, ихтилоҷи рӯй, тоун, истифроғ, исҳол, интишор (бемории чашм), иннин (марде, ки бар ҷимоъ қодир набошад), баҳақ, босур (бавосир), бусур (доначаҳои дар пӯст пайдошуда), барас, боҳ (ғаризаи ҷинсӣ ва шаҳвонӣ), никрис, лақва (фалаҷ ва раъшаи як тарафи рӯй), ташаннуҷ, хадар, кобус, зуком, назла, сил, сакта, варам, истисқо, уфунат, судда(т), ҷараб, босур, яракон, саратон, истисқо, сил, саръу фолиҷ (фалаҷ), қулинҷ, бавосир, саръ, думмал, доъйи саълаб (бемориест, ки сабаби рехтани мӯй шавад); Тавре ки ба назар мерасад, дар байни вожа-истилоҳоти иқтибосӣ вожаҳои арабӣ бартарӣ доранд. **в) юнонӣ:** қулинҷ, молихулиё,

2. Ҳолатҳои ғайритабиии организм: қай, хориш, таби гарм, дарди сахт, исҳолу халфа, яъне ҳайза ва шикамравиш, суқути иштиҳои таом аз бемор, дарду озор, хафа (фишурдагии гулӯ), дарди сар, дамои куҳна, истисқои зишти бохатар, дарди ҷигар, хуҳ (аракӣ одамӣ, хӯй), хуҳи ганда, оби ишкам, чашми торик, дидори борик (заъфи биноӣ), сӯхта, қазиби суст, дарди зишт, калаф (доғҳое, ки дар сурати инсонӣ пайдо мешаванд), баҳақ, боди лақва, дандони ҷунбон, заифии чашм, балғами хом, дамо (гармо, таб), адво (сироят), дарди чашм, ҷастани чашм ва ғ.

3. Аъзои бадан ва он чи ба вай иртибот дорад: азал (а), амъо, асаб, аъсоб, бавл, буроз, бод (нафас), бару сина, гулӯ, гӯшт, дандон, дам (хун), дил, димоғ, захра. зиҳор, ишкам, кулка (зоҳиран ба маънои куллия (гурда) омадааст), мафосил, меъда, мӯйи қазиб, масона, об (манӣ), олоти бавл, пеҳ, пай, рагҳо, сипурз, садр, тан, устухон, шуш,

ҷигар, пистон, мисориқо. Зикр кардан бамаврид аст, ки дар «Донишнома» ин гурӯҳи истилоҳот миқдоран кам буда, асосан истилоҳоти умумиилмӣ мебошанд.

4. Номи аломатҳо: лахте **сардтар** аст; ҳаме **сардиву хушкӣ** б-устухон аст; ва боди (нафаси) вай ба сони **гармдуд** аст; набзи **заиф;** боди …**низору** тан **наҳиф**. Дар ин ҷо ифодаи ғайриилмӣ ба назар мерасад, яъне ба ивази номураттабии нафас, нуқсони нафас ва ё ягон иллати мушаххаси он вожаи наҳиф корбаст шудааст, ки маъниро образнок ва умумӣ ифода кардааст. Гармгавҳар (қавӣ бошад мар-ӯро низ шаҳват), тавиш (гармӣ, ҳарорат). Доираи истеъмоли сифатҳои гарм, хушк, сард, тар, ҳамчун сифати гавҳар (мизоҷ) дар ифодаи мизоҷи гиёҳҳои шифоӣ ва доруворихо хеле густурда аст. **Вожаи маҳкам** ба маънои ғализ, носолим (савдои маҳкам) омадааст, Вожаи сахт ба ду маъно во мехӯрад: а) аз ӯ дандони ҷунбон **сахт** гардад ва б) мухатра кор бошад **сахт** бедод (бисёр нобаҷо, бемавқеъ), вожаи **бекор** (кунад, то гардад он кас зуд **бекор)** ба маънои бемор низ истифода шудааст.

5. Номи амалҳо: Дар услуби илмии имрӯза, ба вижа дар баёни матолиби тиббӣ, ҳангоми зикри амалҳо, яъне истифодаи феъл хеле душворӣ пеши рӯ меояд ва аксар вақт ифодаи мушаххаси маъно мушкил аст. Дар ин кор «Донишнома» метавонад, бо феълҳои сода ва таркибии зиёди худ, ба назари мо, хеле муассир воқеъ гардад. Чунончи, **фурӯ кардан** ба маънои дохил кардан (яке қатра ба иҳлилаш фурӯ рез), **гирд омадан** ба маънои муҷомиат кардан (гаҳи гирд омадан, ки мард бо зан), ба маънои **ба ҳам наздик шудан** (агар болову паҳно гирд ояд), **гирд овардан** ба маънои фароҳам овардан (пас он гаҳ аз дигар дору ба гирд ор), дар **дамондан**, бӯёнидан, доғ кардан, хун бардоштан, фурӯ бурдан, шикофидан, шикастан, шакидан, биншонадаш дард, нишонад зуд-зуд ӯ дарди дандон, совидан, таскин додан, ором кардан (Ки сафроро диҳад орому таскин), шикастан (кам кардан), раҳидан (сиҳат шудан), ба беморӣ пирӯз шудан, дамондан (Ба бинӣ дамонаш, то боз оядаш ҳуш), сутурдан (мӯй пок аз сар сутурдан), магар гирад аз ин иллат каронӣ (шифо ёфтан), молидан ва андудан (ба бинӣ боз кун, андой бар сар), аз беморӣ берун омадан (Касе, к-ояд зи беморӣ ба берун), бастан (Ва зуд ӯ хуни биниро бибандад), накӯ гаштан (сиҳат шудан) (накӯ гардонад ӯ дидори торик), бастани шикам (исҳолро боздоштан) (Ва хирваъ гарм бошад, баста ишкам), кушодан (исҳол овардан) (Гушояд, гар-ш иллат ҳаст балғам), рондан (Зароеъ аз масона хун биронад ва занонро ҳайз ронад), бурдан (бубарад песиву бошад ба барка (баракат), яъне муфид), хурсанд (шифо ёфтан) –В-агар каждум газад касро, зарованд, -Хӯрад, гардад зи захми неш хурсанд, а**фзудан -** Ва биноӣ **физояд**, ба маънои равшан кардани чашм, яъне қувват бахшидан, зиёд кардани қувваи биноӣ, яке аз аломатҳои тиббӣ; Маниву боҳ **бифзояд,** … шаҳват физояд; **Андоидан** (ба маънои моидан) **-** Гараш бар песӣ **андоӣ** ба сирка; **Ангехтан-**Биянгезад ҳама дарди ниҳонро; **Афтодан (уфтодан) -** Ва исҳол уфтад; **Афкандан -**Яке қатра аз ӯ дар бинӣ афкан; **Бардоштан-** Ҷараҳ бардораду ҳам дойиссаълаб (нест кардан, аз байн бурдан, шифо бахшидан; Ба исҳол аз ҳама ҷулнор бардор (ба маънии интихоб кардан); **Бо доштан (боз доштан) -** Ки бо дорад ба меъда чизҳоро; **Доштан -** Ва дорад бодҳоро чун шариф аст (манъ кардан, боз доштан); **Барӣ шудан-**Ва дард аз чашми ту ҷумла барӣ шуд (билкул нест, нопадид, гум шудан ва аз байн рафтан); **Беҳ кардан-** Валекин ҷастани дил з-ӯ шавад беҳ (муфид ва таъсирбахш будан); **Бар омадан -**Зи навшодир гулӯ аз ҳам бар ояд; **Бар кандан-** бар канад аз бун калафро; **Бастан-** Ва ҷабсин сард бошад, хун бибандад, Гушодахун ба ҷабсин баста гардад (манъ шудан, пеши роҳи хунравиро гирифтан, садди роҳ шудан); **Болидан-** Биболад санг зуд андар масона (калон шудан), **Бурун овардан, бурдан-**… оби ишкам, Бурун орад ва истисқо кунад кам; **Гирифтан-** … вай парҳез гирад; **Гушодан, гушоянда-** Ва басбоса ҳама гарм асту ишкам, Гушоянда-ст аз савдои маҳкам, қай кушояд,… раг кушояд; **Гуворидан-** Ки бигворид сангу устухонро (ҳазм кардан, кам кардан); **Зидоидан-** Зи чашм андар сапедӣ ӯ зидояд; **Шикастан-** Ҳама гарм аст нафту боду балғам, **Шикаста** дораду лаҳва кунад кам. Камкунанда, маглубкунанда, камқувваткунанда, маҳву нобудкунанда; Даруна гарм бошад, **бодишкан, бодшиканда**, камкунанда, несткунанда, маҳвкунанда. Ва гарму хушк бошад бишканад бод, ….. боду балғам шикаста дорад, … бишканад з-ӯ гармиву сард ва ғ.

Тавре ки дида мешавад, донишманд бештар он вожаҳоеро интихоб кардааст, ки умумиистеъмолиянд ва ё ҳамон вожаҳои маъмулиро ба ҳайси истилоҳ ба кор бурдааст. Ин падида махсусан ҳангоми ифодаи номи аломату амалҳо бештар ба назар мерасад.

Майсарӣ низ, - чун дигар донишмандони замонаш, - хостааст, то ҳадди имкон аз вожаҳои истилоҳие, ки аксарашон арабиянд, истифода барад ва дар лаҳзаҳои зарурӣ онҳоро тафсир кунад. Дар ин маврид ҳам қобилияти фавқулодаи шоирӣ ва ҳам олимии вай барало падидор мегардад. Чунончи, дар шарҳи номи амроз **овардааст: Филаъшо** – мар он касро ҳаме шабкӯр хонанд; **Шаъира** он бувад, к-аз пилки чашмон; Баромад чизаке бе дарду осон; **Филқамал** – касе, к-ӯро шапӯш бошад ба мижгон; **Сулоқ** он аст, ки пирки чашмаконаш,-Варам гирад, бирезад мижагонаш; **Сабал** рагҳо бувад бар тарфи дида; Ки **кобус** ибтидои саръ бошад.

Нуктаи ҷолиби дигар дар мавриди тарзи баёни донишманд ин аст, ки муаллиф дар асар баъзе калимаҳои маъмулии забонро ба маънои истилоҳӣ ба кор бурдааст. Чунончи, вожаи **паймудан** ба маънои андоза кардан (дар ҳандаса) ва сафар кардан, **сӯхтан** – пок кардан, дардро нест кардан (яке танро зи беморӣ бисӯзад), **гӯши зард** – сафро, **гӯши сиёҳ** - савдо, лахт ва лахтаке – як қисм ё ҳиссаи чизе, андаке (ва пеҳ аз гӯшт лахте сардтар дон).

Дар асар муодили вожа-истилоҳоти маъмули арабӣ калимаҳои ғайриистилоҳии тоҷикӣ корбаст шудааст: гавҳар –миҷоз, гармгавҳар, хуҳ – арақи бадан, хобдида – болиғ, ҷастани чашм – ихтилоҷи чашм,банерӯ –қавӣ, хаста – маҷрӯҳ, дурустӣ –сиҳатӣ, худованди беморӣ – мариз, тарӣ – рутубат, хушкӣ – юбусат, паҳно –арз, жарф – умқ, боло – иртифоъ, гуворидан –ҳазм кардан, хев –луоб, ҷунбон – мутаҳаррик, бановар – думмал, гар – ҷараб, беҳ гардадаш кор – сиҳат шудан, хими оҳан – ҷароҳат, куҳан (куҳна) – музмин (гар ин иллат куҳан бошад), раг гушодан, хун берун кардан –ҳиҷомат ва ғ. Ҳатто дар як байт истифода кардани як мафҳум бо ду истилоҳ низ дида мешавад: Гар аз хун бошадаш ин, софин **гушояш, -**Вагарна гӯ, **ҳиҷомат** кун зи пояш.

Дар истилоҳҳои **бусури зишт** (Бирезад з-он бусури зишт мӯяш) ва **боди зишт** калимаи *зишт*, ки тарҷумаи вожаи «**злокачественный»-и** русӣ ва «**Malignus» - и** лотинӣ **мебошад,** ҷолиби таваҷҷӯҳ аст, зеро дар матнҳои имрӯзаи тиббии забони тоҷикӣ муродифҳои гуногуни калимаи мазкур (бадсифат,бадхим, хабис, бохавф бохатар, табобатнашаванда, бадзот ва гоҳо истилоҳи Cancer) ба назар мерасанд, ки боиси халалдор шудани ҳамгунсозии системаи терминологияи забони тоҷикӣ мегарданд ва ба назари мо, барои ифодаи ин маъно истилоҳи **«зишт»** -ро ба сифати истилоҳ қабул кардан беҳтар аст.

Дар манзума калимаи **гармо** ҳам ба маънои **гармӣ** ва ҳам ба маънои **таб** (қавӣ гардад, шавад эмин зи гармо) ба кор рафтааст. Калимаи **«орзу»** маҷозан дар асар ба маънои хӯрок, таом омадааст (Ва на бар **орзу** бар сабр кардан), ки дар он давра ба ин маъно роиҷ будааст. Чунончи, дар «Шоҳнома» мехонем:

Чунин дод посух, ки аз беш хвард,
Магар **орзу** боз гардад ба дард.

Ҳаройина, метавон гуфт, ки асари мазкур чи аз лиҳози услуби баён ва чи аз лиҳози фарогирии истилоҳоти соҳавӣ, махсусан истилоҳоти тиббӣ, тарзу усулҳои интихоб, сохтан ва мавриди истифода қарор додани истилоҳот, ғунҷонидани маънии дақиқи илмӣ дар чаҳорчӯби истилоҳоти илмӣ хеле ҷолиб ва қобили пажуҳиши амиқ мебошад. Мо бояд он воситаю имкониятҳои забони тоҷикиро, ки Ҳаким Майсарӣ ҳанӯз ҳазор сол муқаддам тавонистааст, бо истифода аз онҳо чунин як матолиби мураккаби илмиро на танҳо бо забони илмии фаҳмои тоҷикӣ, балки гузашта аз ин, ба сурати манзум баён кунад, омӯзем ва ба суди худ истифода барем.

Адабиёт:

1. Дар бораи забони форсӣ. Маҷмӯаи мақолот. Теҳрон: 1375 ҳ.- 442 саҳ
2. Маҳмуди Наҷмободӣ. Таърихи тиб дар Эрон пас аз Ислом. Теҳрон:1398 ҳ. – 1024 саҳ.

3. Ҳаким Майсарӣ. Донишнома. Дар зери таҳрири Маҳдии Муҳаққиқ. Теҳрон: 1398.- 325 саҳ.
4. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ. Душанбе: 1993. - 416 саҳ.
5. Даниленко В.П. Русская терминология: опыт лингвистического описания. М.: Наука, 1974. -264 с.
6. Сайид Исмоили Ҷузҷонӣ. Захираи Хоразмшоҳӣ.Теҳрон: 1380 ҳ. -399 саҳ.

НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ТЕРМИНОТВОРЧЕСТВА В «ДОНИШНАМЕ» ХАКИМ МАЙСАРИ

Юсупов А.И.

Данная статья посвящена лексическому анализу одного из древнейших медицинских трактатов, написанным Хакимом Майсари на таджикском языке под названием «Донишнаме». В статье рассматривается основные и отличительные особенности трактата и мастерство автора в плане использования и образования медицинских терминов на заре становления и формирования системы терминологии таджикского языка.

К*лючевые слова*: термин, общеупотребительные термины, лексико-грамматические и семантические особенности, терминологизация.

SOME FEATURES OF TERM CREATION IN “DONISHNOMA” OF HAKIM MAISARI

Yuspov A.I.

This article is devoted to the lexical analysis one of the old medical tractate in tajik “Donishnoma” was written by Hakim Maisari. Main and differential features of tractates and masterliness of the author in the way of using and forming of medical terms in the first period of becoming and formation system terminology of tajik language are considered in this article as well as.

***Key words*:** term, common use terms, lexico-grammatical and semantical features, term creation.

Сведения об авторе: Юсупов Абдулло Исмоилович - кандидат филологических наук, заведующий кафедрой таджикского языка Таджикского государственного медицинского университета имени Абуали ибни Сино, тел.: (+992) 985 63 64 65.

Information about the author: Yuspov Abdullo Ismoilovich – Ph. D. in. Philology, docent of the Tajik Language Chair, Tajik State Medical University named after Abuali ibni Sino, tel.: (+992) 985 63 64 65.

РОЛЬ СРЕДСТВ МАССОВОЙ ИНФОРМАЦИИ В ПРАВОВОМ ПРОСВЕЩЕНИИ ГРАЖДАН

Бабаева Ф. Б.
Российско-Таджикский (Славянский) университет

Права человека в начале XX1 века стали общепризнанной нормой человеческой жизни для всего цивилизованного мира. Исходя из этого постулата, правовое просвещение граждан в настоящее время является одним из наиболее актуальных направлений внутренней политики любого государства, оно способствует формированию зрелого гражданского общества, повышает уровень правовой культуры населения.

На сегодняшний день одним из главных путей предотвращения незаконных и недостойных действий со стороны юридических и физических лиц в суверенной Республике Таджикистан, а также защита населением, особенно молодёжью, должным

образом, своих конституционных прав, видится в повышении уровня их правового образования, распространении правовых знаний, путем средств массовой информации. В этой связи, вопросы правового просвещения населения Республики Таджикистан сегодня стоят на повестке дня. В частности, необходимо реформировать государственную политику в области повышения правовой культуры населения, что неоднократно отмечалось президентом страны.

Следует отметить, что данная тема важна прежде всего, тем обстоятельством, что правовые знания неизменно связаны с общественно-политическими позициями той или иной личности на фоне радикальных изменений в социальной среде. Поэтому правовые знания личности, будучи компонентом правовой культуры общества и зависимой от нее величиной, отражает степень и характер ее прогрессивного развития, так или иначе обеспечивающего правомерную деятельность индивида. Она связана с образованностью человека и зависит от его правовой информированности. На современном этапе общественного развития знание правовых норм необходимо человеку и гражданину для полноценной реализации его прав и свобод. Вместе с тем только информированный в юридическом отношении гражданин может стать единицей гражданского общества, которое в состоянии удерживать государство в рамках закона, трансформируя его в истинно правовое. Повышение уровня правовой культуры является необходимым условием развития Республики Таджикистан как государства и способствует дальнейшему процветанию страны. В свою очередь, под правовой культурой мы понимаем «определённый уровень правового мышления и чувств восприятия правовой действительности», а также «надлежащую степень знания населением законов и высокий уровень уважения норм права, их авторитета». (1 - 384ст).

В эпоху развития демократических отношений в РТ правовое просвещение населения может осуществляться разными субъектами (государством в лице органов государственной власти, средствами массовой информации, общественными и коммерческими организациями и т.д.). Эти субъекты пользуются различными инструментами правового просвещения населения — печатью, телевидением, радио, Интернетом, специальной литературой и т.д. В данной работе отражено стремление автора показать соотношение правового просвещения и правового воспитания, обучения, образования, определив особую роль средств массовой информации в процессе повышения правовой культуры населения Таджикистана, проанализировать субъекты и инструменты правового просвещения населения республики. На наш взгляд, наиболее полное изучение правового просвещения населения невозможно без анализа эффективности правовой пропаганды и правового просвещения населения через печатные СМИ, выработки рекомендаций по повышению эффективности этого процесса на современном этапе развития страны. В важнейших документах законодательной и исполнительной власти Республики Таджикистан, неоднократно отмечается, что именно одним из главных путей предотвращения незаконных и недостойных поступков защита молодежью своих прав заключается именно в повышении уровня их правового образования. Республика Таджикистан также идёт по пути создания специальных норм, регламентирующих процесс производства и распространения средств массовой информации. И хотя опыт законодательного регулирования в этой сфере в РТ не слишком велик, в настоящее время в стране действует несколько десятков нормативных актов, в той или иной мере, регламентирующих правовой статус СМИ; расширяется международно-правовая основа регулирования данной сферы общественных отношений. По мнению целого ряда ученых, сегодня уже можно говорить о формировании новой отрасли права - права СМИ, или, еще шире, - информационного права, обладающего собственным предметом и методом регулирования. По оценкам международных экспертов Законы РТ, регулирующие СМИ, содержат позитивные положения, включая гарантии свободы средств массовой информации, системы выдачи лицензий частным радио-телевещателям, систему обеспечения доступа к информации, имеющейся в

государственных органах, и правовые требования о том, чтобы общественные законы соответствовали международному праву. По определению английских экспертов Законы РТ также содержат значительное число положений, нуждающихся в усовершенствовании. Это, прежде всего, касается регистрации СМИ, положения о журналистах, частной жизни, защите источников информации и свободы информации. В целом, по мнению Нуралиева А., «конституционные нормы Республики Таджикистан соответствуют требованиям демократического и правового государства, к чему стремится общество. Как во всех демократических странах, в конституционных правах наличествуют нормы, касающиеся отдельных вопросов функционирования средств массовой информации, которые является, вместе с другими законами, единым механизмом правового регулирования СМИ». (3- с.- 122, с. 7]. Таким образом, проблемы, связанные с организацией правового воспитания, являются первостепенными, так как их теоретическое и практическое разрешение позволит поднять престиж права и воспитать уважение к закону у граждан; создать условия для развития гражданской и правовой активности общества; расширить информирование населения о законодательстве Республики Таджикистан и обеспечить доступ всех слоев населения к юридической информации; привлечь все государственные институты и общественные организации к решению проблем правового воспитания, сформировать основы правовой культуры таджикского общества. Некоторые учёные уподобляют этот процесс по своей значительности появлению колеса. В частности Никитин А. Ф. замечает, что «закон как инструмент организации общественных отношений — пока непревзойдённое и всеобъемлющее средство социального регулирования и контроля».(2 -112ст).

В статье, так же следует, отметить цель работы, которым является выяснение конструктивной роли средств массовой информации как инструмента и субъекта правового просвещения населения Республики Таджикистан. Учитывая, что в правовом просвещении населения огромную роль играет государство, которое является главным субъектом повышения правовой культуры своих граждан, работа в этой связи может быть использована для совершенствования деятельности государства по правовому просвещению населения, для грамотной организации взаимодействия государства с иными субъектами повышения правовой культуры граждан, в частности, со средствами массовой информации.

Литература:

1. Общая теория права: Учебник для юридических вузов / Ю.А. Дмитриев, И.Ф. Казьмин, В.В. Лазарев и др. Под общ. ред. А.С. Пиголкина. – 2-е изд., испр. и доп. – М: Изд-во МГТУ им. Н.Э. Баумана, 1996. – 384 с.
2. Никитин А.Ф. Что такое правовая культура? – М.: Просвещение, 1988. – 112 с.].
3. Нуралиев А., Шамсов Р. Правовые основы журналистики. Учебное пособие. Душанбе – 2005. С. - 122, с. 7.
4. Прохоров Е.П. Журналистика и демократия - М.: «РИП-холдинг», 2001.

РОЛЬ СРЕДСТВ МАССОВОЙ ИНФОРМАЦИИ В ПРАВОВОМ ПРОСВЕЩЕНИИ ГРАЖДАН

Бабаева Фарзона Бахрулаевна

В статье сформулированы обоснованные определения понятия «правовое просвещение посредством СМИ», определены и проанализированы этико-правовые принципы взаимодействия журналистского сообщества с населением республики.

***Ключевые слова*:** СМИ; гражданин; журналист; закон; деонтология; система долженствований; этические нормы; правовые кодексы; регулирование; юридический документ; соблюдение определенных правил.

ROLE OF MASS-MEDIA IN LEGAL ENLIGHTENMENT OF CITIZEN

Babaeva Farzona Bahruloevna

The article contains justified definition of 'legal awareness through media', and defines and analyses ethical and legal principles for journalist community in interaction with the people.

***Key words*:** Media; citizen; journalist; law; deontology; medical ethics; system of oughtness; ethical standards; legal codes; regulation; legal document; following certain rules.

Сведения об авторе: Бабаева Фарзона Бахрулаевна - аспирант кафедры Истории и теории журналистики и электронных СМИ Российско-Таджикский (Славянский) университет, тел.: (+992) 918 61 87 07 (м.), e-mail: farzona_babaeva@mail.ru

Information about the author: Babaeva Farzona Bahruloevna - postgraduate of Chair of History and Theory of Journalism and Electronic Mass-Media, Russian-Tajik (Slavonic) University, phone: (+992) 918 61 87 07 (м.), e-mail: farzona_babaeva@mail.ru

КОРБАНДИИ КАЛИМАҲОИ МУРАККАБ ДАР АШЪОРИ САЙИДОИ НАСАФӢ

Тиллохоҷаева М., Пӯлодова Ш.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Заминаи асосии калимаҳои мураккаб воҳидҳои синтаксисӣ, пеш аз ҳама ибора буда, калимасозии исмҳои мураккаб масъалаи муносибати исмҳои мураккаб ва ибораҳоро ба миён мегузорад. Дар забони адабии тоҷик калимасозии исмҳои мураккаб хеле сермаҳсул буда, имконияти муъҷаз ва рехта ифода кардани фикр пайдо мешавад. Вожаҳои мураккаб дар осори шоирони сабки ҳиндӣ фаровон ба кор рафта, яке аз хусусиятҳои ин сабки адабӣ ба шумор меояд.

Оид ба пайдоиш ва ривоҷи сабки ҳиндӣ дар қаламрави адабиёти форсии Фароруд муҳаққиқи шинохта Нуров Н. андешаронӣ намуда, Сайидоро аз намояндагони ин ҳавзаи адабӣ, ки муҳимтарин хусусиятҳои сабки мазкурро дар ашъораш ҷой дода ва бад-ин васила ба офаридани беҳтарин шигардҳои шеърӣ даст ёфтааст, маҳсуб медонад.

Воқеан ҳам, Сайидои Насафӣ аз симоҳои барҷастаи адабиёти классикии форсу тоҷик буда, бо осори гаронмояи худ баҳри ғановати забони тоҷикӣ нақши муҳим гузоштааст. Дар адабиётшиносии тоҷик омӯзиши ҳаёту фаъолияти Сайидо аз ҷониби чанд муҳаққиқон сурат гирифта бошад ҳам, вале ба ҷиҳати забонии осори шоир камтар таваҷҷӯҳ зоҳир гардидааст. Бино ба таъкиди Мирзоев А., дар эҷодиёти Сайидо нисбат ба дигар шоирони ҳамзамонаш, ки аз пайравони сабки ҳиндӣ буданд, калимаҳои мурккаби бисёрҷузъа зиёдтар ба мушоҳида мерасад.

Аз таҳлили ғазалиёти шоир маълум мегардад, ки бо роҳи тобеъ сохтани калимаҳои мураккаб барои ифодаи маъниҳои тоза ва афкори рангину шоирона имкон фароҳам овардаанд. Махсусан, калимаҳои мураккаби бо роҳи тобеъ сохташуда ҳунару маҳорати шоирро дар истифодаи ҷузъҳои ғайримаъмул ва роҳҳои васлшавии нодири вожаҳоро бозгӯ мекунанд. Аз ҷиҳати таркиби морфологӣ ин гуна калимаҳоро метавон чунин дастабандӣ кард:

Исму исм. Бо ин қолиб исмҳои ифодакунандаи шахс, ашё ва исмҳои маънӣ сохта мешавад:

Фитнаро, эй наргис, аз бодомчашмон ёд гир,
Ин сабақ таълим аз устод мебояд гирифт (12,150).

Баъзан яке аз ҷузъҳо исми шахсро дар бар гирифтааст:

Асирам карда ҷодуе, ҷаҳон з-ӯ кофиристоне,
Харобам карда золиммашрабе, сӯҳбатгурезоне (12, 612).

Гоҳе яке аз ҷузъҳои калимаи мураккаб аз исми хос таркиб ёфтааст:

Чу бӯи пираҳан шӯхе, чу Юсуф исматоине,
Зулайхоҳашмате, зарринқабо, симингиребоне (12, 463).

Аз байти мазкур ҷузъи сифатии вожаи мураккаби «симингиребон» аз сифати нисбӣ иборат аст.

Курси хуршед ба Исонафасон арзонӣ,
Зери гардун чу маҳи нав лаби нон моро бас (12, 301).

исму сифат:

По зи ҳад берун ниҳодан қатъи пайванди худ аст,
Дасткӯтаҳ мекунад нохундарозӣ токро (12, 29).
Ҳар кас ба хонаи аҳли карам рафт дастхушк,
Бар остони хонаи худ ҷо надодаанд (8, 200).

2. Роҳи дигари созмонёбии калимаҳои мураккаб аз исму сифати феълӣ сурат мегирад:

Дастбаста зоҳидро ҷониби калисо бурд
Хат зи рух бурун овард, ақлу ҳуш аз мо бурд (12, 630).
Остини муддао ҷуёи дасти бехудист,
Пои хоболуда хоҳад гашт домангири ӯ (12, 444).

Дар мисоли поён калимаи мураккаб баръакс ҷузъи аввал аз сифати феълӣ ва ҷузъи дувум аз исм таркиб ёфта, сифати шахсро ифода кардааст:

Асбоби айш баҳри ту омода кардаам,
Чун гул кушодарӯву табассум ба лаб биё! (12,15).

3. Сифату исм. Ин тарзи калимасозии исмҳои мураккаби тобеъ, ки ҷузъи асосӣ исм ва ҷузъи тобеъ сифат мебошад, сермаҳсул ва серистеъмол буда, исмҳои мураккабе, ки бо ин роҳ сохта шудаанд, шахс, ашёҳои мушаххас, ҳодисахои олами ҳастӣ ва мафҳумҳои гуногунро бо аломату нишонаҳои он ифода менамоянд: тозадимоғ «Соғари бода ба каф, тозадимоғ омадаӣ» (12,473).

Хотири равшандилон аз шиша нозуктар бувад,
Кӯи кулфат мешавад андак ғубор оинаро (12,82).
Рӯзи шанбе ҳаст рӯзи марги тифли бадмизоҷ
В-арна ҳар дам иду ҳар соат шаби одина аст (12,120).

4. Зарф ва исм:

Шамъ бо оташ мадоро то қиёмат мекунад,
Сӯҳбати дерошноён истиқомат мекунад (12,183).
Умрест, дил зи сина ба пои пуробила
Дар ҷустуҷӯи хори маҳелон баромада (12,467).

5. Исму феъл. Ин гурӯҳи исмҳои мураккаб ба ибораҳои феълӣ ҳамнисбат мебошад. Дар ин гурӯҳи калимаҳо муносибати амал ба ашё мушоҳида мешавад. Ин тарзи калимасозӣ хеле қадимӣ буда, дар забони адабии ҳозираи тоҷик низ сермаҳсул ба шумор меравад. Таркиби морфологии ин гурӯҳи исмҳо бештар аз исму асоси замони ҳозираи феъл фаро ҳам ёфта, вале исмҳои ифодакунандаи шахс гурӯҳи асосиро ташкил медиҳад. Он ба ихтисос, касбу кор ва машғулияти шахс далолат менамояд:

Худоҷӯро саҳархезӣ шавад афзунтар аз пирӣ,
Дар айёми хазон гулдаста мебандад баҳор ин ҷо (12,63).

Бо ин қолиб исмҳои ғайришахс фароҳам омада, муносибати ҷузъи асосӣ ба ҷузъи тобеъ ҳамчун муносибати амал ба ашё воқеъ мешавад:

Эй хуш он рӯзе, ки бардоранд гардунро зи сар,
То шавад равшан чӣ бошад зери ин сарпӯшҳо (12,87).

Ҳунармандии шоир аз корбандии теъдоди фаровони ин қабил калимаҳо, ки дар чор банди як мухаммас 31 калимаи мураккаб ба кор рафтааст, равшан ба зуҳур мерасад. Ба монанди, золиммашраб, сӯҳбатгурезон, сайёдҳуш, барқҷавлон, оҳунигоҳ, ошночашм, фарангизода, гулқандтаркиб, шакаромез, камандафган, паризод, қавибозу, балоангез, сумано ғӯш, рухсор, чамангулбаргаъзо, баҳорангез, даштпаймо, биёбонгард, адоватҷӯй, пурчин, пуртир, ғазаболуда, сияҳчашме, гуландоме, ошиқхаридоре, саропо, тамошодӯст, таҷаллобахш, дилбурда, оинакирдор:

Ғизоли даштпаймое, биёбонгард нахчире,
Адоватҷӯй бераҳме, зи сар то пой тазвире,

Хабин аз хашм пурчине, камон аз кина пуртире,
«Ғазаболуда абруе, ба хун тар карда шамшере,
Куҷо аз дасти ин кофар амон ёбад мусалмоне!»… (12,612).

Дар як ғазал иборат аз 10 байт 34 калимаи мураккаби тобеъ барои ифодаи сифати маҳбуба хизмат кардааст: баҳорафшон, чаманпарвоз, раъноҷилва, пироҳангулистон, парвонамаҳтоб, биҳиштоин, мурассаътаркаше, чобуксаворе, қодирандозе, қавибозу, камондоре, хадангалмоспайконе, қиёматхез, оламошӯбе, ҷангҷӯе, тундхӯе, бепушаймоне, танҳораве, шабгард, сияҳмасте, ошиққуше, ханҷарбадасте, исматоине, зулайхоҳашмате, зарринқабо, симингиребоне, адофаҳм, расоҳуше, ошночашме, ширинлабе, мижгонзабондоне, мурассаъпӯш, таҷаллиостин, субҳдомоне:

Чу бӯи гул сабукрӯҳе чу шабнам тезпарвозе,
Назар ғоибшаве, тамкинсабо, симобороме.
Каломи чарбширине, забон бодоми қандине,
Даҳони пур зи эҳсону лаби омодаинъоме (12,498).

Бо роҳи мазкур калимаҳои рехта низ ба мушоҳида расиданд:

Дар дукон дорам матои касмаёбу касмахар,
Рӯзгоре шуд, хиҷолат дорам аз колои хеш (12,309).
Бе мураббӣ мекунад андешаи осудагӣ
Хонабардӯше, ки дур аз муттако афтодааст (12,145).

Яке аз хусусиятҳои забони эҷодиёти Сайидо аз он иборат аст, ки бештар барои ифодаи таъкид бо усули якҷоя кор фармудани калимаҳои мустақилмаъно аз исм, сифат ва дигар ҳиссаҳои нутқ калимаҳои мураккаб месозад: парвонамаҳтоб «Қади ҳангомаҷӯ шамъе, рухи парвонамаҳтобе»; мурассаътаркаш «Мурассаътаркаше, чобуксаворе, қодирандозе»; таҷаллиостиндаст «Ба хобам, Сайидо, омад мурассаъпӯшмаъшуқе, таҷаллиостиндасте тулӯи субҳдомоне»; санавбарқомат, соидмусаффо:

Санавбарқомате, бодомчашме, гулбадан шӯхе,
Нигоринпанҷае, по дар ҳино соидмусаффо.

Ё худ дар абёти поён калимаҳои мураккаби иборат аз 4-5 ҷузъ ба мушоҳида мерасанд, якшаҳрошиқхонабардӯш аз панҷ решаву як пешванд (дар ин маврид вазифаи миёнвандро адо кардааст):

Кабобам карда бепарвохироме, чашммайнӯше,
Қаландармашрабе якшаҳрошиқхонабардӯше (12,116).
Мусофирпарваре, ороми ҷоне, соҳибидроке,
Сафарнокардамардумдидае, савдогари ҳуше (12,116).

Бино ба таъкиди Мирзоев А., ин усули калимасозӣ дар осори шоирони дигари адабиёти классикии мо чун Фирдавсӣ, Низомии Арӯзӣ ва Заҳири Форёбӣ ба кор рафта, вале он дар ашъори Сайидо боз ҳам инкишоф ёфтааст, монанди «якшаҳрошиқхонабардӯш», «сафарнокардамардумдида», «гармошночашм», «таҷаллиостиндаст».

Муҳаққиқ аз муқоисаи осори баъзе шоирони дигари асри XVII ба хулосае расидааст, ки шакли содатари ин усул дар ашъори Мир Саидшариф монанди ошиққушҳариф, ишвапардоз, мавзунхиром, сахттанноз, беҳударанг ё худ дар шеъри Хоҷа Қаландари Расвои Ҳисорӣ низ дучор мешавад:

Ситамгаршуъҳлахӯ абрӯкамондоре, ки ман дорам,
Расад сад новаки бедоди мижгонаш ба ҷони ман (8,117).

Маълум гардид, ки бо таъсири сабки ҳиндӣ калимасозии мураккаб дар назм ҷойгоҳи махсус дошта, вале корбасти фаровон ва пайдарпайи калимаҳои мураккаб, ки на тан ҳо иборат аз се ҷузъи мустақил (исм+исм+феъл) мижгонзабондон (12,463), (сифат+исм+феъл) зарринкамарбанд (12,495), (сифат+исм+исм) гармошочашме (12,495), (исм+исм+сифат) гулбаданшӯх (12,496), балки бештар аз он аз чор ва ҳатто панҷ ҷузъ, ба монанди: (исм+пешванд+феъл+исм) насиҳатношунавгӯше (12,495), (пешванд+исм+исм+пасванд) ноошнотабъон (12,291), (исм+пешванд+феъли ёриди ҳанда+исм+феъл+пасванд), сафарнокарда мардумдида, (шумора+ исм + исм + исм +

пешванд + исм) «якшаҳрошиқхонабардӯш» маҳз дар ашъори Сайидо ба мушоҳида мерасад.

Хулоса, Сайидо на танҳо аз вожаву таъбир ҳои маъмули забони тоҷикиро моҳирона ба кор гирифтааст, балки барғановати он афзуда, бо истифода аз имконоти забон, калимоти нав ва дархури ниёз сохтааст, ки бори дигар ҳунармандӣ ва дасти қавӣ доштани ӯро дар суханварӣ нишон меди ҳад. Аз баррасии калимаҳои типи тобеъи шоир метавон ба чунин натиҷаҳо расид:

а) усулҳои калимасозӣ аз замони зиндагии шоир то имрӯз устувор боқӣ мондаанд, яъне гарчи тарзу воситаҳои калимасозӣ дар ҷараёни инкишофи забон баъзан ба тағйирот дучор шуда бошад ҳам, вале хусусиятҳои асосии худро нигоҳ доштаанд;

б) зербинои забони Сайидо мабнӣ бар калимаҳои мураккаб буда, бо роҳи васл кардани ҷузъҳои ғайримаъмули калимот маъниҳои нозуки муассиру завқангез ифода гаштаанд;

в) дар ашъори Сайидо калимаҳои мураккаби тобеъ аз ҷиҳати тарзи ташаккул ба ҳамдигар монанд набуда, ҳатто аз 4-5 ҷузъ низ сохта шудаанд;

г) дар як навъи жанри адабӣ корбаст гардидани зиёда аз 30 калимаи мураккаб (мураккаби тобеъ) аз таваҷҷӯҳи шоир ба ин навъи калимасозӣ далолат мекунад;

ғ) дар ашъори мавриди назар бо чунин калимаҳои мураккабе дучор омадан мумкин аст, ки онҳо дар ин шакл имрӯз дар забони тоҷикӣ ба назар намерасанд. Баъзе вожаҳо ба нудрат истифода шудаанд ва ҳатто чанде аз онҳо собиқаи корбурдӣ надоранд ва хоси забони шеъри ӯ мебошанд.

Адабиёт:

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди 1. –Душанбе: Дониш, 1985.
2. Зоҳидов А., Осимова Б. Фарҳанги воҳидҳои фразеологии лаҳҷаи Хуҷанд – Хуҷанд: Нури маърифат, 2013.
3. Мирзоев А. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик. –Душанбе, 1947.
4. Нуралӣ Нурзод. Мактаби пайравони Бедил ва мароҳили таҳаввули сабки ҳиндӣ дар адабиёти форсӣ Фарорӯд // Ганҷи сухан (маҷмӯаи мақолот) №3, Хуҷанд, 2007.
5. Рустамов Ш. Калимсозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик. –Душанбе: Дониш, 1972.
6. Сайидои Насафӣ. Асарҳои мунтахаб. Душанбе, 1977.
7. Шукуров М. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад. –Душанбе: Ирфон, 1985.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ СЛОЖНЫХ СЛОВ В СТИХАХ САЙИДО НАСАФИ

Тиллоходжаева М., Пулодова.

В названной статье автор анализирует и использует многозначные термины и поговорки, которые были отражены в прозах Сайидо Насафи. По мнению автора, используемые поэтом, новые слова, относящихся для социальной жизни, в настоящее время не теряли свою ценность.

Ключевые слова: способы словосочетаний, сложные существительные, сложные слова, проза Сайидо, фразеологические единицы.

USE OF COMPLEX WORDS IN VERSES OF SAIDO NASAFI

Tillohogaeva M., Pulodova Sh.

In this article the author analyzes and uses multivalued terms and sayings that were reflected in the prose of Said Nasafi. According to the author, new words used by the poet, related to social life, does not currently have lost their value

Key words: ways of phrases, complex nouns, compound words, prose, Salido, phraseological units.

Сведения об авторах: Тиллахаджаева Мухаббат – кандидат филологических наук, зав. кафедрой методики преподавания языка и литературы ХГУ им. академика Б.Гафурова (+992) 733-45-19, e-mail: tillyahodzhaeva@mail.ru

Пуладова Шоира - кандидат филологических наук, доцент кафедры методики преподавания языка и литературы ХГУ им. академика Б.Гафурова (+992) 770-45-80

Information about authors: Tillahujaeva Muhabbat – Ph. D. in Philology, head of the chair of language and literature teaching method, KSU named after academician B. Chafurov, tel.: (+992) 733-45-19, e-mail: tillyahodzhaeva@mail.ru

Pulatova Shoira – Ph. D. in Philology, docent, Chair of language and literature teaching method, KSU named after academician B. Chafurov, tel.: (+992) 770-45-80

“ЮСУФ ВА ЗУЛАЙХО”-И ШОҲИНИ ШЕРОЗӢ

Элбоев Вафо

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Мавлоно Шоҳини Шерозӣ аз шоирони машҳури яҳудитабор аст, ки дар охирҳои асри Х111-и мелодӣ таваллуд ёфта, дар нимаи дуюми асри Х1У вафот кардааст. Аз рӯзгори Шоҳини Шерозӣ маводи зарурӣ хеле кам дастрас аст ва дар тазкираҳо низ рӯзгору маслаки ӯ сабт нагардидаанд. Аз рӯи маводе, ки Шоҳини Шерозӣ дар муқаддима ва хатми асарҳояш қайд кардааст, маълум мегардад, ки ӯ 75-80 сол умр дидааст.

Дар адабиётшиносии тоҷик бори аввал, соли 1958 дар бораи Шоҳини Шерозӣ ва осори ӯ Муҳаммадҷон Раҳимӣ маълумот додааст, ки ин мавод хусусияти обзорӣ дорад (5,12). Инчунин, М.Раҳимӣ дар маҷаллаи “Маданияти Тоҷикистон”, №8 саҳ. 12-17 пораҳо аз достони “Юсуфу Зулайхо”-и Шоҳинро чоп кардааст (5,12-17).

Соли 1964 дар маҷаллаи “Шарқи Сурх”, №2, саҳ. 101-113 намунаҳо аз “Юсуфу Зулайхо”-и Шоҳини Шерозӣ дар таҳияи М. Раҳимӣ ва Н. Муллоқандов ба чоп расидааст (6,101-103).

Муҳаққиқи яҳудитабори тоҷикистонӣ Натан Муллоқандовдар бораи Шоҳини Шерозӣ ду мақолаи илмӣ нигоштааст, ки маводи овардаи ӯ арзиши хоси илмиро қоил аст(6,151 ва 7,379).

Донишманди Эронӣ Абдурасули Хайёмпур дар“Фарҳанги суханварон” оид ба Шоҳини Шерозӣ чунин навиштааст:“Шоҳини Бушаҳрӣ - шоири яҳудӣ, бо номи Шовул ва соҳиби маснавии “Юсуфу Зулайхо”, аз муосирони Шоҳ Шуҷои Оли Музаффар, дар қарни ҳаштум зиндагӣ кардааст (1, 492).

Аҳмад Гулчини Маонӣ дар маҷаллаи “Донишкадаи адабиёти Табрез”, шумораи аввал дар бораи Шоҳини Шерозӣ чунин мавод овардааст: “Шоҳини Бушаҳрӣ, шоирест яҳудӣ, ки дар қарни ҳаштуми ҳиҷрӣ (13-14 мелод) мезиста ва муосири Шоҳ Шуҷои Оли Музаффар буда. Вай шоири мутавассите буда, ба форсӣ шеър мегуфтаву ба ибрӣ менавишта ва маснавии “Юсуфу Зулайхо” аз ривояти Таврот ба назм оварда, ки шомили 9000 байт аст. Тарҷумаи ҳоли Шоҳин дар тазкираҳои форсӣ мастур нест, вале уламои яҳуд ӯро ба номи аслии вай “Шовул” мешиносанд” (2, 390).

Достони “Юсуфу Зулайхо”-и Шоҳини Шерозӣ, ки сарчашмаи аслии он Библия (3) ва Қуръон (4) аст, соли 1360 дар баҳри ҳазаҷи мусаддаси маҳзуфнавишта шуда, аз 9000 байт фароҳам омадааст. Достон бо байтҳои зерин сар мешавад:

Калимуллоҳ амини ҳазрати роз,
Расули додгар, шабҳо ба парвоз.
Амину муқтадои халқи олам,
Чароғи дудаи авлоди одам.
Далелу раҳнамои шоҳу дарбон,
Шафеъи оҷизони аҳли имон.
Авони ҳазрати Ҷаббор бечун,
Адӯи Балъаму Болоқу Қорун,
Набии мурсалу фахри замона,
Шаҳаншоҳи башар, моҳи ягона...
...Хушилҳон андалеби қуллаи Тур,
Макони коиноту маъдани нур.
Худо пайғамбаре дигар ба олам,

Чу Мӯсо н-офарид аз насли одам. (7, 14)

Аз байҳои аввали достон аз вожаҳои “Калимуллоҳ”, “расули додгар”, “амин”, “муқтадо”, “набии мурсал” ва “андалеби қуллаи Тур” муайян аст, ки манзури шоир васфи Мӯсо пайғамбар аст ва дар байти ниҳоӣ ин матлабро кушод баён кардааст, ки:

Худо пайғамбаре дигар ба олам,
Чу Мӯсо н-офарид аз насли одам.

Матни достон дар асоси як нусхаи дастнависи серғалати фонди дастнависҳои ба номи А. Мирзоеви Институти забону адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, №1729 ва нусхаи шахсӣ аз ҷониби Н.Муллоқандов таҳия шуда, вале то ҳоло нашр нагардидааст.

Ҳамин тавр, достон аз васфи Худову Мӯсои пайғамбар оғоз гардида, шоир тадричан баъд аз қисмҳои анъанавӣ ба мундариҷаи достон мегузарад. Дар қисмҳои анъанавӣ, ки бештар ҷанбаи таърихӣ доранд, шоир афкори зиёди ахлоқии худро баён доштааст.

Достони “Юсуфу Зулайхо”-и Шоҳини Шерозӣ бар асоси сабки нигориши “Таврот”, ки воқеаҳоро муфассал баён медорад, нигошта шудааст.

Дар достони Шоҳини мисли достонҳои анъанавии форсии тоҷикӣ сужети қисса аз хоби Юсуф оғоз мегардад ва то марги Юсуфу Зулайхо расида, анҷом мепазирад.

Шоҳини дар достон бештар ба масъалаҳои таърихва ахлоқтаваҷҷӯҳ кардааст. Мавзӯи ишқ дар достони ӯ дар радифи дуюм қарор дорад. Ба назар мерасад, ки Шоҳин дар масъалаи амонатнигоҳдории қавмӣ (қавми яҳудӣ) саъй дорад.

Кушоиши сужети достони Шоҳин асосан аз қисмати “Огоҳ шудани мисриён аз омадани Юсуф” оғоз мешавад:

Равон шуд корвон з-он ҷо ба таъҷил,
Даруни Миср шуд аз ҷониби Нил,
Ба Миср овозаи Юсуф даруфтод,
Ки қавми мисриён гаштанд дилшод. (7, 49)

Дар байтҳои баъд шоир ба васфи Юсуф байте чанд мегӯяд, ки сужети достон аз кушоиш ба қисмати авҷи воқеа мегузарад:

Ки оварданд ибризодае хуб,
Ки султону гадоро ӯст маҳбуб.
Ба боло ҳамчу сарви бӯстон аст,
Ба чеҳра ҳамчу моҳи Осмон аст.
Чу ҷои Моҳ агар бинад рухаш Хур,
Бигӯяд: -Аз ҷамолаш чашми бад дур!.
Ҳадиси Юсуф он к-ӯ мешунидӣ,
Шитобон сӯи Молик медавидӣ. (7, 51)

Дар қисмати авҷи воқеа шоир фаслҳои “Огоҳӣ ёфтани Азиз Миср ва Зулайхо аз овардани Молик Юсуфро”, “Талаб кардани Азизи Миср Моликро ҷиҳати Юсуф”, “Овардани Молик Юсуфро дар майдон”, “ Арза кардани даллол Юсуфро ба муштариён”, “Сухан гуфтани Юсуф бо даллол ҷиҳати шикасти нафс”, “Пайғом фиристодани Зулайхо бар Азиз ҷиҳати харидан Юсуфро”, “Бурдани Азизи Миср Юсуфро ба хонаи худ ба назди Зулайхо, “Эътибор кардани Азизи Миср ба Юсуф ва бору манзил ба ӯ супурдан”-ро овардааст, ки дар пайдарпайӣ баён шудаанд.

Аз фасли “Оғози қиссаи ошиқ шудани Зулайхо ба Юсуф” шурӯъ карда, авҷи воқеаҳои достон ба тезиву суръати баланд ҷараён мегиранд:

Зулайхо пас, ки Юсуфро чу фарзанд,
Бипарвардӣ, аз он бигзашт якчанд,
Дигаргун шуд дилаш з-он меҳрубонӣ,
Ҳаво зад роҳи сабраш ногаҳонӣ.
Зи ногаҳ порсо нопорсо шуд,
Ба доми ишқи Юсуф мубтало шуд.
Зимоми сабр аз чангаш бадар шуд,
Дилаш аз баҳри ӯ зеру забар шуд.

Асоси ишкро бунёд бинҳод,
Дари офат ба рӯи хеш бикшод.
Ниҳоли ошиқӣ андар дилаш руст,
Шуд андар ишқи Юсуф чобуку сут. (7, 63)

Баъд аз ин фаслҳои “Арз кардани Зулайхо худро бари Юсуф”, “Илхоҳ кардани Зулайхо бо Юсуф”, “Наво задани Зулайхо ба ҳоли худ”, “Мунозара кардани Зулайхо бо Юсуф”, “Мунозара кардани Юсуф бо Зулайхо”, “Ошкоро кардани Зулайхо ҳоли худро ба доя” ва ғайра пай дар пай омада, хати сужетро тезу муҳаррик мегардонанд.

Дигар фаслҳо ба масъалаҳои ишқи Зулайхоро қабул накардани Юсуф, даридани пироҳан, гувоҳии кӯдак, ҷамъ кардани занони Мисрӣ ва дастбурии онҳо, зиндонӣ шудани Юсуф, хоби Фиръавнро пешгӯӣ карда, аз зиндон раҳо шудан, ба вазорат расидан, мардуми Мисрро аз гуруснагӣ раҳонидан, омадани бародарон ба Миср ҷиҳати бурдани ғалла, дар сари роҳи Юсуф сохтани кулбаи эҳзон аз ҷониби Яъқуб, аз гиря нобино шудани ӯ, бурдани Бинёмин ба назди Юсуф бо ризоияти падар, дар навбати дигар шиносонидани Юсуф худро ба бародарон, даъвати падару байти ӯ ба Миср, овардани пироҳани Юсуф ва аз шафоати он бино гардидани Яъқуб, дидори падару писар, азобҳои Зулайхо ва ба дидори Юсуф расидани ӯ ва бо дуои Юсуф ҷавонзани зебо гаштани Зулайхо, бастани никоҳи онҳо аз ҷониби Яъқуб, аз бутпарастӣ ба парастиши Худои воҳид гаравидани Зулайхо ва фарҷоми зиндагии онҳо бахшида шуда, дар пайдарпайии ифодаи Таврот бо овардани номи қариб ҳамаи ашхоси қисса баёни бадеӣ ёфтаанд.

Достони “Юсуфу Зулайхо-и Шоҳини Шерозӣ бо байтҳои зерин ба охир мерасад:

Агар тавфиқ бахшад ҳаййи ҷовид,
Худои Меҳру Моҳу Тиру Ноҳид.
Зи фар(р) нақше барангезам дигар бор,
Шавад “Аржанг”-и Мониро сазовор.
Таке дар водии фикрат битозам,
Зи нав назме дигар ширин бисозам. (7, 520)

Шоҳин дар фасли “Дар таърихи ихтитоми “Юсуфу Зулайхо” гӯяд”, чунин абётеро овардааст:

Ба соли ҳафсаду шасти ҳилолӣ,
Аз ин тазмин намудам даст холӣ.
Ҳазору шашсаду ҳафтоди дигар,
Гузашта буд зи таърихи Сикандар,
Ки ман з-ин суфтани маънӣ раҳидам,
Сари шодӣ ба гардун баркашидам. (7, 521)

Байти:

Ба соли ҳафсаду шасти ҳилолӣ,
Аз ин тазмин намудам даст холӣ.

баёнгари мудаллали соли хатми достон (760 ҳиҷрӣ) 1360 - и мелодӣ мебошад.

Дар достон гурӯҳи калони чеҳраҳо, аз ҷумлаи Юсуф, Зулайхо, Яъқуб, фарзандону аҳли байташ, корвониён, Молик Заър, Азизи Миср, Фиръавн, зиндониён, фарзандони Юсуф Менашше , Эфроим ва дигарон омадаанд.

Аз чеҳраҳои фаъоли достон Юсуф, Зулайхо, Яъқуб, Молик Заър мебошанд.

Юсуф дар достон симои пайғамбару пешво ва наҷотдиҳандаи мардум бо ҳама рафтору гуфтори хуб ва симои зебояш тасвир шудааст. Юсуф аз нигоҳи шоир воқеан як шахсияти барҷастаи таърихӣ мебошад, ки бо ҳама хислатҳояш баррасӣ шудааст.

Ҳангоме ки Юсуфро Молик Заър барои фурӯхтан меорад, даллол аз сифатҳои хубии Юсуф ба мардум дод мезад:

Мунодӣ кард даллоли ҳунарвар,
Ки: -Эй номоварони шаҳру кишвар!
Ғуломе маҳлиқои муштариваш,
Ғуломе гулъузору дилбари х-ваш,
Ғуломе бахтиёру ҳурпайкар,

Ғуломе лоларӯю писташаккар!
Ғуломе бо ҳаёю ҳилму бошарм
Ғуломе бо ҷамолу илму озарм.
Ғуломе нозуку бас нозанине,
Ғуломе бо саодат ҳамқарине!
Ғуломе ҳақшиносу ростгӯе,
Ғуломе зираку боорӯе! (7, 113)

Дар тасвири Шоҳин Юсуф бо он ҳусни Худодод маҳрур нест, ҳамеша ботамкин аст ва ҳар амали худро дониста анҷом медиҳад, ҳамеша эҳтиёткор аст. Вале ҳамеша дилаш дар ёди падараш Яъқуб ғамгин аст:

Вале Юсуф зи баҳри пири Канъон,
Гаҳу бегаҳ будӣ пайваста гирён.
Набудӣ ҳамдамаш ҷуз дарди Яъқуб,
Рафиқу мӯнису дилдори маҳбуб.
Валекин дарди Юсуф бедаво буд,
Аз он к-аз пири Канъонаш ҷудо буд. (7, 164)

Юсуф чеҳраест, ки ахлоқи баланд дорад ва мардум ба ӯ пайравӣ мекунанд, ӯ намунаи ибрати ҳамагон аст. Шоҳини Шерозӣ ҳамчун як шоири огоҳ аз дардҳои воқеии иҷтимоӣхостааст бо ин амали худ ба зимомдорони замонаш панде диҳад, ки дар роҳбарӣ ба раият мисли Юсуф бошанд. Барои шоири огоҳ офаридани чунин симоҳои барҷаста аз дарди иҷтимоӣ оғоз мегирад, ки ин амалро шоир огоҳона анҷом додааст.

Юсуф шахси кордон, хирадманд, ояндабин ва бо ҳама баробар аст, дар муборизаи ду тафаккур омун (бутпарастӣ) ва яктопарастӣ (Худои воҳид) ғолиб меояд. Шоир Юсуфро дар воқеъ зебо тасвир кардааст:

Зи Моҳу Муштарию Зӯҳраи нур,
Басе зеботарӣ, эй дилбари ҳур,
Парӣ аз рӯи хубат дар ҳиҷоб аст.
Ғуломи ҳусни хубат Офтоб аст.
Ҳамеша боғи ҳуснашро баҳор аст,
Гулу сунбул бар ӯ доим ба бор аст.
Зи акси рӯят, эй хуршеди рахшон,
Ҷигар пурхун шавад, лаъли Бадахшон!
Ту шоҳи ҷумла хубони ҷаҳонӣ,
Ҳама ҷисманд дар хубӣ, ту ҷонӣ. (7, 211)

Симои Зулайхо дар достон дар аввал ҳамчун як зани вафодори ба Азизи Миср содиқ, вале баъди бархӯрд бо Юсуф тамоман бо рафтори дигар ҷилва мекунад ва ӯ аз хоби дидааш, ки Юсуф ба ӯ умеди васл дода буд, истифода карда, баъди ба булуғ расидани ӯ, бо ҳар роҳу василае мехоҳад бо ӯ муошиқат кунад, вале Юсуф ин матлабро рад мекунад.

Зулайхо зани хеле зебост ва дар тасвири шоир чунин омадааст:

Зулайхо дар бари Юсуф яке рӯз,
Биёмад ҳамчу Хуршеди дилафрӯз,
Бунафша бар гули рӯяш сумансой,
Латифу хушу мавзунаш ҳама ҷой.
Зи ҳуснаш оташи хубӣ фурӯзон,
Бад-он оташ дили ушшоқ сӯзон,
Баҳоре буд, рухсораш ба хубӣ,
Хиҷил буд аз димогаш боғи тӯбӣ.
Руху холаш зи анбар буду лола,
Абирафшон-ш бар мушкингулола,
Ду чашми наргису ҳусни ҷаҳонсӯз,
Ба гетӣ он чу шаб буд, ин рухи рӯз. (7, 253)

Баъд аз даридани пироҳани Юсуф ва зиндонӣ шудани ӯ симои Зулайхо фаъол нест, вале ӯ ҳамвора дар фироқи Юсуф аст ва ҳама дороиву сарвату зебоии худро дар роҳи

васли ӯ сарф карда, билохира бо кӯмаки Худованд ба висоли Юсуф расида, ҷавонзани зебое мегардад, бо Юсуф зиндагӣ карда, баъди марги ӯ бо марги табиии худ мемирад, яъне достон на бо фоҷиа, балки некбинона ба анҷом мерасад.

Аз саҳнаҳои тасвиркардаи шоир аз ишқи Зулайхо бо Юсуф ба назар мерасад, ки ишқи Юсуф бо Зулайхо ишқи дуюмдараҷа аст ва дар достон бештару ҷаззобтар муҳаббати падар ба писар, яъне Яъқуб бо Юсуф тасвир шудааст.

Симои Яъқуб дар достон ҳамчун пайғамбар, роҳбари қавме ва падари писаргумкарда, ки дар муҳаббати ӯ қуввати биноии худро гум кардааст, тасвир шудааст. Яъқуб симои некбин аст, ба ояндаи нек боварӣ дорад. Дар кулбаи эҳзони худ бо Худои худ аст ва сабр пешаи ӯст. Ин сабру шикебоӣ дар охир ӯро ба манзили мурод мерасонад.

Молик ибни Заър дар достон аз хайрхоҳони Юсуф аст, ӯро аз муносибати бади бародаронаш раҳо карда, бо иноятi Худованд ба Миср бурд, то ӯ дар он ҷо бузург шуда, ба дараҷаи вазорат расида, мардумро аз қаҳтсолӣ наҷот дод.

Симои бародарони Юсуф дар достон бо ҳама қабоҳату разолаташон ва ғадру хиёнат ба фарзанди падари худ тасвир шудаанд, ки баррасии ин масъалаи ахлоқӣ аз назари шоир дур намондааст.

Ҳарчанд, достони Шоҳин достони мутавассит аст, аз орову пирояҳои бадеӣ холӣ нест ва истифодаи бемаврид аз саноеи бадеӣ ҳусни достонро афзудааст. Устодии Шоҳини Шерозӣ бештар дар истифодаи ташбеҳ, тавсиф, талмеҳ, таззоду муқобала ва тавсифу нидо ва ғ. ба назар мерасад.

Мисолҳо аз ташбеҳ:

Зане будаш ба зебоӣ чу ҳуре,
Бағоят гулъузори хушзуҳуре. (7, 97)
****
Ба ҳурони биҳиштӣ монад он рост,
Чу ҳурон нозуку матбуъу зебост. (7, 123)
****
Ба боло ҳамчу сарви бӯстон аст,
Ба чеҳра ҳамчу моҳи осмон аст. (7, 133)
****
Даҳан чун писта будаш, лаб чу шаккар,
Ба гулбарги рухаш холе зи анбар. (7, 301)
****
Ту гӯӣ буд ӯ ҳури биҳиштӣ.
Зи сар то по набудаш ҳеҷ зиштӣ. (7, 302)

Мисолҳо аз тавсиф;

Ки: -Эй симинбари сарви гуландом,
Нигори лоларух, хуршеди айём. (7, 294)
****
Ту шоҳи ҷумла хубони ҷаҳонӣ,
Ҳама ҷисманд дар хубӣ, ту ҷонӣ! (7, 296)
****
Зи Моҳу Муштарию Зӯҳраи нур,
Басе зеботарӣ, эй дилбари ҳур. (7, 211)

Мисолҳо ба талмеҳ:

Хушилҳон андалеби қуллаи Тур,
Макони коиноту маъдани нур. (7, 169)

Ин ҷо шоир ба ҳикояти рафтани Мӯсои пайғамбар ба кӯҳи Тур ва шунидани садои Худованд ишорат кардааст.

Бад-ӯ бевосита асрор гуфтӣ,
Калими ҳикмату ахбор гуфтӣ. (7, 172)

Дар ин байт шоир аз сухан гуфтани Худованд бо Мӯсои пайғамбар ва Калим унвон гирифтани ӯ ҳикоят кардааст, ки талмеҳ аст:

Байти дигар ишора ба баромадани Офтоб аз Чин (яъне аз Шарқ) дорад, ки киноя аст:

Чу шаб бугзашт, дигарбора шуд рӯз,
Зи нав султони Чин гардид фирӯз. (7, 162)

Шоир дар ду фасл аз қисматҳои аввали достон таззоду муқобаларо ба таври равшан баён намудааст.

Ғуломе бахтиёру ҳурпайкар,
Ғуломе лоларӯю писташаккар!
Ғуломе боҳаёю ҳилму бошарм
Ғуломе боҷамолу илму озарм.
Ғуломе нозуку бас нозанине,
Ғуломе бо саодат ҳамқарине. (7, 118)

Ва:

Ба даллол он гаҳе Юсуф чунин гуфт,
Ки: -Бодо бод ҷонат бо хирад ҷуфт.
Бигӯ оворaеро мефурӯшанд,
Зи ҷон бечорaеро мефурӯшанд.
Ғуломе оҷизу ҳайрону мискин,
Ғуломе мустаманду зору ғамгин.
Ғуломе бекасу бехешу ғамхор,
Ғуломе хастаю саргаштаю зор.
Ғуломе аз хушӣ ногаҳ бурида,
Ғуломе меҳнати бисёр дида. (7, 120)

Дар ин байтҳои овардашуда ҳам таззоду муқобала, ҳам сифатчинӣ ва ҳам мунозарaро шоир хуб ифода кардааст.

Вожаҳои сифатии бахтиёр, ҳурпайкар, лоларӯ, писташаккар, нозук, нозанин, оҷиз, ҳайрон, мискин, мустаманд, зор, ғамгин, ҳайрон, бекас, бехеш ва ғайра ҳамчун сифат чида шуда омадаанд.

Мисолҳо ба нидо:

Бари шавҳар Зулайхо кас фиристод,
Ки: -Эй ҷонат ба нури ҳикмат обод. (7, 200)
****
Азиз ӯро навозиш кард бисёр,
Пасон гаҳ гуфт: -Эй сархайли туҷҷор. (7, 181)
****
Бигуфт Юсуф Зулайхоро, ки:- Эй моҳ,
Чаро гаштӣ ба нодонӣ ту аз роҳ? (7, 319)
****
Ҷавобаш дод Юсуф: - Эй парирӯ,
Карам кун, баҳри қодир, тарки ман гӯ. (7, 232)
****
Зулайхо гуфт бо Юсуф, ки: - Эй ҷон,
Карам кун, беш аз ин моро маранҷон. (7, 271)

Забон муҳимтарин омили тасвири бадеӣ ва асоситарин унсури адабиёт аст, ки Шоҳини Шерозӣ аз дороиҳои забони форсии тоҷикӣ истифода кардааст. Дар достон забони асар дар услуби бадеӣ аз як ҷониб аз сухани муаллиф, яъне шоир аз тарафи дигар ба воситаи сухангӯии персонажҳои асар, ки ин як усули (приёми) адабист, амал мекунад, вале он ҳамеша дар мароми бадеии шоир ва назорати он қарор дорад. Яъне забони асар ва муаллифон дар як робита ва ҳамбастагии қавии мантиқӣ қарор доранд.

Сифати сухан дар достони Шоҳини Шерозӣ хуб аст, ки шоир ҳар вожа ва ҳар мафҳумро, ки маншаи шеър аст, ба ҳама тобишҳои асливу маҷозӣ ва мантиқиву фалсафӣ баркашида ва ҳар суханро андеша кардаву санҷида, мақсадро муайян карда, дар ҷои зарурӣ ҷойгузин кардааст, ки ҳам хусусияти ахборӣ (коммуникативӣ) ва ҳам эстетикии худро дуруст ифода карда тавонад.

“Юсуфу Зулайхо”-и Шоҳини Шерозӣ бо забони хуби форсии тоҷикӣ эҷод гардида, дар он дороиҳои сарфиву наҳвӣ ва луғавии забон гуворову нуктасанҷона ба қалам омадаанд. Ҳамаи он нуктаҳои муҳим, ки асари бадеиро барҷаставу баландмазмун ва дилнишин мегардонанд, луғатҳои шинаму пурмаъно, ифодаҳои асливу маҷозӣ, таъбирҳо, зарбулмасалу мақолҳо, санъатҳои мухталифи бадеӣ, ки дар якҷоягӣ услуби эҷодӣ ва ҳунари шоирро дар нигоштани асар муайян мекунанд, мебошанд.

Дар достон ифодаҳои маҷозӣ ва мақолҳо хеле зиёд корбаст гардидаанд ва ҳеҷ забон холӣ аз маҷозу ифодаҳои киноявӣ буда наметавонад. Воҳидҳои тасвири маҷозӣ ё фразеологӣ дар достони “Юсуфу Зулайхо”-и Шоҳини Шерозӣ басомади зиёд доранд ва баҳри рангинии сухани шоир истифода шудаанд.

“Юсуфу Зулайхо”-и Шоҳини Шерозӣ саршори ифодаҳои маҷозист.

Ҳоло чанд намунаи онҳоро баррасӣ менамоем.

Чу зад Хуршеди тобон рух ба зардӣ,

Фурӯ гашт аз ҳисори лоҷувардӣ. (7, 94)

Ифодаҳои “рух ба зардӣ задан”ва “фурӯ гаштан аз ҳисори лоҷувардӣ” маҷозанд, ки ҳамзамон ифодаи дуюм хусусияти киноявӣ дорад, яъне ба маънои баромадани Офтоб аст.

Ҳама омода дар кор истоданд,

Назарҳо дар рухи Юсуф ниҳоданд. (7, 101)

“Назар дар рухи Юсуф ниҳодан” ба маънои нигоҳ кардан ва дидан омадааст.

Дар байти дигар:

Ки он Хуршеди тобон кай биёяд,

Ҷамоли хештан шонро намояд. (7, 105), ифодаи маҷозии “ҷамоли хештанро намудан” истифода гардидааст, ки ба маънои худро намудан ва ба назди мардум баромадан аст.

Ҳамегуфтанд: -Кай бинем рӯяш,

Ки як раҳ сӯхтем дар орзӯяш. (7, 107)

“Як раҳ дарорзӯяш сӯхтан” ифодаи маҷозист, ки маънои аслиаш ба дидори касе мӯҳтоҷ шудан, бисёр дер дидан ва пазмон шудан аст.

Дар байти зерин ду маънои маҷозии зебо ба кор бурда шудааст:

Намекард он хизматро таҳаммул,

Зи наргис лола меафшонд бар гул. (7, 118)

1. Хиҷолатро таҳаммул накардан, яъне рафтори нодурусти касеро тоқат накардан.

2. Аз наргис лола бар гул афшондан киноя аст, аз гиря кардан, оби чашм равонидан.

Дар байти дигар низ ҷуфти ифодаи маҷозӣ корбаст гардидааст:

Набояд боз лангӣ аз баҳояш,

Ки ганҷи олам арзад хоки пояш. (7, 144)

1.”Аз баҳояш лангӣ кардан”.

2.“Ганҷи олам арзидани хоки пояш”, ки ҳарду ифодаи маҷозӣ хусусияти киноявӣ низ доранд. Дар ифодаи якумӣ маънои аслии ба ҳар пуле ё нархе харидорӣ кардани Юсуф меравад. Дар мисраи дуюм маънои наарзидани ганҷи олам ба баҳои Юсуф аст.

Дар баробари бори маъниро дар байтҳои алоҳидаи достон кашидан, мақолаву ифодаҳои маҷозӣ ба достон ҷанбаи фалсафиву мантиқу ҳикмат бахшидаанд, ки аз афкори баланди шоир гувоҳӣ медиҳанд.

Або ин айбҳо бифрӯш, эй дӯст,

Магӯ каҷҷӣ, ки каҷ гуфтан на некӯст. (7, 218)

Ва:

Мунаввар гашт бо дидораш он қаср,

Ки буд ӯ Офтобу Меҳри он аср. (7, 234)

Ва:

Ба фарзандӣ қабулаш кун ту аз ман,

Азизаш дор ҳамчун рӯҳ дар тан. (7, 239)

Ё:

Ҳар он илме, ки гӯӣ бохабар буд,

Миёни сарфарозон номвар буд. (7, 256)

Ҳамин тавр, “Юсуфу Зулайхо”-и Шоҳини Шерозӣ саршори вожаву ибораву ифодаҳои забони форсии тоҷикист, ки шоир аз ибтидо то интиҳо достонро бо ин дороиҳои зебоӣ оро дода, тарзи баёни худро мӯъҷазу дилнишин гардонидааст. Дар достон мазмуну мундарича тавассути ифодаҳои забонӣ ганӣ гардидаанд ва шоир ҳар як вожа, ибора ва шаклу тарзи грамматикиро бардуруст санҷида, дар мавридҳои зарурӣ ба кор бурдааст. Ҳамин махсусиятҳо забони достонро равону самимӣ гардонидаанд.

Адабиёт:

1. Абдурасули Хайёмпур. Фарҳанги суханварон.-Теҳрон. Ҷилди 2,1372 ҳ.560 саҳ.
2. Аҳмад Гулчини Маонӣ. “Юсуфу Зулайхо”- и Шоҳини Бушаҳрӣ //Донишкадаи адабиёти Табрез. Шумораи аввал, 1344 ҳ. Саҳ.390.
3. Библия. Навиштаи муқаддас. Аҳди қадим ва Аҳди ҷадид. Институти тарҷумаи Библия. Мутарҷим Мордехай бен Ҳиё Бачаев.-Стокголм,1992.1456 саҳ.
4. Қуръон. Матни асл ва тарҷумаи маъноҳои он ба забони тоҷикӣ. Тарҷума ва тавзеҳоти М.Умаров.-Душанбе:Ирфон, 2007. 980 саҳ.
5. Шоҳини Шерозӣ. Намунаҳо аз “Юсуфу Зулайхо”. Ба чоп тайёркунанда. М.Раҳимӣ//Маданияти Тоҷикистон. №8, 1958. Саҳ.12-17.
6. Шоҳини Шерозӣ. Намунаҳо аз “Юсуфу Зулайхо”. Ба чоп тайёркунанда. М.Раҳимӣ//Шарқи сурх. №2,1964. Саҳ.101-113.
7. Шоҳини Шерозӣ.Юсуфу Зулайхо. Матни дастхат (нусхаи шахсии Н.Муллоқандов), бидуни нашр.

«ЮСУФ И ЗУЛЕЙХА» ШАХИНА ШЕРОЗИ

Элбоев Вафо

Данная статья посвящена всестороннему изучению и литературоведческому анализу поэмы «Юсуф и Зулейха» ШахинаШерози, поэта X1V века таджикско-персидской литературы.ШахинШерози, подражая классикам персидско-таджикской литературы, создал поэму «Юсуф и Зулейха», которая опиралась больше на Библию.

***Ключевые слова*:** Коран, поэма, сказка, любовь, Юсуф, Зулейха, легенда о любви, религиозный.

«YUSUF AND ZULAIKHO» OF SHAHIN SHIROZI

Elboev Vafo

The article is devoted to the wide learning and analyze of the poem of «Yusuf and Zulaikho» written by Shahin Sherozi, the poet of XIVth century.ShahinSherozi following Persian and Tajik classics created the poem of «Yusuf and Zulaikho» which leant to Biblya.

***Key words*:** Koran, poem, story, Love, Yusuf, Zyleikha, legend, love, religious.

Сведения об авторе: Вафо Элбоев -кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикской литературы Таджикского государственного педагогического университета им.Садриддина Айни, тел.: (+992) 93-531-44-08. e-mail: vafo_1965@ mail. ru

Information about the author: VafoElboev- Ph. D. in Philology, docent of Tajik Literature Chair, Tajik State Pedagogical University named after SadriddinAini. Tel.: (+992) 93-531-44-08. E-mail: vafo_1965@ mail. ru

ҚУРЪОН ВА ҲАДИС НАХУСТСАРЧАШМАИ ТАҲАВВУЛИ АДАБИЁТИ СӮФИЁНАИ ФОРСУ ТОҶИК

Ҳоҷӣ Ҳусайн Мусозода
Шӯрои уламои вилояти Суғд

Пайдоиш ва ташаккули тасаввуфи исломӣ ва таваҷҷӯҳ ба заминаҳои зухури он бозгӯи он аст, ки ирфон бо такя бар амалҳои мухталифе чун зуҳду тақво, парҳезгорӣ ва дунёбезорӣ арзи ҳастӣ намудаанд. Ин аркони муҳим, ки дар пайрезии тасаввуфи исломӣ низ нақши муассире дорад, зеро агар ба рӯзгору ақволи сӯфиёни аввалин таваҷҷӯҳ намоем, равшан ҳувайдо мешавад, ки дар оғоз тасаввуф бештар хислати амалӣ дошта, дар сурати ичрои рукнҳои аввалияи ирфонӣ ба ҷилва омадаанд. Агар Иброҳими Адҳам дар шумори аввалин сӯфиён эътироф шудаанд, бештар дар тазкираҳои ирфонӣ ба даст кашидани вай аз ҷоҳу ҷалоли дунёӣ ва подшоҳӣ ишорат шудааст. Дар идомаи ин роҳ мутобиқ ба иттилои тазкираҳои нахустини ирфонӣ маълум мешавад, ки аксаран аз намояндагони аҳли тасаввуф, чун Мансури Ҳаллоҷ, Зуннуни Мисрӣ, Ҷунайдӣ Бағдодӣ, Робиаи Адвия ва дигарон дар тариқати амалии тасаввуфи амалӣ қадамҳое бардоштаанд. Он чӣ бештар аз ин бузургон боқӣ монда, баъдан тавассути муридони эшон ва муаллифони тазкираҳои ирфонӣ дар сурати ақвол ва ҳатто аъмоли эшон чун каромоти сӯфиёна маҳсуб мешавад.

Аммо дар оғоз бар асари нуфузи ҷанбаи амалӣ ва тақозои ҳар чӣ бештари руҷӯи намояндагони аҳли тасаввуф ба такмилаи рӯҳонии хеш тавассути ичрои аркони ирфонӣ таълиф ва нигориши матолиби сӯфиёна ва ҳатто андешаҳои ирфонӣ ғайриимкон буд ва ҳатто ба пиндори бархе аз ҷонибдорони тариқаҳои мухталифи ирфонӣ ин андешаҳоро талқин менамуданд, ки нахустин қадами сӯфӣ шикастани қалам ва даридани дафтар мебошад. Ҳатто бояд шахсияти сӯфӣ бояд аз рӯи аъмол ва ақволи ӯ дар маҷолису маҳофили сӯфиёна шинохта шавад.

Бо назардошти ин ки аҳли тасаввуф аслу моҳияти ирфонро дар маърифати офаридгори хеш дар заррот ва маҷмӯи офаридаҳои олам шинохта буданд, андешаву амалҳои эшон дар марҳилаи аввал ба барҳӯрди шадиди намояндагони мазоҳиби мухталиф рӯ ба рӯ шуд.Ҳатто нафароне ҳам рӯи кор омаданд, ки сӯфиёнро ба куфру ширк ва ҳатто бединӣ айбдор намуда, андешаҳои эшонро ғалат мепиндоштанд ва ин рӯйкард ҳатто сабабгори қатли баъзе аз сӯфиёни замони аввал гашт. Ҳамин омил боис шуд,ки дар мароҳили баъдӣ сӯфиёну орифон барои дифоъ аз андешаҳои хеш ва амалкардҳои худ ба нигориши осор бар асоси китоби муқаддаси Қуръон ва аҳодиси Ҳазрати Паёмбар (с) пардохтанд. Ба таъбири дигар, сӯфиён даст ба қалам гирифтанд, то бар асоси китоби муқаддаси Қуръон ва аҳодиси Паёмбар (с) ба субут расонанд, ки андешаҳои эшон сарчашма дар китоби муқаддаси осмонии мусалмонон дорад ва ҳаргиз ин андешаҳо берун аз доираи фарҳанг ва тафаккури исломӣ намебошанд. Ҳамин гуна, аввалин таълифоти ирфонӣ ҳанӯз дар асри даҳуми милодӣ дар қаламрави адабиёти форсу тоҷик ба зуҳур расидаанд, ки дар бештари ин осор маҳз ҳамин андешаҳои сарчашма дар китоби осмонии мусалмонон дошта тафсир мешаванд.

Ҳамин тавр, бар асоси андешаҳои аҳли ирфон бештари аркони ирфонӣ сарчашма дар фармудаҳои Худованд дар китоби муқаддаси Қуръон доранд, ки тибқи онон сӯфия Қуръон ва аҳодиси набавиро нахустин сарчашмаҳои назарии ирфони исломӣ ба шумор меоваранд.

Маълум аст, ки аҳли тасаввуф дар таълимоти худ ғояи онро, ки бояд солик, яъне мутасаввиф дили поку беғаш дошта бошад ба унвони асоси тариқат ба шумор меоваранд. Дигар аз рукни аъмолашон тасфияи рӯҳ аст. Яъне солики роҳи тариқат бояд, ки покизарӯҳ ва соҳиби қалби солим бошад. Аҳли тасаввуф ин амали худро ба ин ояти Қуръони карим мутобиқ медонанд: «Явма ло янфау молун ва ло банун, Илло ман аталлоҳа биқалбин салим». Яъне «Рӯзе, ки ҳеҷ фоида надиҳад молу фарзандон. Лек соҳиби фоида (дар он рӯз) касе бошад, ки биёрад назди Худо дили бе ғиллу ғашро (яъне бо дили поку тоза)» (Сураи «Шуаро», ояти 88-89).

Аҳли тасаввуф дар таълимоти худ ғояи онро, ки бояд солик, яъне мутасаввиф дили поку беғаш дошта бошад пеш мебаранд. Ва дигар аз рукни аъмолашон ташфияи рӯҳ аст. Яъне солики роҳи тариқат бояд, ки покизарӯҳ ва соҳиби қалби солим бошад. Аҳли тасаввуф ин амали худро ба ин ояти Қуръони карим мутобиқ медонанд: «Явма ло янфау молун ва ло банун, Илло ман аталлоҳа биқалбин салим». Яъне «Рӯзе, ки ҳеҷ фоида надиҳад молу фарзандон. Лек соҳиби фоида (дар он рӯз) касе бошад, ки биёрад назди Худо дили бе ғиллу ғашро (яъне бо дили поку тоза)» (Сураи «Шуаро», ояти 88-89).

Бояд гуфт, ки амали бардавоми дар намоз истодан аз ҷумлаи суннатҳои санийяи

ҷаноби Пайғамбар салавотуллоҳи ъалайҳи аст. Саҳобагони киром дар ривоёти худ меоранд, ки қиёми Паёмбар ъалайҳиссалом дар намозҳои нофила (ғайри панҷгонаи мафруза) он қадар бардавом буд, ки мо гумон мекардем шояд ба Паёмбар ваҳй омад. Қиёми ишон дар намоз ончунон дарозу бардавом буд, ки пойҳои муборак варам мекарданд. Риёзату заҳамоти аҳли тасаввуф як кӯшишест дар роҳи эҳёи ин суннати Пайғамбар.

Дар адабиёти ирфории форсу тоҷик шуарои фаровоне ҳастанд, ки муътақидони таълимоти ваҳдати вуҷудӣ маҳсуб мешаванд ва ин гуна маъниро дар ашъори суханварони форсу тоҷик нуфузи фаровоне доранд. Шоирон ва адибони шомили тариқати ирфонӣ ва сӯфимашраб ҷавҳари аслии таълимоти мазкурро баргирифта аз ояти 115 сураи Бақара медоранд, ки дар он омада “Ва мар Худорост Машриқ ва Мағриб, пас ҳар куҷо рӯй оваред, пас он ҷо ваҷҳи Худост, ба дурустӣ, ки Худо фарохраҳмат аст”.

Дар назари аҳли ирфон ибораи «масти аласт» фаровон истифода шуда ва он маъонии мармузи ирфонӣ касб намудааст ва бар асоси он ҳатто таркиби «майи аласт»-ро ба кор бурдаанд ва ҳамеша ин таркиб ва ибораи орифонаи хешро сарчашма дар ин ояти қуръонӣ медоданд: “Ва чун гирифт парвардигори ту аз бани Одам аз пушти эшон авлоди эшонро ва гувоҳ гардонид эшонро бар зоти эшон, гуфт; Оё нестам парвардигори Шумо, гуфтанд, оре, ҳастӣ. Гувоҳ шудем, ки бигӯед рӯзи қиёмат, ҳаройина мо бехабар будем аз ин” (Сураи Аъроф, ояти 171).

Мутобиқ ба ақидаи орифон, ки бар асоси шарҳи ояти мазкур берун омадааст, таркиби масти аласт мазмунии ирфонӣ пайдо мекунад ва тибқи ақидаи онон Худованд рӯзи аласт аз тамоми зуррияти Одам аҳд гирифт, ки магар ман нестам Худои Шумо. Эшон гуфтанд. Бале. Бо гуфтани ин ҷавоб дар вуҷуди инсонҳо нашъаи ишқи ҷамоли илоҳӣ партав афканд ва пас аз он ҳамагӣ масти ҷамоли якто, яъне масти аласт шуданд ва ҳамин таркиб ба вуҷуд омад, ки онро аксари шоирони ориф дар сурудаҳои хеш истифода кардаанд.

Мақоми инсон дар андешаҳои аҳли ирфон хеле бузург аст ва албатта пеш аз ҳама ин ҷойгоҳи инсони комил дар пиндори орифон сарчашма дар он мегирад, ки Худованд бино ба фармудаи китоби муқаддаси Қуръон инсон чун халифаи худ дар рӯи замин офарид ва яке аз сабабҳои аслии он аз рӯҳи худи Худованд офарида шудани инсон маҳсуб медорад. Сарчашмаи ин андеша ҳам такя бар ояи 29 Сураи Ҳаҷр дорад, ки дар он чунин омадааст. Дар он оят омада: “Ва дамид дар он аз рӯҳи худ”.

Аз мазмуни ояти мазкур равшан мегардад, ки ки инсон ҳарчанд мураккаб асту ҷисми хокӣ дорад, вале бар ваҷҳи рӯҳи муқаддаси хеш муборак ва шариф дониста мешавад. Бар ақидаи аҳли ирфон асрори саҷдаи фариштаҳо низ вобаста ба ҳамин рӯҳи муқадасро соҳиб будани инсон буда. Вобаста ба ин дар асоси ин оят шоирон ашъори фаровоне сурудаанд, ки ба қудрати рӯҳонӣ ва бузургии мақоми инсон ишорат доранд. Ҳатто Мавлонои Румӣ ҳам борҳо бо таъкид бар ин маънӣ матолибе сурудааст, ки аз ҷумлаи онҳо ин аст:

Онон, ки талабгори Худоед, Худоед,
Берун зи Шумо нест, Шумоед, Шумоед.

Мавлоно ҳарчанд вуҷуди ҳақро дар вуҷуди инсон таъкил мекунад ва агарчӣ инсонро ба мартабаи Худовандӣ мебардорад, аммо ҳадафаш ҳамон рӯҳи муқаддас аст, ки дар ниҳоди инсон ҷой гирифта, аслу ҳақиқати ӯро муқаррар месозад. Дар Сураи Қоф ояти 19 низ омадааст: «Ва мо наздиктарем аз раги гардан». Ба назар мерасад, ки ин оят низ дар нишон додани мақоми инсон дар андешаҳои орифона ба унвони сарчашмаи муҳим қабул шудааст.

Дар канори ин оёт дар мавриди мақоми рӯҳонӣ ва бузурги инсон чандин аҳодиси Расули Акрам низ мавҷуданд, ки аҳли тасаввуф аз онҳо ба унвони сарчашмаи ақоиди ирфонии хеш истифода мекунанд. Аз ҷумлаи ин аҳодис ин аст“Касе, ки худро шинохт, Худояшро шинохт».

Дил ба даст овардан ва шод доштани дили инсонҳо дар шумори амалҳои муҳимми аркони сӯфиёна ба шумор меравад ва аз ин ҷост, ки дар адабиёти классикии форсу

тоҷик ин андеша сарчашма дар он дорад, ки Худованд бори амонати хешро бар дили инсонҳо ҷой додааст. Ин маъниро Мавлоно ҳам чунин тафсир намуда:

Худои Азза ва Ҷалл гуфт, ман нагунҷидам,
Даруни арзу само, ҷуз, ки дар дили инсон.

Сарчашмаи ин андешаҳои орифона низ пеш аз ҳама китоби муқаддаси Қуръон, ки ишороте ба оёт мазкур рафт ва ҳам аҳодиси паёмбар ба шумор меравад. Аз ҷумла, дар яке аз аҳодиси паёмбар омадааст: “Маҳбубтарин аъмол назди Худованди мутаъол шод кардани мӯъминон аст”.

Маълум аст, ки хамӯшӣ ба унвони яке аз воситаҳои буридан аз қайдҳои дунявӣ дар таълимоти сӯфиёна нақши муассир дорад. Ба назар мерасад, ки ин ҳикмати сӯфиёна дар ҳадиси мазкури Паёмбар (с) маншаъ гирифтааст: “Ҳар ки хомӯш нишаст, начот ёфт”. Аз ҷумла, бо таъсир аз ин ҳадиси муборак Мирзо Абдулқодири Бедил фармудааст:

Начот металабӣ, хомӯшӣ гузин, Бедил,
Ки дар тариқи саломат хамӯшӣ устод аст.

Мутаасифона, баъзе аз шарқшиносони хориҷӣ бар ин ақидаанд, ки мафкураи илмии аҳли тасаввуф ва ҷаҳонбинии онҳо нисбати ҳаёти иҷтимоии давру замони хеш маҳдуду яктарафа буд. Ҳам дар ибтидои пайдоиши илми тасаввуф ва раванди баъдинаи ташаккули он дар мамлики Шарқи наздику Миёна гӯё аҳли тасаввуф ба ҷуз фаъолияти якнавохт ва узлату гӯшанишинӣ кори дигар надоштанд. Аз сӯи дигар гӯё заминаи афкору ақоиди онҳо аз таълимоти адёну оинҳои тоисломӣ маншаъ мегирад. Гӯё дар таълимоти аҳли тасаввуф ақоиду фалсафаҳои Афлотунӣ ва ё оинҳои Маздаку Монӣ таъсир дошта ва ин таълимот аз он оинҳо сарчашма мегирад. Вале омӯзиши амиқи ин масъала бо такя ба адабиёти мавҷудаи тасаввуфӣ нишон дод, ки дар илми тасаввуф басо шахсиятҳое буданд, ки бо эҷоду таълифоти асарҳои худ дар ташаккули заминаҳои илмии тасаввуфи саҳми арзанда гузошта, манбаъ маъхази асосии таълифоту таснифоти худро аз китоби муқаддаси Қуръони карим донистаанд. Масалан, Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ (1207-1273), ки пиру муршиди тариқати «Мавлавия» буданд, ҳангоми эҷоди достони безаволи «Маснавии маънавӣ» аз 104 сураи Қуръон истифода бурда 14 соли умри бобаракоти Мавлоно сари эҷоди ин достон сипарӣ гардид. «Маснавии маънавӣ» 25562 байтро дарбар мегирад. Бо такя ба ҳамин далоил метавон ба ин натиҷа расид, ки заминаҳои аслии илмии ташаккули тасаввуфи назарӣ дар қаламрави адабиёти форсу тоҷик пеш аз ҳама китоби муқаддаси Қуръон ва аҳодиси Паёмбари акрам (с) буда, барои собити ин назари илмӣ нафарони фаровоне аз аҳли тасаввуф ба таълифи осори илмии назарӣ машғул гардиданд, ки китобҳои илмии назарии тасаввуфии Абулҳасани Харақонӣ, Мустамилии Бухороӣ, Ҳуҷвирӣ, Қушайрӣ, Начмуддини Кубро, Начмуддини Розӣ, Абдуллоҳи Ансорӣ ба таври возеҳ далоили собите дар тафсири ин амр пешорӯи мо метавонанд гузоранд.

Адабиёт:

1. Тасаввуф дар сад пурсиш ва посух, Теҳрон, нашриёти «Дарё», муассиаи фарҳангии Эрон, саҳ.17-18).
2. Ҳазратқулов М. Тасаввуф. – Душанбе, нашриёти «Маориф», с.1988. саҳ. 62.
3. Фарҳанги забони тоҷикӣ, нашриёти «Советская энциклопедия», - Москва, 1969, ҷилди 2, саҳ.335.
4. Қушайрӣ. Рисолаи Қушайрия. – Теҳрон, Нашри Фурӯзонфар,1374. саҳ.9
5. АбдулҳусайниЗарринкӯб. Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон. – Душанбе, Нашриёти «Ирфон», с.1992, саҳ.50.

КОРАН И ХАДИС ПЕРВЫЕ ИСТОЧНИКИ РАЗВИТИЯ ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКОЙ СУФИЙСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ

Ходжи Хусайн Мусозада

Коран и Хадисы являются основными источниками появления суфизма в таджико-персидской литературе. В данной статье автор рассматривает коранические аяты и

Хадисы Пророка Мухаммеда (с.а.в.) как ичточники формирования суфийских мыслей, термина и мировоззрения суфии. Автор подчеркивает что для доказания своих суфийских мыслей суфии, суфийские поэты и писатели опирались на коранические аяты, сказания и хадисы пророка Мухаммеда (с.а.в.).

Ключевые слова: Коран, Хадис, суфийская литература, суфизм, источники суфизма, исламский суфизм, единство.

QUR'AN AND HADITH AS THE FIRST SOURCE OF DEVELOPMENT OF TAJIK-PERSIAN SUFI LITERATURE

Hoji Husain Musozoda

Qur'an and Hadith are the main source of emergence of Sufism in Tajik-Persian literature. In this article the author examined Qur'anic ayats (verses) and Hadith of Prophet Muhammad (PBUH) as the main source of formation of Sufi thoughts, Sufi term and outlook. The author particularly emphasized that Sufi, Sufi poets and writers were inclined to Qur'anic ayats (verses), Sayings and Hadith of Prophet Muhammad (PBUH) to prove their Sufi thoughts.

Key words: Qur'an, Hadith, Sufi literature, Sufism, source of Sufism, Islamic Sufism, unity.

Сведения об авторе: Ходжи Хусайн Мусозада – кандидат филологических наук, председатель Совета улемов Согдийской области, тел: (+992) 92 7716401, e-mail: musozoda@mail.ru

Information about the author: Hoji Husain Musozoda, PhD in Philology, Head of Ulama Council in Soqd region, tel.: (+992) 92 7716401, e-mail: musozoda@mail.ru

ПРЕДЛОГИ И ПОСЛЕЛОГИ В НЕМЕЦКОМ ЯЗЫКЕ

Раджабов Н.

Курган-Тюбинский государственный университет имени Носира Хусрава

Позиция перед именной группой не является для предлога единственной, несмотря на то, что своё название «Praeposition» получил от латинского «praepositio», что значит «место перед» [Junker, 1999]. Некоторые предлоги немецкого языка могут следовать за именной группой, к которой они относятся [Eroms, 1981; Forsteruer, Egerer-Möslein, 1978], например: meiner Meinung nach (по моему мнению). В таких случаях предлоги называют послелогами. В лингвистической литературе послелог определяется как служебное слово в функции аналитического грамматического средства, аналогичной предлогу, но стоящее после существительного [Куликова, 2004, с. 63]. При этом за некоторыми предложными формами закрепляется только одно возможное положение (либо впереди, либо позади), другие же формы выступают как в препозиции, так и в постпозиции. Так, только в препозиции стоят предлоги in, an, auf, hinter, inmitten и некоторые другие. Только в постпозиции ставятся предлоги entgegen, entlang. Такие формы, как gegenüber, nach, zu, vorbei и прочие могут и предшествовать и следовать за именной группой.

Послелоги объединяются с предлогами в одну группу, т.к. все они одинаково выражают отношения, в которые входят зависящие от них существительные или местоимения. Тем не менее, между ними наблюдается и некоторое отличие. Однако признание более или менее тесной связанности предлога или послелога с существительным может показаться субъективной, в силу того, что объективного критерия различение степени их связанности с существительным и не объясняет причины ослабления связи с существительным при постпозитивной постановке предлога.

По нашему мнению, основное различие между предлогом, стоящим перед существительным, и предлогом, стоящим после существительного (послелогом), заключается в том, что постпозитивное употребление предлога обычно ведет к подчеркиванию его лексического значения. Разница между значением предлога в препозиции и постпозиции становится очевидной при сравнении употребления одного и того же предлога в обоих этих положениях: *Die Tuer sprang auf, der Diener kam ihm ueber den Vorplatz entgegen, nahm die Karte in Empfang und elite damit die Treppe hinauf... (Mann, 146)*. В данном предложении важно указание самого объекта (ihm), навстречу к которому шел слуга. Значение же направленности действия, выраженное предлогом "entgegen" - навстречу, в направлении к... - здесь не подчеркивается.

Eine Minute verging, bis Frau von Rinnlingen...ihm ...lautlos entgegenkam (Mann, 146). В данном предложении постпозиция "entgegen" указывает, что имеется ввиду сама направленность действия "навстречу".

К.Г. Красухин, изучая послелоги в умбрском языке, пришел к выводу о том, что «префиксы и постфиксы резко различаются семантически и функционально. Первые тяготеют к выражению отношений пространственных и внешних для определяемого слова, вторые - к выражению отношений «агентивных» (т.е. связанных с действием) и внутренних по отношении к определяемому слову... первые выражают значение, существенное для предложения в целом, вторые - для одного определяемого слова» [1, с. 287]. По нашему мнению, это в полной мере можно отнести и к предлогам и послелогам немецкого языка.

В связи с подчеркиванием лексического значения предлог в постпозиции всегда несет на себе ударение, предлог же предшествующий существительному, обычно стоит в безударном положении.

Следует отметить, что предлоги с наиболее слабым лексическим значение, такие как an, auf, in, von и т.д., всегда стоят в препозиции, в то время как к предлогам, стоящим в постпозиции, относятся предлоги только наиболее конкретного значения.

Именно сохранение полновесного лексического значения у предлога в постпозитивном употреблении и большая независимость его значения от семантики управляемого им слова ведет к некоторому ослаблению его связи с этим словом по сравнению с предлогом, стоящим в пропозиции. Внешне это ослабление связи проявляется в том, что в некоторых случаях постпозитивный предлог и зависящее от него слово могут быть разделены словами, не входящее в данное словосочетание. Такой порядок слов наблюдается в тех случаях, когда существительное, к которому относится постпозитивный предлог, обозначает какое-либо лицо:

Im Hausflur kam mir jemand entgegen (Remarque, 76).

("Nein?" erwiderte Schwarz und hob mir ein ploetzlich verstoertes Gesicht entgegen. (Remarque, 79) Соответственно постпозитивный предлог отделяется также и от личного местоимения, к которому он относится:

Feindseligkeit und eine wache Enttaeuschung schlugen mir ploetzlich entgegen... (Remarque, 81). Предлог же в препозиции непосредственно предшествует зависимой форме слова.

Ослабляя связь с управляемым именем, постпозитивный предлог, с другой стороны, усиливает связь с глаголом. Усиление этой связи также является результатом того, что постпозитивный предлог имеет свое самостоятельное лексическое значение, которое характеризует понятие, обозначенное глаголом. В языке эта связь с глаголом проявляется в стремлении постпозитивного предлога занять место в конце предложения или непосредственно перед неизменяемой частью глагола (т.е. место, характерное для наиболее тесно связанных с глаголом членов):

"Nein?" erwiderte Schwarz und hob mir ein ploetzlich verstoertes Gesicht entgegen. (Remarque, 79) (Постпозитивный предлог занимает место в конце главного предложения.)

Eine Minute verging, bis Frau von Rinnlingen...ihm ...lautlos entgegenkam (Mann, 146). (Постпозитивный предлог занимает место перед неизменяемой частью глагола.)

Именно этим стремлением постпозитивного предлога занять место в конце предложения объясняются случаи разделения предлога и зависящего от него слова, которое происходит при выдвижении этого зависимого слова ближе к началу предложения.

В результате самостоятельного лексического значения послелога в тесной связи его с глаголом, предлог этот может превратиться в глагольную приставку. Различие постпозитивного предлога и приставки идет по той же линии, что и различение наречия направления и приставки. Это соответствие объясняется сходством постпозитивного предлога и наречия, различие между которыми заключается по существу лишь в том, что постпозитивный предлог употребляется обязательно с управляемым им существительным (местоимением). Установление четких границ между приставкой и постпозитивным предлогом представляется чрезвычайно трудным. Здесь также имеется ряд переходных случаев. Как было указано выше, отличительной чертой приставки является то, что она видно изменяет значение глагола. Безусловно, приставкой является форма, соответствующая форме предлога в глаголах: zureden, zusagen, vorkommen, nachbilden, zuwenden, austrinken и т.д., где глагол с приставкой имеет другое лексическое значение, нежели глагол без приставки. Дательный падеж имени существительного (местоимения), с которым употребляются эти глаголы, выступает в качестве объекта, на который ориентировано действие глагола: *Schwarz wendete mir zu (Remarque, 77)*.

Если же форма, от которой зависит именная группа, не изменяет сущности действия, обозначенного глаголом, а указывает лишь определенную направленность действия в сторону понятия, обозначенного существительным (местоимением), или означает место этого действия в отношении к понятию, обозначенному именной группой, т.е. указывает внешнюю, обстоятельственную характеристику действия, то данная форма выступает как постпозитивный предлог:

Der Zug hatte sich bei diesem angenehmen Wetter ...fortzubewegen, an reichen Doerfern und kleinen Staedten vorbei, spaeter an einem Fluss entlang...

Определенность лексического значения послелогов и синтаксическая связанность их с глаголом, ведущая к превращению постпозитивных предлогов в приставки, являются чертами, усиливающими сходство предлогов с наречиями.

Исходя из выше изложенного, можно сделать вывод, что послелог маркирует имена предметов, косвенно вовлеченных в действие. Предлог же употребляется в том случае, когда именная группа обозначает лишь точку в пространстве, по отношению к которой определяется место действия.

Материал таджикских предлогов позволяет выделить следующие области отношений в сравнении с немецкими соответствиями:

1. Отношение, связь в общем смысле;
2. Отношение сообщения, т.е. указание в речи на сообщение о некотором событии;
3. Причинно-следственное отношение, стоящее в известном смысле между временным отношением и чисто абстрактным отношением. К абстрактной сфере естественно отнести и адвербиализующую функцию таких предлогов, как «ба тарзи» и «ба таври». Отношение, связь в более общем смысле между компонентами сообщаемого передается по-таджикски составными предлогами: ба муносибати, нисбат ба, назар ба: *... манифести Базел ба муносибати ҷанги байни давлатҳои бузург тактикаи «револютсияи пролетарӣ»-ро аз ҳамон шароитҳо хулоса карда бароварда буд.*

Нисбат ба имеет оттенок сравнения: *... фақат ба шарти ин, ки коргарон аз «инсьёнгарӣ», аз «револютсионизми маҳдуд», аз душмани, нисбат ба «муросокориҳои амалан фоиданок», аз даъво даст кашанд.*

Назар ба имеет более отчётливо выраженное значение сравнения: *Мо гуфтем, ки ҳаракати мо, назар ба ҳаракати солҳои 70-ум хеле васеътар ва чуқуртар аст. Ҳеч набошад, ба догматҳои анъанавии ортодоксияи марксистӣ, назар ба фраксияи Ленин фраксияи ақаллият, гуфтан мумкин аст, бо ҷидду ҷаҳди бештар риоя мекунад. Назар ба съезди III, мегӯяд ӯ, «конференсияи ақаллият ба масъалаи шӯриши мусаллаҳ бо назари*

тамоман дигар нигоҳ мекунад. Барои он ки ба Мартинов мафҳуми диктатураи синфро назар ба диктатураи шахс ва вазифаҳои диктатураи демократиро назар ба диктатураи сотсиалистӣ фаҳмонда диҳем.

Отношение сообщения передается по-таджикски предлогами дар бораи, дар хусуси, дар бобати, оид ба. Из них наиболее распространен предлог **дар бораи**: *Зоҳиран ӯ маърӯзаи ҳатмии худро дар бораи он ки авзои кори раворавиаш чӣ хел мебошад, ба поён расонда буд.. Er hatte bereits seinen unvermeidlichen Tagesbericht über den stand seiner Transitangelegenheit abgelegt.*

Дар хусуси: *Вақте ки дар хусуси гӯшҳои бурида ва биниҳои дарида гап задӣ. Гек, ту дар хусуси вай ба ягон кас гап-ку назадӣ? Ту дар хусуси вай испаниягӣ як чизро медонистагӣ барин менамоӣ.*

Другие средства передачи дар хусуси: *Мо аввал таълимоти Маркс ва Энгелсро дар хусуси давлат дида баромада. Капитан Смолетт дарёнаварди хуб аст, ман инро ҳамеша мегуфтам, лекин дар хусуси интизом ӯ хеле сахтгир аст .*

Аз хусуси, вариант дар хусуси, встречается крайне редко:..*аз хусуси вақти гумшуда, гайр аз капитан, дигар ҳеч кас афсӯс нахӯрд.*

Дар бобати употребляется, когда речь идёт о сообщении: *Дар бобати масъалаи вазифаҳои ин диктатура Маркс дар «Газетаи Нави Рейн» боз навишта буд. Дар бобати он кор ҳама масъала ба ту маълум нест.*

Дар бобати встречено в зависимости от слова саросема «спешка»: ...*дар бобати ёфтани ҷавоҳирот саросема нашавед.*

Одним из наиболее распространенных и лингвистически реализуемых представлений об абстрактной связи является причинно- следственное отношение. Его аспекты (причина, следствие, средство) передаются следующими таджикскими предлогами: ***ба сабаби, аз ҷиҳати, ба туфайли, аз сабаби, ба асоси, дар асоси, аз барои, ба воситаи, дар натиҷаи.***

Ба/аз сабаби: *Агар аз сабаби ба ҳукумати революотсионӣ дохил шудани сотсиал-демократия синфҳои буржуазӣ аз кори революотсия дур шаванд, бо ҳамин онҳо «вусъати онро суст мекунонда»-анд. Не, онҳое ки қобиланд гӯянд, ки ба сабаби аз революотсия дур шудани буржуазия «вусъати» революция суст мешавад», инро намефаҳманд.*

Различие между «ба сабаби» и «аз сабаби» чрезвычайно незначительно: «аз» в какой-то степени подчёркивает «исходность», «последовательность», в то время как ба выступает лишь как оформитель именного компонента сабаб, как предлог с наиболее широким значением. Предлог аз «переворачивает» следствие, назначение в причину в составном предлоге аз барои: *Ҳамаи ин аз барои он попи лаънатӣ аст. Ман дар умрам аз барои ҳамин чизҳо гиря накарда будам.*

Таджикский составной предлог аз чиҳати является наиболее абстрагированным средством передачи причинных отношений: *Ин ҳукумат аз ҷиҳати пайдоиш ва характери асосии худ бояд органи шӯриши халқӣ бошад.*

Для выражения причинно-следственной связи наряду с «причинными» предлогами нередки предлоги со значением следствия, результата. Среди них чаще всего встречается дар натичаи: *Дар натиҷаи ҳамин иттифоқ буд, ки бо як тезии ҳайратангез бар халқчигӣ галаба карда шуд.*

Таджикский предлог ба туфайли является стилистическим вариантом ба сабаби (или дар натичаи): *Nie sie ein Mensch in Wirklichkeit durch einen Artz geheilt worden, sondern durch irgendwelche zufälle. Духтурҳо то ин дам ягон касро сиҳат накардаанд,-беморон ба туфайли шароитҳои гуногун худ сиҳат мешаванд).*

Как вторичную, побочную причину можно рассматривать «помощь, посредство» и т.п., передаваемые таджикским ба воситаи: *Онҳо фаромӯш мекарданд, ки вазифа пеш аз ҳама иборат аз ин буд, ки ба воситаи галабаи сиёсӣ аввал барои худ чунин майдоне ба даст оваранд. Масъалаҳои бузург дар ҳаёти халқҳо фақат ба воситаи қувват ҳал карда мешавад.*

Составные предлоги ба таври и ба тарзи имеют не столько абстрактно-логическую, сколько чисто синтаксическую функцию. По смыслу эти предлоги можно

рассматривать как выражающие средство, способ: *Инак, худи ҳамин шиор дар охирин вақт органи «Иттифоқи сотсиал-демократии рус» дар хорича «Рабочее Дело» бо таври тантананок ба майдон баровардаст.*

Таким образом предлоги, являясь средствами выражения грамматических и семантических отношений (пространственных, временных, причинных, модальных и др.) между членами предложения в грамматическом строе немецкого языка занимают одно из ведущих мест и составляют существенную сторону его синтаксического строя.

Номинативный уровень предлога предполагает, что отношение, которое устанавливается между членами сочетания, обладает лексическим выражением. Особенность предлогов заключается в том, что у них нет возможности самостоятельно выступать в номинативной функции, а только в составе сочетания или предложения. Центральным значением предлога как части речи является синтаксическое значение, то есть способность объединять слова в словосочетания.

Литература:

1. Краснухин К.Г. Три модели индоевропейского времени на материале лексики и грамматики// Логический анализ языка. Язык и время. М.: Индрик, 1997. С. 62-77.

2. Куликова И.С., Салмина Д.В. Обучающий словарь лингвистических терминов. - СПб., Москва: Наука, САГА, Совпадение, 2004. - 176 с.

3. Eroms H.-W. Valenz, Kasus und Präpositionen: Untersuchung zur Syntax und Semantik präpositionaler Konstruktionen in der deutschen Gegenwartssprache. - Heidelberg: Winter, 1981. - 390 S.

4. Junker D. Falscher und zweifelhafter Gebrauch von Präpositionen. Mögliche Ursachen und Erklärungsansätze. - ESEL - Essener Studienenzyklopädie Linguistik, 1999.- 14S.

5. Mann Th. Der Tod in Venedig und andere Novellen / Манн Т. Смерть в Венцнн и другие новеллы: Книга для чтения на немецком языке. - СПб.: Антология, 2005. - 160 с.

6. Remarque E.M. Die Nacht von Lissabon / Ремарк Э.М. Ночь в Лиссабоне. Роман. На нем. яз. - М.: Издательство «Менеджер, 2002.- 336 с.

ПРЕДЛОГИ И ПОСЛЕЛОГИ В НЕМЕЦКОМ ЯЗЫКЕ

Раджабов Неъмат

В данной статье автор анализирует место предлога и послелога в немецком языке. Послелог как служебное слово выполняет функцию грамматического средства, стоящего после существительного. Предлоги и послелоги различаются семантически и функционально.

Ключевые слова: пространственные, отношения, предлоги, послелоги, временные, одновременность, события, таджикский, немецкий, язык.

PREPOSIITONS AND POSTPOSITIONS IN GERMAN LANGUAGE

Rajabov Nemat

In this article the author analyzes the place of prepositions and postposition in German language. The postposition as a syntactic word carries out function of the grammatical means standing after a noun. Preposiitons and postpositions are differed by semantics and function as well.

Key words: spatial, relations, pretexts, postpositions, time, a simultaneity, events, Tadjik, German, language.

Сведения об авторе: Раджабов Неъмат – преподаватель кафедры теории и методики преподавания иностранных языков Курган-Тюбинского государственного университета имени Носира Хусрава, тел: 918 51 32 74, e-mail: nematullo01@mail.ru

Information about author: Rajabov Nemat - the teacher of chair of the theory and a method of foreign languages teaching, Kurgantube State University named after Nosiri Khusrav, phone: 918 51 32 74, e-mail: nematullo01@mail.ru

СЕМАНТИКО-ГРАММАТИЧЕСКАЯ ФУНКЦИЯ ГЛАГОЛА MÖGEN

Толибова Г.

Курган-Тюбинский государственный университет имени Носира Хусрава

Энергетический источник силы, выражаемый **mögen**, можно разделить по нескольким сферам:

- физическая сила:

Er mag Fisch. (= Er isst gern Fisch.)

- психическая сила:

Es scheint, ein Gewitter möchte kommen. (= Ich fürchte, es wird regnen.)

- моральный / социальный авторитет:

Die Beamten redeten uns zu, wir möchten ohne Sorge sein.

Выделенные концептуальные сферы конституируют следующие основные ментальные репрезентации:

- пристрастие, склонность, расположение, физическая потребность: *Er mag Fisch. (= Er isst gern Fisch.)*

- обожание, симпатия /антипатия:

Der Chef mag mich nicht. (= Er leidet mich nicht.)

- желание, воля:

Mein Neffe möchte nach dem Abitur Medizin studieren. (= Mein Neffe hat den Wunsch, Medizin zu studieren.)

- побуждение (приказание, поручение, пожелание, просьба):

Möge es dir immer gut gehen! (= Ich wünsche mir sehr, dass es dir immer gut geht.)

- уступка, допущение:

So verschieden nun diese neuen Russen sein mögen, Geld haben sie alle. (= Selbst wenn diese neuen Russen so verschieden sind, haben sie alle Geld.)

- предположение:

Sie mag 25 Jahre sein. (= Ich schätze, dass sie 25 ist.)

- глубокие размышления по поводу развёртывания какого-либо действия или события в форме вопроса:

Warum mag das Schiff nur so schnell gesunken sein? {= Was war der Grund da ZU?)

- эмоции (патетика, безразличие, озабоченность, скепсис и т. п.):

Ich hätte sehen mögen, wie er vom Podium fiel! (= Ich hätte viel Freude erlebt, wenn ich es gesehen hätte!)

Высказывание с глаголом **mögen** имплицирует, что потенциальное препятствие для данной акции отсутствует. Оно не существует вообще либо устранено с пути. Если и есть какое-то препятствие для выполнения действия, то оно не в силах помешать возвращению сущности в прежнее состояние. Поэтому основное значение этого глагола соответствует значению притяжения, которое логично пересекается со значением устранение препятствия. Выражаемая глаголом **mögen** акция наделена тенденцией внутренней силы действия на сейчас, будущее или навсегда и сводятся к обозначению действия, разрешённого на данный момент, но которое могло бы быть запрещено или defacto даже было запрещено. Ср.: *Ich mag schwimmen. Ich mag ihn gern, ausgenommen, wenn er schlechter Laune ist.*

В первичном значении модальный глагол **mögen** употребляется также в форме сослагательного наклонения Konjunktiv II который концептуально равнозначен форме изъявительного наклонения настоящего времени, то есть выражает внутреннюю тенденцию силы на текущий момент, сейчас, напр., *Ich möchte fragen. Ich möchte eine Tasse Kaffee.*

Поэтому для выражения желания относительно прошлого употребляется **wollen,** что наглядно иллюстрирует следующий пример: *Gestern wollte ich ins Kino gehen, heute möchte ich lieber zu Hause bleiben.*

Однако в целом **mögen** отличается от **wollen** тем, что последний выражает решительную, твердую волю, а первый - всего лишь слабое желание:

Die Eltern wollen im Sommer ihre Wohnung renovieren. Da zu benötigen sie Hilfe. В данном примере **wollen** выражает твёрдое намерение, принятое решение. Но если речь идёт об акте волеизъявления вообще, то здесь допустима взаимозаменяемость анализируемых глаголов, напр., *Sie möchte/will erst promovieren, bevor sie ein Kind zur Welt gebracht hat.* Подобную этикетную функцию выполняет mögen в речевых формулах, употребляемых в ходе дискуссии: *Ich möchte sagen / betonen / bemerken, dass ...*Поэтому из соображений корректности общения было бы неуместно произнести: *Wenn Sie mit dem Gesagten einverstanden sind, wollen wir die Frage weiter diskutieren.*Элегантнее выглядит высказывание: *Ich möchte in diesem Abschnitt skizzenhaft darauf hinweisen [...]* Более того, в рамках научного стиля структура вежливости с **mögen** в Konjunktiv II приобрела лексикализованный вариант, напр., *Er verpflichtet sich [...] ein funktionstüchtiges Instrument — ein zuverlässiges Sieb, möchte man sagen -zu schmieden*

Глагол **mögen** реализует значение давления. Оно объективируется категоричным требованием, напр., *Du möchtest sofort nach Hause kommen!*


Литература:

1. Державин В."Ирано-таджикская поэзия (Рудаки, Хайям, Руми, Саади, Хафиз, Джами, Хисроу)", Библ. Всемирной Литературы, сер. 1, т. 21, М.: Худ.лит, 1974, - 622 с.
2. Румӣ Ҷ. Маснавии маънавӣ. Техрон, 2001.
3. Ислами Нодушан Мохаммад Али. Толстой –моулави доуране джадид. - «Ягма». 1974, №2
4. Иванова Г.Д. Изучение Толстого в Японии // Ученые записки Ленинградского университета, вып. 16, № 306, 1962, с. 162-173.
5. Комиссаров Д.С.Пути развития новой и новейшей персидской литературы. «Наука», М.,1982
6. Л.Н. Толстой. Круг чтения. Т.2, М.,Политиздат,1991
7. Л. Н. Толстой Круг чтения. Том 1, М., Политиздат,1991
8. Толстой Л.Н. Полное собрание сочинений, т.45. М., 1955.С.81-88.
9. Тартаковский П.И. Свет вечерний шафранного края… (Средняя Азия в жизни и творчестве Есенина). Ташкент, 1981.

РЕЛИГИОЗНО-НРАВСТВЕННЫЕ ИДЕАЛЫ ЛЬВА ТОЛСТОГО И ДЖАЛОЛИДДИНА РУМИ

Рустамова Г. Р.

Статья посвящена религиозным притчам Льва Толстого и Джалалиддина Руми. Автор для раскрытия содержания статьи использовал работы Ислами Нодушан Мухаммад Али «Толстой - мавлеви нового времени», изречения пророка Мухамада, для сопоставления выбран рассказы Дж. Руми и Льва Толстого из «Круга чтения».

***Ключевые слова*:** притча, связь, рассказ, проза, творчества, философия.

RELIGIOUS AND MORAL IDEALS OF LEV TOLSTOI AND JALALIDDIN RUMI

Rustamova G.R.

This article is devoted Lev Tolstoi removal parables and Jalaliddin Rumi. The author for achievement of the purpose compared article Islami Noduschan Muhammad Ali "Tolstoy - Malawi new time", sayings Muhammad, story Rumi from "Маснавимаънави" to Lev Tolstoi separate stories in the book "a reading Circle".

***Key words*:** parable, communication, saying, the story, prose, creativity, philosophy.

Сведения об авторе: Рустамова Гуландом Рустамовна – кандидат филологических наук, доцент, заведующей общеуниверситетской кафедрой русского языка Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел.: (+992) 378800357,(+992) 907903677.

Information about the author: Rustamova Gulandom Rustamovna – Ph. D. in Philology, docent, head of General(common) university chair of Russian, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni, phone: (+992) 378800357,(+992) 907903677.

МАҲОРАТИ ҒАЗАЛСАРОИИ НОДИР ШАНБЕЗОДА

Абдулназаров А. А.
Институти илмҳои гуманитарии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Б. Искандаров

Нодир Шанбезода аз зумраи он намояндагони адабиёти шӯравӣ аст, ки дар баробари офаридани дигар жанрхои гунонгунҳаҷм, бештар аз ҳама дар заминаи адабиёти оламшумули классикӣ дар эҷоди жанри ғазал масъулияти бузурге нишон додаанд. Шоир қайд кардааст, ки дигаргуниҳои ҳаррӯзаи ҳаётро на танҳо дар шакл ва жанрҳои нисбатан калони назм, балки дар шаклҳои хурдтари он, мисли ғазал низ тасвир намояд. Ин кӯшиши шоир аз эҷоди нахустин шеърҳояш ҳис мешавад ва ҳатто дар ғазалҳое, ки ба зебогии мавсуф бахшида шудаанд, аз дигаргуниҳои нави ҳаёт низ хабар медиҳад. Чунончи, дар ғазали «Ҳамдами қанд аст» (1939) шоир онро бо байти ниҳояти ҷолиби матлаъ, ки ҷавобгӯи тамоми талабҳои санъати ҳусни ғазал аст, оғоз намуда, дар давоми он озодии мавсуф аз фаранҷиро, ки мантиқан бо байти аввал пайвастагии зич дорад, мувофиқи талаботи жанри ғазал хуб ва муассир сурудааст. Масалан, байти матлаъ бо ду байти минбаъда, ки ҳунари ғазали классикиро доранд:

Лаъли ту ба ширинии худ ҳамдами қанд аст,
Бар гардани ҷон ҳалқаи гесӯт каманд аст.
Берун чу шудӣ аз шаби торики фаранҷӣ.
Бар ҷумла ҷаҳон рӯи дилорот писанд аст.
Қурбон шавам он мутриби хушбазму суханро,
К-овозаи ҳусни ту дар айём фигандаст[1].

Байти минбаъда ба тавсифи фаъолияти зарбдоронаи маҳбуба бахшида шудааст:

Бо раҳбарии ҳизби Ленин, эй маҳи тоҷик,
Ичрои плонат ҳама дам яксаду чанд аст[2].

Дар ду байти оянда зебогии шаҳрҳои Душанбе ва Ленинобод (Хуҷанди ҳозира) ва сарфарозии шоир аз шукуфоии онҳо тараннум гардидааст. Байти тахаллус низ ҳамоно пухта ва хуб сароида шудааст:

Чун булбули хушхон ба гулистон дили Нодир
Бар сунбули зебои суманбӯи ту банд аст[3].

Албатта, чунин муносибат ва тавсиф, аз як тараф, ба такя бар анъана ва, аз тарафи дигар, ба бардошт аз дигаргуниҳои ичтимоӣ вобаста буд. Бесабаб нест, ки муҳаққиқи таърих ва назарияи адабиёти тоҷик Шарифҷон Ҳусейнзода дар хусуси анъанаи ғазалсароӣ дар ашъори Айнӣ сухан гуфта нигоштааст:

«Таърихи инкишофи адабиёти бисёрмиллати советӣ нишон дод, ки ривоҷ ва равнақи адабиёти ҳар як республикаи советӣ, аз як тараф ба тафаккури бадеии тамоми башарият, аз тарафи дигар, ба анъанаҳои миллии ҳамон халқ, ки дар ҷараёни зиндагии таърихи он ташаккул ёфтааст, вобаста мебошад»[4] . Ҳамин олим, дар замоне, ки бисёрии олимон ва эҷодкорон даст кашидан аз ғазалсароиро талаб карда, онро маҳсули давраи

[1]Шанбезода Н. Ҳосили умр. - Душанбе, 2008, саҳ. 177.
[2] Ҳамон ҷо, саҳ.177.
[3] Ҳамон ҷо, саҳ. 177.
[4] Ҳусейнзода Ш. Анъанаи ғазалсароӣ дар ашъори Айнӣ //Баҳс ва андеша, Душанбе, 1964, с. 169.

қафомонда муаррифӣ мекарданд, чунин хитоб карда буд: «Яке аз беҳтарин анъанаҳои адабиёти классикии тоҷик ғазалсароист»[5]. Шанбезода маҳз ҳамин анъанаро давом дода, онро ба мавзӯъҳои замонавӣ мувофиқ сохт.

Барои мисол, шеъри ғазалмонанди «Оҳуи парранда» (1939), ки ба нахустин тайёраи ба Бадахшон сафар карда бахшида шудааст, бо байте чунин оғоз мешавад, ки ҷавобгӯи талаботҳои матлаи ғазал аст:

Аҷаб карам зи каромоти хеш ёрам кард,
Чӣ лутфҳои фараҳбахш кирдигорам кард[6].

Устод Ш.Ҳусейнзода дар хусуси ашъори ошиқонаи назми форсии тоҷикӣ андеша ронда, менависад: «Шеърҳои ошиқона, ки ишқи табиии инсонро тараннум мекунанд, бешак бо ҷараёни зиндагии одам пайвастагӣ дошта, нишоту шодӣ, шӯру шавқ ва ҳолатҳою кайфиятҳои ушшоқро инъикос кардаанд»[7]. Таҳлили ашъори ошиқонаи Шанбезода, ки бо масъалаҳои иҷтимоии замонаш омехта аст, хулосаи мазкури олимро дар ин самт собит месозад.

Бо дарназардошти фикри боло ва натиҷаҳо аз таҳлили ин қабили ашъори шоир ба хулоса омадан мумкин аст, ки Нодир Шанбезода яке аз аввалин шоирон буд, ки масъалаҳои иҷтимоиро дар радифи мавзӯи муҳаббат ва дар шакли ғазал сароидаанд. Барои исботи ин хулоса як ғазали пурраи ӯро овардан кифоя аст, ки «Гул кард» ном дошта, соли 1940 суруда шудааст:

Чу гул зи меҳри ту хотир чаман-чаман гул кард,
Зи кори хуби ту, эй нозанин, Ватан гул кард.
Рухат чу дид дар офоқи ҳуснат, аз шодӣ
Ба пешвоз ба по хеста суман гул кард.
Зи оби чашмаи лаълат равони ширинам,
Чашид оби ҳаёту ба мулки тан гул кард.
Чу муждаи ту барояш расид, эй Ширин,
Тамоми дашт дар атрофи Кӯҳкан гул кард.
Зи файзи тарбиятат ғунчаи дилам бишкуфт,
Зи меҳри маърифатат боғи фикри ман гул кард.
Шабе ба маҷлиси мо то расид, Нодир, гуфт: [8]
Биё, ки аз рухи гулгунат анҷуман гул кард.

Дар эҷодиёти Нодир Шанбезода лирикаи ишқӣ мавқеи махсус дорад. Чуноне ки «асоси ғазал баёни ишқ ва муҳаббат аст»[9], ғазалҳои шоир аз ин хасоиси навъӣ холӣ набуданд. Дар Энсиклопедияи Советии тоҷик овардаанд, ки «дар лирикаи ишқии ӯ (Нодир Шанбезода – А.А.) назокати сухан, таъбирҳои анъанавию нав, ифодаҳои рангину маъниҳои бикр хеле моҳирона ба қалам дода шудааст»[10]. Пас аз чунин баҳогузорӣ ба лирикаи шоир яке аз аввалин шеърҳои шакли ғазали ӯ, ки «Нахли дилоро» ном дошта, ҳанӯз соли 1938 эҷод шуда буд, ба ҳайси мисол оварда мешавад, он ҷавобгӯи жанри мукаммали ғазал мебошад:

Ширин набувад ҳамчу лабат қанд ба олам,
Ку гул ба гули рӯи ту монанд ба олам?
Аз гулшани дил офату осеби хазон рафт,
То меҳри рухат нури худ афганд ба олам.
Ман тавба зи ишқат накунам, чунки накардаст,
Ин гуна хато ҳеҷ хирадманд ба олам.
Бисьёр бутон дидаам, эй нахли дилоро,
З-он ҷумла надидам ба ту монанд ба олам.
Бо як сари мӯ бастани сад дил кӣ тавонад,

---

[5] Ҳамон ҷо, саҳ.169.
[6] Шанбезода Н. Ҳосили умр. - Душанбе, 2008, саҳ. 175.
[7] Ҳусейнзода Ш. Сайри таҳаввул ва такомули адабиёти форсӣ-тоҷикӣ (аз асрҳои Х то ХУ) // Ҳабдаҳ мақола. - Душанбе: Ҳумо, 2007, саҳ. 5- 49.
[8] Шанбезода Н. Ҳосили умр. - Душанбе, 2008, саҳ. 177.
[9] Ҳусейнзода Ш. Ҳабдаҳ мақола. – Душанбе: Ҳумо, 2007, 348.
[10]Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик - Душанбе, 1989, саҳ. 470.

Ҷуз зулфи ту, эй ёри ҳунарманд, ба олам?
Савганд ба ҷони ту, ки ҷону дилам аз туст,
Маҳкамтар аз ин ҳаст чӣ савганд ба олам?
То гулшани ӯ чун ту гуле зод, азиз аст,
Чун мардумаки чашм Самарқанд ба олам.
Бар гесӯи мушкини диловези ту, эй шӯх,
Шуд Накҳати дилбохта побанд ба олам[11].

Ғазали мазкур таваҷҷӯхи пажӯҳандагони адабиёти тоҷикро низ ба худ ҷалб намудааст ва муҳаққиқ Ҳ. Қаландаров мазмун ва таъсири он ба хонандаро исботи ақидаҳои файласуф Кант дар хусуси мафҳум ва мавқеи шеър гуфтааст. Вай менигорад: «Ба ақидаи Кант «шеър иборат аст аз як гуна фаъолияти ҳамоҳанг ва таносуби қувои нафсонӣ, ки ба озодӣ бидуни ҳеҷ тақайюд ва таайюн дар олами тасвир ва таҷсим анҷом пазирад». Шеъри Шанбезода ҳам иборат аст аз таносуб ва ҳам оҳанги дарунӣ ва зеҳнӣ, ки дар зарфи эҳсосот таҷаллӣ менамояд. Мо ин кайфиятро дар тамоми ашъори Нодир Шанбезода ва аз ҷумла дар шеъри «Нахли дилоро» метавонем мушоҳида кард»[12].

Дар баробари тараннуми ҳаводиси замонавӣ, Шанбезода мавзӯъоти анъанавии ғазалро, ки сармастӣ аз ишқу ёр, гурез аз бевафоиву аҳёр аст, давом додааст. Ӯ ин матлабро чунин баён доштааст:

Гоҳ хонад дилам таронаи ишқ,
Гаҳ ғазалҳои ҷовидонаи ишқ.
Сабаби зиндагӣ яқин ишқ аст,
З-ин сабаб дил шудаст хонаи ишқ[13].

Ва нақди ҷон харидани ин ганҷи ҷовидонаро коре дуруст ва табиӣ меҳисобад:

Ишқи ту ба нақди ҷон харидам,
Бо ҷони ту ройгон харидам.
Ин гавҳари поки баҳри дилро,
Аз аҳли назар ниҳон харидам[14].

Дар матлаи ғазали дигар мазмуни байти аввали ғазали болоро, ки «Ширин набувад ҳамчу лабат қанд ба олам, Ку гул ба гули рӯи ту монанд ба олам» аст, чунин овардаст:

Лаъли ту ба ширинии худ ҳамдами қанд аст.
Бар гардани ҷон ҳалқаи гесут каманд аст[15].

Шарифҷон Ҳусейнзода дар хусуси давоми анъанаи ғазалсароӣ дар ашъори Айнӣ сухан ронда, барҳақ менигорад, ки «ғазал аз ваҳдати ишқ ва тафаккур иборат аст»[16] . Ба фикри мо, муҳаққиқ «тафаккур» гуфта, сухани бикрро, ки саршор аз маърифат аст дар назар дорад. Бо як назар ба ғазалҳои Шанбезода метавон аз онҳо байт-байт «ваҳдати ишқ»-ро бо «тафаккур»-и шоирона дарёфт. Чунончи дар байтҳои зер:

Боз он нодираам чеҳра барафрӯхтанист,
Хирмани сабри дилу ҷони маро сӯхтанист.
Чашми шӯхаш, ки шуда наргиси боғи нигаҳам,
Аз тамошои ҷаҳон чашми маро дӯхтанист[17].

Дар ғазали дигар мегӯяд:

Дод ҷонон гул ба ман, к-аз бӯи он ҷон гашт маст,
З-он гули бо ҷон баробар сад гулистон гашт маст.
То қадам бинҳод сарви ман хиромон дар чаман,
Аз тамошои қади ӯ боғу бӯстон гашт маст.
Лаб ба май олуд ёрам, қимати Ғорон шикаст,

[11]Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик - Душанбе, 1989, саҳ. 470.
[12]Қаландаров Ҳ. Одамият дӯстона зиндагӣ кардан бувад // Ҳосили умр. -Душанбе, 2008, с. 54-60.
[13]Шанбезода Н. Ҳосили умр. - Душанбе, 2008, саҳ. 240.
[14]Ҳамон ҷо, саҳ. 241.
[15]Ҳамон ҷо, саҳ. 177.
[16]Ҳусейнзода Ш. Анъанаи ғазалсароӣ дар ашъори Айнӣ //Баҳс ва андеша, Душанбе, 1964, с. 176.
[17]Шанбезода Н. Ҳосили умр. - Душанбе, 2008, саҳ. 240.

З-он лаби лаъли майолудаш Бадахшон гашт маст[18].

Аз ҳамин хотир бошад, ки Шанбезода Нодир нисбати хеш ва нисбати дигар эҷодкорон дар масъалаи эҷоди шеър хело ҳам серталабу сахтгир буд. Ӯ шеъри сода ва хомро намеписандид ва талқин ба омӯзиши шеъри сара мекард. Дар як ғазалаш масъаларо чунин иброз кардааст:

Ҳамчу шоир шеъри нав оғоз мебоист кард,
Ҳамчу ориф боз кашфи роз мебоист кард.
Дар ғазал гуфтан агар хоҳӣ шудан мақбули табъ,
Сабку тарзи тозае эъҷоз мебоист кард.
Дар ҳавои сайди маъниҳои бикру дилпазир,
Ҳар замон парвоз чун шаҳбоз мебоист кард.
Аз шароби шавқ ҷоме чанд мебояд чашид,
Бар фалак аз завқи мастӣ ноз мебоист кард.
Шиблии Ҳиндӣ чӣ хуш ин дурри маънӣ суфтааст,
Фикри худ бо фикри ӯ анбоз мебоист кард:
«Гар худовандӣ ҳавас дорӣ дар иқлими сухан,
Бандагии Ҳофизи Шероз мебоист кард»[19].

Адабиётшиноси муосири тоҷик Ҳ. Қаландаров дар хусуси шеъри Шанбезода, тафаккури шоирона ва саноату бадеияти он ҳарф зада, маҳз ҳамин ғазалро, ки як навъ барномаи шоир нисбат ба эҷоди каломи асил аст, ба унвони мисол меорад. Муҳаққиқ фикри хешро дар ин масъала чунин ҷамъбаст намудааст: «Манзури мо аз он иборат аст, ки гӯяндаи шеър пеш аз ҳама бояд аз улуми адабӣ ва қавоиди илми шеър комилан огоҳӣ дошта бошад ва ҳама муҳассаноти лафзӣ ва маънавиро ёд бигирад, то битавонад эҳсосот ва идрокоти даруниро ҳарчи аз тавфиқи илоҳӣ дарк кунад, онро бо беҳтарин алфоз ва зеботарин таъбирот муҷассам ва мусаввар созад ва аз ӯҳдаи ин кор ба таври беҳтар дармеояд. Ҳама шоирони бузург аз ин сифатҳои суварӣ баҳрае доштаанд ва Нодир Шанбезода низ аз онҳо бегона набуд. Ӯ як шоири ғайри касбӣ набуда ба қатори шуарои ҳирфаӣ дохил мешавад»[20].

Дар баробари мавзӯи ишқу нигор шоир ба мавзӯъҳои дигари барои ҳар як фард муқаддас, амсоли тараннуми зебоиҳои диёр, дӯстиву рафоқат ва муҳаббати ватан шеъру достонҳо эҷод намудааст, ки қимати тарбиявию зебоипарастиро доро мебошанд. Дар ин миён мавзӯи тараннуми дӯстиву рафоқатро дар ашъори шоир махсус қайд кардан лозим.

Дар адабиёти даврони шӯравӣ масъалаи тараннуми дӯстӣ як навъ рӯҳияи сиёсӣ пайдо карда буд. Ҳамаи адабиётҳои ҷумҳуриҳои бародар вазифадор буданд, ки дар ин масъала асар эҷод намоянд. Махсусан эҷоди достонҳои калонҳаҷм бо тараннуми дӯстии халқҳои бародар дар фатҳ кардани қуллаҳои дастнорас ба воситаи даст ба даст гирифтани бародарони халқҳои як мамлакат бо номи Иттиҳоди Шӯравӣ расм шуда буд. Албатта, дар чанде аз осори Шанбезода, ки ба сохтмонҳои калони ҷумҳурӣ ва дигар масъалаҳои муҳими сохтмони сотсиюлистӣ бахшида шудаанд, ин масъаларо дидан мумкин аст. Бояд гуфт, ки ба ин маҳз муҳит ва сиёсати он давраина сабаб шуда буд, чун таҳкими дӯстии халқҳои Иттиҳоди Шӯравӣ яке аз талабҳои асосии таҳкими ҷомеаи сотсиалистӣ ба ҳисоб мерафт.

Дар масъалаи руҷӯи Шанбезода ба ин масъала ва ҳалли он ҳаминро гуфтан лозим аст, ки шоир дар ин самт низ тозагӯиҳо дорад. Ӯ дӯстии миёни одамон на дар он мебинад, ки сиёсати даврро пайгирӣ мекунанд, балки тараннуми он аз тарафи шоир самимона аст. Дар баробари шеърҳои ба воқеаҳову чорабиниҳои махсус бахшида, мисоли «Салом овардем» (барои бародарони қазоқ), «Зафар кардем мо» (бахшида ба 30 солагии Ғалаба бар фашизм), «Байрақи дӯстии мо абадӣ ҷилвагар аст» (ба анҷумани XXV Партияи Коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ) ва ғайра, шоир шеърҳои бикрро, ки

[18] Ҳамон ҷо, саҳ. 172.
[19]Шанбезода Н. Ҳосили умр. - Душанбе, 2008, саҳ. 254.
[20]Қаландаров Ҳ. Одамият дӯстона зиндагӣ кардан бувад//Ҳосили умр, -Душанбе, 2008, с. 58-59.

саршор аз самимият ва бадеияти шеърӣ ҳастанд, дар мавзӯи дӯстӣ ба қалам овардааст.

Шоир дӯстии инсонҳоро «беҳтарин неъмат ба олам» ҳисоб мекунад ва онро «чашмаи оби ҳаёт» меномад:

Беҳтарин неъмат ба олам дӯстии халқҳост,
Меваи ин нахли боғи зиндагӣ сулҳу сафост...
Чашмаи оби бақои Хизр як афсона буд,
Дӯстии аҳли олам чашмаи оби бақост[21].

Маҳз аҳлона зиндагӣ кардан, дӯстона ҳаёт ба сар бурдан мақсад ва мафҳуми одамият аст, на чизи дигар. Душманӣ ба одамон танҳо сиёҳбахтӣ меораду халос. Шоир хитоб мекунад:

Одамият дӯстона зиндагӣ кардан бувад,
Ғайр аз ин фикре агар гӯяд касе, фикри хатост...
Одами аз душманӣ ғайр аз сияҳбахтӣ чӣ дид?
Ҷуз харобии ҷаҳон аз ҷанг чизе барнахост[22].

Арзандатар аз дӯстӣ, дар назари шоир, дар ин олам гавҳари дигаре вуҷуд надорад:

Гавҳаре арзандатар аз дӯстӣ дар даҳр нест,
Сулҳу амният зи сози дӯсткомӣ хушнавост[23].

Тараннуми самимонаи дӯстиро дар ғазали «Хитоби дӯстӣ» дидан мумкин, ки чунин оғоз мешавад:

Нағмаи нав месароям бо рубоби дӯстӣ,
Сархушам доим, азизон, аз шароби дӯстӣ.
Одамӣ бо одамӣ бояд наварзад душманӣ,
Хондаам ин дарси ибрат аз китоби дӯстӣ[24].

«Таронаи дӯстӣ»-и шоир низ дар ҳамин рӯҳия эҷод шудааст ва байти зерин аз ин шеър гӯё мақсади ниҳоии шоир бошад, ки мегӯяд:

Умрбодӣ додаам дилро ба кори дӯстӣ,
Гар шавад лозим, кунам ҷонро нисори дӯстӣ[25].

Маҳз дар хусуси ин гуна шеърҳои Шанбезода Ҳ. Қаландаров ба ин натиҷ мерасад, ки онҳо «пайвандгари наслҳо, қавмҳо ва қарнҳо»[26] мебошанд.

Таҳлили ашъори шоир, муқоисаи он ба даврони ҳаёташ шаҳодат медиҳад, ки дар баробари доштани истеъдод ва дониши баланди шеърӣ, муҳити зисти шоир низ дар эҷоди ашъори баландмазмун мусоидат карда ва мавқеи махсус доштааст. Ин масъаларо метавон бо суханони зерини муҳаққиқи адабиёти тоҷик Ш. Ҳусейнзода ҷамъбаст намуд, ки навиштааст: «…ҳар як тағйирот ва таҳаввулоте, ки дар таърихи ҳаёти ҷамъиятии мардумон падидор мешавад, боиси ба вуҷуд омадани маданияти нав, адабиёт ва шеъри нав мегардад. Мазмун ва шакли адабиёт – шеър низ дар ин марҳила аз ҳисоби анъанаҳои мутараққӣ ва таҷрибаҳои адабӣ-бадеии адабиёти ватанӣ ва адабиёти дигар халқҳо амиқ ва решадор, доманааш кушода ва фарох хоҳад шуд. Чунин ҳол шоирро водор месозад, ки на танҳо дар шакл ва сурати шеърӣ, балки ҳатто дар омезишҳои фикрӣ ва уфуқи андешаву хаёли худ низ роҳҳои тоза ҷустуҷӯ намояд»[27].

НАДИР ШАНБЕЗАДЕ МАСТЕР ГАЗЕЛИ

Абдулназаров А. А.

В статье прослеживается проблема мастерства Нодира Шанбезаде в создании традиционного жанра таджикской поэзии газелл. Основные особенности газелей Шанбезаде заключается в том, что он, продолжая идейно-художественные традиции

[21]Шанбезода Н. Тарози дил. - Душанбе: Ирфон. 1984, саҳ.299.
[22] Ҳамон ҷо, саҳ. 299-300.
[23] Ҳамон ҷо, саҳ.30.
[24]Шанбезода Н. Тарози дил. - Душанбе: Ирфон. 1984, саҳ.301.
[25] Ҳамон ҷо, саҳ.303.
[26]Қаландаров Ҳ. Одамият дӯстона зиндагӣ кардан бувад//Ҳосили умр, -Душанбе, 2008, саҳ. 60.
[27] Њусейнзода Ш. Њабдањ маќола. – Душанбе: Њумо, 2007, сањ. 289.

классиков, в тоже время, обогащает их с новыми темами и проблемами своего времени (советской жизни). Естественно, это новаторство заключается в современном видении традиционной тематики и включения новых тем и форм в газели.

Ключевые слова: газель, поэт, поэзия, таджикская литература, мотив, структура.

NADIR SHANBEHZADEH AS A MASTER OF THE GHAZAL

Abdulnazarov A. A.

The article describes the talent of Nodir Shanbezoda in creating of the Tajik Poetry traditional genre – Gazal. The specific of the Nodir Shanbezoda's gazals is that besides continuation of the ideological – artistic aspects of the classical gazals, they consist from the topics and problems of the Poet life period (Soviet Union life). These innovation initiatives are based on the modern vision of the traditional themes with comprising of the new forms in the Gazels.

Key words: Gazelle, poet, poetry, Tajik literature, a motif structure.

Сведения об авторе: Абдулназаров Абдулназар Абдулкодирович – научный сотрудник Института гуманитарных наук Академии наук Республики Таджикистан имени Б.Искандарова, тел.: (+992)93-4060804.

Information about the author: Abdulnazarov Abdulnaser Abdulkadirovich - researcher of the Institute of Humanities of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan named after B. Iskandarov, phone: (+992)93-4060804

НИГОҲЕ БА МАСНАВИҲОИ УНСУРИИ БАЛХӢ

Аҳмадов Мирзоҳабиб

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Абулқосим Ҳасан бинни Аҳмад Унсурии Балхӣ яке аз чеҳраҳои дурахшони адаби форсӣ буда, дар ҳудуди соли 350-уми ҳиҷрӣ дар хонаводаи сарватманде ба дунё омадааст. Чуноне ки сарчашмаҳо хабар медиҳанд, Абулқосим Ҳасан дар ҷавонӣ илмҳои маъмули замонаашро фаро гирифтааст, вале ба мулоҳизаи дорӣ дар қареҳаи шеър пешаи худро шоирӣ қарор додааст. Дере нагузашта ӯ мадрасаро хатм намуда, соҳиби фазлу дониш мегардад ва дар шеъру шоирӣ шӯҳрат меёбад. Шӯҳрати шоирӣ ӯро ба хизмати бародари Султон Маҳмуд - Наср ибни Сабуктегин меоварад. Тибқи маълумоти Забеҳуллоҳи Сафо Унсурӣ "аз хонадони мутамаккин бархоста, ба шеъру адаб рӯй оварда ва дар ин фан шогирдии Абулфарачи Сагзӣ (шоири авохири қарни чаҳорум) ва маддоҳии Симҷӯриёнро ихтиёр намуда" ва "устоди мутлақ дар мадҳу ғазал баъд аз Рӯдакӣ то замони хеш"будааст. (5, с. 119)

Девоне, ки аз Унсурӣ воқеъ аст, қариб се ҳазору сесад байт дорад, вале сарчашмаҳо хабар медиҳанд, ки ашъори вай аслан беш аз сӣ ҳазор байт будааст. Унсурӣ ғайр аз девон маснавиҳое ҳам доштааст. Забеҳуллоҳи Сафо дар китоби марҷаии хеш он достонҳоро танҳо номбар мекунад ва иттилоъ медиҳад, ки "ин маснавиҳо ҷуз қисмате аз "Вомиқ ва Узро", ки ба баҳри мутақориб сохта шудааст, дар даст нест"(5; 120). Мақсади мо дар мақолаи ҳозир то он дараҷае, ки иттилоот дорем, муаррифӣ намудани он достонҳост. Маснавиҳои мазкур инҳоянд:

а) "Шодбаҳр ва Айнулҳаёт" достонест, ки Абӯрайҳони Берунӣ онро аз форсӣ ба арабӣ тарҷума кардааст.

б) "Хингбут ва Сурхбут" достоне будааст марбут ба ду бутсанге дар Бомиёни Балх, ки Берунӣ онро "Ҳадиси санами Албомиён" ном ниҳодааст.

в) "Вомиқ ва Узро" достони ошиқона аст миёни ду дилдода ба ҳамин ном. Ин достон дар аҳди Сосониён ривоҷ доштааст. Узро номи маъшуқаи Вомиқ аст, ки канизаке будааст дар замони Искандар. Матни манзуми ин достон ба мо омада нарасидааст, танҳо авроқи пароканда аз ин достон пайдо шудааст. Аз тасвирҳое, ки дар

абёти ба даст расида омадааст, аён мегардад, ки ин достон заминаҳои ҳисситар ва шоиронатар дорад. Бисёре аз номҳои ашхосу ҷойҳо дар ин маснавӣ ба юнонӣ аст. Мабдаи сужаи достон низ юнонӣ буда, Унсурӣ дар таърихи адабиёти тоҷику форс нахустин ва беҳтарин назмкунандаи ин достон аст.

Сужаи қиссаи "Вомиқу Узро" хеле қадимист. Дар "Маҷмаъ-ат-таворих-вал-қисас" чунин омадааст: "Андар аҳди Доро бинни Дороб қиссаи "Вомиқу Узро" будааст дар замини Юнон ва бархе гӯянд ба аҳди падараш." (9;520)

Дар китоби "Доробнома" зери сарлавҳаи "Тамрӯсия дар ҷазираи Юнон" аз саргузашти дилдодагон Вомиқ ва Узро ҳикояте оварда шудааст. Қаҳрамонҳо ҳама номи юнонӣ доранд: Тамрӯсия, Ҳарнаколиюс, Узро, Вомиқ, Фулуқрот ва ғайра.

Дар тазкираи Давлатшоҳи Самарқандӣ чунин омадаст: "Ҳикоят кунанд, ки амир Абдуллоҳ бинни Тоҳир (824 - 844) , ки ба рӯзгори хулафои аббосӣ амири Хуросон буд, рӯзе дар Нишопур нишаста буд, шахсе китобе овард ва ба тӯҳфа пеши ӯ бинҳод. Пурсид, ки ин чӣ китоб аст? Гуфт: ин қиссаи "Вомиқ ва Узро"- ст ва хуб ҳикоятест, ки ҳукамо ба номи шоҳ Анӯшервон ҷамъ кардаанд."

Бертельс ишора бар он дорад, ки "бо вуҷуди инҳо сужаи достони Унсуриро аз мамлакатҳои дигар иқтибос донистан дуруст нест. Зеро мумкин ин қиссаро дар замонҳои хеле қадим юнониҳо аз форсҳо иқтибос карда бошанд ва дар натиҷаи гузаштани асрҳо бо воситаи мутарҷимони араб ба дасти шоирони форсу тоҷики асрҳои X - XI афтода бошад." (7;316)

Аз шоирони давраи Шоҳаббос Шуайби Ҷӯшқонӣ дар достони "Вомиқу Узро"- и худ гуфтааст:

Ҳадиси Вомиқу Узрост машҳур,
Бувад дар ҳар забон ин қисса маншур,
Вале аввал чу донои нахустин,
Ки килкаш кард олам шаккароин,
Зи дониш аз Сурайё то Сарӣ буд,
Гуҳарпирои маънӣ Унсурӣ буд…
Ҳамоно буда як дафтар дар он ҳол,
Ки дасти рӯзгораш карда помол." (9, с. 521)

Дар ашъори боқимондаи Унсурӣ чӣ дар байни абёти парокандаи достонҳояш ва чӣ дар дигар қасоиду қитъаҳояш фикрҳои панду насиҳат ҷой доранд, чунончи:

Феъли олуда гавҳар олояд,
Аз хуми сирка сирка полояд.
Ҳар куҷо гавҳаре ба дасти бадест,
Бадгуҳар нек чун тавонад зист?
Бад зи бадгавҳарон падид ояд,
Ҳар касе он кунад, к-аз ӯ зояд.
Бевафо ҳаст дӯхта ба ду нах,
Бадгуҳар ҳаст ҳезуми дӯзах.

Пандҳое, ки зимнан дар қасоиди Унсурӣ омадаанд, бештар даъватҳои соҳибҷоҳ ба ростиву мардумӣ ва некӯкориву баландҳимматианд:

Ба ростӣ ту гарою ба мардумӣ ту басеч,
Ба душманон ту шитобу ба дӯстон ту нигар.

* * *

Ба некӣ бикӯшу ба ҳиммат бирас,
Ба шодӣ бибошу ба родӣ бимон.

Ҳамин тариқ, мусалламан Унсурӣ аз шуарои номвари асри хеш буда, тавассути осори пурмоя ва арзишманд дар замони салтанати Ғазнавиён мавқеи сарвариро сазовор будааст. Маснавиҳои ӯ дар баробари осори дигари гаронмояаш барои имрӯзиён дар баробари арзиши бадеиву маърифатӣ қимати сазовори таърихиву оиншиносӣ низ доранд.

Адабиёт:
1. Абдуллоев А. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи аввали асри XI. Душанбе,1979.
2. Бертелс Е.Э. Торихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ. Тарҷумаи Сируси Яздӣ. Теҳрон, интишороти Заввор, 1385.
3. Гулшани адаб. ҷ.1. Душанбе, 1975.
4. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик. китоби 1(2). Душанбе, 1989.
5. Забеҳулло Сафо. Таърихи адабиёти Эрон. ҷ. 1. Душанбе, 2001.
6. Шиблии Нӯъмонӣ. Шеър-ул-аҷам. ҷ.1,2. Теҳрон, 1368.
7. Бертельс Е.Э. История таджикско-персидской литературы. Москва, 1960.
8. Дуктур Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ. Теҳрон, интишороти Огоҳ, 1399.
9. АрмаҒон, рақами 8. Тарбият. Теҳрон, 1310.
10. Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола. Душанбе: Ирфон, 1986.
11. Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкират-уш-шуаро. Теҳрон, 1337.
12. Девони устод Унсурӣ. Теҳрон, 1342.

ВЗГЛЯД НА МЕСНЕВИ УНСУРИ БАЛХИ

Ахмадов Мирзохабиб

В данной статье автор на основе источниках и завершенных исследований рассматривает сущность и значение темы, отраженных в работах Унсури Балхи. Анализируя творчество Унсури Балхи автор пришёл к выводу, что он был выдающим поэтом своего времени при правлении Гезневидов.

Ключевые слова: поэт, месневи, поэма, общества, сюжет, источник, исследователь.

SIGHT ON MASNAVI UNSURI BALKHI

Ahmadov Mirzohabib

In this article the author on a basis sources and complete researches considers essence and value of the theme, reflected in works of Unsuri Balkhi**. Having** analyzed creativity of Unsuri Balkhi, the author has come to conclusion, that he was the distinguished poet of his time during ruling of Ghaznavi.

Key words: the poet, masnavi, a poem, societies, a plot, a source, the researcher.

Сведения об авторе: Ахмадов Мирзохабиб – кандидат филологических наук, доцент кафедры методики преподавания таджикского языка и литературы Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова, тел: (+992) 92 7221950, e-mail: sattori1990@mail.ru

Information about the author: Ahmadov Mirzohabib, PhD in Philology, docent, Chair of Tajik language and literature teaching method, Khujand State University named after academician B. Gafurov, phone: (+992) 92 7221950, e-mail: sattori1990@mail.ru

ХУСУСИЯТҲОИ МИЛЛИИ ОСОРИ ШОИР

Эшонова М.А.
Мактаби байналмилалии шаҳри Душанбе

Таваҷҷуҳи Мирзо Турсунзода ба проблемаи миллӣ дар контексти воқеияти замони зиндагиаш қонунияти тезутунд шудани масъалаҳои умумиинсонӣ ва миллиро дар миқёси сиёсат, иқтисод ва инъикоси мутаносиби онро дар соҳаи адабиёт нишон медиҳад. Ин ҳодиса дар замони зиндагии шоир ва имрӯз низ табиӣ буд, зеро болоравии худшиносии миллӣ дар ҷомеъа тазоди шаклҳои кӯҳнашудаи созмонҳои инсонӣ ошкор месозад. Дар замони зиндагӣ ва эҷоди Мирзо Турсунзода, ба хусус дар соҳаи адабиёту санъат ба шиддат болоравии худшиносӣ дараҷаи нави омезиши ормонҳои умумиинсонӣ

бо миллиро асоснок месозад. Дар ин ҳол дараҷаи умумиинсонии дарки ҳаёт муҳим ба назар расида, аз назари шакли ифода ҷилои инфиродӣ ё худ миллӣ мегиранд. Бинобар ин ҳам бесабаб нест, ки нақш ва ҷойгоҳи ҷаҳонии шоиру нависандагон дар ниҳояти кор бо он муайян карда мешавад, ки то кӯҷо ӯ дар эҷодиёти худ хусусиятҳои хоси зиндагии маънавии миллат ва ватани худро инъикос кард.

Ба андешаи Д. С. Лихачев дар оянда маҳдудиятҳои миллии адабиёт бояд, аз байн равад, арзишҳои миллӣ таҷрибаи адабии кишварҳоро ғанои тоза мебахшад. Ин донишманд меафзояд, ки «баъзе самтҳои адабиёт бо фарохшавии имкониятҳои адабӣ хусусиятҳои миллиро гум мекунанд. Ин дар мадди аввал самти маърифатии адабиёт аст. Вале коҳиши хусусиятҳои миллӣ дар бадеияи адабиёт дида намешавад. Вай жарфтар ва маҳинтар мекунад…. Хусусиятҳои миллӣ дар ҳар адабиёт танҳо дар худи ҳамон адабиёти миллат арзиш дорад, арзиши низоми ҷаҳонӣ, ин таҷрибаи ҳамаи адабиётҳо буда, вориди анъанаҳои таърихии ҷаҳонӣ мешавад».[1]

Маҳз дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода худшиносии бадеии миллати тоҷик ба иртифои умумиинсонӣ расида «ценностью мирового порядка»-ро ба худ мегирад.

Албатта, бе баҳрабардорӣ аз таҷрибаи адабиётҳои дигар, фақат дар заминаи суннатҳои адабиёти миллӣ ин бори гарони адабиро бардоштан душвор буд. Такягоҳҳои нави эстетикӣҷуста, дар шакл низ тозакорӣ кардан лозим меомад. Ҳамчунин поэтикаи миллиро бо таҷрибаи ғании адабиётҳои халқҳои дигар муттаносибан пайвастан лозим буд.

Метавон гуфт, ки ормонҳои умумиинсонӣ дар заминаи миллӣ поэтикаи хоси омӯзишро ба худ мегиранд. Масалан, ба кор гирифтани таҷрибаи гузашта дар зиндагии инсони имрӯз назари хоси миллиро таҳозо дорад. Ҳамчунин бунмояҳои ахлоқӣ, муносибат ба расму оини кӯҳна аз дидгоҳи ахлоқию рӯҳи миллӣ бояд арзёбӣ ва корбаст гардад.

Дар заминаи воқеияти нав гуфтани шеъри иҷтимоӣ, истифодаи образҳои шеърӣ, коркарди усулҳои ҷудогонаи бадеӣ ва воситаҳои муосири тасвирро таҳозо мекард. Дар ин замина истифодаи усули реалистии таҳкия ва пайванди он бо образҳои тамсилию тасвирҳои романтикӣ низоми воситаҳои бадеии тасвирро устувор ва мундариҷаи онҳоро ғано бахшидааст. Вале дар ин ҳол қиёси гузашта бо имрӯзи босаодат ба василаи тасвирҳои мутазод, арзиши худро ҳифз кардаанд. Азнавхонии таърих, зинда кардани ҳофизаи таърихӣ, ки дар ин ҳол ҳамосаи миллӣ, унсурҳои таърихии сужет ҳамхони маънавӣ пайдо карда, нақши замонҳоро дар худ фаро мегиранд. Чунин тарзи нигориш дар силсилаи «Қиссаи Ҳиндустон», достонҳои «Садои Осиё», «Ҷони ширин» ва «Чароғи абадӣ» натиҷаҳои дилхоҳ додааст. Дар ин асарҳо шоир барои таҳмиҷи ҳис ва андешаи хонанда аз атрибутҳои сунатии адабиёти гузашта истифода карда ба ин васила драматизм, моҳияти иҷтимоӣ ва ҷанбаи зебоишинохтии онҳоро афзоиш додааст. Сужети ин асарҳо ва бисёр осори дигарашро Мирзо Турсунзода бо мундариҷаи нав ғанӣ сохта, ҳамчунон шоири миллӣ боқӣ мемонад. Аз ин ҷиҳат осори ӯ аз рангомезиҳои шитобкоронаи миллӣ дур буда, таърихи хоси миллати тоҷик, махсусиятҳои хӯю хислати фарзандони он, урфу одат ва ғайраро таҷассум намудааст.

Образи духтари ҳинду дар «Садои Осиё», образи ҳамсари шоир дар достони «Ҷони ширин», симои Айнӣ дар «Чароғи абадӣ» рангу тобиши хоси миллӣ доранд. Шоир, пеш аз ҳама дар матни воқеияти миллӣ хую хислати тоҷиконаро дар контексти воқеияти замон ба тасвир гирифта, бунмояҳои ҳувияти тоҷикиро дар симои қаҳрамононаш нишон додааст. Нуқтаи дигари муҳим ин аст, ки ин шахсиятҳои таърихию бадеӣ бо эҳсосоти нозук, андешаи амиқ ва пайванди бисёрҷабҳаи худ бо он чӣ дар дунё ва ба инсоният мегузарад, бетараф нестанд.

Мирзо Турсунзода дар эҷодиёташ мавзӯи хориҷиро фаро гирифта, пеш аз ҳама тафаккури миллиро таҷассум намудааст. Вале ин усул инъикоси бадеии шинохти андешаи бисёрпаҳлӯи башариро истисно намекунад. Атрибутҳои поэтика дар ин ҳол бунмояи миллии худро ҳифз карда, дарунмояи асарҳо маънии умумиинсонӣ касб намудаанд ва зинаи нави инкишофи андешаи бадеии шоирро ифода мекунад. Бинобар ин ҳам рангомезии миллӣ ва ҳам маънии умумибашарии осори зикршуда ва бисёре аз

[1] Лихачев Д. С. Поэтика древнерусской литературы. – Ленинград, соли 1967. саҳ. 260.

навиштаҳои дигари шоир маҳз дар ҳамин аст. Рӯҳи хоси миллиро то ба хонанда интиқол дода, шоир ба андешаҳои тозаи инсонӣӯро асир месозад. Дигар на Протап барои тоҷикон бегона асту на Айнӣ барои ҳинду. Дар ин контекст шахсиятҳои осори ӯ дӯстдоштаи мардумони дигар мегарданд.

Шоири бузург дар ин ҳол рисолати муҳими ахлоқию инсонии худро ба ҷо оварда, бисёр мехоҳад халқҳои аз назари миллият, иҷтимоӣ ва диннӣ аз ҳам ҷудоро ба мазҳари ягонаи инсоният нишонад. Ин равиш хусусияти хоси эҷодии Мирзо Турсунзода аст, ки шеър ва тафаккури бадеии ӯро аз дигарон фарқ мекунад. Агар чунин намебуд, мо Мирзо Турсунзодаро аз Тихонов ё Ҳамзатов фарқ карда наметавонистем.

Ба ифодаи Ҳ. Шодиқулов хусусияти миллии осори шоир «ба дараҷаи қавист ва заминаи миллии онҳо ончунон пурқувват аст, ки дар як мавзӯъ, дар асоси як материал шеър гӯянд ҳам, ба тариқи ба худ хосе фарзанди миллати худ» -анд. Ин донишманд меафзояд, ки «Н. Тихонов ва М. Турсунзода ҳам ба унвони «Ду дастрӯймол», «Чароғҳои Тирмиз», «Чароғҳои Ватан» шеър доранд, материали тасвир дар онҳо муштарак аст ва онҳо хислату характери русӣ ва тоҷикии худро дар ифодаи як мақсад нигоҳ дошта, тавонистаанд»[2].

Равиши дигаре, ки хусусияти миллии осори шоирро барҷаста инъикос мекунад, истифода аз суннатҳои адабиёти шифоҳӣ ва классикӣ мебошад. Воқеан ҳам, анъанаҳои адабиёти мардумӣ бо таҷрибаи классикӣ ба ҳам омезиш ёфта, таносуби комилро ба вуҷуд овардаанд. Зиёда аз ин Мирзо Турсунзода бо таҷрибаи эҷодиаш тавонист, ки фосилагирии бисёрасраи миллати хешро аз ҷараёни адабиёти ҷаҳонӣ аз байн барад. Вай на фақат ба ин ҷараён ворид шуд, балки бо кашфиёташ дар заминаи таносуби комили ормонҳои милливу башарӣ онро ғанӣ сохт.

Дар маркази асарҳои шоир, аз ҷумла «Садои Осиё», «Ҷони ширин», «Аз Ганг то Кремл», «Қиссаи Ҳиндустон», «Ман аз шарқи озод» ва ғайра ду масъалаи воҳиддарк ва инъикоси масъалаҳои башарӣ ва миллият қарор дорад. Ин ду паҳлу ба ҳам пайванди комил дошта, гоҳо фарқ кардани онҳо душвор аст. Вале эҷодиёти Мирзо Турсунзода бо он арзишманд аст, ки аз матни зиндагии миллат ҳамон паҳлӯеро интихоб ва таҷассум месозад, ки арзиши умумибашарӣ доранд. Дар ин ҳол обу ранги маънавиёти миллӣҳифз карда шуда, ҳамзамон хусусияти умумиинсонии меъёрҳо ва фаҳмишҳо низ ба эътибор гирифта мешавад.

Дар мисоли шеърҳои дар мавзӯи дохилӣ ва хориҷӣ эҷодкардаи шоир метавон гуфт, ки эҷодиёти ӯ намунаи хоси пайванди муттаносиби поэтикаи миллӣ ба мудариҷаи боғанои башарист. Ба ин делел маҳбубияти ӯ дар Ҳиндустон ва кишварҳои Африқо дар таъйиди он аст, ки умумияти ормонҳо ҳеҷ гоҳ маҳдудияти миллӣ надошта, муттаалиқ ба башар аст. Муҳаббати шоир ба анъанаҳои неки гузаштагон, ба решаҳои таърихии ҳувияти миллӣ, ба сарзамини меросӣ ва тавсифи омилҳои ҳувиятсози миллӣ барои адабиёти садаи бисти тоҷик ва ҳифзи арзишҳои судманди он нақши созанда дошт ва ба равиши эҷодии салафҳои шоир бетаъсир набуд. Ду паҳлуи ҳисси ягонаи пайванд бо Ватан ва ифтихор аз гузаштаю имрӯзи он ба ҳам омезиш ёфта, ба якдигар неру мебахшанд. Қитъаи зер моҳияти аслии консепсияро дақиқ ифода мекунад.

Шодам, аммо мехӯрам ғамҳои халқи дигаре,
Дар назар меоварам, торочгашта кишваре.
Халқи ҳиндӯи ситамкашро расон аз мо салом,
Эй суруди ман, агар дорӣ ту ҳам болу паре[3]

Хусусияти дигари чунин осори ӯ дар он аст, ки шоир дар зимни тасвири сарнавишти иҷтимоию фарҳангии халқҳои дигар дар бораи халқи тоҷик ва ободию озодии кишвари худ андеша меронад. «Шоир хоҳ дар бораи «костаи нафратзадагон» ва ҳунарпешаи машҳури ҳинд Тара-Чандри, хоҳ дар бораи орзую умеди мардуми ранҷбар ва муборизаи вай ба муқобили истилогарон, хоҳ оид ба ҳаёти ҷавонони Шарқи ҳамсоя ва осори санъати меъморӣ-дар бораи ҳар воқеае, ки сухан ронад, халқи худро пеши назар меорад

[2] Шодиқулов Ҳ. Хусусиятҳои миллӣ ва умумиинсонии назми Турсунзода / Ҷашнномаи Мирзо Турсунзода. Душанбе : «Ирфон», 1970. С. 91.
[3] Турсунзода М. Куллиёт, ҷилди I. Душанбе : «Ирфон», 1971. С. 227.

ва аз бахту саодат, комронӣ ва комёбиҳои он ифтихор мекунад. Ба ин далел осори ӯ рангу бӯи хоси миллӣ дошта, беҳтарин анъанаҳои миллию инсонпарварии адабиёти ҳазорсолаи тоҷикиро дар шакл ва савия дигар таҳаввул бахшидааст.

Фарогирии масъалаҳои миллӣ ва поэтикаи тасвири он бо он дар эҷодиёти шоир ба он чи гуфта шуд, маҳдуд намешавад. Шоир лавҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ, адабӣ ва фарҳангии тоҷиконро дар матни замони таърихӣ таҷассум намуда, андешаи ӯ ба беҳтар сохтани зиндагии инсонҳои гуногунмиллат равона шудааст. Дар матни воқеияти замон, ки иҷтимоъгароӣ ва синфиятҷӯӣ маҳз ривоҷ ёфта буд, шоир барои равшан ва воқеӣ тасвир кардани ҳувияти миллӣ аз унсурҳои неки фарҳангии мардумӣ бо ҳадафи хос истифода мекунад. Беҳтарин анъанаҳои миллӣ дар эҷоди ҳувияти ягонаи миллӣ ва таҷассуми образҳои миллӣ ба шоир ёрии бевосита мерасонанд. Бинобар ин ҳам, ба мушоҳидаи саҳеҳи А. Кучаров хонанда дар шеъри Мирзо Турсунзода «пеш аз ҳама хусусиятҳои миллиро ҳис мекунад, ки дар мазмун, мавзӯъ, сужет, забон ва образҳои асарҳои шоир акс ёфтааст»[4]. Ҳамчунин забон, тарзи нигориш, аносири фарҳангӣ ва суннатҳои адабию фарҳангии миллӣ хусусиятҳои хоси миллии осори ӯро ифода мекунанд, ки шеърҳои «Чаманистон», «Ганҷинаи сурудҳо», «Ба гули боғи тоҷик», «Хостгорӣ», «Дили модар» ва ғайра намунаи таҷассумгари ҳамин консепсияи бадеии ӯянд.

Истифода аз осори таърихӣ, адабиёти шифоҳиву китобӣ, образҳои афсонавию таърихӣ, тавсифҳои шоирона ва унсурҳои шаклии адабиёти пешин аз вижагиҳои миллияти осори шоир аст. Образҳои адабиёти классикӣ, аз ҷумла Лайливу Маҷнун, Фарҳод, Комдеву Мадан дар матни андешаҳои дунёшиносии шоир мазмуни тоза пайдо карда, обуранги миллии худро низ даст надодаанд ва ба сабки таълифи шоир рангу таровати миллият бахшидаанд. Шеъри «Рӯди Ганг» аз силсилаи «Қиссаи Ҳиндустон» ифодагари ҳамин маромиҳунарии ӯст. Ин шеър на фақат бо образҳои воқеиву афсонавӣ ва шеърӣ хусусияти хоси миллияти осори ӯро ифода мекунад, балки бо тарзи баёни андеша ва мавзӯю мақсад низ миллияти ҳунари шоирро ҳифз намудааст. Пайванди ҷолиби рӯҳияи шоир ба мақсад ва мазмуни иҷтимоӣ ба тасвири ғиноии суннатӣ қаробат дошта, ҷанбаи фалсафии устувор бар андешаи инсонпарварии миллиро таҳвият бахшидааст. Тасвири зебоиҳои афсонавии Ҳиндустон, ҳоли мардуми мазлум дар фони ҷаҳоншиносӣ ва табиати мардуми тоҷик хусусияти миллии андеша ва тафаккури бадеии шоирро ифода мекунад. Сарманшаъи миллияти шеъри «Рӯди Ганг», «Фақат», «Хомӯшу ғамгин чун Маҷнун» будани рӯд нест, балки ифодаи сареҳи «аз шукуфта диёри тоҷикон» низ розкушои дили шоирест, ки сарнавишт ва андешааш аз миллаташ ҷудо нест. Ташхиси рӯди Ганг низ дар ин шеър ва бисёр осори дигари шоир ифодагари тафаккур ва ҳунари хоси миллии зебоиофаринӣ мебошад. Ин қабил шеърҳои Мирзо Турсунзода ҳарчанд, ба ифодаи Х. Шарифов «аз назари ибтидои сухан ва офаринандагии маонии тоза ба расми устодони шеъри форсӣ ва тоҷикӣ» баробарӣ накунанд ҳам, «аммо аз мавқеи ба вуҷуд овардани ҳолате шоирона дар дили инсонӣ аз мавқеи зебоию ҳусн ва ҷаҳони некиҳоҳи рӯҳияи одамӣ, ки кайфияти хуш дар перомуни тасдиқу инкор медиҳад»[5] онҳоро метавон шеъри хуб бо орою ормон ва тарзи ифодаи андешаи миллӣ дар шинохти баду нек, золиму мазлум, адлу дод донист. Нақши қаҳрамони лирикӣ низ дар ин гуна шеърҳои шоир бо хислатҳои мушоҳидакорӣ, худотарсӣ, додгарӣ, озодагӣ, номоварӣ, шодхорӣ ва монанди инҳо ифодагари хусусияти хоси миллии шеъри Мирзо Турсунзодаанд, ки ормонҳои шоирро бо ормонҳои дунёии фарҳангӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии миллат дар гузашти замон пайванд медиҳад. Мирзо Турсунзода дар тамоми эҷодиёташ усули ахлоқии ҳувияти миллиеро ҳимоят кардааст, ки рукнҳои созандаи онро аз ҳаводиси вайронгарии иҷтимоию фарҳангӣҳифз кунадва дар бақои минбаъдаи ҳувияти миллӣ саҳмгузор бошад.

---

[4] Кучаров А. Турсунзода. Маҳорат ва садоқат. Душанбе, 2011. С. 191.
[5]Шарифов Х. Сухан аз адабиёти миллӣ. Маҷмӯаи мақолаҳо. Душанбе, 2009. саҳ. 338.

Адабиёт:
1. Кучаров А. Турсунзода. Маҳорат ва садоқат. Душанбе, 2011. саҳ-191.
2. Лихачев Д. С. Поэтика древнерусской литературы. – Ленинград, соли 1967. саҳ-260.
3. Турсунзода М. Куллиёт, ҷилди I. Душанбе, нашриёти «Ирфон», 1971. саҳ-227.
4. Шарифов Х. Сухан аз адабиёти миллӣ. Маҷмӯаи мақолаҳо. Душанбе, 2009. саҳ-338.
5. Шодиқулов Ҳ. Хусусиятҳои миллӣ ва умумиинсонии назми Турсунзода. Ҷашнномаи Мирзо Турсунзода. Душанбе, нашриёти «Ирфон», соли 1970. саҳ-91.

НАЦИОНАЛЬНЫЕ ЧЕРТЫ ПОЭТИЧЕСКОГО ТВОРЧЕСТВА ПОЭТА

Эшонова М.

Автор статьи хорошо осознала основную мысль проблемы и через приведения конкретных примеров из поэтического творчества М. Турсунзаде в различные периоды его творчества, раскрыла суть проблемы. Национальной чертой поэтического творчества поэта является использование им в своем творчестве исторических данных, устного литературного творчества, сказочных и исторических образов, поэтических характеристик и использования прежнего литературного наследия.

В своей статье автор подчеркивае, что в период расцвета своего творчества М. Турсунзаде, особенно в области литературы и искусства, отмечает резкий подъём самосознания народа и смешение национального с общечеловеческими ценностями. Здесь общечеловеческие ценностные завоевания приобретают национальный оттенок.

***Ключевые слова*:** М. Турсунзаде, метод, стих, творчество, источник, литературное, национальное самосознание, исторический, устная книжная литература, сказочно-исторические образы и т.п.

NATIONAL FEATURES OF LITERARY CREATIVE WORK OF POET

Eshonova M.

The author of the article understood of the main menaing of the problem and through adduction of concrete examples from poetic creation of M. Tursun-zade in various periods of his creative work, disclosed the essence of problem. The national line of poetic creation of poet is using in his creation historical dates and spoken language literary book creation, dreamlike and historical image, poetic characteristics and using former literary heritage.

In it`s article the author stressed, that in time of his creative poetic work mentioned the higher of national thinking of people and missing national heritage with common-humen values. Here the commonhumanvalues conquest obtain the national nuance.

***Key words*:** M.Tursun-zade, method, rhume, creative, poctrywork, source, literary national thinking, historical, spoken, language literary book creation, dreamlike and historical image, est.

Сведения об авторе: Эшонова Мутрибахон Асадхоновна - преподаватель международной школы города Душанбе, тел: (+992) 93-870-65-65, e-mail: eshonovam@mail.ru.

Information about the author: Eshonova Mutribakhon Asadkhonovna – teacher, Dushanbe International School, tel.: (+992) 93-870-65-65, e-mail: eshonova m@mail.ru.

МОДАЛЬНЫЕ СЛОВА, ВЫРАЖАЮЩИЕ ЗНАЧЕНИЕ МОДАЛЬНОСТИ ПРЕДПОЛОЖЕНИЯ В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

Солихов Ф. Ш.
Сотрудник Организации Объединенных Наций

Модальное слово в Словаре лингвистических терминов трактуется как "слово, утратившее свое конкретное лексическое значение и функционирующее как средство

описательного выражения модальности" [Словарь лингвистических терминов 1969, 275]. Грамматика английского языка Беляевой М.А. дает следующее определение: "модальные слова - это слова, выражающие субъективное отношение говорящего к высказываемой в предложении мысли» [Беляева, 1978].

Модальные слова - это часть речи, к которой относятся неизменяемые слова, выражающие субъективное отношение говорящего к высказываемой мысли. В отношении формы у модальных слов не выработалось какого-либо единого внешнего признака. Однако два другие признака - семантический и синтаксический - представлены достаточно чётко, что и заставляет многих лингвистов говорить о модальных словах, как о самостоятельной части речи. Семантическим признаком модальных слов является их значение субъективного отношения к высказыванию с точки зрения его достоверности, предположительности или желательности. В отношении значения модальные слова значительно отличаются от других знаменательных частей речи, выполняющих номинативную функцию; однако по самостоятельности значения они, несомненно, принадлежат к знаменательным, а не к служебным частям речи.

Синтаксическая функция модальных слов - функция вводного члена предложения или, значительно реже, слова - предложения.

Модальные слова могут функционировать как слова-предложения, сходно со словами-предложениями утверждения и отрицания *Yes*и *No*. Однако слова-предложения *Yes* и *No* никогда не изменяют своего статуса, тогда как модальные слова могут быть словами-предложениями (в диалоге) или быть вводными словами в предложении.

Профессор Л.С. Бархударов говорит, что в предложении модальные слова всегда играют роль вводных членов предложения [Бархударов, 1978, с. 137]. Л.С. Бархударов также даёт определение модальным словам, как словам, имеющим значение характеристики всего сообщаемого факта с точки зрения его вероятности, возможности, связи с другими фактами, событиями и т.д. [Бархударов 1978:138].

Кроме того, Л.С. Бархударов отмечает, что не всякое слово, выступающее в роли вводного члена предложения, относится к классу модальных слов. Модальные слова - особая часть речи, а в роли вводных членов могут выступать и другие части речи и сочетания слов: наречия, предложные обороты, инфинитивные конструкции и т.д. К модальным словам как части речи относятся только слова, которые всегда, во всех случаях употребляются в роли вводного члена предложения. Эти слова характеризуются своей неизменяемостью и ограниченной сочетаемостью с другими словами. [Бархударов 1966, с. 179].

В современном английском языке к модальным словам относят следующие слова:

certainly indeed perhaps happily – unhappily;
of course evidently maybe luckily – unluckily;
no doubt naturally probably fortunately- unfortunately;
surelyobviously possibly
apparently really
assuredly actually
undoubtedly

По своему значению модальные слова могут быть подразделены в зависимости от выражаемого ими субъективного отношения к фактам реальной действительности на:

1) слова, выражающие утверждение;

2) слова, выражающие субъективную оценку содержания высказывания с точки зрения его желательности или нежелательности.

В пределах каждой группы модальные слова близки между собой по значению, но вместе с тем каждое из них выражает свои оттенки или отличается по своему употреблению в речи от других модальных слов той же семантической группы.

Модальные слова имеют значение предположения, сомнения, вероятности, уверенности говорящего в мысли выраженной в предложении. Модальные слова

выполняют функцию вводного члена предложения и обычно относятся ко всему предложению в целом. Некоторые модальные слова (например, *ofcourse, certainly, nodoubt, perhaps* и т.д.) могут выполнять функцию слова - предложения". Рассмотрим следующий пример:

Pickering: *He taught you to speak. I couldn't have done that.*

Liza: *Ofcourse*.

Пикеринг: *Он научил вас говорить, я не мог это сделать.*

Лиза: *Конечно.*

